# Маъод

***Муртазо Мутаҳҳарӣ***

*Баргадон ва таҳия аз:*

***Сайидюнуси Истаравшанӣ***

# Феҳристи матолиб


Феҳристи матолиб ..... 2
Куллиёте дар бораи масъалаи маъод ..... 5
Маъод, ҷузъи усули дин ..... 6
Истидлолҳои Қуръон бар маъод ..... 7
Пайвастагии зиндагии дунё ва охират ..... 8
Таъбири Қуръон ..... 9
Тафсирҳои гуногун дар бораи маъод ..... 12
1) Иъодаи маъдум: ..... 12
2) Авди (баргаштани) арвоҳ ба аҷсод: ..... 13
3) Авди арвоҳ ба Худованд: ..... 14
4) Авди арвоҳ ба Худованд бо кайфияти ҷисмонӣ: ..... 16
5) Таҷдиди ҳаёти моддии дунё ба шакли дигар: ..... 17
Моҳияти марг аз назари Қуръон ..... 26
Қатъияти қиёмати кубро аз назари Қуръон ..... 26
Фосилаи мурдан то қиёмат ..... 28
Таъбири Қуръон дар бораи марг ..... 29
Ҳаёти пас аз марг ..... 31
Муколима миёни фариштагон ва мурдагон ..... 33
Мўъмини Оли Ёсин ..... 35
Барзах ..... 36
Дастабандии инсонҳо ..... 40
Мурдан, як амри вуҷудӣ ..... 42
Дунё, барзах, қиёмат ..... 42
Масъалаи рух дар Қуръон ..... 43
Ишколи кофирон ва посухи Қуръон ..... 44
Абас (беҳуда) набудани хилқат дар оятҳои Қуръон (бахши аввал) ..... 49
Каломи ҳазрати Алӣ (а) ..... 52
Истидлолҳои Қуръон дар мавриди қиёмат ..... 55
Лағв ва ботил, нисбӣ аст ..... 58
Баёни аҳли калом ..... 61
Накди баёни аҳли калом ..... 62
Маънои абас набудани хилқат ..... 63
Баёни дигар ..... 64

Абас (беҳуда) набудани хилқат дар оятҳои Қуръон (бахши дуввум) ................................. 74
Ғояти фоъил ........................................................................................................... 76
Ғояти феъл ............................................................................................................. 76
Ҳадафдор будани хилқат ....................................................................................... 77
Посух ба чанд пурсиш .......................................................................................... 80
Масъалаи руҳ ......................................................................................................... 96
Исботи руҳ дар “Наҳҷул-балоға” .......................................................................... 97
Инкори руҳ дар китоби “Роҳи тайшуда“ ............................................................ 105
Тарҳи ду суол ....................................................................................................... 108
Оё масъалаи руҳ як фикри юнонӣ аст? ............................................................. 109
Ақидаи ҳукамои исломӣ дар бораи руҳ ............................................................ 110
Масъалаи руҳ (бахши дуввум) ............................................................................ 115
“Руҳ” дар Қуръон .................................................................................................. 116
Таърифи шайъ ба иллатҳои дарунӣ ё берунӣ .................................................... 123
Таърифнопазир будани Худо ............................................................................... 124
Таърифи руҳ ба Худо ........................................................................................... 124
“Амр” дар Қуръон ................................................................................................. 124
Виҷҳаи халқӣ ва виҷҳаи амрии инсон ................................................................ 127
Руҳ, виҷҳаи амрии инсон ..................................................................................... 130
Решаҳои илмии фикр ва руҳ ............................................................................... 131
“Қувва” дар зиҳаётҳо ........................................................................................... 132
Модда ва энергия дар китоби “Зарраи беинтиҳо” ............................................. 133
Накди назарияи “модда ва энергия” дар китоби “Зарраи беинтиҳо” ............... 141
Назарияи “модда ва энергия” ва дахолати унсури севвум ................................ 141
Такомули мавҷудоти зинда ................................................................................. 143
Пайдоиши инсон .................................................................................................. 144
Интибоқ бо муҳит ................................................................................................ 145
Масъалаи ҷаҳиш ................................................................................................... 146
Хусусиёти инсон ................................................................................................... 147
Зарфияти илмии инсон ва масъалаи таҷарруди руҳ .......................................... 148
Зарфияти орзуи инсон ва масъалаи таҷарруди руҳ ........................................... 151
Инсон толиби камоли мутлақ аст ...................................................................... 153
Накди назарияи “модда ва энергия” дар китоби “Зарраи беинтиҳо” (2) ........... 162
Масъалаи такомул ................................................................................................ 167
Такомули тадриҷии ҳаёт ...................................................................................... 168

Такомули анвоъ, як назарияи тавҳидӣ ....................169
Назариёти мухталиф дар бораи маъод ....................172
Маъод аз назари Мулло Садро ....................176
Бақои шахсият дар қиёмат (1) ....................186
Ду навъ ҷаҳон ....................186
Ҷаҳони асбоб ва мусаббабот ва ҷаҳони ҳукумати ирода ....................186
Дори таклиф ва дори ҷазо ....................188
Таҷассуми аъмол ....................188
Бақои модда ва зиндагии ҷисмонӣ ....................190
Бақои шахсият ....................191
Нақди назароти муҳандис Бозаргон ....................193
Бақои шахсият дар қиёмат (2) ....................200
Фарқи шахс ва шахсият ....................201
Бақои руҳ, милоки ташаххуси инсон ....................202
Назарияи муқобил: инсон ба манзилаи як дастгоҳ ....................203
“Ман” дар сухани Декарт ....................205
Нақди назариёти муҳандис Бозаргон ....................206

بسم الله الرحمان الرحیم

# Куллиёте дар бораи масъалаи маъод

Баҳси мо дар бораи масъалаи маъод аст. Масъалаи маъод аз назари аҳаммият, баъд аз масъалаи тавҳид, муҳимтарин масъалаи динӣ ва исломӣ аст. Пайғамбарон (ва бахусус, он чи аз Қуръон дар бораи пайғамбари мо истифода мешавад) омадаанд барои ин ки мардумро ба ин ду ҳақиқат мӯъмин ва мӯътақид кунанд: яке, ба Худо (мабдаъ) ва дигар, ба қиёмат ва ё феълан — ба истилоҳи маъмули мо — маъод.

Масъалаи маъод чизе аст, ки барои як мусалмон имон ба он лозим аст. Яъне чӣ? Яъне, дар радифи масоиле нест, ки чун аз заруриёти ислом аст ва имон ба пайғамбар зарурӣ аст, пас имон ба он ҳам ба табаъи имон ба пайғамбар зарурӣ аст.

Мо баъзе чизҳо дорем, ки бояд ба онҳо мӯътақид буд, ба ин маъно, ки эътиқод ба онҳо аз эътиқод ба пайғамбар мунфак нест; “бояд” ба ин маъност, на ба маънии таклиф, ба маънии ин аст, ки инфикокпазир нест, ки инсон ба пайғамбар ва ислом имон ва эътиқод дошта бошад, вале ба ин чиз имон надошта бошад. Масалан, рӯзаи моҳи Рамазон, мегӯянд, ки рӯзаи моҳи Рамазон аз заруриёти ислом аст. Агар касе рӯза нагирад ва бидуни узр рӯза бихӯрад, ин одам фосиқ аст, вале агар касе мункири рӯза бошад, аз ислом хориҷ аст, чаро? Барои ин ки ислом имон ба ваҳдонияти Худо ва имон ба пайғамбар аст ва имкон надорад, ки касе ба гуфтаи пайғамбар имон дошта бошад, вале рӯзаро мункир бошад, чун ин ки дар ин дин рӯза ҳаст аз зарuриёт ва аз возеҳот аст, яъне намешавад инсон дар зеҳни худаш миёни қабули гуфтаҳои пайғамбар ва қабул кардани рӯза тафкик кунад. Вале худи масъалаи эътиқод ба рӯза доштан, мустақиллан мавзӯъи имон ва эътиқод нест, яъне дар Қуръон ҳеч ҷо ворид нашуда: “Касоне, ки ба рӯза имон меоваранд”.

Аммо гузашта аз ин ки масъалаи маъод ва қиёмат мисли рӯза аз зарuриёти ислом аст (яъне намешавад касе мӯътақид ба пайғамбар бошад, вале мункири маъод бошад), дар таъбироти Қуръон калимаи имон ба қиёмат, имон ба явми охир омадааст, яъне пайғамбар масъалаи маъодро ба унвони як чизе арза кардааст, ки мардум ҳамон тавре, ки ба Худо имон ва эътиқод пайдо мекунанд, ба охират ҳам бояд имон ва эътиқод пайдо кунанд, ки маънии он ин мешавад, ки ҳамин тавре, ки Худошиносӣ лозим аст (яъне инсон дар як ҳадде мустақиллан бо фикри худаш бояд Худоро бишносад), дар масъалаи маъод низ инсон бояд маъодшинос бошад. Яъне пайғамбар наомадааст, ки дар масъалаи

маъод бигӯяд, чун ман мегӯям маъоде ҳаст, шумо ҳам бигӯед маъоде ҳаст, мисли ин ки ман гуфтам рӯза воҷиб аст, шумо ҳам бигӯед рӯза воҷиб аст. На, зимнан афкорро ҳидоят ва раҳбарӣ ва даъват карда, ки маъодро бишносанд, маърифат ва имон ба маъод пайдо кунанд.

## Маъод, ҷузъи усули дин

Ин ки уламои ислом маъодро аз усули дин қарор додаанд, вале соири заруриётро аз усули дин қарор надодаанд, бар ҳамин асос аст. Чун хеле ашхос аз мо ин суолро мекунанд, мегӯянд, шаҳодатайн, ки инсон ба он мусалмон мешавад, ду чиз бештар нест:

أشهد أن لا اله الاّ الله، أشهد أنّ محمّدا رسول الله

Дигар чаро масъалаи маъодро ҷузъи усули дин қарор додаанд? Хуб, одаме, ки ба пайғамбар имон дошта бошад, ба ҳар чи пайғамбар гуфта (агар барояш собит шавад, ки пайғамбар гуфта, махсусан агар субуташ ба ҳадди зарурат ва бадоҳат бирасад), имон пайдо мекунад, пас мо бояд бигӯем, усули дин ду чиз бештар нест: тавҳид, нубувват. Маъод фаръ ва туфайлии нубуввват аст, чун мо ба нубуввват эътиқод дорем ва пайғамбар аз маъод хабар дода, ба маъод ҳам эътиқод дорем, ҳамин тавре, ки чун пайғамбар гуфтаанд, намоз воҷиб аст, ба намоз ҳам эътиқод дорем, намоз ҳам аз заруриёт аст, рӯза ҳам аз заруриёт аст, ҳаҷ ҳам аз заруриёт аст.

Ин эрод ворид нест, чун иллати ин ки мусалмонон маъодро ҷузъи усули дин қарор додаанд, ин буда, ки ислом дар бораи маъод як амри иловаӣ аз мо хоста, яъне **нахоста мо фақат онро ба унвони яке аз заруриёти ислом, ба туфайли қабули нубуввват қабул карда бошем; хоста, ки худи мо ҳам мустақиллан ба он имон ва эътиқод дошта бошем**, валав (агарчӣ) масалан мо ба нубуввват эътиқод надошта бошем, ба маъод эътиқод дошта бошем. Ин ки “валав” (агарчӣ) мегӯям, на ин ки аз он сарфи назар мекунам, мехоҳам бигӯям, як масъалае аст, ки хоста мо мустақиллан ба он имон дошта бошем ва аз ин рӯ Қуръон истидлол мекунад бар қиёмат, истидлол намекунад бар рӯза, мегӯяд, рӯзаро пайғамбар гуфта, вале истидлол мекунад бар қиёмат, чӣ он навъ истидлоле, ки пояи он худи тавҳид аст ва чӣ он истидлоле, ки пояи он низоми хилқат аст.

## Истидлолҳои Қуръон бар маъод

Ду навъ истидлол дар Қуръон ҳаст: як навъ истидлол бар маъод, бар асоси тавҳид аст, ки Қуръон мегӯяд, мумкин нест Худо Худо бошад, вале маъоде набошад, яъне агар маъод набошад, хилқат абас (беҳуда) аст. Ин худаш як истидлол аст. Қуръон хоста, рӯйи ин матлаб истидлол кунад:

أَفَحَسِبْتُمْ أَنَّما خَلَقْناكُمْ عَبَثاً وَأَنَّكُمْ إِلَيْنا لا تُرْجَعُونَ

(“*Оё чунин пиндоштед, ки мо шуморо абас офаридаем ва ба сӯйи мо бозгашт нахоҳед кард?*” (*Мӯъминун/115*)) Албатта мо рӯйи ин истидлолҳо баъд бештар сӯҳбат мекунем, вале ҳоло ин муддаои худамонро, ки “маъод аз усули дин аст”, мехоҳем бигӯем, рӯйи чӣ ҳисоб аст. Қуръон дар воқеъ ин тавр мегӯяд: ё бояд бигӯед Худое нест, пас хилқат ва офариниш абас ва ботил ва беҳуда аст, дунболи ҳикмат дар хилқат набояд рафт ва монеъе нахоҳад дошт, ки хилқат бар абас ва беҳуда бошад ва ё агар Худое ҳаст, ки ҷаҳонро офаридааст, маъоде ҳам бояд бошад, маъод мутаммими хилқат аст, мукаммили хилқат аст, ҷузъе аз хилқат аст, ки бо набудани он, хилқат ноқис аст, хилқат абас ва беҳуда аст.

Як силсила истидлолҳои дигар ҳам дар Қуръон ҳаст, ки ҳамон низоми мавҷуд ва машҳудро далел бар қиёмат қарор медиҳад. Дар аввали сураи Ҳаҷ ва Мӯъминун ҳаст, ки айюҳаннос! Агар дар баъс ва дар қиёмат шакку райб доред, пас бибинед хилқати худатонро, баъд хилқати худи моро мегӯяд, ки шуморо аз нутфа офаридем, нутфаро аз хок офаридем, баъд нутфаро ба алақа ва алақаро ба музға табдил кардем, баъд барои музға устухон қарор додем, баъд гӯшт пӯшондем, баъд шуморо ба сурати тифл даровардем –

ثُمَّ إِنَّكُم بَعْدَ ذلِكَ لَمَيِّتُونَ، ثُمَّ إِنَّكُمْ يَوْمَ اَلْقِيامَةِ تُبْعَثُونَ

(*Мӯъминун/15 ва 16*) Ҳамчунин, гӯ ин ки ҳамин роҳеро, ки то ҳоло омадаед, идома медиҳед, то мунтаҳӣ мешавад ба қиёмат.

Пас **сирри ин ки маъодро ҷузъи усули дин қарор додаанд, на сирф (-и ин буда, ки маъод) яке аз заруриёти дин ва аз тавобеъи нубувват будааст, балки як масъалае буда, ки роҳи истидлол бар он — лоақал то андозае — боз буда ва Қуръон мехостааст, ки мардум ба масъалаи қиёмат (ба унвони як масъалаи мустақил эътиқод пайдо кунанд)**.

## Пайвастагии зиндагии дунё ва охират

Инсон дар он дунё ончунон аст, ки инҷо худашро бисозад. Инҷо агар худашро комил бисозад, онҷо комил аст. Агар ноқис бисозад, ноқис аст. Агар худашро кӯр қарор бидиҳад, онҷо кӯр аст. Ва агар худашро кар қарор бидиҳад, онҷо кар аст. Ва агар худашро аз сурати инсоният хориҷ карда бошад ва ба сурати ҳайвоне аз анвоъи ҳайвоноти дигар дароварда бошад, дар онҷо ба сурати ҳамон ҳайвон маҳшур мешавад. Ин ҳам масъалаи севвум, яъне робита ва пайвастагии бисёр шадид миёни зиндагии дунё ва зиндагии охират, ки фармуд:

الدّنيا مزرعة الآخرة

Танҳо ин ҷумла нест, ҳазорҳо ҷумла ҳаст, аслан ҳар чи дар бораи маъод омада, дар ҳамин заминаи:

الدّنيا مزرعة الآخرة

— омадааст. Асосан, низоми онҷо бо низоми инҷо фарқ мекунад. Инҷо низоми мо низоми иҷтимоӣ аст, ба ин маъно, ки афрод воқеан дар саодат ва шақовати якдигар шарик ва муассиранд, яъне амали хуби ман метавонад шуморо хушбахт кунад ва амали бади ман таъсир дорад дар бадбахтии шумо ва афроди як иҷтимоъ сарнавишти муштарак доранд. Вале дар онҷо аслан сарнавишти муштарак нест, аҳли саодат бо ҳаманд ва аҳли шақоват ҳам бо ҳам, вале он бо ҳам будан ғайр аз иштирок доштан дар саодат аст, асосан иштироке дар кор нест, ҳар касе дар вазъи худаш ҳаст бидуни он ки таъсире дар вазъи дигаре дошта бошад.

Инҳо умуре аст қатъӣ ва мусаллам ва пайғамбарон омадаанд барои ин ки мардумро ба ин матлаб даъват кунанд, махсусан ин қисмати ахир чун ҷанбаи тарбиятии зиёдтаре дорад ва бештар ба масъалаи даъват марбут аст. Мо мебинем, ки дар дараҷаи аввал Қуръон ва баъд соири осори динии мо исрори фаровоне рӯйи ин матлаб доранд, ки он дунё дорулҷазо аст, хонаи подош ва хонаи кайфар аст, пас шумо муроқиби амали худатон дар инҷо бошед. Ҳатто Қуръон таъбире дорад, ки иддае ин таъбирро ҳамл бар ҳеч гуна муҷозгӯӣ намекунанд ва айни ҳақиқат медонанд. Таъбир ин аст, ки Қуръон мегӯяд, он чи ки шумо дар ин дунё амал мекунед, амали шумо пешфиристодаи шумо ба дунёи дигар аст. Иддае мегӯянд ин таъбири балоғӣ аст, таъбири маҷозӣ аст, амали мо, ки онҷо фиристода намешавад, амали ман яъне кор, ин кор як ҳаракат аст ва ин ҳаракат

ҳам ҳамин ҷо фонӣ ва тамом мешавад. Вале иддае мӯътақиданд, ки ҳар чи дар ин дунё пайдо бишавад, сурате дар дунёи дигар пайдо мекунад, ҳамин худаш як ҳақиқате дар дунёи дигар пайдо мекунад. Ва ин таъбири Қуръон рост аст, ки ҳар чи мо дар инҷо амал мекунем, чизе дар он дунё эҷод кардаем, пас чизеро аз ин дунё ба он дунё фиристодаем.

## Таъбири Қуръон

Ин таъбири Қуръонро бибинед — оятҳои маъод асосан барои мавъиза ҳам хеле хуб аст — дар охирҳои сураи Ҳашр мефармояд:

يا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اتَّقُوا اللهَ

Эй аҳли имон! Тақвои илоҳӣ дошта бошед, аз Худо бипарҳезед! (Ҳамеша гуфтаем, ки калимаи “тақво” маъноят парҳез нест, вале мо таъбири дигаре надорем.) Маъноят ин аст, ки худатонро аз ғазаби илоҳӣ, аз мухолифати фармони илоҳӣ дур нигаҳ доред.

وَلْتَنْظُرْ نَفْسٌ ما قَدَّمَتْ لِغَدٍ

Хеле таъбири аҷибе аст,

وَلْتَنْظُرْ

— амр аст. “*Ва бояд ҳар нафсе ва ҳар касе назар кунад ва диққат кунад дар он чи барои фардо мефиристад*”. Ин сареҳтарин таъбире аст, ки мешавад дар ин замина кард. Вақте ба мо мегӯяд, биёед дар кор ва амали худатон муроқиб бошед, ба ин таъбир мегӯяд: дар бораи ин чизҳое, ки барои фардо пеш мефиристед, дар мавриди ин пешфиристодаҳои худатон диққат кунед, дақиқ бошед. Дуруст мисли одаме, ки дар як шаҳре ҳаст ва барои шаҳри дигаре, ки баъдҳо мехоҳад биравад, дар онҷо сукно ихтиёр кунад, колое қаблан таҳия мекунад ва мефиристад, ба ӯ мегӯянд, дар ин чизҳое, ки қабл аз худат дорӣ мефиристӣ, як диққати хеле комиле бикун. Баъд ду мартиба мефармояд:

وَاتَّقُوا اللهَ

Боз бори дигар аз Худо битарсед, аз нофармонии илоҳӣ парҳез кунед.

إِنَّ اللهَ خَبِيرٌ بِما تَعْمَلُونَ

(*Ҳашр/18*) Чун аввал ба таъбири пешфиристода гуфт, ду мартиба ба таъбири худи амал мегӯяд: Худо огоҳ аст ба аъмоли шумо, яъне он чиро шумо мефиристед, Худо, ки огоҳ аст, пас худатон ҳам огоҳии комил дошта бошед, ки хуб бифиристед.

Алъон ин достон ёдам омад, хуб аст бароятон арз кунам. Ман ҳашт сол назди марҳум оқои Буруҷердӣ (Аълаллоҳу мақомаҳу) дарс хонда будам ва ҳақиқатан ба шахси эшон эътиқод доштам, яъне хеле эътиқод доштам, воқеан ӯро як марди руҳонӣ медонистам. Ҳоло афроде ба дастгоҳи эшон интиқод доштанд — ки худи ман ҳам доштам — ба ҷойи худ, аммо ман ба шахси ин мард мӯътақид будам, яъне ӯро як марди руҳонии воқеӣ медидам ва марди комилан мӯъмин ва мӯътақид ва Худотарс. Дар ҳамин касолати қалбӣ, ки эшон пайдо карда буданд, ки мунтаҳӣ ба фавти эшон шуд — зоҳиран се-чаҳор рӯз ҳам бештар тӯл накашид – гуфтанд, як рӯзе эшон дар ҳамон ҳол хеле мутаассир буд ва гуфт, ки ман хеле нороҳатам аз ин ки коре накардаам ва меравам. Онҳое, ки давру бар ҳастанд, хаёл мекунанд дар ин масоил ҳам тамаллуқ гуфтан хеле хуб аст, (мегӯянд) эй оқо, шумо чӣ мефармоед? Шумо Алҳамду лиллоҳ ин ҳама тавфиқ пайдо кардед, ин ҳама хидматҳо, ки шумо кардед, кӣ карда?! Эй кош мо ҳам мисли шумо будем. Шумо, ки Алҳамду лиллоҳ корҳое, ки кардед, хеле дурахшон аст. Эшон эътино накард ба ин ҳарфҳо ва дар ҷавоби онҳо ин ҷумларо — ки ҳадис аст — гуфт:

خلّص العمل فإنّ النّاقد بصير بصير

(*"Биҳор", ҷ.13, с.431, бо андаке ихтилоф*) Яъне амалро холис бигардон, ки он ки нақд мекунад,[1] саррофӣ мекунад ва амалро дар маҳак мегузорад, ӯ хеле огоҳ ва биност, аз зери назари ӯ кучактарин амали мағшуше берун намеравад, яъне чӣ мегӯед мо кор кардем?! Аз куҷо, ки ин амалҳои мо амале бошад, ки воқеан хулус дошта бошад? Барои

---

[1] *Ноқид яъне интиқодкунанда, асли калима истилоҳи саррофӣ аст. Сарроф, ки сиккаро ба маҳак мезанад барои ин ки аёрашро ба даст биёварад, ин амалашро мегӯянд "нақд". Аслан нақд яъне ҳамин амал, баъд ин калимаро дар ҷоҳои дигар ба кор бурдаанд, ки Ҳофиз ҳам хуб мегӯяд:*

*Накдҳоро бувад оё, ки аёре гиранд,*

*То ҳама савмаъадорон пайи коре гиранд?*

*— (яъне) то бифаҳманд, ки ҳамаи корҳояшон ғалат аст.*

Худо буданашро шумо аз куҷо ин қадр таъмин мекунед? Таъбири Қуръон ҳамин матлаб аст:

يا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اتَّقُوا اللهَ وَلْتَنْظُرْ نَفْسٌ ما قَدَّمَتْ لِغَدٍ

Боз думартиба

وَاتَّقُوا اللهَ

— дар ду навбат дар пасу пеши ин ҷумла, ки дар он чи пеш мефиристед хуб диққат кунед. Худоро ҷилави чашми мо ҳозир мекунад ба унвони як ноқид, ба унвони як баррасикун, ба унвони як маҳакзани бисёр басир ва дақиқ.

إِنَّ اللهَ خَبِيرٌ بِما تَعْمَلُونَ

Баъд мефармояд:

وَلا تَكُونُوا كَالَّذِينَ نَسُوا اللهَ فَأَنْساهُمْ أَنْفُسَهُمْ أُولئِكَ هُمُ الْفاسِقُونَ

(*Ҳашр/19*) Аз он касон набошед, ки Худоро фаромӯш карданд, Худо ҳам худашонро аз худашон фаромӯшонид. Ин ҳам таъбири аҷибе аст. Қуръон дар яке аз таъбироташ мегӯяд, ҳар кас Худоро фаромӯш кунад, асараш ин аст, ки худашро фаромӯш мекунад, яъне худи воқеияшро гум мекунад, байни худаш ва худаш фосила қарор мегирад, баъд ҳар коре, ки мекунад, барои худаш намекунад, бадбахтииҳоро барои худаш ҷалб мекунад, аммо хидматҳоро на барои худаш. Ба унвони мисол, одаме, ки дучори ҳирсу ози шадид аст ва ба ҳукми ҳирсу оз кор мекунад, аз ҳар роҳе шуд (аз ҳалол, аз ҳаром, аз ҳар ҷо шуд) ҷамъ мекунад ва ҷамъ мекунад, ӯ, ки ба фикри худаш аст, агар ҳисоб кунад, барои 150 соли дигар ҳам дорад, дар сурате, ки худаш медонад онҷунон пир шуда, ки даҳ соли дигар ҳам бештар нест.
Ин одаме аст, ки худашро фаромӯш кардааст. Ӯ хаёл мекунад, ки барои худаш кор мекунад ва дар воқеъ намефаҳмад, ки агар барои худаш ҳам бихоҳад кор кунад, ин ҷур набояд кор кунад.

وَلا تَكُونُوا كَالَّذِينَ نَسُوا اللهَ فَأَنْساهُمْ أَنْفُسَهُمْ أُولئِكَ هُمُ الْفاسِقُونَ

Ин оятро ба ин муносибат арз кардем, ки Қуръон рӯйи иртиботи олами дунё ва олами охират ва ин ки онҷо дорулҷазо аст ва инҷо доруламал, инҷо мазраъа аст, явмуззаръ аст ва онҷо явмулҳасод, фавқулъода такя кардааст ва балки аслан анбиё асос ва руҳи таълимоташон ҳамин аст, низоми дунёро ҳам, ки дуруст мекунанд, ба эътибори ин аст, ки ҳамин пайвастагӣ миёни дунё ва охират ҳаст, яъне агар низоми дунё низоми саҳеҳи одилонае набошад, охирате ҳам дуруст нахоҳад буд, ин ду бо якдигар инчунин вобастагӣ ва пайвастагӣ доранд, на ин ки тазодд доранд. Аз назари Қуръон саодати воқеии башар дар дунё ва саодати воқеии башар дар охират тавъаманд, ҷудой надоранд. Он чизҳое, ки аз назари ухравӣ гуноҳ аст ва сабаби бадбахтии ухравӣ аст, ҳамонҳост, ки аз назари дунявӣ ҳам низоми куллӣ зиндагии башарро фосид мекунад, ҳоло агар фарз кунем як фардро хушбахт кунад, вале низоми куллии афроди башарро фосид ва хароб мекунад.
Инҳо хусусиёте буд, ки дар онҳо ҳеч намешавад шакку тардид кард. Хусусиёти дигаре ҳаст, ки бояд рӯйи онҳо баҳс кард ва албатта ҳар дастае ҳам онҳоро ҳамин тавр сад дар сад қатъӣ донистаанд. Онҳоро мо бояд ҷудогона баҳс кунем.

## Тафсирҳои гуногун дар бораи маъод

## 1) Иъодаи маъдум:

Баъзеҳо хаёл кардаанд, маъод яъне иъодаи (багардондани) маъдум (нестшуда). Мутакаллимони қадим чӣ қадр рӯйи ин қазия баҳс мекарданд, ки иъодаи маъдум маҳол нест, барои ин ки фикр мекарданд, маъод яъне иъодаи маъдум, қиёмат яъне иъодаи маъдум. Яъне аввал фарз мекарданд, ки ашё маъдум мешаванд (маъдуми мутлақ), он вақт мегуфтанд: оё агар чизе маъдуми мутлақ шуд, бори дигар имкон дорад вуҷуд пайдо кунад ва ё ин аз муҳолот аст?
Ин албатта чизе аст, ки аслан лузуме надорад мо рӯйи он баҳс кунем. Мо чӣ далеле дорем бар ин ки ашё маъдум мешаванд, то баъд биёем рӯйи масъалаи иъодаи маъдум баҳс кунем, ки иъодаи маъдум маҳол аст ё мумкин? Мо на далели илмӣ дорем ва на далелт шаръӣ, ки ашё маъдум мешаванд билкуллия ва маънии қиёмат яъне иъодаи он маъдумот. Яке аз масоиле, ки фалосифа бо мутакаллимон галовез буданд, масъалаи иъодаи маъдум аст. Фалосифа мегӯянд, аввалан ашхос маъдум намешаванд, то бихоҳанд иъода шаванд, онҳо мегӯянд, маъдум мешаванд. Баъд онҳо (мутакаллимон) мегӯянд, иъодаи маъдум мумкин аст, инҳо мегӯянд, иъодаи маъдум маҳол аст. Лузуме надорад мо рӯйи ин қазия

аслан баҳсе бикунем, агар касе лозим донист, баъдан суол мекунад ва мо рӯйи он баҳс мекунем.

## 2) Авди (баргаштани) арвоҳ ба аҷсод:

Баъзе дигар маъодро ба ин шакл тавҷеҳ мекунанд: маъод яъне авди арвоҳ ба аҷсод. Яъне инсон вақте, ки мемирад, руҳаш аз баданаш муфорақат мекунад ва ин руҳ ҷудои аз бадан ҳаст дар як оламе (ки он оламро олами барзах мегӯянд), то вақте, ки биност қиёмат шавад, вале вақте, ки қарор шуд қиёмат шавад, он вақт руҳҳо бармегарданд ба баданҳои худашон, ҳар руҳе ба бадани худаш бармегардад. Ин тавр омадаанд матлабро таъбир кардаанд.
Як матлабро бояд қаблан арз кунам ва он ин аст, ки иттифоқан дар таъбироти қиёмат, мо калимаи "маъод" надорем. Аз ҳамаи исмҳои қиёмат маъруфтар маъод аст, вале ин истилоҳ, истилоҳи шаръӣ нест, яъне истилоҳи муташарриъа аст, он ҳам ба мафҳуми хоссе. Дар Қуръони Карим, мо калимоте назири маъод дорем мисли "маъоб", вале калимаи маъодро надорем. Дар дуоҳо ва аҳодис ҳам ман алъон ёдам нест, ки дар ҷойе аз қиёмат бо калимаи маъод таъбир шуда бошад.
Калимаи маъодро зоҳиран мутакаллимон халқ кардаанд. Ин калима метавонад калимаи дурусте ҳам бошад, яъне бо таъбироти Қуръон мунтабиқ бошад, аммо чун маъод яъне макони авд ё замони авд (исми макон ва замон аст.) Онҳо, ки ин калимаро гуфтаанд, ба ин эътибор гуфтаанд, ки қиёматро ё замони авд ба маънии иъодаи маъдум медонистаанд, ё замони авди арвоҳ ба аҷсод.
Дар Қуръон, мо калимоте шабеҳи калимаи маъод дорем, калимаи маъод надорем, вале калимаи "марҷаъ" ё "руҷӯъ" ва калимаи "маъоб" дорем. "Авд" яъне бозгашт. "Авд"-ро дар ҷойе мегӯянд, ки як чизе аз як асле омада бошад, думартиба ба он асл баргардад, мегӯянд, авд кард. "Руҷӯъ" ҳам ҳамин тавр аст, "руҷӯъ" ҳам яъне бозгашт, бояд як омадане бошад, то бозгашт сидқ кунад ва аз ин рӯ агар дар Қуръон дар бораи қиёмат калимаи (маъод) надорем, калимаи "руҷӯъ" дорем, аммо он чи дар Қуръон калимаи "руҷӯъ" ва амсоли он омада, ба маънои бозгашт ба Худост, яъне таъбири Қуръон ин аст. Дар Қуръон ҳеҷ ҷо руҷӯъи арвоҳ ба аҷсод наомада, ё ҳеҷ ҷо руҷӯъ ба маънои (бозгашт) баъд аз маъдум шудан наомада, балки таъбир ин аст:

إِنَّا لِلَّهِ

Мо аз он Худо ҳастем,

وَإِنّا إِلَيْهِ راجِعُونَ

(*Бақара/156*) Ва мо ба сӯйи ӯ бозгашт мекунем.

Пас, калимаи маъодро ҳам агар мо ба кор бибарем, агар ба маънии авд илаллоҳ истеъмол кунем, он вақт бо таъбироти қуръонӣ хуб мунтабиқ мешавад. Ё ин таъбир:

وَأَنَّ إِلى رَبِّكَ الْمُنْتَهى

(*Наҷм/42*) Ва ин ки ниҳоят ва тамомият ва поёне ба сӯйи парвардигор аст, яъне ба сӯйи ӯ ҳама чиз поён меёбад,

إِنَّ إِلى رَبِّكَ الرُّجْعى

(*Алақ/8*) Ва амсоли ин таъбирот.

## 3) Авди арвоҳ ба Худованд:

Муҳаддисини мутаашарриъа мисли марҳум Маҷлисӣ иддао мекунанд, ки иҷмоъи ҳамаи аҳли адён аст бар маъод ба маънии авди арвоҳ ба аҷсод, вале иддае мегӯянд, на, мо иҷмоъ дорем, вале на иҷмоъ ба сурати авди арвоҳ ба аҷсод, балки ба маънии авд ба сӯйи парвардигор.

Ҳоло ин авд ба сӯйи парвардигор оё мусталзими авди арвоҳ ба аҷсод аст ё шакли дигаре, баъд бояд бибинем, вале он чи ки Қуръон гуфтааст, аз қиёмат таъбир карда ба вақте, ба рӯзе ё ба нашъае, ки дар он нашъа инсонҳо ба Худо бозгашт мекунанд, яъне чӣ инсонҳо ба Худо бозгашт мекунанд? Аслан омадан аз Худо яъне чӣ ва бозгашт ба сӯйи Худо яъне чӣ? Вале ҳар чи ҳаст, Қуръон ин тавр гуфтааст, ҳатто аз қиёмат таъбир ба "лиқоуллоҳ" кардааст, мункирини қиёматро мункирини лиқои парвардигор номида:

الَّذِينَ كَذَّبُوا بِلِقاءِ اللهِ

(*Анъом/31*) ё:

بَلْ هُمْ بِلِقاءِ رَبِّهِمْ كافِرُونَ

(*Саҷда/10*) Таъбироти Қуръон чунин таъбироте аст.

Албатта мо бидуни ин ки бихоҳем рад ё қабул карда бошем, (назариёти мухталифро баён мекунем). Ҳамаи инҳо мӯътақиданд, ки тафсири мо дар бораи маъод ин аст. Ҳеч кас намехоҳад чизе бар хилофи гуфтаи пайғамбар гуфта бошад, вале ҳар кадом ба як чизҳое истинод мекунанд ва ин тавр тафсир мекунанд. Аз назари баъзе, масъалаи қиёмат ва масъалаи маъод яъне авд кардани руҳҳо бори дигар ба ҳамон баданҳое, ки будаанд ва пӯсидаанд ва мутафарриқ ва хок шудаанд.

Баъзе дигар маъодро ба ҳамон маънии авд илаллоҳ мегиранд, вале мегӯянд: авди арвоҳ илаллоҳ; ҷисм, ки авде надорад ба сӯйи Худо, барои ҷисм маънӣ надорад бигӯем, ба сӯйи Худо бозмегардад; **руҳ аст, ки метавонад дараҷот ва маротиберо тай кунад, ки ба ҳасби он дараҷот ва маротиб, ба нашъаи рубубӣ наздиктар бошад ва бинобар ин қиёмат яъне бозгашти арвоҳ ба сӯйи Худо**. Сирфи ин матлабро бихоҳем бигӯем, мешавад маъоди руҳонии мутлақ, ки ин бар хилофи зарурати таълимоти анбиёст, яъне дар таълимоти анбиё дуруст аст, ки гуфтаанд, авд ба сӯйи парвардигор, вале барои ин авд шакл ҳам муайян кардаанд, он шакле, ки муайян кардаанд, сад дар сад руҳонӣ нест. Масъалаи маъод дар миёни қудамои фалосифа аслан матраҳ набуда, яъне аслан маъодро анбиё овардаанд, на фалосифа. Ҳатто Арасту худаш қоил ба фанои руҳ аст ва абадан мӯътақид ба бақои арвоҳ ва авди арвоҳ ва ин ҳарфҳо нест ва руҳро як мавҷуди фонӣ ва қобили фано медонад.

Ҳукамои исломӣ аз қабили Бӯалӣ туври дигаре мӯътақиданд; Бӯалӣ мегӯяд, ки аз назари бурҳони илмӣ ва бурҳони ақлӣ, арвоҳ боқӣ мемонанд ва бозгашт мекунанд ба сӯйи Худованд ва саодат ва шақовати онҳо ҳам, саодат ва шақовати маънавӣ ва ақлонӣ аст, яъне лаззатҳо ва аламҳо, лаззатҳо ва аламҳои ақлонӣ аст (яъне аз навъи лаззате аст, ки ақл мебарад ва аз навъи ранҷе аст, ки ақл мебарад, на аз навъи лаззат ва аламе, ки инсон аз роҳи ҷисм мебарад). Вале баъд мегӯяд, ин роҳе аст, ки мо аз тариқи илмӣ метавонем тай кунем; ин қадр медонем, ки руҳи инсон фонӣ намешавад ва боқӣ мемонад ва дар ҷаҳони дигаре ё муъаззаб аст ё мутанаъим, вале он миқдоре, ки мо аз роҳи далел илмӣ метавонем бифаҳмем ин аст, ки фақат ақли инсон (яъне қувваи оқилаи инсон) боқӣ мемонад, соири қувваҳои инсон ҳар чи ҳаст, ҳама маъдум мешаванд ва қувваи оқила ба сурати як амри мустақил ва як шайъи мустақил ва як шахсияти мустақил — ки шахсияти воқеии инсон ҳам ҳамон оқилааш ҳаст — боқӣ мемонад. Вале баъд мегӯяд, лекин маъоди ҷисмонӣ ҳам чизе аст, ки пайғамбар ба он хабар додааст, содиқ ба он хабар додааст, мо маъоди ҷисмониро ҳам қабул мекунем ба эътибори ин ки мухбири содиқ ба он хабар додааст. Пас дар воқеъ ин тавр мегӯяд, ки далели илмӣ ва ақлӣ моро фақат дар ҳадди маъоди руҳонӣ роҳнамоӣ мекунад, вале ин ки маъоди ҷисмонӣ бошад, чизе аст, ки мо аз

роҳи ақл наметавонем кашф кунем, вале чун мухбири содиқ хабар дода. мо қабулаш дорем.[2]

## 4) Авди арвоҳ ба Худованд бо кайфияти ҷисмонӣ:

Баъзе дигар омадаанд, ҷамъ миёни ин ду кардаанд, ба ин маъно, ки назарияе иброз доштаанд, ки маънии он ин аст: дар айни ин ки маъод авд (баргашт) ба парвардигор аст, на авди арвоҳ ба аҷсом,[3] вале дар айни ҳол худаш кайфияти ҷисмонӣ дорад. Инҳо касоне ҳастанд, ки бар хилофи эътиқоди амсоли Бӯалӣ ва моқабли Бӯалӣ, ки фақат ақли инсон як қувваи мустақил ва муҷаррад аз бадан аст, эътиқод доранд, (ки) қувваҳои ҳаётии инсон дутабақа аст: табақаи ҷасадӣ ва табақаи ғайри ҷасадӣ ва инсон дорои бадане аст, ки онро бадани мисолӣ ва бадани барзахӣ номидаанд ва он бадан алъон бо ин бадан муттаҳид аст, алъон вуҷуд дорад ва вақте, ки инсон мемирад, ин бадан ҳукми як туфолаеро дорад ва он ҳукми ҷавҳарро дорад ва ин бадан аст, ки доиман мутаҳаллил ва фонӣ мешавад, мутағайир ва фонӣ мешавад ва бадал пайдо мекунад.

Мегӯянд, ин бадан нисбат ба он бадан, ҳукми мӯйи сар ва нохун ва ин ҷур фузулотро дорад. Ҳамин тавре, ки як инсон дар тӯли умр чандин бор ин баданро иваз мекунад, масалан ба сурати завоиде, ки пӯстаҳои бадан бошанд ё ба сурати нохун ё ба сурати мӯ, ба сурати анвоъи фузулот ва ин бадан доиман иваз мешавад, мурдан ҳукми инро дорад, ки якмартиба ва якҷо он бадан, ки бадани ҳақиқии инсон аст, ин баданро, ки ҳукми либосеро барои он бадан дорад, раҳо мекунад ва дур меандозад. Ва он бадан бо ин бадан фарқ мекунад. Ин бадан биззот мурда аст ва ҳаёт барои он ҳолати оризӣ дорад, вале он бадан биззот зинда аст, ҳаёт ҷузъи зоташ аст ва айни зоташ аст ва бинобар ин барои он бадан, дигар мурдан тасаввур надорад. Пас дар айни ин ки (маъод) авди арвоҳ ба камоли худаш аст, вале ба ин шакли ҷисмонӣ аст.

Ин ҳам як фарзияе аст дар инҷо, ки бибинем оё бо таъбироти Қуръон ҷур дармеояд ё ҷур дарнамеояд? Хеле ҳам мушкил аст, бо баъзе таъбироти Қуръон фавқулъода хуб ҷур дармеояд, вале мунтабиқ карданаш бо баъзе таъбироти дигар мушкил аст.

---

[2] *Бӯалиро ман воқеан мӯъмин ба пайғамбар мебинам, аҷиб ҳам ба пайғамбар имон дорад.*

[3] *Аҷсом яъне ин аҷсод, ин баданҳои хокшуда.*

## 5) Таҷдиди ҳаёти моддии дунё ба шакли дигар:

Бархе дигар хостаанд мисли дастаи аввал маъодро як амри моддӣ ва табиӣ бидонанд, вале бидуни ин ки ниёзе бошад, ки бигӯянд авди арвоҳ ба аҷсом. На, арвоҳе ба аҷсоме авд намекунад, чун асосан арвоҳе вуҷуд надорад, балки худи ҳамин ҳаёти моддӣ тадриҷан ба шакли дигаре таҷдид мешавад, ки ин фарзияе аст, ки баъд бояд рӯйи он сӯҳбат кунем.

Яке аз масоиле, ки ба назари ман бояд рӯйи он баҳс кард, масъалаи руҳ аст, ки оё қабули қиёмат мусталзими қабули вуҷуди руҳ аст ба унвони як мавҷуде, ки қобилияти инро дорад, ки баъд аз фанои бадан боқӣ бимонад ё мубтанӣ бар ин нест? Албатта мо дар инҷо аз назари ақлӣ набояд баҳс кунем, аввал аз назари динӣ ва шаръӣ бояд баҳс кунем, яъне бояд бибинем он чи ки дар ислом роҷеъ ба маъод омадааст, аз ҳолати эҳтизор гирифта то олами қабр ва суолу ҷавоби қабр ва олами барзах ва олами қиёмат, оё инҳо як чизҳое аст, ки бар асоси ин асл будааст, ки инсон дорои як руҳе аст, ки он руҳ воқеан қабз мешавад, мурдан қабзи руҳ аст, таҳвил гирифтани руҳ аст ва инсон, ки мемирад, ба маънии ин аст, ки робитаи миёни руҳ ва бадан бурида мешавад ва руҳ дар олами худаш қарор мегирад ва ҷасад дар олами худаш, ё ин ки ин тавр нест?

Баҳси баъдии мо, ки пояи баҳсҳои дигар қарор мегирад, ҳамин баҳси руҳ аст. Баъд ҳам вориди истидлолҳои Қуръон барои вуҷуди қиёмат мешавем, ки арз кардем Қуръон ду навъ истидлол дорад.

**Пурсиш**: *Дар худи Қуръон калимаи маъод ҳаст. Албатта инро муташарриъа аз рӯйи ояти муборака, ки мефармояд:*

كَما بَدَأَكُمْ تَعُودُونَ

*(“Ҳамчунон ки шуморо халқ кард, бозмегардед.” (Аъроф/29)) гирифтаанд. Зимнан он далоиле, ки дар бораи маъод ҳаст, фақат дар ҳудуди ҳамон табақабандӣ, ки фармудед Қуръон карда ва ду даста далел дорад, агар мо ҳамон оятҳояшро ҳам бифаҳмем ва рӯйи он баҳс шавад, ин беҳтарин роҳ аст барои ин ки бо маъод ошноӣ пайдо кунем.*

**Устод Мутаҳҳарӣ**: Роҷеъ ба қисмати аввал, ки фармудед, ман ба ояти:

كَمَا بَدَأَكُمْ تَعُودُونَ

— таваҷҷӯҳ доштам, вале манзурам ин набуд, ки ҳатто моддаи “авд” ҳам наомада, арз кардам калимаи маъод ба ин вазн (ки ба маънии замони авд ё макони авд ҳаст) дар Қуръон нест.

Роҷеъ ба оятҳои Қуръон, онҳое, ки истиқсо кардаанд муддаӣ ҳастанд, 1400 оят дар Қуръон роҷеъ ба маъод аст, яъне дар ҳеч мавзӯе ва шояд дар масъалаи тавҳид ин қадр оят дар Қуръон наомада ва ин қадр таъкид ва исрор нашуда, ки дар масъалаи маъод ҳаст. Вале ман иддао намекунам муаммои маъод аз ҳар ҷиҳат ҳал шудааст. Мақсудам ин аст, ки ҷамъ миёни ҳамаи таъбироти Қуръон ба тавре, ки касе иддао кунад, ки ҳамаи таъбиротро ман метавонам бидуни шак ва дағдаға комилан ҷамъ кунам, сад дар сад нест, вагарна афроде ҳастанд, ки аз назари худашон масъалаи маъод комилан ҳал шудааст ва оятҳои Қуръонро ҳам тавре тавҷеҳ мекунанд, ки аз назари худашон таъвил нест, тавҷеҳи воқеӣ аст, вале мумкин аст барои мо он тавҷеҳ чандон қобили қабул набошад, вагарна на ин аст, ки барои ҳамаи афрод қазияи маъод лоянҳалл аст. Ман афродеро, ки ба вазъи китобҳояшон ошно ҳастам шак надорам, ки:

بِالْآخِرَةِ هُمْ يُوقِنُونَ

— ва ба ҳамаи ин муҳтавоҳое, ки дар Қуръон омада яқин доранд, вале тарзи тасаввур ва талаққиашон аз ин таъбирот, бо талаққии оммаи мардум дар баъзе қисматҳо қадре фарқ мекунад. Дигарон ҳам ҳамин роҳро рафтаанд, на ин ки агар мо оятҳои Қуръонро унвон мекунем, ин мо ҳастем, ки барои аввалин бор мехоҳем аз роҳи оятҳои Қуръон ворид шавем. На, дигарон ҳам аз ҳамин роҳ рафтаанд. Ва агар назариёте доранд, аз як тараф маншаъи назариёташон илҳомоте буда, ки аз худи Қуръон гирифтаанд ва аз тарафи дигар маншаъи он, ишколоте буда, ки ба вуҷуд меомада ва барои ҳалли ин ишколот дар талош будаанд. Мо ҳам, ки ворид мешавем, боз аз як тараф як илҳомоте аз Қуръон мегирем ва аз тарафи дигар бо як ишколоте мувоҷеҳ хоҳем шуд, ки ишколотро бояд ҳал кунем. Дар ин ки бисёре аз мушкилоте, ки дар қадим вуҷуд дошт имрӯз вуҷуд надорад, яъне як миқдор роҳи маъод аз назари улум нисбат ба он чи ки дар қадим буда софтар шуда, баҳсе нест.

Масалан, яке аз масоиле, ки дар боби маъод ҳаст, ки аз назари илми қадим хеле мушкил буд ва маҷбур буданд ба навъе тавҷеҳ ва таъвил кунанд, ин аст, ки Қуръон муддаӣ аст ин низомоти мавҷуде, ки алъон дорем, моҳу хуршеду ситорагон ва ин вазъи замин ва

дарёҳо ва кӯҳҳо, рӯзе хоҳад расид, ки тамоми инҳо зеру рӯ мешавад. Тақрибан ҳамон тавре, ки Қуръон мегӯяд, дар ибтидо инҳо ба шакли духон (дуд) буд, баъд ба ин сурат даромадааст.

Аз Қуръон мешавад истинбот кард, ки баъд ҳам ба ҳамин сурат дархоҳад омад. Вале ин бо илми қадим қобили ҳал набуд, илми қадим қабул намекард, ки ин тавр бошад, на қаблашро қабул мекард, ки ба ин шакл буда (ва на баъдашро, ки ба ҳамин шакл дархоҳад омад). Илми қадим фарз мекард, ки низоми афлок аз ҳамон қадим ҳамин тавр буда, ки ҳаст ва то абад ҳам ҳамин тавр хоҳад буд ва ин буд, ки мушкилоте эҷод мешуд. Қуръон мегӯяд:

إِذَا الشَّمْسُ كُوِّرَتْ

(*Таквир/1*) Як вақте хоҳад омад, ки ин хуршеди мо таквир мешавад яъне кидир мешавад, нураш аз он гирифта мешавад, хомӯш мешавад.

وَإِذَا النُّجُومُ انْكَدَرَتْ

(*Таквир/2*) Ва ин ситорагон ҳолате пайдо мекунанд, ки мункадир мешаванд яъне дигар он дурахшандагиро нахоҳанд дошт.

وَإِذَا الْبِحارُ سُجِّرَتْ

(*Таквир/6*) Ин дарёҳо мисли деге, ки ба ҷӯш меояд, табдил ба бухор хоҳад шуд.

Ё масалан зилзилаҳое заминро хоҳад гирифт, ки инсон дармемонад, ки чӣ вазъе рух дода, хеле барои инсон ғайри мутараққиб аст:

إذا زُلْزِلَتِ الْأَرْضُ زِلْزالَها

Он вақт, ки замин он зилзилаи худашро эҷод кунад. “Он зилзила” ишора ба навъи хосси зилзила аст ва бо зилзилаҳои дигаре, ки дар дунё пайдо шуда ва дар гӯшае иддаеро аз байн бурда хеле фарқ дорад. Он, зилзилае аст, ки дигар ҳеч чизе ба ҳоли худаш боқӣ нахоҳад буд.

وَأَخْرَجَتِ الْأَرْضُ أَثْقالَها

Ва замин ашёи вазини худашро аз даруни худаш берун бикашад. (Зоҳиран мақсуд инсонҳост, ки аз даруни замин берун меоянд.)

وَ قالَ الْإِنْسانُ ما لَها

Инсон он вақт мегӯяд, чӣ шуда, чӣ хабар аст? Яъне барои инсон ғайри мутараққиб аст, оддӣ нест, ғайри оддӣ аст, мисли зилзилаҳои ҳамеша нест, ки бигӯем, хуб дигар зилзила аст.

يَوْمَئِذٍ تُحَدِّثُ أَخْبارَها

Он вақт замин тамоми қазоёи худашро нақл хоҳад кард.

بِأَنَّ رَبَّكَ أَوْحى لَها

Ба мӯҷиби ин ки парвардигори ту ба ӯ ваҳй кардааст, ба ӯ таълим кардааст.

يَوْمَئِذٍ يَصْدُرُ النّاسُ أَشْتاتاً لِيُرَوْا أَعْمالَهُمْ

Он вақт аст, ки мардум гурӯҳ-гурӯҳ берун мераванд барои ин ки амалҳояшон ба онҳо ироа дода шавад.

فَمَنْ يَعْمَلْ مِثْقالَ ذَرَّةٍ خَيْراً يَرَهُ، وَمَنْ يَعْمَلْ مِثْقالَ ذَرَّةٍ شَرًّا يَرَهُ

(*Зилзол/1-8*) Алъон барои мо ин амр лоақал ба сурати як амри хеле мӯҳтамал аст. Кӣ метавонад бигӯяд, чунин вазъе пеш намеояд?

إِذَا السَّماءُ انْفَطَرَتْ، وَإِذَا الْكَواكِبُ انْتَثَرَتْ

(*Инфитор/1 ва 2*) ё:

### إِذَا السَّمَاءُ انْشَقَّتْ

(*Иншиқоқ/1*) Инҳо як чизҳое аст, ки лоақал рафъи монеъ шуда, агар илм натавонад чунин рӯзеро пешбинӣ кунад, вале нафй ҳам наметавонад бикунад, яъне лоақал бар хилофи илм нест.

Вале ба ҳар ҳол, агар касоне ҳам роҳеро рафтаанд, на ин аст, ки он роҳро рафтаанд бидуни ин ки ҳеч илҳоме гирифта бошанд ё бидуни ин ки ҳеч кӯмаке ба мо карда бошанд, роҳе аст, ки билохира онҳо ҳам рафтаанд. Мусаллам мо аз гуфтаҳои онҳо метавонем кӯмак бигирем ва истифода кунем бидуни ин ки бигӯем, онҳо мутаваҷҷеҳи ишколоте будаанд. Дар ҳамин масъалаи авди арвоҳ ба аҷсод ба ин шакл, ки руҳҳо ба ҷасадҳо авд кунад, онҳо ба як ишколоти илмӣ дучор будаанд, ки имрӯз мо ҳам дучор ҳастем.

Имрӯз хеле ашхоси дигар ҳам мегӯянд, агар маънии маъод ин бошад, ки айни ҳамин баданҳои афрод эҷод шавад, он касе, ки мемирад, бо ҳамон бадане, ки мурдааст биёяд маҳшур шавад, оё ин имконпазир аст? Ин ҳарфе буда, ки аз чандин сад сол пеш мегуфтаанд: инсонҳое, ки аз аввал то охири олам бар рӯйи замин пайдо шудаанд ва доиман омадаанд ва рафтаанд, агар мо ҳаҷм ва вазни бадани онҳоро ҳисоб кунем, чандин баробари замин инсон омада ва рафта, яъне ин сатҳ ва ин қишри замин то миқдоре, чандин бор бадани инсонҳо шуда ва думартиба хок шуда, ки агар бихоҳем миллиардҳо миллиард инсонро бо ин баданҳо ҷамъ кунем, замини мо асосан гунҷоиши онро надорад, чандин баробари замин ҳам гунҷоиши онро надорад.

Пас инҳо ва бисёре аз масоили дигар, як чизҳое аст, ки бояд онҳоро ҳал кунем.

Албатта масъалаи бисёр мушкил ва муъзале аст.

**Пурсиш**: *Дар Қуръони Маҷид барои қобили қабул будани ҳаёти муҷаддад, мавзӯъи ҳаёти муҷаддади наботот ба таври мукаррар матраҳ шуда ва ман фикр мекунам, ки бояд як баррасӣ аз назари физиологияи гиёҳӣ ва ҳайвонӣ бикунем, ки бибинем чӣ иртибот ва ташобуҳе метавонад байни ҳаёти муҷаддади гиёҳе, ки дар ҳар баҳор таҷдид мешавад ва ҳаёти муҷаддади ҳайвонӣ бошад. Ман фикр мекунам, ки агар баъзе аз руфақо сарфи вақт кунанд, то як миқдор физиологияи гиёҳиро ҳам дар инҷо баррасӣ кунем ва бо физиологияи ҳайвонӣ татбиқ кунем, ки шояд як рӯшноӣ дар ин қисмат барои мо эҷод шавад, муносиб бошад.*

**Устод Мутаҳҳарӣ:** Албатта пешниҳоди бисёр хубе аст. Дар Қуръон ба ҳаёти муҷаддади замин (яъне ҳамон ҳаёти муҷаддади гиёҳон) истинод шуда ва зиёд ҳам истинод шуда:

**اِعْلَمُوا أَنَّ اللَّهَ يُحْيِي الْأَرْضَ بَعْدَ مَوْتِهَا**

(*Ҳадид/17*) Бидонед, ки Худованд заминро баъд аз ин ки мурда аст, зинда мекунад. Онҳо, ки дар собиқ фақат ба ин матлаб таваҷҷӯҳ мекарданд, фикр мекарданд ваҷҳи ташобуҳ ҳамин аст, ки мурдае зинда мешавад, яъне як мавҷуде дар як дараҷае мурда аст ва дар як дараҷаи дигаре такомул пайдо мекунад ва ҳаёт барояш пайдо мешавад. Хулоса. ба он ҷанбаи такомулии матлаб, ки ин такомул аз мавт ба ҳаёт аст таваҷҷӯҳ мекарданд.

Онҳо ин тавр фикр мекарданд, ки Қуръон назараш фақат ба ҳамон масъалаи такомул аст, яъне шумо дар ин зиндагии мавҷуд худатон такомул аз мавт ба ҳаётро мебинед, ин барои шумо ба унвони намуна кофӣ аст, то такомулеро ҳам, ки дар сатҳи болотаре аст (ки дар воқеъ такомул аз нашъае ба нашъаи дигар аст) бипазиред, ин як амри ҷузъӣ аст, ки метавонад намунаи як амри куллӣ бошад. Онҳо ин тавр мегӯянд: ҳамин тавре, ки дар инҷо мебинед, ки ин ҷузъ мурда аст ва зинда мешавад, кулл ҳам ҳамин тавр аст, кулл ҳам аз мурдагӣ ба ҳолати зиндагӣ дармеояд. Мегуфтанд, олами охират ва олами дунё ҳама ҳукми як воҳидро дорад, ки дунё мартибаи мурдаи он аст ва охират мартибаи зиндааш. Намехоҳам бигӯям, ин ҳарф сад дар сад дуруст аст, мехоҳам бигӯям, ин тавр истинбот кардаанд. Вале шумо мумкин аст бихоҳед аз ин амр истинботи дигаре бикунед. Мутолеоте бикунед, истинботе бикунед, мо ҳам аз истинботи шумо истифода мекунем. Ба ҳар ҳол бояд рӯйи ин мавзӯъ мутолеа кард.

**Пурсиш**: *Як тазаккуре дар қисмати аввали сӯҳбати ҷаноби оқои Мутаҳҳарӣ доштам, ки усулан, маъодро бояд дар радифи тавҳид ва нубувват қарор дод ё каме ҷанбаи таъаббудӣ дорад? Банда ақида дорам, назари он иддае, ки гуфтаанд, ҷанбаи таъаббудӣ дорад саҳеҳтар аст, ё агар ҳам сад дар сад ҷанбаи таъаббудӣ надошта бошад ва дар радифи намозу рӯза набошад, мусалламан дар радифи тавҳид ва нубуввват ҳам нест, барои ин ки мо инҳоро ба унвони усул мепазирем ва мутамойиз мекунем, вале эътиқод ба маъод ҷанбаи зарурат ва таъаббуд дорад ва фақат бояд далоили нафйи онро рад кард, яъне агар мо фақат мушкилотеро, ки ба лиҳози илмӣ ё ақлӣ пеш меояд рафъ кунем, кофӣ аст барои ин ки ба истиноди гуфтаи пайғамбар — ки ӯро содиқ медонем, ҳамон тавре, ки Бӯалӣ гуфта — эътиқод ба маъод дошта бошем ва истидлоли маъод дар ҳақиқат ҳавли радди далоили нафйи маъод давр мезанад.*

*Аммо масъалаи дигар, роҷеъ ба худ маъод аст. Ман истидъоям аз оқои Мутаҳҳарӣ ин аст, ки аввал бибинем, як фарди мусалмон нисбат ба маъод, нисбат ба қабр, нисбат ба барзах чӣ ҷур бояд ақида дошта бошад, ки агар хилофи ин ақидаро дошт, ба имон ва эътиқодоташ эрод ворид аст. Баъд, ки инро фаҳмидем, он вақт биравем суроғи*

*истидлолоташ. Нуктаи охир ин ки дар боби маъод агар мо эроде ба назарамон мерасад ва наметавонем ба он ҷавоб бидиҳем, ҳатто дар ҳадди имкон онро тарҳ накунем, чун маъод ҷузъи масоиле аст, ки рӯйи ҳам рафта ҳавли он дараҷае аз яқин ҳосил шуда ва агар эҷоди ишкол, дар ин яқин халале эҷод кунад, ки натавонад рафъаш кунад, мусбат нахоҳад буд.*

**Устод Мутаҳҳарӣ**: Роҷеъ ба қисмати аввали баёни эшон, мешавад гуфт, ки он чи худатон дар охир гуфтед, он чиро, ки аввал фармудед рад мекунад, барои ин ки фармудед лоақал мо дар боби маъод мушкилоташро бояд ҳал кунем, ҳамон мушкилотро, ки бихоҳем ҳал кунем, ночорем ба ин ки дар боби маъод як навъ фарзияи хоссеро бипазирем ва рӯйи он фарзия ҳам истидлол кунем.

Ин ду аз ҳам мунфак нест. Пас мо то як навъи хоссе тасаввур дар бораи маъод надошта бошем, наметавонем ишколоташро ҳал кунем. Вақте мо дар мақоми ҳалли ишколот бароем, бояд онро ба шакли хоссе тасаввур кунем ва ҳамон шакли хосси тасаввур карданҳост, ки ба мо як фарзияи махсусе дар боби маъод медиҳад.

Ин матлабро ҳам арз кунам, ки мақсудам ин набуд, ки асосан масъалаи маъод ба ҳеч ваҷҳ таъаббудӣ нест ва мо онро сад дар сад ва мустақиллан мисли масъалаи тавҳид метавонем дарёбем. Худам ҳам дар зимни ҳарфҳоям арз кардам, ки аслан маъодро пайғамбарон ироа додаанд ва илм ва фалсафа дунболи он чи ки пайғамбарон гуфтаанд рафтааст. Ҳамин тавре, ки Уилям Ҷеймс дар китоби “*Дин ва равон*” мегӯяд: “*Хеле аз масоилро улум ва фалсафаҳо баъд рафтаанд кашф кардаанд, вале нишониашро аввал адён додаанд*.” Адён нишонӣ додаанд, дигарон барои ин ки таҳқиқ кунанд, ки оё чунин чизе ҳаст ё нест, дунболаш рафтаанд, баъд ҳам аз тариқи илмӣ ва фалсафӣ ба он расидаанд, ба тавре, ки агар ин нишониро надода буданд, ҳаргиз илм ва фалсафа дунболи он намерафт. Мо ҳам агар гуфтем, ки таҳқиқ дар инҷо матлуб аст, мақсудамон ин нест, ки ҳеч ҷанбаи таъаббудӣ надорад, балки мақсуд ин аст, ки Қуръон алоқа нишон медиҳад, ки афрод дар боби маъод таҳқиқ дошта бошанд ва аз ин рӯ дар боби маъод калимаи имон омада — ман рӯйи ин ҷиҳат гуфтам — ва дар ғайри маъод наомадааст. Дар боби малоика ҳам имон омадааст. Ин аломат он аст, ки хостаанд, ки мо дар инҷо таҳқиқе дошта бошем ба тавре, ки битавонем аз рӯйи шинохт эътиқод пайдо кунем, ки як ҳақоиқе ба номи малоика вуҷуд дорад. Ҳамчунин Қуръон моил аст, ки мо ба охират имон дошта бошем, яъне дар канори имон ба пайғамбар ва имон ба нубувват, мехоҳад мо эътиқод ва имон (ба охират) дошта бошем, вагарна онро дар ин радиф зикр намекард. Чаро онро дар ин радиф зикр карда? Пас толиби таҳқиқ дар инҷост.

Дар ин ки масоили маъод дар дараҷаи аввал масоили таъаббудӣ аст, ҳеч баҳсе нест. Мо дар бораи ин масоили таъаббудӣ мехоҳем бибинем чӣ қадр метавонем таҳқиқ кунем ва ин таҳқиқ ҳам матлуб аст. Агар ашхосе бигӯянд, шумо ҳаққи таҳқиқ кардан надоред, мо дар муқобили онҳо чунин мегӯем. Агар касе гуфт: "Дар боб қиёмат касе ҳаққи таҳқиқ кардан надорад, Қуръон як чизе гуфта, мо ҳам бояд бигӯем, оманно ва салламно, ҳар кас гуфт чаро? Мегӯем, суол бидъат аст (ҳамин тавре, ки иддае дар қадим мегуфтанд:

السّؤال بدعة

- ) инҷо ҳаққи суолу ҷавоб надорӣ" (мо мегӯем) на, ин тавр нест, аз мо таҳқиқ хостаанд. Дар масъалаи эроди шубҳаҳо ва ишколҳо, мо дар ҳудуде ишколотро тарҳ мекунем, ки тарҳ шудааст, яъне ишколоте, ки дар китобҳо вуҷуд дорад, дар ҳамин китобҳои хеле маъмулӣ ҳам вуҷуд дорад. Ман худам шояд, то ҳоло беш аз сад бор — ва боз ҳамин рӯзҳо мукаррар аз афроде он ҳам масалан аз табақаи донишҷӯён — шубҳаи окилу маъкулро шунидаам. Ин ки дигар чизи тозае нест, ки бигӯем тарҳ накунед. Шабҳаи окилу маъкулро хуб буд аввал — агар насиҳати шуморо мепазируфтанд — аз ҳазор сол пеш тарҳ намекарданд, вале аз ҳазор сол пеш ин шубҳаро тарҳ кардаанд. Ҳамин ҳам, ки алъон гуфтам ҳамон буд, чизи дигаре набуд, таъбири дигаре аз он матлаб буд. Инро тарҳ кардаанд, ҳоло, ки тарҳ кардаанд, мо бигӯем оромиши хаёлии худамонро баҳам назанем?! Ҷавоб надиҳем?! Намедонам, агар мегӯед нагӯед, намегӯем, вале агар дар инҷо нагӯем, дар ҷойи дигар аз мо мепурсанд.
Ва аммо он масъала, ки фармудед, рост аст, хуб аст, ки мо аввал оятҳои Қуръонро дар ин замина бихонем, баъд бибинем аз ҳамаи ин оятҳо як фикри соддае мефаҳмем? Ҳоло мехоҳад ишкол дошта бошад, мехоҳад ишкол надошта бошад. Аввал мо бибинем, ки ин тавр аст ё на, худи оятҳои Қуръон аз назари мафҳум барои мо суол ба вуҷуд меоварад? Агар дидем, оятҳои Қуръон худаш як матлаби соддаеро дорад мегӯяд, инро ба сурати як амре, ки Қуръон гуфта тарҳ мекунем, баъд меравем суроғи ишколоташ, ишколоташро тавонистем ҷавоб бидиҳем, ҷавоб медиҳем, натавонистем, мегӯем чизе, ки пайғамбар гуфта мо қабул мекунем. Магар ҳамаи ишколотро мо бояд ҳал кунем? Баъд хоҳанд омад ва ишколотро ҳал хоҳанд кард.
Аммо умдаи матлаб ин аст, ки масъалаи маъод ба худии худ, дар воқеияти худаш як масъалае буда, ки наметавониста ба он соддагӣ баён шавад. Ин масъала ба таъбире — албатта ташбеҳ аст — назири ин аст, ки баччае, ки дар раҳим аст ва бо низоми хосси зиндагии раҳимӣ дорад зиндагӣ мекунад, на чашмаш боз аст ҷойеро бибинад, на бо

гӯшаш чизеро мешунавад, на аз роҳи даҳон тағзия мекунад, на танаффус мекунад, бихоҳанд дар бораи зиндагии баъд аз таваллуд бо ӯ сӯҳбат кунанд. Бо он маълумоте, ки ӯ дар зиндагии ҷанинӣ дорад, имкон надорад битавонад он чиро, ки дар зиндагии баъд аз таваллуд аст, ба ҳақиқат дарёфт кунад. Пас ночор бо ӯ як миқдор ҳам бо забони худаш сӯҳбат шудааст. Аз куҷо мегӯем бо забони худаш сӯҳбат шуда? Ба қаринаи баъзе ҳарфҳое дигаре, ки ҳаст.

Ин чизҳо буда, ки тасаввурҳоро дар бораи маъод мутафовит карда ва ҳар касе дар ҳадди худаш (тасаввуре аз ин масъала дорад). Ин мисли худи масъалаи Худост. Ҳама мӯътақид ба Худо ҳастанд, вале агар касе муҳтавоҳои ин афкорро берун бирезад, мебинад аз замин то осмон мутафовит аст. Ҳама мегӯянд Худо, ба ҳасби завқ ва ғаризаи фитрӣ ҳам Худоро ибодат мекунанд, дар умқи дилашон ҳам Худоро ибодат мекунанд, вале ӯ Худоро як шакл дода ва як тасвир дорад, он яке тасвири дигаре ва… ба тавре, ки ӯ Худои инро қабул надорад, ин Худои ӯро қабул надорад. Дар бораи қиёмат ҳам ҳамин тавр аст.

Он чи ки ман ба унвони мусалламот арз кардам, мақсудам ҳамин буд. Шумо гуфтед он чи ки мо бояд мӯътақид бошем, чӣ қадр аст? Ба ақидаи ман, он миқдоре, ки бояд мӯътақид бошем, ҳамонҳое аст, ки аввал ман гуфтам аз мусалламот аст. Мо бояд мӯътақид бошем ҳаёти дигаре ғайр аз ин ҳаёт ҳаст. Лузуме надорад мо бифаҳмем иъодаи маъдум мешавад ё иъодаи маъдум намешавад. Мо бояд инро бифаҳмем, ки он ҳаёт ҷовидонӣ аст, поён намепазирад, лузуме надорад, ки мо бифаҳмем чаро поён намепазирад, чаро дар инҷо марг ҳатмӣ аст (аз заруриёти хилқат аст) ва дар онҷо нест? Робитаи онҷо бо инҷо робитаи муқаддима ва натиҷа аст, ҳар чи дар инҷо кишт кунем, онҷо бармедорем, дунёи подош ва кайфар аст. Аммо оё онҷо иъодаи маъдум мешавад ё на? Лузуме надорад бифаҳмем. Ҳатто ба ақидаи ман, ин ки авди арвоҳ ба аҷсод мешавад ё на, лузуме надорад бифаҳмем. Оё тамоми хусусиёташ бо хусусиёти ин олами табиат ҳеч фарқ намекунад? Гили моро аз нав меоянд месозанд? Яъне маъод ҳамоне аст, ки Хайём тасаввур карда, ки як кӯзаеро месозанд ва хароб мекунанд ва думартиба онро месозанд? Лузуме надорад мо инро бифаҳмем ва рӯйи он диққат кунем, ки оё ба ин шакл аст ё ба шакли дигаре. Вале он миқдораш барои мо қатъӣ аст. Аз Қуръон ҳам ин хусусиёти маъод хеле қатъӣ фаҳмида мешавад, мунтаҳо роҷеъ ба кайфияташ мо як ҷо мебинем тавре мегӯяд, ки одам фикр мекунад он дунё шурӯъи муҷаддаде аз ҳамин дунё ва такрори ҳамин дунёст, ҳамин дунё думартиба такрор мешавад, аммо на аз роҳи таваллуд, балки аз ин роҳ, ки зарраҳои ин моводди гӯшт ва устухон ва ғайраро ҷамъ мекунанд, думартиба ба сурати як инсон дармеоваранд ва баъд руҳе дар он дамида

мешавад. Албатта “рухе дамида мешавад” дар Қуръон нест, ба ҳамин шакл Худо зарроти парокандаро ҷамъ мекунад, мешавад инсон…

## Моҳияти марг аз назари Қуръон

Баҳси маъодро, ки дар ҷаласаи пеш шурӯъ кардем, зимнан баҳонае шуд барои ман, ки бештар рӯйи он мутолеа кунам ва дар ҷаласае, ки дар масҷиди “Ҳидоят” барои сӯҳбат меравам, дар онҷо ҳам мабҳаси маъодро тарҳ кардам, вале албатта дар як сатҳи умумитар ва мақрунтар ба насиҳат ва мавъиза, яъне омехта ба баҳсҳои мавъизаӣ.

Ҳамон тавре, ки дар ҷаласаи пеш сӯҳбат шуд, мо ба масъалаи маъод, ба таъбири Қуръон бояд имон — ва болотар, иқон (яқин) — дошта бошем ва он қадр масъалаи маъод масъалаи буғранҷ ва печидае аст, ки бисёре аз афрод мӯътақиданд дар боби маъод ҷуз таъаббуд ва таслим роҳе нест, яъне ончунон ин масъала барои башар маҷҳул аст — на ин ки мумтанеъ аст — ки мо ҷуз аз тариқи таъаббуд ва таслим ба гуфтаи пайғамбар ва ваҳй, роҳе барои қабулаш надорем. Вале бидуни шак, башар барои дарки масъалаи маъод, талошҳое ҳам аз тариқи илм ва ақли худаш кардааст.

Мо дар инҷо муваззафем, аввал — қабл аз он ки дунболи талошҳои илмӣ ва ақлӣ ва фалсафӣ биравем, ки чӣ гуна талош кардаанд ва бидуни ҳеч гуна ҷонибдорӣ аз ҳеч назаре — гуфтаи худи Қуръонро дар боби маъод тарҳ кунем, вале ҳамаҷониба тарҳ кунем, бибинем, ки асосан Қуръон маъодро чӣ гуна тарҳ ва баён кардааст, баъд биравем дунболи талошҳо, чун то он ҷо, ки ман худам мутолеа кардаам, мебинам талошҳое, ки муҳаддисин (яъне онҳое, ки завқашон завқи муҳаддисин ва фуқаҳост) ба як шакл, ҳукамо ва фалосифа ба як шакл ва уламои ҷадид ба шакли дигар кардаанд, ҳама як навъ мутолеоти якҷониба аст, яъне масалан қисмате аз оятҳои Қуръон, ки бо назарияи онҳо интибоқи беҳтаре доштааст, ҳамонро гирифта ва дунбол кардаанд ва ҳол он ки як қисматро гирифтан ва як қисматро раҳо кардан, мушкилро ҳал намекунад.

## Қатъияти қиёмати кубро аз назари Қуръон

Ба назар мерасад, мо аввал бояд аз инҷо шурӯъ кунем, ки як матлаб аз назари Қуръон қатъӣ ва мусаллам аст ва Қуръон рӯйи он хеле исрор дорад ва он ин аст, ки як қиёмати куброе дарояндаи маҷҳуле ҳаст ва Қуръон исрор дорад, киояндаи қиёматро ҷуз Худо касе намедонад:

عِلْمُها عِنْدَ رَبِّي

(*Аъроф/187*) Дар як ояндаи маҷҳуле, ки ба ҳеч наҳв намешавад онро тавқит кард ва вақт барояш муайян кард. Дар он қиёмати кубро масъала танҳо ин нест, ки авзоъи дунё ва замину осмон ба шакле, ки имрӯз ҳаст бошад, вале фақат мурдаҳо якдафъа аз қабрҳо берун биёянд барои ҳисобу китоб. Ин ҳашри қубуре, ки Қуръон баён кардааст (ки воқеан таъбири Қуръон ин аст, ки мурдаҳо зинда мешаванд), мақрун аст бо як тағйири куллӣ ва асосӣ дар тамоми олам, аз хуршеду ситорагону замину ҳар чи дар замин ҳаст ва он мавҷудҳои хеле азим ва васеъи замин, ки чашми инсонро пур мекунад ва одам бовар намекунад инҳо дигар тавре бишаванд мисли дарёҳо ва кӯҳҳо, ҳамаи инҳоро Қуръон мисол зикр мекунад: он яке мисли пашми задашуда бошад, он яке мисли ғубори пароканда бошад, нур аз хуршед гирифта шавад, ситорагон мункадир шаванд, хулоса, як тағйири куллӣ дар тамоми оламе, ки мо онро олами табиат мешиносем. Оламе, ки мо олами табиат мешиносем, ҳамин замин аст ва он чи, ки мо осмон меномем маҷмӯъи хуршед ва ситорагон аст. Дигар чизе намондааст, ки Қуръон рӯйи он даст нагузошта бошад, ки дар он қиёмати кубро он ҳам тағйир мекунад:

يَوْمَ تُبَدَّلُ الْأَرْضُ غَيْرَ الْأَرْضِ وَالسَّماواتُ

(*Иброҳим/48*)

وَالسَّماواتُ مَطْوِيّاتٌ بِيَمِينِهِ

(*Зумар/67*)

Аз ин ҷур таъбирот хеле зиёд аст. Мункирини замони пайғамбар ҳам нисбат ба қиссаи ҳашри инсон аз қабрҳо буда, ки эътироз мекарданд, яъне инро як амри ношуданӣ ва ба қавли Касравӣ, “наёрастанӣ” талаққӣ мекарданд. Қуръон ҳам бо такя ба қудрати Худо ё бо такя ба низоми мавҷуд (ки низоми мавту ҳаёт аст ва мурдаҳо доиман бар рӯйи ин замин зинда мешаванд) ё бо такя ба хилқати аввалӣ (ки баргардондани баъдӣ, аз эҷоди ибтидоӣ муҳимтар нест) ва ё бо ин навъ истидлол, ки мо, ки офаридем, магар абас офаридем?, ба онҳо ҷавоб медиҳад. Пас як масъала, ки мо дорем, масъалаи қиёмати кубро аст.

# Фосилаи мурдан то қиёмат

Қабл аз он ки мо роҷеъ ба қиёмати кубро сӯҳбат кунем, як масъаларо бояд расидагӣ кунем ва он ин аст: дар фосилаи мурдан то он қиёмат, аз мурдане, ки имрӯз мо мемирем ё ашхосе дар гузашта мурдаанд, то қиёмат, ки маълум нест чӣ қадр тӯл хоҳад кашид ва шояд миллиардҳо сол тӯл бикашад, шояд ҳам масалан ҳазор соли дигар тамом бишавад — ки мо арз кардем, маҷҳул аст ва намедонем кай ҳаст — дар ин фосила вазъ чист? Аз Қуръон чӣ истифода мешавад? Оё дар ин фосила он касе, ки мурда, дигар воқеан мурда, ҳамин тавре, ки мо ба ҳасби зиндагии ҳиссии дунёӣ мегӯем? Яъне мисли ин аст, ки дар як хоби хеле амиқе фурӯ рафта ва амиқтар аз он дар як сукути мутлақ ва дар як бехабарии мутлақ фурӯ меравад ва ҳаст то дар қиёмат маҳшур шавад? Ё на, дар фосилаи ин мурдан то қиёмат ҳам як вазъе дорад, ки он вазъ ҳам боз навъе зиндагӣ аст? Қуръон чӣ мекунад? Оё дар инҷо сукут кардааст ё назаре дорад ва агар назаре дорад назараш чист?

Мусаллам вазъи фосилаи мурдан то қиёматро агар мо бидонем, худаш аввалан ҷузъи оламҳои баъд аз марг аст ва сониян то андозаи зиёде метавонад қарина бошад барои вазъи худи қиёмат, ки баъд бибинем қиёмат чист. Табъан ин масъала пеш меояд, ки аз назари Қуръон, тафсири мурдан чист? Агар мо бошем ва ҳамин иттилооти зоҳир ва маҳсусе, ки дар бораи инсонҳо дорем ё иттилооте, ки як пизишк дар бораи инсон дорад, (мурдан мусовӣ аст бо фасод ва табоҳӣ), инсон мемирад, яъне як дастгоҳе, ки кор мекунад, дастгоҳи солиме аст ва гоҳе маъюб мешавад, ислоҳаш мекунанд ба кори худаш идома медиҳад, як вақт ин дастгоҳ ончунон хароб мешавад, ки дигар дуруст шуданӣ нест, мошине аст, ки якдафъа хароб мешавад, ки дигар ба куллӣ муталошӣ мешавад, ё мисли як мураккаби табиӣ ё мураккаби маснуӣ аст, ки дар як лабаратория ё дар табиат таҷзия шавад, вақте, ки таҷзия шуд, он ҳувият ва шахсияти худашро аз даст дода, дигар алъон он (мураккаб) бо он шахсияте, ки буд нест ё ба таъбири ҳукамо, фасод ба мафҳуми мусталаҳ рух дод ва ин мураккаб фосид шуд. Оё моҳияти марг аз назари Қуръон, фасод ва табоҳӣ аст, ҳамчунон ки мусаллам аз назари ҷасад фасод ва табоҳӣ аст? Ё на, Қуръон мурданро чизи дигаре тафсир мекунад?

Маҷмӯъан он чи ки мо аз оятҳои Қуръон мефаҳмем ин аст, ки мурдан дар мантиқи Қуръон, табоҳӣ нест, сирфи хароб шудан нест, инҳидом нест, балки **мурдан интиқол аст** ва он ки мемирад, дар ҳамон оне, ки мемирад, дар лаҳзае, ки мемирад, аз инҷо мунтақил мешавад ба ҷойи дигар ва дар ҷойи дигар зинда аст, ҳаст ва ҳаст ва ҳаст то рӯзи қиёмат, ки масъалаи қубур ва ҳашри ҷисмонӣ пайдо шавад ва баданҳо аз хокҳо берун биёянд. Қуръон албатта калимаи авди арвоҳ бар аҷсодро надорад, вале дар айни

ҳол мегӯяд, ки мардум аз қабрҳо зинда мешаванд. Дар айни ҳол, Қуръон худи мурданро мегӯяд, ки интиқол аст, ҷудоӣ аст. Албатта ин чизе, ки мегӯям, истинботи ман аст, ҳоло ман оётро мехонам, мумкин аст истинботи шумо таври дигаре бошад ва хушвақт мешавам назари худатонро бигӯед.

Оятҳои зиёде дар ин замина ҳаст. Баъзе аз оятҳо оёте аст, ки ба таври умум дар бораи мурдан сӯҳбат карда, баъзе ба таври хусус масалан дар бораи суъадо хусусан шуҳадо сӯҳбат карда ва баъзе ба таври хусус дар бораи ашқиё сӯҳбат карда ва баъзе дар бораи ҳама, вале ба наҳви тақсимбандӣ сӯҳбат кардааст. Аз маҷмӯъи инҳо ин тавр истифода мешавад:

## Таъбири Қуръон дар бораи марг

Оятҳои умум, ки аз онҳо мешавад тафсири маргро аз забони Қуръон донист, яке он оёте аст, ки аз марг ба "таваффӣ" таъбир мекунад, ки ин оятҳо зиёд аст:

الَّذِينَ تَتَوَفّاهُمُ الْمَلائِكَةُ ظالِمِي أَنْفُسِهِمْ

(*Наҳл/28*)

الَّذِينَ تَتَوَفّاهُمُ الْمَلائِكَةُ طَيِّبِينَ

(*Наҳл/32*)

اللّهُ يَتَوَفَّى الْأَنْفُسَ حِينَ مَوْتِها وَالَّتِي لَمْ تَمُتْ فِي مَنامِها

(*Зумар/42*)

وَهُوَ الْقاهِرُ فَوْقَ عِبادِهِ وَيُرْسِلُ عَلَيْكُمْ حَفَظَةً حَتّى إِذا جاءَ أَحَدَكُمُ الْمَوْتُ تَوَفَّتْهُ رُسُلُنا وَهُمْ لا يُفَرِّطُونَ

(*Анъом/61*) Худо қоҳир аст дар болои бандагон ва барои шумо нигаҳбонон мефиристад, то он вақте, ки мурдани яке аз шумо мерасад, ҳамон русул ва фиристодаҳои мо ӯро таваффӣ мекунанд.

حَتّى إِذا جاءَتْهُمْ رُسُلُنا يَتَوَفَّوْنَهُمْ

(*Аъроф/37*)

أَعْبُدُ اللهَ الَّذِي يَتَوَفّاكُمْ

(*Юнус/104*)

وَقالُوا أَإِذا ضَلَلْنا فِي الْأَرْضِ أَإِنّا لَفِي خَلْقٍ جَدِيدٍ بَلْ هُمْ بِلِقاءِ رَبِّهِمْ كافِرُونَ. قُلْ يَتَوَفّاكُمْ مَلَكُ الْمَوْتِ الَّذِي وُكِّلَ بِكُمْ

(*Саҷда/10 ва 11*)

Аз ин оятҳо зиёд дорем, ки маргро таъбир ба "таваффӣ" кардааст. "Таваффӣ" аз моддаи "вафо" аст, ҳамон моддае, ки "вафо" ва "истифо" аз он модда аст. "Таваффӣ" аз моддаи фавт нест. Мо форсизабонҳо гоҳе фавтро бо вафот муродиф хаёл мекунем. Фавт аз даст рафтан аст, агар таъбири фавт мекард, марг ба ҳамон маънои табоҳӣ ва тамом шудан ва аз даст рафтан буд. Вафот аз моддаи "вафо" ва "истифо" аст ва ба иттифоқи тамоми луғатҳо "таваффӣ" яъне истифо кардан ва таҳвил гирифтани як чиз ба тамом.

اللهُ يَتَوَفَّى الْأَنْفُسَ حِينَ مَوْتِها

Яъне Худо нафсҳоро дар вақти мурдан, ба тамом ва ба камол мегирад. Ва ҳамчунин оятҳои дигаре, ки дар ин замина ҳаст, ҳамон мафҳуми қабзро медиҳад.

Дар Қуръон калимаи "қабз" наомада ва мо дар урфи худамон мегӯем, Азроил руҳро қабз кард, қобизуларвоҳ аст, вале қабз бо таваффӣ, ки дар Қуръон омада ҳар ду як маъниро медиҳанд.

Дар яке аз ин оятҳо масъалаи хобро бо мурдан дар як радиф мешуморад, мефармояд:

اللهُ يَتَوَفَّى الْأَنْفُسَ حِينَ مَوْتِها وَالَّتِي لَمْ تَمُتْ فِي مَنامِها

Худо нафсҳоро дар вақти мурдан ва (нафси) зиндаҳоро, ки ҳанӯз намурдаанд, дар вақти хобидан мегирад, он ки мурд, дигар нафсаш барнамегардад ва он ки хобидааст, онро думартиба мефиристад. Маълум мешавад, аз назари Қуръон як чизе ҳаст, ки номи ӯ "нафс" аст.

فَيُمْسِكُ الَّتِي قَضى عَلَيْهَا الْمَوْتَ

Он ки ҳукми марг бар ӯ шудааст, нигаҳаш медорад —

وَ يُرْسِلُ الْأُخْرى إِلى أَجَلٍ مُسَمًّى

(*Зумар/42*) ва он дигарӣ (яъне хобида)-ро мефиристад, то як вақти муқаддар ва таъйиншуда, ки он ҳам барои ҳамеша бояд гирифта шавад.

Худи хобиданро боз агар мо аз назари ҷисмонӣ дар назар бигирем, як ҳолати хеле оддӣ аст. Агарчӣ ман намедонам ва дар баъзе китобҳо хондаам, ки ҳанӯз рози хобидан ҳам сад дар сад кашф нашудааст, то чӣ расад ба рози хоб дидан, вале хоб аз назари усули ҷисмонӣ ҷуз қатъи як силсила равобит чизе нест. Аммо Қуръон хобро, ки дар он ҳоли шуъури инсон заъиф шуда ва дар як ҳадде (аз байн) рафта, як навъ ақиб бурдан ва ақиб кашидани ҳамон нафс медонад, ҷудо кардани он нафс медонад ва бедориро мусовӣ бо бозгаштани ҳамон нафс (он чизе, ки худаш исмашро нафс гузоштааст).

Ин як силсила оятҳо аст. Ҳоло шумо роҷеъ ба ин оятҳо тааммул кунед, бибинед ин оётро мешавад таври дигаре тафсир кард, ки мафҳумаш ин набошад, ки мурдан берун бурдан ва таҳвил гирифтани як чиз аст аз инсон ё на? Зоҳираш, ки ин аст.

## Ҳаёти пас аз марг

Аз ҷумлаи оятҳо, оятҳое аст, ки агарчӣ махсуси шуҳадост, вале аз назари сароҳат шояд ҳеч ояте то ин миқдор сареҳ набошад. Дар ду ҷойи Қуръон ин матлаб омадааст, ки мабодо гумон кунед, ки онон, ки дар роҳи Худо кушта шудаанд мурда ҳастанд, хайр, зиндаанд. Дар як оят, ки дар сураи Бақара аст, ин тавр мефармояд:

وَلا تَقُولُوا لِمَنْ يُقْتَلُ فِي سَبِيلِ اللهِ أَمْواتٌ بَلْ أَحْياءٌ وَلكِنْ لا تَشْعُرُونَ

(*Бақара/154*) Ба онҳо нагӯед мурдаҳо, онҳо зиндаанд, вале шумо мусташъир нестед, шумо дарк намекунед, шумо хаёл мекунед мурдаанд, воқеан онҳо зинда ҳастанд.

Касоне, ки намехостанд қабул кунанд, ки инсон дар фосилаи мурдан то қиёмат як ҳаёте дорад ва ё ба иллатҳои дигаре гуфтаанд, шояд мақсуд аз ин зиндагӣ зиндагии маҷозӣ аст, на зиндагии ҳақиқӣ, яъне ин ки Қуръон мегӯяд: “*Гумон мабар, ки шуҳадо мурда ҳастанд, балки зинда ҳастанд ва шумо намедонед*”, мақсуд ин аст, ки номашон зинда аст, ба истилоҳи фалосифаи ҷадид, вуҷуд фӣ нафсиҳиашон мурдааст, вале вуҷудашон

барои мардум, вуҷудашон дар дили мардум зинда аст, (ки) албатта ин як таъбири маҷозӣ аст, ки дар мавориде ба кор меравад, мисли ин ки амирулмӯъминин мефармояд:

والعلماء باقون ما بقي الدّهر

Мардум дигар мемиранд, вале уламо зинда ҳастанд.

أعيانهم مفقودة وأمثالهم في القلوب موجودة

(*"Наҳҷул-балоға", ҳикмати 147*) вуҷуди айниашон нест,

أما مثالها

— вуҷуди зеҳниашон дар дилҳо мавҷуд аст. Аз ин ҳам таъбир ба ҳаёт мешавад. Ё Ҳофиз мегӯяд:

*Ҳаргиз намирад он, ки дилаш зинда шуд ба ишқ,*

*Сабт аст дар ҷаридаи олам давоми мо.*

Ва ё Саъдӣ мегӯяд:

*Саъдиё, марди накуном намирад ҳаргиз,*

*Мурда он аст, ки номаш ба накуӣ набаранд.*

Гуфтаанд, ин оятҳо ин тавр аст (ва мақсуд аз ин зиндагӣ, зиндагии маҷозӣ аст), вале дигарон ҷавоб додаанд, ки бо

وَلكِنْ لا تَشْعُرُونَ

— ҷур дарнамеояд. Агар мақсуд аз ин ки инҳо зинда ҳастанд яъне номи некашон дар миёни мардум зинда аст, пас мардум ҳам комилан медонанд, ки номи некашон зинда аст, аммо Қуръон навъе зиндагиро баён мекунад, ки ба мардум мегӯяд: вале шумо намефаҳмед, шумо дарк намекунед, воқеан зиндаанд, вале шумо дарк намекунед.

Ба илова, ояти дигаре қаринаи ин оят ҳаст, ки дигар ҳеч гуна аз ин ҷур эҳтимолотро намешавад дар он дод ва табъан муфассири ин оят ҳам ҳаст ва он ин аст:

وَلا تَحْسَبَنَّ الَّذِينَ قُتِلُوا فِي سَبِيلِ اللهِ أَمْواتاً بَلْ أَحْياءٌ عِنْدَ رَبِّهِمْ يُرْزَقُونَ

Нагӯед ба онҳо амвот, онҳо зиндаанд ва дар назди парвардигор марзуқанд, ба онҳо рӯзӣ мерасад, неъматҳо ба онҳо мерасад, ки истифода мекунанд,

فَرِحِينَ بِما آتاهُمُ اللهُ مِنْ فَضْلِهِ

Шодмонанд ба он чи Худованд аз фазли худ ба онҳо иноят кардааст,

وَيَسْتَبْشِرُونَ بِالَّذِينَ لَمْ يَلْحَقُوا بِهِمْ

(*Оли Имрон/169 ва 170*) Ва доиман дар садад ва ҷустуҷӯ ва талаби башоратанд дар бораи дӯстонашон, ки ҳанӯз ба онҳо мулҳақ нашудаанд, яъне онҳо дӯстоне доранд, ки ҳанӯз дар ин дунё зинда ҳастанд ва мунтазиранд, ки кай ин башорат ба онҳо бирасад, ки фалон дӯсти шумо ҳам шаҳид шуд ва ба шумо мулҳақ хоҳад шуд.

Ин оят агарчӣ дар мавриди хусуси шуҳадост, вале ба ҳар ҳол сароҳаташ дар матлаб ба назар мерасад инкорнопазир аст, ки Қуръон мехоҳад бигӯяд, шуҳадо баъд аз мурдан зинда ҳастанд, мусташъиранд, шодмонанд, марзуқанд ва огоҳанд, ҳатто огоҳанд аз дунёе, ки аз он убур кардаанд.

Мумкин аст касе роҷеъ ба ин оят бигӯяд, шояд фақат шуҳадо ин ҷуранд. Албатта маълум аст, ки инсон наметавонад эҳтимол бидиҳад, ки аз назари Қуръон мардум ду синфанд, ғайри шуҳадо ҳар, ки ҳаст, ҳама несту нобуд ва маъдум мешаванд, то қиёмат, дар сукути мутлақ фурӯ мераванд, на азобе ва на неъмате ва фақат шуҳадо ин ҷур ҳастанд. Ба илова, оятҳои дигар дар ин замина ҳаст, ки арз мекунам. Ин ҳам ду оят, ки махсус ба шуҳадо буд.

## Муколима миёни фариштагон ва мурдагон

Оятҳои дигаре мо дорем, ки дар он оятҳо муколимаи фариштагонро бо мутаваффоҳо (вафоткардаҳо) баъд аз мурдан баён мекунад, ки фариштагон сухане мегӯянд ба онҳо ва онҳо ҷавоб медиҳанд, боз фариштагон ба онҳо ҷавоб медиҳанд, муколима миёнашон сурат мегирад, мисли ин оят, ки махсусан роҷеъ ба як типе аз ашқиёст, ки мефармояд:

**إِنَّ الَّذِينَ تَوَفّاهُمُ الْمَلائِكَةُ ظالِمِي أَنْفُسِهِمْ قالُوا فِيمَ كُنْتُمْ قالُوا كُنّا مُسْتَضْعَفِينَ فِي الْأَرْضِ قالُوا أَلَمْ تَكُنْ أَرْضُ اللهِ واسِعَةً فَتُهاجِرُوا فِيها**

(*Нисо/97*) Ин оят ҷузъи оятҳои ҳиҷрат аст. Мефармояд, гурӯҳе аз мардум, ки фариштагон онҳоро таҳвил мегиранд, аз онҳо мепурсанд:

**فِيمَ كُنْتُمْ**

Шумо дар дунё дар чӣ ҳоле будед, дар чӣ вазъе будед? Онҳо, ки дасти худашонро аз ҳама чиз тиҳӣ мебинанд, мавзӯеро (ки воқеан рост буда) ба унвони як узр зикр мекунанд:

**قالُوا كُنّا مُسْتَضْعَفِينَ فِي الْأَرْضِ**

Мо як идда мардуми мустазъаф яъне заъиф шумурдашуда, ба ҳисоб наомада, як мардуми бечорае будем, дастамон намерасид ба дин ва Худо ва пайғамбар ва дастур ва ин ҷур чизҳо. Албатта худи оят ҳикоят мекунад — аҳодис ҳам ворид шуда — ки дар бораи гурӯҳе аз мусалмонон аст, ки дар билоди куфр зиндагӣ мекарданд, дар ҳоле, ки мусалмон буданд ва вазифаашон ин буд, ки ҳиҷрат кунанд, биёянд ба билоди ислом, вале дигар ҳолу ҳиммати ҳиҷрат карданро надоштанд, ҳамон ҷо мемонанд, дар ҳоле, ки дар онҷо василаи динӣ ҳеч барояшон мавҷуд набуд, намедонистанд ҳоло, ки мусалмонанд, чӣ тавр амал кунанд. Ҳар мусалмоне агар дар чунин шароите қарор гирифт, ҳиҷрат кардан барояш воҷиб аст.

**قالُوا أَلَمْ تَكُنْ أَرْضُ اللهِ واسِعَةً فَتُهاجِرُوا فِيها**

Фариштаҳо мегӯянд: оё замини Худо фарох набуд, ки муҳоҷират кунед?
Ин як муколама аст, ки Қуръон сареҳан муколима миёни фариштагон ва гурӯҳе аз мардумро, ки онҳоро мустазъафин меномад нақл мекунад. Инҳо дигар аз шуҳадо нестанд, аз бечораҳо ва бадбахтҳо ва мустазъафин ҳастанд. Қуръон гуфта, амри инҳо бо Худост, таклифи инҳоро равшан накардааст.
Ба ҳар ҳол, инҳо ҷузъи шуҳадо ва суъадо нестанд. Ин чӣ чизеро нишон медиҳад? Оё нишон намедиҳад, ки аз назари Қуръон, ин мустазъафин баъд аз мурдан аз як навъ ҳаёте бархӯрдор ҳастанд?
Боз дар бораи як иддаи дигар мегӯяд:

الَّذِينَ تَتَوَفّاهُمُ الْمَلائِكَةُ طَيِّبِينَ يَقُولُونَ سَلامٌ عَلَيْكُمْ

(*Наҳл/32*) Онҳое, ки дар ҳоле, ки покиза ҳастанд, малоика онҳоро таҳвил мегиранд, малоика ба онҳо дуруд мефиристанд.

Ин ҳам як тип оятҳо, ки музокирот ва муколамоте, ки миёни малоика ва амвот билофосила баъд аз мурдан аст, баён мекунад. Оятҳои дигаре ҳам дар ин замина вуҷуд дорад.

## Мӯъмини Оли Ёсин

Оятҳои дигаре ҳам мо дар ин замина дорем, ки роҷеъ ба фард ва шахс аст, саргузашт аст, вале аз саргузашт маълум мешавад, ки Қуръон ҳаёте баъд аз мурдан ва қабл аз қиёмат қоил аст. Яке аз ин ашхос мӯъмини Оли Ёсин аст, ки достонаш дар сураи Ёсин омадааст. Қуръон нақл мекунад, ки ду расул ба қаряе фиристода шуд ва баъд (Худо) севвумеро дар таъйиди онҳо фиристод.[4] Дар ин миён марде пайдо мешавад мӯъмин, ки ба онҳо имон меоварад ва рисолаташонро таблиғ мекунад.

Чун (саргузашти ин мӯъмин) дар сураи Ёсин зикр шуда исми ӯ мӯъмини Оли Ёсин шудааст. Қуръон намегӯяд, мӯъмини Оли Ёсин, мегӯяд:

رَجُلٌ مِنْ أَقْصَى الْمَدِينَةِ

Дар бораи мӯъмини Оли Фиръавн мегӯяд:

مؤمن آل فرعون

Ба қиёси он, инро ҳам гуфтаанд мӯъмини Оли Ёсин, вагарна дар Қуръон калимаи мӯъмини Оли Ёсин надорем.

---

[4] *Қуръон фақат мегӯяд "қаря", мегӯянд, шаҳри Антокия буда, расулон аз Фаластин меравад Антокия. Антокия ҷузъи Руми қадим будааст ва ҳоло ҷузъи Туркия аст.*

وَجاءَ مِنْ أَقْصَا الْمَدِينَةِ رَجُلٌ يَسْعى قالَ يا قَوْمِ اتَّبِعُوا الْمُرْسَلِينَ

(*Ёсин/20*) То он ҷо мерасад, ки ӯ мемирад. Албатта Қуръон на исми мавт меоварад ва на исми қатл, вале тафосир мегӯянд, ба чӣ вазъе ӯро куштанд, ки ба ҳар ҳол дар баҳси мо дахолат надорад. Қуръон мегӯяд:

قِيلَ ادْخُلِ الْجَنَّةَ

Ба ӯ гуфта шуд, вориди биҳишт шав!

قالَ يا لَيْتَ قَوْمِي يَعْلَمُونَ بِما غَفَرَ لِي رَبِّي وَجَعَلَنِي مِنَ الْمُكْرَمِينَ

(*Ёсин/26 ва 27*) Он вақте, ки худашро дар муқобили он саодатҳо дид, гуфт: эй кош ин қавми ман медонистанд, ки ман алъон дар чӣ вазъе ҳастам, ки Худо чӣ гуна аз гуноҳони гузаштаи ман даргузашт ва чӣ гуна маро мукаррам ва мавриди эҳтиром сохт!
Ин оят ин тавр ҳикоят мекунад, ки ин (шахси мӯъмин) мард, баъд аз мурдан ӯро дохил дар як навъ биҳишт карданд,[5] ӯ дар он дунё ба фикри мардуми ин дунё буд, мегуфт, эй кош инро медонистанд! Ҳанӯз қиёмате нест, ин қазия марбут ба қабл аз қиёмат аст.

## Барзах

Оятҳои дигаре, ки дар инҷо ҳаст, яке он ояти сураи:

قَدْ أَفْلَحَ الْمُؤْمِنُونَ

— аст, ки нақл мекунад, майит баъд аз он ки мемирад ва вазъи худашро вахим мебинад — албатта лобуд баъзе аз амвот ин тавранд — тақозои бозгашт мекунад[6]:

رَبِّ ارْجِعُونِ، لَعَلِّي أَعْمَلُ صالِحاً فِيما تَرَكْتُ

Парвардигоро! Маро бозгардон, бошад, ки дар он чи кӯтоҳӣ кардаам (ё дар молу сарвате, ки боқӣ гузоштаам), кори солеҳ анҷом бидиҳам. Ҷавоб медиҳанд:

---

[5] *Биҳиштҳо ҳаст: биҳишти олами барзах ва ғайри олами барзах. Агар (ҳаёти пас аз марг)-ро аз Қуръон истифода кардаем, ин матлабро ҳам истифода мекунем.*

[6] *Ин маълум аст мурда, ки мегӯянд "бозгашт".*

كَلاَّ إِنَّها كَلِمَةٌ هُوَ قائِلُها

Бас, ҳарфе аст, ки мезанад, агар ҳам бозгардад, боз мисли аввал хоҳад буд. Баъд мефармояд:

وَمِنْ وَرائِهِمْ بَرْزَخٌ إِلى يَوْمِ يُبْعَثُونَ

(*Мӯъминун/99 ва 100*) Аз варои онҳо яъне аз ҷилави онҳо. Калимаи “варо”, ҳам ба маънии пушти сар гуфта мешавад, ҳам ба маънии пеши рӯ, дар Қуръон ба ҳар ду маъно истеъмол шуда:

وَكانَ وَراءَهُمْ مَلِكٌ يَأْخُذُ كُلَّ سَفِينَةٍ غَصْباً

(“*Ва дар пеши рӯйи онон подшоҳе буд, ки киштиҳоро ба ғасб мегирифт.” (Каҳф/79*)) Он чизе, ки дар ҷилави инсон бошад, иҳота бар инсон дошта бошад, мегӯянд, варои инсон аст. Дар ин оят калимаи “варо” ба маънои ҷилав итлоқ мешавад ва хабар ҳам қарина аст:

إِلى يَوْمِ يُبْعَثُونَ

Калимаи “барзах”-ро ба ин маъно барои аввалин бор худи Қуръон истеъмол карда ва баъд дар “Наҳҷул-балоға” ҳам омадааст, дар ахбор ва аҳодис ҳам зиёд омада, дар калимоти уламо ҳам зиёд омада. Қаблан дар луғат калимаи “барзах” ба ин маъно набуда, калимаи “барзах” дар луғат ба чизе гуфта мешавад, ки ҳоил миёни чизе ва чизи дигар бошад. Масалан, агар мо ду уток дошта бошем, як уток он тарафи девор ва як уток ин тарафи девор, ки ин солун ҳоиле бошад миёни ин уток ва он уток, мегӯянд, барзах миёни ин ду. Бинобар ин:

وَمِنْ وَرائِهِمْ بَرْزَخٌ إِلى يَوْمِ يُبْعَثُونَ

— ҳикоят мекунад, ки аз мурдан то қиёмат, як ҳолате вуҷуд дорад, ки он ҳолат фосилаи миёни зиндагии ин дунё ва қиёмат аст, ҳоил миёни ин ду аст. Оё ин оят ҳикоят намекунад, ки инсон баъд аз мурдан боз ҳам зинда аст, боз ҳам мусташъир аст, боз ҳам орзу ва тақозо дорад ва то рӯзи қиёмат ба ҳамин ҳол ҳаст?

Ояти дигар дар сураи:

إذا وَقَعَتِ الْواقِعَةُ

— мефармояд:

فَلَوْلا إِذا بَلَغَتِ الْحُلْقُومَ، وَأَنْتُمْ حِينَئِذٍ تَنْظُرُونَ، وَنَحْنُ أَقْرَبُ إِلَيْهِ مِنْكُمْ وَلكِنْ لا تُبْصِرُونَ، فَلَوْلا إِنْ كُنْتُمْ غَيْرَ مَدِينِينَ، تَرْجِعُونَها إِنْ كُنْتُمْ صادِقِينَ، فَأَمّا إِنْ كانَ مِنَ الْمُقَرَّبِينَ، فَرَوْحٌ وَرَيْحانٌ وَجَنَّةُ نَعِيمٍ، وَأَمّا إِنْ كانَ مِنْ أَصْحابِ الْيَمِينِ، فَسَلامٌ لَكَ مِنْ أَصْحابِ الْيَمِينِ، وَأَمّا إِنْ كانَ مِنَ الْمُكَذِّبِينَ الضّالِّينَ، فَنُزُلٌ مِنْ حَمِيمٍ، وَتَصْلِيَةُ جَحِيمٍ

(*Воқеа/83- 94*)

Аввал мегӯяд, агар на ин аст, ки ин рафтан, изтирорӣ аст ва ҳукми Худост ва барои ин аст, ки ҳар касе ба подош (ва кайфар)-и амал ва ҷазои хубу бади амали худаш бирасад, агар на ин аст, ки мурдан — ба истилоҳи имрӯз — як суннати ҷабрӣ ва қатъӣ аст, пас чаро он вақт, ки (нафс) ба ҳулқум мерасад, (онро барнамегардонед)? Аввалан, худи ин, матлабе аст, ки як чизе ҳаст, ки он ба ҳулқум мерасад. Ҳоло наҳваи расидан (чӣ гуна аст), воқеан яъне нақли макон мекунад, мерасад ба ҳулқум ё қатъи алоқааш мерасад ба он ҷо, ки аз ҳулқум мехоҳад қатъи алоқа бишавад? Мо инро ба кӯмаки ахбор ва ривоятҳо тавзеҳ медиҳем.

Матлабе аз ахбор ва ривоятҳо истинбот мешавад ва он ин аст, ки одаме, ки дар ҳоли ҷон кандан аст, қабл аз он ки ҳамон нафс, ҳамон ҷон, ҳамон руҳ (ба ҳар исме бихоҳем биномем) ба ҳулқум бирасад, қабл аз он ҳанӯз мурдани воқеӣ нест, ҳанӯз он (нафс) дар ин дунёст ва мешавад онро баргардонд. Ин ҳатман як рози илмӣ ҳам дорад, ки мо намедонем. Ман алъон намедонам, ки рози илмии матлаб чист ва шояд, то ин ҳадд бошад, ки аз назари пизишкӣ қобили баргардондан аст, масалан мумкин аст қалб истода бошад, вале баъд бишавад думартиба ҳамин қалби истодаро баргардонд. Ба ин марҳила, ки расид, ки Қуръон аз он таъбир мекунад:

إذا بَلَغَتِ الْحُلْقُومَ

— дигар ҳисоби баргаштан дар кор нест. Дар ахбор ин тавр ворид шудааст, ки вақте ба ҳулқум мерасад, замон муойина аст, яъне бо ин ки руҳ дар ҳоли ҷудо шудан ва қатъи

алоқа аст, бо ин ки ниме[7] аз алоқаи руҳ қатъ шуда ва ин одам ба сурати ниммурда даромадааст, ҳанӯз дар ин дунёст, вале ба ҳулқум, ки расид, муойина барояш даст медиҳад, яъне он вақт он дунёро мебинад, вазъи худашро дар он олам мебинад, аъмоли худашро мебинад ва ашёро ба сурати мисолӣ мебинад, мисоли амали худашро мебинад, мисоли зану фарзанди худашро мебинад ва фариштагонро мебинад. Ба ҳар ҳол чизҳоеро, ки то ҳоло намедид, он вақт мебинад ва дар ҳамон ҳол ин дунёро мебинад, яъне дар марз миёни олами дунё ва олами баъд аз дунёст, ҳам инҷоро мебинад, ҳам онҷоро, ҳам зану бачча ва касонашро мебинад, ки даври ҷасадашро гирифтаанд, доранд гиря мекунанд ва ҳам малоикаро ба сурати хосс ё — мутобиқи он чи аз ахбор истифода мешавад — авлиёи ҳақро ба сурати хоссе мебинад, ҳам онҷоро мебинад, ҳам инҷоро. Ин марҳила марҳилаи муойина аст. Ҳамин қадр, ки одам расид ба он ҷо, ки дарвозаи он олам ба рӯяш боз шуд, ин ҳамон ҷост, ки Қуръон мегӯяд, он дигар баргашт надорад.

Ба ҳар ҳол, маҳалли шоҳиди мо ин қадр набуд, фақат ин миқдораш буд, ки Қуръон аз як ҳақиқате ном мебарад, ки тадриҷан аз инсон ҷудо мешавад, то мерасад ба марҳилае, ки ба ҳулқум мерасад, ба он ҷо, ки расид, дигар баргаштан надорад. Пас маълум мешавад, ки моҳияти мурдан аз назари Қуръон, воқеан ҷудоӣ аст. (Худо мегӯяд) чаро он вақте, ки ба ҳулқум мерасад ва шумо нозираш ҳастед (нафсро барнамегардонед?) Мо[8] аз шумо ба он наздиктар ҳастем –

وَلكِنْ لا تُبْصِرُونَ

— шумо намебинед. Имое аст ба ин ки ӯ мебинад ва шумо намебинед.

فَلَوْلا إِنْ كُنْتُمْ غَيْرَ مَدِينِينَ

Агар ин тавр аст, ки шумо ғайри мадин (яъне ғайри муҷзӣ) ҳастед, ки бояд ин тавр бошед, ки аъмолатон ҳадар биравад ва ба подош ва кайфари аъмол нарасид –

---

[7] *“Ним”, ки мегӯем, мақсудамон қисмате аст, ҳоло мумкин аст беш аз ним ё камтар аз ним бошад, инҳоро намешавад андозагирӣ кард.*

[8] *Худо, ки инҷо мегӯяд “мо”, мақсуд мо ва фариштагонамон аст. Худо дар ин дунё низ аз мо (ба мо) наздиктар аст, вале дар он вақт — ҳамон тавре, ки арз кардам — ҳолати муойина аст, яъне он шахс фариштагонро ба худаш наздиктар мебинад аз шумо, ҳам шуморо мебинад ва ҳам онҳоро, вале онҳоро ба худаш наздиктар мебинад.*

تَرْجِعُونَها

— чаро ҳоло он (нафс)-ро барнамегардонед? Маънии оят ин аст: гӯ ин ки рози ин ки вақте, ки нафс мерасад ба ин марҳила, дигар бозгашт надорад, аз тибб ва пизишкӣ ҳам коре сохта нест ва Худованд онро аз дастраси баргардондан хориҷ кардааст ин аст, ки интиқолаш ба он олам зарурӣ аст ва бояд биравад.

## Дастабандии инсонҳо

Баъд ҳамин ҷо, ки дорад масъалаи интиқолро баён мекунад — чун ҳанӯз масъалаи қиёмат матраҳ нест — билофосила тақсим мекунад:

فَأَمّا إِنْ كانَ مِنَ الْمُقَرَّبِينَ، فَرَوْحٌ وَرَيْحانٌ وَجَنَّةُ نَعِيمٍ

Мардумро се даста мекунад: мақаррабин, асҳобулямин ва муказзибин (ки дар аввали ҳамин сура асҳобушшимол номида шудаанд). Қуръон як иддаро муқаррабин меномад, як иддаро асҳобулямин, яъне дӯстони рост, мисли ин ки имрӯз истилоҳан мегӯем дасти ростиҳо ва як иддаро асҳобушшимол, дасти чапиҳо.[9] Муқаррабин аз назари Қуръон, онҳое ҳастанд, ки гӯйи саодатро ба ҳадди аъло рубудаанд, асҳоби ямин мутавасситини аҳли саодат ва асҳобушшимол аҳли шақоват ҳастанд. Ба ҳар ҳол, Қуръон ин тавр тақсимбандӣ мекунад.

Аммо муқаррабин дар равҳу райҳон ва дар як роҳат ва осоише ҳастанд. Райҳон калимае аст, ки дар дунё аломати як дастаи гуле аст, ки бӯйи хуш бидиҳад, аммо аз назари ухравӣ, ҳақиқати он чист? Бар мо маҷҳул аст ва тафсир ҳам намешавад кард: равҳӣ, райҳонӣ, ҷаннати пур аз неъмате. Аммо асҳоби ямин, тафсирашро намегӯяд: дуруд аз барои ту аз ноҳияи асҳоби ямин, яъне хотират ҷамъ бошад, вазъи онҳо ҳам хеле хуб аст, мисли ин ки вақте аз шумо мепурсанд, оқо писаратон чӣ тавр аст? Мехоҳед бигӯед, хуш аст, мегӯед, ба шумо салом мерасонад, дасти шуморо мебӯсад, яъне хуш аст.

فَسَلامٌ لَكَ مِنْ أَصْحابِ الْيَمِينِ، وَأَمّا إِنْ كانَ مِنَ الْمُكَذِّبِينَ الضّالِّينَ

Инҳоро қадре тавзеҳ медиҳад:

---

[9] *Истилоҳи дасти ростӣ ва дасти чапӣ имрӯз роиҷ шуда, вақте Қуръон инҳоро гуфта ин истилоҳот набудааст.*

**فَنُزُلٌ مِنْ حَمِيمٍ**

Он пазироии муваққат ва мухтасари меҳмонро мегӯянд “нузул”. Меҳмон, ки ворид мешавад, аз ӯ ду пазирой мекунанд: ибтидо як танаққуле, чизе ва дар асри мо масалан чой, ширинӣ, мевае ҷилаваш мегузоранд, вале ғизояш, ки тағзияи асосии ӯст, ноҳор ва шомаш ҳаст. Қуръон мегӯяд: ва аммо инҳо ибтидо як нузуле, як пазироии мухтасар ва кучаке аз ҳамим (оби ҷӯшон ва доғ) мешаванд, баъд ҳам –

**وَتَصْلِيَةُ جَحِيمٍ**

— расонданм онҳо ба оташҳо.

**إِنَّ هذا لَهُوَ حَقُّ اَلْيَقِينِ، فَسَبِّحْ بِاسْمِ رَبِّكَ الْعَظِيمِ**

(*Воқеа/95 ва 96*)

Инҷо ҳам мо мебинем, дар ҳоле, ки сӯҳбат аз ҷон кандан ва ҷон рафтан аст, билофосила мегӯяд:

**فَأَمّا**

“Фа” дар луғати араб барои таркиб ба иттисол аст, яъне “билофосила”: билофосила агар аз муқаррабин аст чунин, агар аз асҳоби ямин аст чунон, агар аз асҳоби шимол аст чунон. Пас мо аз ин оят ҳам боз комилан истинбот мекунем, ки қабл аз қиёмат ва баъд аз марг, ҳаёте вуҷуд дорад.

Ояти дигар:

**يا أَيَّتُهَا النَّفْسُ اَلْمُطْمَئِنَّةُ، ارْجِعِي إِلى رَبِّكِ راضِيَةً مَرْضِيَّةً، فَادْخُلِي فِي عِبادِي، وَادْخُلِي جَنَّتِي**

(*Фаҷр/27-30*) Ҳолати рухи ором ва нафси оромёфтаро (баён мекунад). Ба таъбири Қуръон, инсон оромиши воқеиро, ки дигар ҳар гуна изтироб ва тазалзул аз ӯ гирифта шавад, танҳо вақте пайдо мекунад, ки ба зикри Аллоҳ бирасад, яъне ба Худо бирасад, ёди Худо аз рӯйи имон ва маърифати комил аст, ки оромиши комил ба инсон медиҳад: “*Эй нафси мутмаин! Бозгард ба сӯйи парвардигорат, ки ту аз парвардигорат хушнудӣ ва парвардигорат ҳам аз ту хушнуд аст.*”

## Мурдан, як амри вуҷудӣ

Ин оят ҳам нишон медиҳад, ки бо як шоъир (яъне бо як мудрик, дарккунанда), бо як мутафаккир доранд ҳарф мезананд. Агар ғайр аз ин бошад, мисли ин аст, ки ба чароғе дар ҳоле, ки дорад хомӯш мешавад ва ҳаёти худашро аз даст медиҳад, бигӯем: эй чароғ! Ҳоло ту бозгард! Ин дигар бозгаштан нест, тамом шудан аст.

Ба илова, Қуръон ҳамин тавре, ки ҳаётро як амри вуҷудӣ медонад ва расул ва маъмур ва фаришта барои он қоил аст, барои мурдан ҳам фариштаи махсус ва фариштагони махсус қоил аст. Агар мурдан тамом шудани ҳаёт мебуд, дигар ин ҳарфҳо, ки мо фиристодагон ва фариштагоне дорем ва онҳоро мефиристем, ки бигиранд ва биёваранд, маънӣ надошт. Бале, (дар бораи) ҳар чи ҳаёт аст мегуфт, мо фариштагони худамонро мефиристем ба ин олам рӯзӣ медиҳанд, ҳаёт медиҳанд, он соате, ки ҳаёт надоданд (мурдан аст), мурдан яъне ҳаёт надодан. Аммо Қуръон масъалаи имотаро як амре мофавқи мурдан ва фуқдони ҳаёт талаққӣ мекунад, яъне онро як навъ ҳаёт, як навъ интиқол, як татаввури ҳаёт ва танаввури ҳаёт талаққӣ мекунад. “Миронда шуд” мисли ин аст, ки бигӯем, баччае аз модар мутаваллид шуд, вазъе табдил ба вазъи дигар шуд, ҳаёте табдил ба ҳаёти дигар шуд, на ин ки ҳаёте буд ва ба куллӣ салб шуд.

Инҳо силсила оятҳое буд, ки мо дар ин замина пайдо кардем, ки далолат мекунад инсон дар фосилаи мурдан то рӯзи қиёмат аз як навъ ҳаёт — ки баъдҳо ҳаёти барзахӣ ва олами барзах истилоҳ шуда — бархӯрдор аст.

## Дунё, барзах, қиёмат

Дар ояти дигар, Қуръон нақл мекунад аз забони аҳли қиёмат (ҳамаи онҳо ё баъзе) махсусан аз забони гунаҳкорон, ки онҳо инчунин мегӯянд:

رَبَّنا أَمَتَّنَا اثْنَتَيْنِ وَأَحْيَيْتَنَا اثْنَتَيْنِ فَاعْتَرَفْنا بِذُنُوبِنا فَهَلْ إِلى خُرُوجٍ مِنْ سَبِيلٍ

(*Мӯъмин/11*) Худоё! Ту ду бор моро мирондӣ ва ду бор моро эҳё кардӣ (яъне мурда будем ва моро зинда кардӣ)

فَاعْتَرَفْنا بِذُنُوبِنا

— ва мо ҳам ба гуноҳони худамон эътироф дорем.

فَهَلْ إِلى خُرُوجٍ مِنْ سَبِيلٍ

Оё роҳе ба берун шудан ҳаст? Яъне чӣ инҳо дар қиёмат мегӯянд, Худоё! Ту моро ду бор мирондӣ? Агар ҳисоб ин бошад, ки одам баъд, ки мурд, дар як хоби амиқи тӯлонӣ фурӯ меравад ва танҳо дар қиёмат зинда мешавад, бояд бигӯяд, Худоё! Ту як бор моро мирондӣ ва як бор ҳам зинда кардӣ, аммо инҷо мегӯяд: ду бор мирондӣ ва ду бор зинда кардӣ.

Оё ин мунтабиқ нест бо ҳамин асл, ки воқеан се олам ҳаст: олами дунё ва табиат, олами барзах — ки вақте инсон аз дунё ба олами барзах меравад, аз инҷо миронда мешавад, нисбат ба ин дунё миронда шудааст, нисбат ба олами барзах эҳё — ва олами қиёмат, ки боз навъе мирондан аз барзах аст ва эҳё дар қиёмат?

## Масъалаи рӯҳ дар Қуръон

Ғайр аз ин, оёте, ки роҷеъ ба худи масъалаи рӯҳ дар Қуръон аст, (бар ҳаёти пас аз марг) далолат дорад ва ба онҳо ҳам мешавад истинод кард. Афроде, ки мегӯянд, аслан масъалаи рӯҳ дар Қуръон наомада, ба онҳо бояд гуфт, пас ин оятҳо ба назари шумо чист? Мо рӯҳро ба чӣ мегӯем? Аввалан, мо ба лафзи рӯҳ кор дорем, ки худи лафзи рӯҳ ҳам ба ин маъно дар Қуръон истеъмол шудааст. Албатта, лафзи рӯҳ дар Қуръон мунҳасир ба ин нест, (балки) ба ҳақоиқе гуфта шуда, ки ҳамаи онҳо аз синхи рӯҳанд, яъне Қуръон ба як силсила ҳақоиқ, ки ҳама мофавқи ҷисм ва ҷисмонӣ ҳастанд, рӯҳ итлоқ мекунад. Ба ваҳй аз он ҷиҳат рӯҳ мегӯяд, ки як кайфияти ҷисмонӣ нест. Ба Рӯҳулқудс аз он ҷиҳат рӯҳ мегӯяд, ки як кайфияти ҷисмонӣ нест. Ба амри худаш аз он ҷиҳат рӯҳ мегӯяд, ки як кайфияти ҷисмонӣ нест. Ваҷҳи муштараки рӯҳ гуфтан ба ҳамаи инҳо ҳамин аст, ки аз сатҳи ин дунё пайдо нашуда, аз болои ин дунё ба ин дунё омадааст:

وَنَفَخْتُ فِيهِ مِنْ رُوحِي

(*Ҳиҷр/29*) аст, ҳар вақт дар ин дунё пайдо шуда, аз матни дунё пайдо нашуда, онро аз дунёи дигар ба ин дунё овардаанд.

Ба ҳар ҳол, фарз кунед, мо аз он оятҳо ҳам сарфи назар кунем, ба лафзи рӯҳ ва ба луғати рӯҳ ҳам абадан кор надорем, вале оё аз ин оятҳо (ки зикр шуд) воқеан истинбот мешавад, ки моҳияти мурдан интиқол аст? Агар моҳияти мурдан интиқол ва ҳаёти баъд аз ин ҳаёт аст, одам қасами ҳазрати Аббос мехӯрад, ки ин, пайкар мурда аст, ин пайкар, ки

намешавад гуфт зинда аст. Қуръоне, ки ҳамеша дам аз руфот будан[10] мезанад, мегӯяд, ҳамин пайкар зинда аст? Ва ин як амри бисёр возеҳ ва табиӣ аст.

Пас Қуръон ба як ҳақиқате қоил аст, исмашро ҳар ки ҳар чи мехоҳад, бигузорад, худи Қуръон дар баъзе ҷоҳо исмашро "нафс" гузошта ва дар баъзе ҷоҳо "руҳ". Аз он ҷиҳат ба он руҳ мегӯяд, ки ҷанбаи мофавқи ҷисмонӣ дорад. Ва аз он ҷиҳат ба он нафс мегӯяд, ки худи инсон аст, чун асли маънои нафс яъне худ. Вақте мегӯем:

جاءني زيد نفسه

Зайд омад, нафси Зайд омад, яъне худаш омад, худи худаш омад. Яъне вақте мегӯям: "Зайд омад", хаёл накун, ки масалан навкараш омада, мегӯям Зайд омада, писараш омада, мегӯям Зайд омада, ё номааш омада, мегӯям Зайд омада, на,

جاءني زيد نفسه

— худаш омад. Ҳамон калимаи "худӣ" аст, ки мо мегӯем. Ин ки ба руҳ "нафс" гуфта шудааст, рӯйи ин ҳисоб аст, ки (Қуръон) он "худ"-и башарро ба он нафс медонад. Он худи воқеӣ ва маниши воқеӣ ва шахсияти воқеии инсон, ба ҳамон:

نَفَخْتُ فِيهِ مِنْ رُوحِي

— аст ва бадан ҷанбаи олат ва орият дорад ва чизе шабеҳи либос[11] барои он аст.

## Ишколи кофирон ва посухи Қуръон

Ояте дар Қуръон ҳаст, ки аз он нуктае дар ҳамин замина истифода мешавад, қаблан хондам. Оят дар сураи:

الم سجده

— аст, ки аз забони кофирон нақл мекунад:

[10] *Руфот яъне пӯсида ва аз ҳам гусаста.*

[11] *Агар мегӯем либос, чун лафзи дигаре надорем.*

وَقالُوا أَإِذا ضَلَلْنا فِي الْأَرْضِ أَإِنّا لَفِي خَلْقٍ جَدِيدٍ بَلْ هُمْ بِلِقاءِ رَبِّهِمْ كافِرُونَ

(*Саҷда/10*) Гуфтанд: оё он вақт, ки мо дар замин гум шудем, боз ҳам бори дигар халқ мешавем? (Дар баъзе оятҳои дигар, куффор такяашон рӯйи ин масъала аст, ки магар мешавад як устухони пӯсидаро думартиба овард зиндааш кард?

وَضَرَبَ لَنا مَثَلاً وَنَسِيَ خَلْقَهُ قالَ مَنْ يُحْيِ الْعِظامَ وَهِيَ رَمِيمٌ

"*Ва барои мо масале зад дар ҳоле, ки хилқати худро фаромӯш кард; гуфт: чӣ касе ин устухонҳои пӯсидаро зинда мекунад?" (Ёсин/78)*) Дар ин оят сӯҳбати нобудии шахсият аст. Мегӯяд, мурдем, нест шудем, гум шудем. Нест думартиба бармегардад? Нестро думартиба халқ мекунанд? Ба назар мерасад, ин оят бо оятҳои дигар аз назари ишколи куффор ин тафовутро дорад, ки он, ишколи онҳоро нақл мекунад, ки такяашон бештар бар адами бақои шахсият ва нест шудан аст, на мушкил будани зинда кардани ин мурда, ки хоку устухон аст. (Мегӯяд) мо гум шудем, нестем, аслан моро намешавад пайдо кард. Қуръон инҷо чӣ ҷавоб медиҳад? Дар онҷоҳо мегӯяд, Худо қодир аст ин зарраҳое, ки шумо мегӯед, ҷамъ кунад ё ин зарраҳоро аз нав зинда кунад, вале инҷо, ки сӯҳбат аз гум шудан ва салби шахсият ва нестӣ аст, ҷавобе медиҳад, ки ба ҳасби зоҳир ба ин эрод намехӯрад. Онҳо мегӯянд:

أَإِذا ضَلَلْنا فِي الْأَرْضِ أَإِنّا لَفِي خَلْقٍ جَدِيدٍ

Оят мегӯяд:

قُلْ يَتَوَفّاكُمْ مَلَكُ الْمَوْتِ الَّذِي وُكِّلَ بِكُمْ

(*Саҷда/11*) Шумо гуфтед, мо, ки гум шудем ва нест шудем, думартиба аз нав эҷод мешавем? Ба истилоҳ, иъодаи маъдум мешавад? Бигӯ: шумо гум намешавед, шуморо малакулмавт (ки муваккал ба шумост) таҳвил гирифт. Яъне иштибоҳ кардӣ, ки хаёл кардӣ он чизе, ки гум шуда, ту он ҳастӣ. Гирам гум шудӣ, он чизе, ки ту фикр мекунӣ гум шуда, он ту нестӣ, ту он чизе ҳастӣ, ки малакулмавт гирифт ва бурд, вагарна ин ҷавоб аслан ба он эрод намехӯрад.
Ин баҳси мо феълан тамом шуд, то баҳси дигареро шурӯъ кунем.

**Суол**: *Селлулҳои бадани мо ва маводди ташкилдиҳандаи ин ҷисм, собит нест. Рӯзи қиёмат вақте мехоҳад ин ҳамбастагӣ байни руҳ ва ҷисм эҷод шавад, бо кадом як аз ин маводди таркибдиҳанда аст?*

*Суоли дигар: оё дар мавриди ҷудо шудани руҳ аз ҷисм ва ҳамбастагиаш дар қиёмат, ин як амри мутлақе барои он мавқеъ аст ва оё дар баъзе аз зиёратҳое, ки хитоб ба Имом мегӯем:*

يإيابكم موؤقن

*— ва ё зинда шудани Имом Ҳусайн (а) ва ҳамбастагии руҳаш ба ҷисм, оё аз ҳамон навъи ҳамбастагии руҳ ба ҷисм дар қиёмат аст ё чизи дигаре аст?*

**Устод**: Ба назари ман, суолҳои эшон албатта суолҳое аст, ки ба худии худ марбут ба мавзӯи баҳси мо ба таври куллӣ ҳаст, вале ба баҳси имрӯзи мо (ки дар бораи вазъи инсон дар фосилаи мурдан то қиёмат аз назари Қуръон буд) марбут нест. Мо дар бораи онҳо ҷудогона бояд баҳс кунем, ки албатта аз мушкилот ҳам ҳаст, махсусан ҳамин масъалае, ки фармудед ва аз қадим ҳам ин суол матраҳ буда, ки агар бино бишавад инсон бо баданаш маҳшур шавад, бо кадом баданаш маҳшур мешавад? Ҳамон бадане, ки вақте мурд бо он бадан мурд ё на, бо ҳар чизе, ки аҷзои баданаш буда? Инсон ба андозаи кӯҳи Уҳуд — бо каму зиёдш — ғизо хӯрда ва қисмате аз он ғизо ҷузъи баданаш шуда ва баъд ба шакле дафъ шудааст. Агар маҷмӯъи маводдеро, ки ҷузъи бадани инсон шуда ва аз баданаш дафъ шуда ва баъд маводди нав омада ҳисоб кунанд — шояд уламо ҳисоб карда бошанд — ҳар одаме ҳайкали хеле бузурге пайдо хоҳад кард, ки шояд бузургтарини ҳайвоноти дунё ҳам ба он ҳадд нарасад. Ин суол ҳаст ва ҷавоби ин ҳам ҷавоби осоне нест, вале ҷаноби олӣ ба мо иҷоза бидиҳед, ки вақте ба ин масъала расидем, ҳамон ҷо ҷавоби ин суолро бидиҳем.

Суоли дуввум ҳам айни ҳамин суол аст, ки масъалаи "раҷъат", ки шиъа мегӯянд ё масъалаи зинда шудани Узайр, ки мегӯянд, оё бо ҳамин бадан аст ё бо бадани дигаре аст? Вале албатта ин соддатар аст, масъалаи "эҳё", ки аслан ба қиёмат марбут нест, марбут ба чизи дигаре аст.

Аммо масъалаи раҷъат. Раҷъат мисли қиёмат нест. Қиёмат аз заруриёти ислом аст ва агар касе мункири қиёмат бошад, аслан намешавад ӯро мусалмон шумурд ва дар радифи мусалмонон нест. Масъалаи раҷъат ба ин шакл нест, тоза касоне, ки мӯътақид ҳастанд, мегӯянд, ки аз заруриёт ва мусалламоти мазҳаби шиъа аст. Аз марҳум оқо шайх Абдулкарим ҳам, ки роҷеъ ба *Шариати Сангалчӣ* (ки мункири раҷъат буд) суол карданд,

гӯё ҷавоб дода буд: на, аз заруриёти ислом нест ва шояд гуфта буд аз заруриёти шиъа ҳам нест. Вале албатта шояд дар уламои шиъа як нафар, ду нафар ҳам намешавад пайдо кард, ки раҷъатро инкор кунанд.

Онҳое ҳам, ки қоил ба раҷъат ҳастанд, баъзе ба сабки муҳаддисин ҳамин тавр мӯътақиданд, ки айнан мисли қиёмат мешавад, яъне воқеан ҳамин мурдаҳо аз ҳамин хок зинда мешаванд.

Иддае дигар, ки яке аз онҳо марҳуми Файзи Кошонӣ аст[12] таври дигаре мӯътақиданд.

Дигарон аслан дар мақоми тавҷеҳ барнамеоянд; мегӯянд: ба мо гуфтаанд раҷъат, мо ҳам мегӯем раҷъат, мо чӣ медонем кайфияташ чӣ гуна аст? Баҳсе намекунанд. Вале мисли марҳуми Файз мӯътақид ҳастанд, ки раҷъат назири ин чизе аст, ки имрӯз уламои арвоҳ мегӯянд. Ин ҳарфи уламои арвоҳ то чӣ ҳадд дуруст аст ё нодуруст, ба ҷойи худ, вале назири ин аст, ки мегӯянд, масалан мушоҳида шуда касеро, ки як нафар дар ҳоли бедорӣ, руҳи майитеро ба сурати як шабаҳ ва як ҷисми хосси рақиқе, ки бо ин ҷисмҳо фарқ дошта (ҳозир) карда ва онро дидааст. Агар ҳарфи инҳоро қабул накунем, назири инро аҳли мукошафа зиёд гуфтаанд. Аҳли мукошафа зиёд иддао мекунанд, ки мо дар ҳоле, ки дар ҳоли хоссе аз мукошафа ҳастем, арвоҳи мӯъмининро мушоҳида мекунем ва мебинем, меоянд ва бо мо ҳарф мезананд.

Як вақте ҳамин ҷо нақл кардам, ки аз марҳум оқо Сайидҷамоли Гулпойгонӣ аз ин қазоё зиёд нақл мекунанд (воқеан ҳам мард фавқулъодае буд), ки аз он ҷумла ман аз писарашон пурсидам, гуфт, иттифоқан ман худам онҷо будам (эшон воқеан марди хеле пок ва ворастаае буда), ки падарам баъд аз намози шаб ба ман гуфт: бирав, бибин, оқо шайх Муҳаммадҳусайн фавт карда?[13] Гуфтам: чӣ тавр? Гуфт: бирав таҳқиқ кун. Рафтам таҳқиқ кардам, дидам ҳамон шаб дар ҳамон лаҳазоти қабл фавт карда. Қазия чӣ буд? (Падарам) гуфт: ман дар қунути намози витр, марҳум оқо Зиёро дидам дар ҳоле, ки меомад. Гуфтам: куҷо меравӣ? Гуфт: оқо шайх Муҳаммадҳусайн фавт карда, ман ба ташйеъи ҷанозаи ӯ меравам.

Назири инҳоро албатта аҳли мукошафа зиёд иддао кардаанд. Дар ахбор ва аҳодиси мо ҳам ин чизҳо хеле зиёд аст. Намехоҳам бигӯям ҳамаи онҳо дуруст аст, вале ин қадр зиёд

---

[12] *Файзи Кошонӣ як марди дубуъдӣ аст, яъне ҳам як марди муҳаддиси фақеҳе аст ва гоҳе дар он кори муҳаддисӣ ва фақоҳатш ҳам хеле қишрӣ мешавад ва ҳам зимнан як марди ҳаким ва файласуфӣ аст. Як марди зуҷанбатайн аст.*

[13] *Марҳум оқо Зиёи Ироқӣ ва марҳум оқо шайх Муҳаммадҳусайни Исфаҳонӣ ҳар ду аз уламои тирози аввал буданд ва ба фосилаи як ҳафта реҳлат карданд.*

аст, ки дигар ҳамаро намешавад рад кард. Як намунаашро мегӯем, ки вақте ҳазрати Заҳро (с) мехостанд ба дунё биёянд ва занҳои аҳли Макка аз кӯмак кардан ба ҳазрати Хадиҷа (с) имтиноъ карданд, чаҳор зан омаданд онҷо барои ин ки ба ӯ кӯмак бидиҳанд. Пурсид: ту кӣ ҳастӣ? Яке гуфт: ман Ҳавво ҳастам, дигаре гуфт: ман Осия ҳастам, дигаре гуфт: ман Марям ҳастам ва… Инҳо ҳамон таҷаллӣ кардан ва зоҳир шудани руҳҳост бо баданҳои мисолӣ дар ин дунёи моддӣ, ки агар ҳарфи уламои арвоҳ — ки имрӯз иддао мекунанд — рост бошад, ин як таъйиди илмӣ аст бар он чизе, ки авлиёи дин ё авлиёи ирфон ва мукошафа гуфтаанд.

Ашхосе мисли марҳум Файзи Кошони мӯътақиданд, раҷъате, ки дар оянда хоҳад шуд, на ин аст, ки мурдаҳо аз қабр зинда мешаванд, балки маънояш ин аст, ки дар як вазъи хоссе иддае аз арвоҳ — ба ҳамин шакле, ки арз кардам — дар ин дунё зоҳир мешаванд.

Афроде мисли марҳуми Шоҳободӣ (ки дар Теҳрон буд ва марди бозавқе буд) ва баъзе афроди дигар мӯътақиданд, бисёре аз мааворид, ки дар Қуръон номи малоика омада, инҳо ҳамон арвоҳанд, на малоикае, ки аз синхи инсон набудаанд. Масалан, Қуръон тасреҳ мекунад, ки дар ҷанги Бадр ё ҷангҳои дигар гурӯҳе аз малоика ба нусрати мӯъминин омаданд. Иддае ин тавр мегӯянд ва ба назари ман, ҳарфашон дуруст аст. (Қуръон ҳеч вақт қавл надода малоикаро таъриф кунад ва бигӯяд чист. Малоика дар Қуръон гоҳе асосан бо қувваҳои табиат татбиқ мешавад, гоҳе шомили як малаки муқарраб мисли Ҷабраил мешавад ва гоҳе мавҷудоте аст дар ҳамин дунё, ки аз чашми мо махфӣ аст, ба қавли имрӯзиҳо дубуъдӣ ё шашбуъдӣ ва ҳафтбуъдӣ аст, ки мо намедонем ва аҳёнан ба арвоҳе, ки дар ин дунё зоҳир мешаванд итлоқ мешавад). Ақидаи иддае ин аст, ки дар ҷанги Бадр он малоикае, ки Қуръон мегӯяд чаҳор ҳазор малоика омаданд, ки шуморо ёрӣ кунанд — ки ёриашон ҳам ба таъбири Қуръон фақат барои тақвияти қалб буд, на ёрӣ амалӣ — инҳо инсонҳое буданд, ки онҳоро раҷъат дода буданд, аммо раҷъат ба ин маъно, яъне онҳое буданд, ки аз дунёи дигар дар ин дунё зоҳир шуда буданд.

Бинобар ин, масъалаи раҷъат бо масъалаи қиёмат фарқ мекунад. Аввалан, худи масъалаи раҷъат як масъалаи сад дар сад (зарурӣ) нест мисли қиёмат. Сониян, кайфияти раҷъат бо кайфияти қиёмат фарқ мекунад, чун дар кайфияти қиёмат дар Қуръон тасреҳ шуда, ки ҳашр аз қубур мешавад, вале мо дар боби раҷъат чунин ҳарферо надорем. Баъид нест, ки ба ин шакл бошад.

**Пурсиш**: *Байни ин оят:*

وَمِنْ وَرائِهِمْ بَرْزَخٌ إِلى يَوْمِ يُبْعَثُونَ

*— ва ин ки ба он мӯъмини Оли Ёсин фармуд:*

قِيلَ ادْخُلِ الْجَنَّةَ

*— чӣ тавр метавон созгорӣ дод, дар ҳоле, ки медонем ин ҷаннат, ҷаннати баъд аз барзах аст, чӣ тавр ба ӯ гуфта шуда вориди биҳишт шав, дар ҳоле, ки аз феъли амр фаврият фаҳмида мешавад?*

**Устод**: Дар Қуръон танҳо ҷаннат матраҳ нест, ҷаннот матраҳ аст ва ҳатто баъзе аз инҳо бо як музофун илайҳое:

جنّة خلد، جنّة عدن

— матраҳ аст. Дар як ояти Қуръон —

جنّتي

— омада, ки аз он ба:

جنّة الله

— таъбир мекунанд, ки дигар мофавқи инҳост. Аз маҷмӯъи оятҳои Қуръон мешавад фаҳмид, ки ҷаннат як ҷо нест, ки махсус ба охират бошад. Ҳадисеро шиъа ва суннӣ нақл кардаанд, ки пайғамбар фармуд:

القبر إمّا روضة من رياض الجنّة أو حفرة من حفر النّيران

(*“Биҳор”, ҷ.6, с.275*) ва ахбор тасреҳ мекунад, қабр яъне ҳамон барзах, барзах яъне ҳамон қабр.

## Абас (беҳуда) набудани хилқат дар оятҳои Қуръон (бахши аввал)

Баҳси ҷаласаи гузаштаи мо дар атрофи моҳияти марг аз назари Қуръон буд. Гуфтем, ки масъалаи марг дар Қуръони Маҷид матраҳ шудааст ва биноро бар ин гузоштем, ки

маҷмӯъи оятҳои Қуръон дар заминаи марг ва баъд аз марг ва қиёматро тарҳ кунем ва ба таври куллӣ воқеан бибинем — аъамм аз ин ки битавонем ҳазм кунем ё натавонем — мантиқи Қуръон дар масъалаи марг ва баъд аз марг ва қиёмат ва ин чизҳо чист?

Гӯё ин ки шояд дар ибтидо ҳама ҳамон ҳарфи моро мезананд, яъне ҳама мегӯянд, бибинем Қуръон чӣ мегӯяд, вале дар ниҳояти амр ҳамон офате, ки табиати башар эҷоб мекунад доманагири инсон мешавад, яъне баъд инсон он назари хоссеро, ки худаш бо таваҷҷӯҳ ба баъзе аз оятҳои Қуръон дар ин мавзӯъ — на ҳамаи оёт — интихоб карда, бо ахзи таъйид аз қисмате аз оятҳои Қуръон мехоҳад баён кунад. Вале мо мехоҳем – иншоаллоҳ — ин корро анҷом надиҳем ва агар ҳам дар ҷойе ба бунбаст расидем, бигӯем билохира Қуръон ин матлабро гуфтааст.

Вақте ман баъзе аз масоилро аз оқои Таботабоӣ суол мекардам, медидам эшон ба баъзе аз оятҳои Қуръон, ки мерасанд, ба иҷмол мегузаранд ва ҳарфе намезананд. Мегуфтанд: ҳақиқаташ ин аст, ки ман дар баъзе аз маворид ғайр аз ин ки бигӯям таслими мақосиди воқеии Қуръон ҳастам, роҳи дигаре надорам, яъне барои худам матлаб (баҳс роҷеъ ба масъалаи маъод ва ин чизҳо буд) он қадрҳо макшуф нест ва ҳолате, ки барои худам эҳсос мекунам ин аст, ки бояд таслими мақосиди Қуръон бошам.

Ба ҳар ҳол, мо аввал аз инҷо ворид шудем; гуфтем: оёте, ки аз он метавон моҳияти маргро аз назари Қуръон истифода кард зикр кунем, ки як силсила оятҳое буд, ки ман қисмати умдаашро дар ҷаласаи пеш барои шумо хондам. Дар ин ҷаласа ривояте аз амирулмӯъминин (алайҳис салом) нақл мекунам. Бинои мо феълан бар истинод ба ривоятҳо нест, вале чун дар он ривоят истидлол ба ояти Қуръон шудааст, ман онро фақат бароятон мехонам. Аз баҳси худамон ҳам хориҷ нашудаем, ки бигӯед сӯҳбат дар Қуръон аст, на дар ривоятҳо, балки чун дар ин ривоят ҳамон истидлоле, ки мо мехостем бикунем шудааст, онро хидмататон арз мекунам.

Гуфтем, ки аввалан, аз оятҳои Қуръон ба таври куллӣ, чӣ дар бораи суъадо ва чӣ дар бораи ашқиё инчунин истинбот мешавад, ки мурдан ба таври куллӣ “таваффӣ” аст. “Таваффӣ” яъне истифо кардан, қабз ба сурати комил кардан, таҳвили комил гирифтан, ки аз моддаи “вафо” аст ва дар оятҳои зиёде аз Қуръон омадааст:

اَللّٰهُ يَتَوَفَّى الْأَنْفُسَ حِينَ مَوْتِهَا

(*Зумар/42*) ё:

قُلْ يَتَوَفَّاكُمْ مَلَكُ الْمَوْتِ الَّذِي وُكِّلَ بِكُمْ

(*Саҷда/11*), ки худи ин таъбир баёни моҳияти марг аст: марг яъне таҳвил гирифтан ва бурдан. Калимаи “нафс” ҳам, ки дар Қуръон омадааст, дар арабӣ яъне худ. Вақте мехоҳанд бигӯянд, худи ин чӯб, мегӯянд, нафси ин чӯб.

جاءني زيد نفسه

Яъне Зайд омад, худаш омад (ҳамон айни худаш, на чизи дигаре). Агар Қуръон ба он чизе, ки аз инсон гирифта мешавад, таъбири “нафс” мекунад, аз он назар аст, ки аз назари Қуръон худи воқеии инсон ҳамон аст, ки гирифта ва бурда мешавад.
Ғайр аз ин, силсила оятҳои зиёде дорем, ки Қуръон баён мекунад, дар фосилаи мурдан то қиёмат ҳаёте боқӣ аст. Гоҳе дар бораи хусуси суъадо ва атқиё ин матлаб гуфта шудааст ва гоҳе дар бораи ашқиё, мисли оёте, ки дар ду ҷойи Қуръон аст, ки як ҷо сареҳтар аст:

وَلا تَحْسَبَنَّ الَّذِينَ قُتِلُوا فِي سَبِيلِ اللهِ أَمْواتاً بَلْ أَحْياءٌ عِنْدَ رَبِّهِمْ يُرْزَقُونَ، فَرِحِينَ بِما آتاهُمُ اللهُ مِنْ فَضْلِهِ وَيَسْتَبْشِرُونَ بِالَّذِينَ لَمْ يَلْحَقُوا بِهِمْ

(*Оли Имрон/169 ва 170*) Ин оят сароҳат дорад, ки дар бораи шуҳадо мегӯяд: мабодо ту чунон гумон кунӣ,[14] ки инҳо мурдагонанд, балки зиндагонанд ва марзуқанд ва алъон шодмонанд ба он чи ки Худованд ба онҳо додааст — на он чи ки дар оянда мехоҳад бидиҳад — ва алъон мустабширанд, яъне мунтазири башоратҳое ҳастанд аз ноҳияи касоне, ки ҳанӯз ба онҳо мулҳақ нашудаанд, интизор доранд, ки кай башорате аз ноҳияи инҳо бирасад, ки инҳо ҳам ба ҳамин мақоми саодат хоҳанд расид. Ин нишон медиҳад, ки Қуръон баъд аз мурдан воқеан ҳаёте қоил аст, дар сурате, ки шакке надорад, ки дигар ин ҷасад мурдааст. Қуръон намехоҳад бигӯяд инҳо, ки инҷо зери хок ҳастанд, масалан даҳонашонро боз кардаанд ва доранд дар даҳонашон шир ва асал мерезанд, намегӯяд, дар зери ин хок, (мегӯяд) онҳо дар назди парвардигорашон –

[14] *Маълум аст мухотаб уммат ҳастанд, пайғамбар чунон гумоне намекунад, ҳамон тавре, ки дар Қуръон хеле авқот хитобае ба уммат аст, ки мухотаб зоҳираш худи паёмбар аст.*

**عند ربّهم**

— марзуқ ҳастанд. Ё дар бораи соҳиби Оли Ёсин (мегӯяд) баъд аз ин ки кушта шуд ё мурд, гуфт:

**يا لَيْتَ قَوْمِي يَعْلَمُونَ، بِما غَفَرَ لِي رَبِّي وَجَعَلَنِي مِنَ الْمُكْرَمِينَ**

(*Ёсин/26 ва 27*) ва амсоли инҳо, ки оятҳои зиёд буд ва дигар такрор намекунам.

## Каломи ҳазрати Алӣ (а)

Ривояте аст, ки чун муштамил бар баъзе аз оёте аст, ки ман нахонда будам, барои шумо арз мекунам. Дар тафсири "Нӯъмонӣ" ривояте ба санад аз амирулмӯъминин (алайҳис салом) зикр карда, ки ҳазрат истидлол кард ба ояти Қуръон ва фармуд:

**يقول الله تعالى: يَوْمَ يَأْتِ لا تَكَلَّمُ نَفْسٌ إلاّ بِإِذْنِهِ فَمِنْهُمْ شَقِيٌّ وَسَعِيدٌ، فَأَمَّا الَّذِينَ شَقُوا فَفِي النّارِ لَهُمْ فِيها زَفِيرٌ وَشَهِيقٌ، خالِدِينَ فِيها ما دامَتِ السَّماواتُ وَالْأَرْضُ... وَأَمَّا الَّذِينَ سُعِدُوا فَفِي الْجَنَّةِ خالِدِينَ فِيها ما دامَتِ السَّماواتُ وَالْأَرْضُ إلاّ ما شاءَ رَبُّكَ[15] يَعْنِي السَّماواتِ وَالْأَرْضَ قَبْلَ يَوْمِ الْقِيامَةِ، فَإذا كانَتِ الْقِيامَةُ بُدِّلَتِ السَّماواتُ وَالْأَرْضُ**

Дар Қуръон — қаблан ҳам арз кардем — сӯҳбат аз ҷаннот (биҳиштҳо) аст, на як биҳишт. Мефармояд, мардум бар ду қисм ҳастанд: шақӣ ва саъид. Аҳли шақоват холиданд модоме, ки осмон ва замин ҳаст ва ҳамчунин аҳли саодат ҳам холиданд. Калимаи "хулуд" маъноят "ҳамешагӣ" нест. Як вақт мо аз калимаи "хулуд" абадиятро мефаҳмем. Калимаи "хулуд" дар истилоҳе, ки алъон мо дорем, маънояш абадият аст; абдият, ки ҳеч интиҳое надошта бошад (ло ниҳоӣ), вале асли луғати "хулуд" абадият ба он маъно яъне хусуси он давоме, ки ҳеч охир надошта бошад нест, балки **(холиданд) яъне боқӣ мемонанд** ва аз ин рӯ агар як қайде дар охираш бихӯрад, таноқуз нест. Дар Қуръон омада:

---

[15] *Ҳуд/105- 108.*

خالِدِينَ فِيها ما دامَتِ السَّماواتُ وَالْأَرْضُ

Ҳамеша ҳастанд, то осмонҳо ва замин ҳаст. Ин “ҳамешагӣ” таноқуз нест, ки бигӯем, агар ҳамешагӣ аст, яъне абадият аст, дигар “то” дар он маънӣ надорад, яъне ҳастанд ва ҳастанд, то осмонҳо ва замин ҳаст.

Амирулмӯъминин аз ин оятҳо чунин истинбот кардаанд, ки ин ҷаннату норе, ки Қуръон зикр мекунад –

ما دامَتِ السَّماواتُ وَالْأَرْضُ

— ҳастанд, қабл аз қиёмат аст, чун аслан дар ибтидои қиёмат осмонҳо ва замин ҳама аз байн меравад ва мунҳадим мешавад:

فَإِذا كانَتِ الْقِيامَةُ بُدِّلَتِ السَّماواتُ وَالْأَرْضُ

Шурӯъи қиёмат бо табдил шудани осмонҳо ва замин аст. Баъд фармуд: ва мисли ин аст:

وَمِنْ وَرائِهِمْ بَرْزَخٌ إِلى يَوْمِ يُبْعَثُونَ

(*Мӯъминун/100*), ки дар ҷаласаи пеш ин оятро зикр кардем. Баъд фармуд:

وهو الثّواب والعقاب بين الدّنيا والآخرة ومثله قوله: النّار

Ояте аст дар сураи Мӯъмин, ки мефармояд:

وَحاقَ بِآلِ فِرْعَوْنَ سُوءُ الْعَذابِ، اَلنّارُ يُعْرَضُونَ عَلَيْها غُدُوًّا وَعَشِيًّا

Ва расид ва иҳота кард ба Оли Фиръавн[16] оташ, ки ҳар субҳгоҳон ва ҳар шомгоҳон бар онҳо арза мешавад. Дар ривоятҳо ҳам хеле зиёд омадааст, ки бар аҳли барзах оташ арза мешавад, он азобе, ки аз оташ мекашанд, аз арза шудани оташ аст, мисли ин ки аз наздик онро эҳсос кунанд. Баъд Қуръон мефармояд:

---

[16] *Мақсуд пайравони Фиръавн аст; пайравоне, ки ончунон ба ӯ наздик буданд, ки ҳукми хонадонашро пайдо карда буданд.*

وَيَوْمَ تَقُومُ السّاعَةُ أَدْخِلُوا آلَ فِرْعَوْنَ أَشَدَّ اَلْعَذابِ

(*Мӯъмин/45 ва 46*) Ва дар рӯзе, ки соат бапо мешавад, онҳоро вориди азоб кунед, дар сахттарини азобҳо. Худи оят ҳам имову ишора — агар нагӯем сароҳате — дорад, ки онҳо қабл аз қиёмат, бар оташ арза ва дар худи қиёмат ворид мешаванд дар оташе, ки бадтарини оташҳо хоҳад буд. Инҷо амирулмӯъминин ин тавр фармудааст, ки дар қиёмат ғудувв ва ъаший нест, субҳ ва шоме нест, субҳ ва шом марбут ба давраи қабл аз қиёмат аст:

والغدوّ والعشيّ لا يكونان في القيامة الّتي هي دار الخلود وإنّما يكونان في الدّنيا وقال الله تعالى في أهل الجنّة: وَلَهُمْ رِزْقُهُمْ فِيها بُكْرَةً وَعَشِيًّا[17] وَالبكرة والعشيّ إنّما يكونان من اللّيل والنّهار في جنّة الحياة قبل يوم القيامة وقال الله تعالى: لا يَرَوْنَ فِيها شَمْساً وَلا زَمْهَرِيراً[18]

Баъд ҳам ба он ояте, ки мо мукаррар истидлол кардем, истидлол фармуд:

وَلا تَحْسَبَنَّ الَّذِينَ قُتِلُوا فِي سَبِيلِ اللهِ أَمْواتاً بَلْ أَحْياءٌ عِنْدَ رَبِّهِمْ يُرْزَقُونَ، فَرِحِينَ بِما آتاهُمُ اللهُ مِنْ فَضْلِهِ

Ин, поёни истидлоли мо ба оятҳое буд, ки далолат мекард дар фосилаи мурдан ва қиёмат, барои суъадо ва ашқиё ҳаёте вуҷуд дорад, чун баъзе оятҳо роҷеъ ба суъадо буд, баъзе роҷеъ ба ашқиё ва баъзе оёт, ки ба таъбири “таваффӣ” буд, умуми мардумро якҷо шомил мешуд ва маълум аст, ки агар оят ҳамин қадр роҷеъ ба суъадо ё ашқиё гуфта бошад, намешавад бигӯем, як мутавасситине ҳам ҳастанд, ки фақат инҳо дар ин байн моту фот мешаванд ва дигарон ин тавр нестанд. Ба истилоҳ, инҷо дигар қавл ба фасле дар кор нест. Аз ин баён ҳам мегузарем.

Аз оятҳои Қуръон иҷмолан истинбот мешавад, яке ин ки баъд аз мурдан то қиёмат ҳаёте ҳаст, дигар ин ки қиёмат, ки бапо мешавад, тамоми ин оламе, ки мо мешиносем аз хуршед ва ситорагон ва замин бо ҳамаи муҳтаваёташ (кӯҳҳо ва дарёҳо), як дигаргунии

[17] *Марям/62. Мақсуд ин аст, ки ин ҷаннат, ҷаннати барзах аст, на ҷаннати қиёмат.*

[18] *Даҳр/13. Дар онҷо (қиёмат), хуршед ва замҳарирро намебинанд (вуҷуд надорад). Вақте, ки хуршеде набошад, дигар субҳ ва шоме нест. Ин масоил дар онҷо вуҷуд надорад.*

аҷиб ва хоссе пайдо мекунад, ки шояд барои мо қобили тасаввур нест, ки он дигаргунӣ чӣ гуна аст. Қуръон ба таъбироти хоссе ин дигаргун шуданҳо ва зеру рӯ шуданҳоро баён мекунад ва он дигаргунӣ оғози қиёмат аст.

Дар олами қабл аз қиёмат яъне олами барзах — ҳамон тавр, ки аз оятҳо ва ривоятҳо ҳам фаҳмида мешавад — як ҳисоби куллӣ расидагӣ намешавад, вале қисмате аз подош ва кайфарҳо дар ҳамон олами барзах ба афрод мерасад.

## Истидлолҳои Қуръон дар мавриди қиёмат

Қуръон як силсила истидлолҳо дар мавриди қиёмат дорад, ки мо бояд ин истидлолҳоро баррасӣ кунем, бибинем рӯйи чӣ мантиқ ва пояе метавонад бошад. Баъзе аз истидлолҳои Қуръон шояд фақат рафъи истибъод аст. Яъне мункирин матлаброро баъид мешумурданд, Қуръон мегӯяд, ин чӣ истибъоде аст, ки шумо доред мекунед?! Мегуфтанд, инсон ҳамин, ки мурд, мурд, устухонаш ҳам, ки пӯсид, пӯсид:

**وَضَرَبَ لَنا مَثَلاً وَنَسِيَ خَلْقَهُ قالَ مَنْ يُحْيِ الْعِظامَ وَهِيَ رَمِيمٌ، قُلْ يُحْيِيهَا الَّذِي أَنْشَأَها أَوَّلَ مَرَّةٍ**

(*Ёсин/78 ва 79*) Дар ин ҷоҳо, ки онҳо истибъод мекунанд, Қуръон — ба қавли он шоир – мегӯяд: “Зи аввалин бор нест мушкилтар”; ҳам ӯ, ки аввалин бор онро халқ кард, барои дуввумин бор ҳам онро эҷод мекунад. Яъне мафҳуми оят ҷуз рафъи истибъод ва истинод ба қудрати комилаи илоҳӣ нест ва беш аз ин ки дар муқобили қудрати комилаи илоҳӣ ва дар муқобили он чи қаблан дидед, ин истеъҷоби шумо истеъҷоби беҷиҳате аст, мафҳуме надорад.

Як силсила оятҳои дигар дорем, ки беш аз ҳадди рафъи истибъод аст ва мехоҳад бигӯяд, ин ҳамон низоми мавту ҳаёти машҳуди шумост, чизи тозае нест, як чизе нест, ки шумо намунаашро надида бошед. Ҳар чизеро то инсон надида, шояд барояш ношуданӣ аст, вале вақте, ки дид, мегӯяд ҳаст. Мегӯянд, адалли (далелтарин) далел бар имкони як шайъ, вуқӯъи он аст. Он оятҳо ҳам силсила оятҳое аст, ки масъалаи мавту ҳаёти мукаррар ё масъалаи ҳаёти заминро баъд аз мавташ ё татаввуроти ҳаёти худи инсонро зикр мекунад, ки ин ҳам боз ҷузъи бахшҳое аст, ки баъд арз мекунем.

Як бахшро мо мехостем имрӯз арз кунем ва он бахш ин аст, ки дар панҷ-шаш оят аз Қуръон, дар сураҳои Мӯъминун, Ҷосия, Духон, Сод ва Анбиё, тарзи истидлол, шакли

истидлолҳои каломӣ ва фалсафиро дорад. Ҳоло як ояташро бароятон мехонам. Дар сураи муборакаи:

**قَدْ أَفْلَحَ الْمُؤْمِنُونَ**

— баъд аз он оятҳое, ки роҷеъ ба барзах буд — ки арз кардем — мефармояд:

**أَفَحَسِبْتُمْ أَنَّما خَلَقْناكُمْ عَبَثاً وَأَنَّكُمْ إِلَيْنا لا تُرْجَعُون، فَتَعالَى اللهُ الْمَلِكُ الْحَقُّ لا إِلهَ إِلاّ هُوَ رَبُّ الْعَرْشِ الْكَرِيمِ**

(*Мӯъминун/115 ва 116*) Ҳоло мо ҳастем ва мафҳуми ин оят: оё гумон кардаед, ки шуморо абас (беҳуда) офаридаем ва ин ки шумо ба сӯйи мо бозгардонда намешавед? Мафҳуми оят — ба истилоҳ — истифҳоми инкорӣ аст: шумо чунин гумон кардаед? Яъне чӣ гумони ботиле! Мафҳуми оят ин аст: агар бино шавад, ки шумо ба сӯйи мо бозгардонда нашавед, хилқати шумо абас аст ва шумо бовар мекунед, ки мо абас халқ кунем? Ин истидлол бар қиёмат аст аз Худо, яъне барои исботи қиёмат, Худо пояи истидлол қарор дода шудааст. (Мегӯяд) моро мешиносед ва қабул доред ё на? Ба касоне мегӯяд, ки Аллоҳро қабул доранд: Аллоҳ шуморо халқ кунад ва қиёмате набошад, пас хилқати шумо абас бошад?

**فَتَعالَى اللهُ**

Худованд мутаъолӣ ва бартар ва болотар аст ва муназзаҳ аст аз чунин нисбатҳо,

**الْمَلِكُ**

— соҳиби қудрат ва султон.[19]

Тамоми ҷанбаҳое, ки дар Худованд аст, ба мӯҷиби онҳо имкон надорад, ки хилқати абасе сурат бигирад. Аввал аз ҳама, қудрати ғайри мутаноҳиашро зикр мекунад, ки аҷзу нотавонӣ дар кор нест. Мумкин аст инсон кори абасе бикунад, вале маншаъи абас будани он ин аст, ки қудраташ норасост. Хеле авқот одам як кореро шурӯъ мекунад ва баъд ба

---

[19] *“Малик” аз моддаи милк аст ва малик яъне қудрат ва султон. Калимаи “малик” аз асмои Аллоҳ аст, аз он ҷиҳат, ки зимоми ҳамаи олам ва маҳори ҳамаи ашё дар дасти қудрати парвардигор аст ва ҳамаи ҷараёнҳо бо машиат ва иродаи ӯст.*

натиҷа ва ниҳоят намерасад ва иллати ба натиҷа нарасиданаш ин аст, ки натавонистааст; мегӯяд: як кори лағви беҳудае кардем, ба ҷойе ҳам нарасид.

**الْمَلِكُ**

— соҳиби қудрати муталлақа,

**الْحَقُّ**

— он ки дар зоти ӯ ҳеч навъ бутлоне ва нақсе ва нобудие нест, собит аст.[20] Гӯ ин ки мехоҳад бигӯяд, он ки ҳақ аст, халқаш ҳам ҳақ аст, зилҳақ ҳақ аст. Шумо мегӯед, хилқат абас ва ботил аст? Таъбири дигари Қуръон ин аст, ки ба ҷойи “абас” калимаи “ботил”-ро овардааст. Аз ҳақ ҳақ ношӣ мешавад, на ботил, аз ҳақ абас ношӣ намешавад. (Чун абас мусовӣ аст бо ботил).

**لا إِلـهَ إِلاّ هُو**

Гӯ ин ки дар инҷо ин сухан гуфта мешавад, ки шояд мавонеъе, музоҳиме дар кор бошад, қудрат ва Худои дигаре монеъи кор шавад, мисли достони хайру шаррҳое, ки дар фалсафаҳои санавӣ ва адёни санавия будааст.
(Мегӯяд) маъбуде ғайри ӯ нест, чун Рабб ҳамеша маъбуд аст, яъне Раббе ғайри ӯ нест, аз ин рӯ баъд ҳам калимаи “Рабб”-ро оварда:

**رَبُّ الْعَرْشِ الْكَرِيمِ**

Соҳиби арши бузургвор.[21]
Дар сураи Духон мефармояд:

---

[20] *“Ҳаққа яҳиққу” “сабата ясбуту” аст, ки муродиф бо вуҷуд аст. Ҳаққи мутлақ яъне мавҷуди мутлақ, яъне он ки дар зоти ӯ адам ва нестӣ роҳ надорад.*

[21] *Дар Қуръон ҳар ҷо ки “арш” итлоқ мешавад, мақоми зимомдории Худованд аст, он шаън ва сифате, ки ба мӯҷиби он ихтиёри тамоми ашё дар дасти ӯст ва ҳама чиз дар назди ӯ мутамаркиз мешавад. Арш, як ҷисм ва ҷойи хоссе нест, мақоме аз мақомоти рубубӣ аст.*

إِنَّ هؤُلاءِ لَيَقُولُونَ، إِنْ هِيَ إِلاّ مَوْتَتُنَا الْأُولى وَما نَحْنُ بِمُنْشَرِينَ

Онҳо мегӯянд, ки ҷуз мурдани аввали мо мурдани дигаре нест. Ин масъалаи мурдани аввалияро ҳам ҷаласаи гузашта баҳс кардем –

رَبَّنا أَمَتَّنَا اثْنَتَيْنِ وَأَحْيَيْتَنَا اثْنَتَيْنِ

(*Мӯъмин/11*) Аз Қуръон истифода мешавад, ки мардум баъд аз ин зиндагӣ ду мурдан доранд: як мурдан, ки вориди олами барзах мешаванд ва интиқол аз барзах ба қиёмат ҳам аз назари Қуръон мурдане аст ва ҳаёте, яъне интиқол аз як ҳаёт ба ҳаёти дигар аст, ки аз он таъбир ба мурдан мешавад. Онҳо ҳам гуфтанд, ҷуз ҳамин як мурдан, мурдани дигаре надорем, яъне пас қаҳран баъд аз ин ҳаёте нест, ки боз мурдане ва ҳаёте бошад.

فَأْتُوا بِآبائِنا إِنْ كُنْتُمْ صادِقِينَ

Агар рост мегӯед, ки падарҳои мо ҳастанд, пас бигӯед, онҳоро биёваранд. Ин –

فَأْتُوا بِآبائِنا

— мушъир ба ин аст, ки анбиё ба онҳо мегуфтанд, падарҳоятон ҳам намурдаанд ва дар воқеъ зиндаанд, мегуфтанд, пас онҳоро биёваред, то мо бибинем.

أَهُمْ خَيْرٌ أَمْ قَوْمُ تُبَّعٍ وَالَّذِينَ مِنْ قَبْلِهِمْ أَهْلَكْناهُمْ إِنَّهُمْ كانُوا مُجْرِمِينَ

Шоҳид ҳам ояти баъд аст:

وَما خَلَقْنَا السَّماواتِ وَالْأَرْضَ وَما بَيْنَهُما لاعِبِينَ، ما خَلَقْناهُما إِلاّ بِالْحَقِّ وَلكِنَّ أَكْثَرَهُمْ لا يَعْلَمُونَ، إِنَّ يَوْمَ الْفَصْلِ مِيقاتُهُمْ أَجْمَعِينَ

(*Духон/34-40*) Мо осмонҳо ва замин ва он чи дар миёни онҳо ҳаст халқ накардем, ки бихоҳем бозӣ карда бошем.

## Лағв ва ботил, нисбӣ аст

Лаъб, бо ботил тафовут дорад. Кори бачча, ки ба он бозӣ мегӯем, ҳам ҳақ аст ва ҳам ботил. Лаъб аст аз назари асли кор, яъне агар мо назар ба он коре, ки бачча мекунад

биандозем, масалан агар он амали тӯпбозиро мавриди назар қарор диҳем, чӣ асаре бар ин тӯпбозӣ бор аст? Ҳеч, амалаш беҳуда аст, Вале барои бачча беҳуда нест, Чун нафси бозӣ кардан барои ӯ хуб аст, мояи рушди руҳӣ ва ҷисмии ӯст. Ва аз ин рӯ мегӯянд, дар воқеъ дар олам ҳам ҳеч кори ботиле вуҷуд надорад. Ҳамаи корҳои лағв ва ботиле, ки мо дар дунё мегӯем, лағв ва ботилҳои нисбӣ аст. Ва ин як ҳақиқате аст. Баъзе аз афрод одат доранд бо тасбеҳ бозӣ кунанд. Агар аз худи онҳо бипурсед, шумо чаро ин тасбеҳро мегардонед, фоидаи ин кор чист? Мегӯянд, ҳеч. Ин рост аст. Вале он тавр ҳам, ки худашон мегӯянд, бефоида нест. Яъне агар бигӯем, оё шумо бар асоси мантиқ ин корро мекунед, аз назари ин ки шумо як марди соҳиби ақл ва мантиқе ҳастед, фикре кардаед ва асаре бар ин кор фарз мекунед? Мегӯянд, на. Пас ин кор беҳуда аст. Аммо ин корро, ки ақл ва мантиқи онҳо намекунад, як одате дар дасташон ҳаст ва осоиши онҳо ба ин аст, ки ин корро бикунанд. Аз назари он қуввае, ки осоишаш дар ин кор таъмин мешавад, ин кор лағв нест, аз назари он қуввае лағв аст, ки фаъолияте дар инҷо надоштааст.
Худо мегӯяд, кори мо бозӣ нест, яъне мо нахостем худамонро саргарм кунем, хуш бошем бидуни ин ки бар амал ва феъли мо асаре бор бошад ва ҳақиқате дар он бошад. Хилқат мисли кори бачча нест, ки асараш фақат саргармии худаш аст, тафаннуни худаш аст, тафреҳи худаш аст, бидуни он ки бар кораш асаре бор бошад.
Пас ин ҳам як мантиқе аст дар Қуръон, ки мегӯяд: агар қиёмате набошад, маънояш ин аст, ки ин хилқат лағв бошад, бо ин тафовут, ки дар инҷо мегӯяд, хилқати осмонҳо ва замин ва ҳар чи дар васат аст бояд лағв бошад, дар онҷо (сураи Мӯъминун) роҷеъ ба хусуси банӣ Одам буд, ки бояд хилқати банӣ Одам абас бошад.
Дар сураи Ҷосия мефармояд:

أَمْ حَسِبَ الَّذِينَ اجْتَرَحُوا السَّيِّئاتِ أَنْ نَجْعَلَهُمْ كَالَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصّالِحاتِ سَواءً مَحْياهُمْ وَمَماتُهُمْ ساءَ ما يَحْكُمُونَ

Оё ин гуноҳкорон хаёл кардаанд, ки мо онҳоро дар радифи мӯъминин ва солеҳон қарор медиҳем, зиндагии инҳо бо онҳо ва мурдани инҳо бо онҳо як ҷур хоҳад буд? Яъне барои амали неку бад ҳеч тафовуте дар миқёси мо нест? Хеле бад ҳукм ва қазоват карданд, ғалат фикр карданд.

وَخَلَقَ اللهُ السَّماواتِ وَالْأَرْضَ بِالْحَقِّ

Худо осмонҳо ва заминро ба ҳақ офарид. Яъне ин фикре, ки инҳо мекунанд, ки хубу бад, имон ва амали солеҳ бо беимонӣ ва бадкирдорӣ натиҷааш мусовӣ аст, маънояш ин аст, ки хилқати осмон ва замин бар ҳақ набошад, ба ботил бошад. На, Худо ба ҳақ офаридааст.

وَلِتُجْزى كُلُّ نَفْسٍ بِما كَسَبَتْ وَهُمْ لا يُظْلَمُونَ

(*Ҷосия/21 ва 22*) Ва ин хилқат барои ин аст — инҷо ғоят зикр мекунад — ки ҳар нафсе ба он чи ки касб кардааст, бирасад ва дар ин расидан ҳатто ба он бадҳо ҳам қаҳран зулм намешавад.
Дар сураи Сод мефармояд:

إِنَّ الَّذِينَ يَضِلُّونَ عَنْ سَبِيلِ اللهِ لَهُمْ عَذابٌ شَدِيدٌ بِما نَسُوا يَوْمَ الْحِسابِ

Фаромӯш кардаанд рӯзи қиёматро.

وَما خَلَقْنَا السَّماءَ وَالْأَرْضَ وَما بَيْنَهُما باطِلاً

Мо осмон ва замин ва ҳар чи дар ин васат аст ботил наёфаридем.

ذلِكَ ظَنُّ الَّذِينَ كَفَرُوا

Ин гумони кофирон аст, онҳо ин тавр хаёл мекунанд.

فَوَيْلٌ لِلَّذِينَ كَفَرُوا مِنَ النّارِ

Вой бар ҳоли онҳо аз оташе, ки бар онҳо хоҳад расид!

أَمْ نَجْعَلُ الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصّالِحاتِ كَالْمُفْسِدِينَ فِي الْأَرْضِ أَمْ نَجْعَلُ الْمُتَّقِينَ كَالْفُجّارِ

(*Сод/26-28*) Оё қиёмате набошад ва дар натиҷа мӯъминин ва омилини солеҳотро мисли муфсидин дар замин қарор диҳем? Оё мо муттақинро монанди фуҷҷор қарор диҳем? (Оятҳои) як сураи дигар боқӣ монда, барои ин ки ҳамаи оятҳоро истиқсо карда ва хонда бошем. Дар сураи Анбиё мефармояд:

وما خَلَقْنَا السَّماءَ وَالْأَرْضَ وما بَيْنَهُما لاعِبِينَ، لَوْ أَرَدْنا أَنْ نَتَّخِذَ لَهْواً لاَتَّخَذْناهُ مِنْ لَدُنّا إِنْ كُنّا فاعِلِينَ

Мо ин осмон ва замин, ин махлуқот ва машҳудотеро, ки шумо доред мебинед, халқ накардем, ки бихоҳем бозӣ карда бошем (мафҳуми бозиро арз кардам). Қуръон мегӯяд, агар мо мехостем чизеро бозӣ қарор диҳем, шумо башар ва ин олами маҳсуси шуморо намеофаридем, метавонистем дар олами малаъи аъло — ки ҳамон фариштагон ҳастанд — як кор бозӣ барои худамон барқарор кунем ва лузуме надошт, ки мо биёем ин олам ва шуморо халқ кунем, ки ҳазор шакку тардид ҳам дар кори мо дошта бошед:

لَوْ أَرَدْنا أَنْ نَتَّخِذَ لَهْواً لاَتَّخَذْناهُ مِنْ لَدُنّا إِنْ كُنّا فاعِلِينَ

Агар мехостем ин корро бикунем, мекардем.

بَلْ نَقْذِفُ بِالْحَقِّ عَلَى الْباطِلِ فَيَدْمَغُهُ فَإِذا هُوَ زاهِقٌ وَلَكُمُ الْوَيْلُ مِمّا تَصِفُونَ

(*Анбиё/16-18*) Балки мо ҳақро бар ботил мекӯбем, пас ҳақ ботилро аз байн мебарад ва вой бар шумо аз он тавсифҳое, ки дар бораи Худо кардед ва нисбати лаъбу лаҳв ва ин чур чизҳо ба Худованд додед!

Ин худаш як мантиқе аст дар Қуръон ба сурати истифҳоми инкорӣ, яъне моро ирчоъ карда ба истидлол ва ақли худамон, ки худатон чӣ тавр қазоват мекунед? Оё шумо Худоро абаскор, лоъиб ва бозигар, мубтил (касе, ки коре, ки аз ӯ содир мешавад, ботил аст) фикр мекунед? Ин тавр нест, пас қиёмат ҳаст.

Дар наҳваи ин истидлол, дар баёни сухани Худованд ва тавзеҳи ин матлаб, ки ин чӣ робитае аст миёни ин ки қиёмате набошад ва хилқат абас бошад (бояд тавзеҳ дода шавад). Ин чӣ ҳарфе аст, ки Қуръон мегӯяд, тавчеҳкунандаи хилқат фақат қиёмат аст? Ин хулосаи ҳарфи Қуръон аст, ки тавчеҳи хилқати инсон ҳашри инсон аст ва тавчеҳи хилқати ҳамаи олам ҳам боз вуҷуди қиёмат аст. Чаро? (Посух дар қисматҳои баъдӣ хоҳад омад.)

## Баёни аҳли калом

Як баёне маъмулан аҳли калом кардаанд ва ағлаб дар китобҳои маъмулӣ ҳамин баёнро зикр мекунанд, ки он албатта бештар ба хилқати инсон мехӯрад ва ин тавчеҳ барои хилқати ҳамаи олам ба ҳеч ваҷҳ кофӣ нест. Ба ин сурат баён мекунанд; мегӯянд: инсон

дар ин дунё дорои ирода ва ихтиёр ва озодӣ аст ва дар сари роҳи ӯ кори хуб ва кори бад ҳар ду қарор гирифтааст. Инсон метавонад корҳоеро анҷом диҳад, ки хуб аст ва метавонад корҳоеро анҷом диҳад, ки бад аст, бар хилофи ҳайвонот ва бар хилофи наботот ва ҷамодот, ки барои онҳо хубу бад мафҳум надорад. Афроде дар дунё кори хуб мекунанд ва афроде кор бад. Агар қиёмате набошад, хубу бадҳо ҳадар рафта (хубҳо ҳадар рафта ва бадҳо ҳам ба кайфар нарасидааст), пас хилқати инсон ба ин наҳва абас (беҳуда) аст, пас бояд қиёмате бошад барои ин ки некӯкорон подоши худашонро дарёфт кунанд ва бадкорон ҳам ба кайфари худашон бирасанд, то хилқати инсон бахусус аз он ҷанбае, ки истеъдоди некӯкорӣ ва бадкорӣ дорад, аз лағв будан хориҷ шавад.

## Накди баёни аҳли калом

Агар ба ин шакл бихоҳем баён кунем, мо бояд охиратро туфайлии дунё талаққӣ кунем; бигӯем: чун инсоне дар ин дунё халқ шуда ва чун инсон, ки дар ин дунё ҳаст хубу бадро мефаҳмад ва як идда кори хуб мекунанд як идда кори бад, барои ин ки ин хубу бадҳо дар ин олам дар як каффа қарор нагиранд, Худованд қиёматро халқ кардааст, фақат барои ин ҷиҳат, ки ин нақси кори дунёи хилқати инсонҳо ҷуброн шавад.

Ин ҳарф, ҳарфи дурусте нест, яъне бо мантиқи худи Қуръон ҳам ҷур дарнамеояд, ки масъалаи қиёмат як амри ба истилоҳ туфайлӣ бошад ва асосан бо қонуни хилқат ҳам ҷур дарнамеояд, ки мо бигӯем: Худованд як оламеро халқ мекунад ба туфайлии чунин чизе, як олам ба он тӯлу арз:

وَجَنَّةٍ عَرْضُهَا السَّماوَاتُ وَالْأَرْضُ

(“*Ва биҳиште, ки паҳнои он ба андозаи осмонҳо ва замин аст…” (Оли Имрон/133*)) на танҳо

خالِدِينَ فِيها ما دامَتِ السَّماوَاتُ وَالْأَرْضُ

(*Ҳуд/107*), балки як қисмат (аз мардум)

خالِدِينَ فِيها

— ки дигар аслан ниҳояте надошта бошад.

# Маънои абас набудани хилқат

Мо аввал бояд мафҳуми абас ва лаъб ва ботилро дарк кунем, то аз инҷо балки битавонем мафҳуми ояти Қуръонро дарк кунем. Сирфи хилқати як мавҷудро шумо дар назар бигиред, яъне як мавҷуде, ки истеъдод дорад барои махлуқ шудан, имкони мавҷудият барояш ҳаст, масалан агар як санге имкони мавҷудият дорад ва онро олами хилқат ба вуҷуд биёварад ва имкони бақояш ҳам як муддати маҳдуд бошад, баъд ин санг фонӣ шавад ва аз байн биравад, агар ҳеч қиёмате ҳам набошад, мешавад гуфт, ин хилқат абас аст? Мақсуд аз абас чист? Мақсуд аз нуқтаи муқобилаш чист? Хилқат чӣ гуна бояд бошад, ки абас набошад? Мо хилқатро чӣ тавр бояд фарз кунем, ки абас набошад?

Инҷо ба ду наҳв мешавад матлабро баён кард. Агар шумо роҳи севвуме доред, баён кунед.

Баъзе, матлабро ин тавр баён мекунанд, ки хилқат он вақт абас нест, ки мунтаҳӣ ба бақо шавад. Хилқате, ки охир ва ниҳояташ фаност, ин хилқат абас аст. Агар мавҷуде, ки офарида шуд, барои бақо буд ва барои ин буд, ки ҳамеша мехоҳад бимонад ва ҳамеша аз ноҳияи парвардигор файз бигирад, ин як ҳастӣ аст дар муқобили нестӣ ва давом аст ва бинобар ин абас нест, вале агар сирф (ин аст, ки) як мавҷуд халқ мешавад, баъд ҳам нест мешавад, як ҳастие аст, пушти сараш ҳам нестӣ ва ҳеч иртиботе ҳам миёни ин мавҷуд ва як мавҷуди дигаре нест, ки бигӯем ин мавҷуд офарида шуда барои мавҷуди дигаре, ки он метавонад боқӣ бимонад, ин абас аст.

Ин тавр тақрир кардаанд, ки муфоди ин оятҳо ин аст, ки хилқат барои бозгашт ба парвардигор аст, ашё офарида шудаанд ва омадаанд дар ин олам барои ин ки бозгарданд ба сӯйи парвардигор ва барои ин ки ба абадият бипайванданд ва барои ин ки ҳеч вақт фонӣ нашаванд, мунтаҳо бояд қоил шавем, ки тамоми олам ба сӯйи абадият меравад ва ҳеч чизе фонӣ намешавад ва ҳамаи фаноҳо нисбӣ аст ва ҳамаи ашё ва аз ҷумла инсонҳо — ҳамон тавр, ки аз баъзе оятҳои Қуръон истинбот мешавад — ба наҳви ба сӯйи парвардигор бозгашт мекунанд. **Ашё офарида шудаанд, ки камоли худашонро дар ин олам тай кунанд ва паймудани роҳи камолашон ҳамон ва мулҳақ шудан ба Худованд ҳамон ва боқӣ будан ба бақои Худованд ҳамон**. Пас дар ин оят (Мӯъминун/115) мехоҳад нафйи нестӣ бикунад. Нафйи абас кардан, нафйи нестӣ аст, ишъор ба ин аст, ки абас нест, яъне нестӣ нест, ботил нест, яъне нестӣ нест, ҳар чи ҳаст ҳақ аст, яъне ҳар чи ҳаст ҳастӣ аст ва бақо ва давом аст барои ҳамаи мо.

Баъзе ҳам барои мавҷудоти дигар ба ин шакл мегӯянд, ки лозим нест мо қоил шавем — ва ҳатто аз Қуръон ҳам шояд натавонем истинбот кунем — ки ҳеч чизе нест намешавад

ва ҳама чиз ба сӯйи парвардигор бозмегардад. Мақсуд (аз мавҷуде, ки нест намешавад) инсон ва аҳёнан ҳайвонот аст (агар –

وَإِذَا الْوُحُوشُ حُشِرَتْ

(*Таквир/5*), мақсуд вуҳуш ва ҳайвонот бошад), инҳо ба сӯйи парвардигор бозмегарданд, вале инҳо зубдаи мавҷудотанд, яъне дар он пайвастагие, ки миёни низоми куллии олам ҳаст, ҳаракоти ин низом мунтаҳӣ мешавад ба ин мавҷудот ва инҳо ғояти хилқат ва барои ҳамеша боқӣ ҳастанд.

Бинобар ин, бақо ва абадияти инсон тавҷеҳкунандаи хилқати инсон ва худи инсон тавҷеҳкунандаи хилқати соири мавҷудоти олам аст. Пас ҳеҷ чиз абас нест, чун ҳар чизе барои як ҳикмате ва фоидае дар назар гирифта шудааст ва охирин фоидаҳо ва асарҳо, ки сар ба абадият ва бақо ва ҳамешагӣ мезанад инсон аст. Ҳоло лозим нест бигӯем (мақсуд) хусуси инсонҳое аст, ки рӯйи ин заминанд, балки дар каҳкашонҳо ҳам ҳар мавҷуде, ки истеъдоди абадият ва бақои абадӣ дорад. Мо аз он низомот хабар надорем, он низомот ҳам билохира барои ин аст, ки дар табиат сайри такомулӣ пеш биёяд ва билохира табиат, мавҷудоти абадӣ ва абдиятро таҳвил диҳад. Пас вуҷуди хуршед абас нест, моҳ ҳам абас нест, замин ҳам абас нест, барои ин ки ҳамаи инҳо гаҳворае ҳастанд барои ин мавҷуде, ки бояд ба абадият бипайвандад. Ин як баёне аст ва баъид ҳам нест ин баён дуруст бошад, ки Қуръон, ки гуфтааст, агар қиёмат ва абадияте набошад, пас хилқат лаъб ва абас ва ботил аст, аз роҳи масъалаи ғоят ва ғоият аст.

## Баёни дигар

Инҷо як баёни дигаре ҳаст наздик ба ин баён (баёни пешин) ва шояд аз назаре, ҷомеътар ва расотар аз ин баён ва он ин аст: лузуме надорад, мо аввал масъалаи абадият ва бақо ва нестиро матраҳ кунем, балки қадре ба вазъи мавҷуд ва машҳуд иттико мекунем. Агар шумо фарз кунед, як соҳибшуъуре, як инсони оқиле кореро бо як муқаддамоте шурӯъ кунад, ки ин муқаддамот бо як ҳадафи бахусусе таносуб дорад, вале қабл аз он ки ин муқаддамот ба он натиҷа бирасад, онро аз байн бибарад, инро мегӯем кори абас, кори ботил, коре шабеҳи лаъб. Ду мисол арз мекунам:

Агар касе биёяд, дар як замине, ки қасд дорад масалан ду моҳи дигар дар онҷо сохтмон бисозад ё худаш медонад, ки баъд шароите пеш меояд, ки ду моҳи дигар дар ин замин тасарруфоте хоҳад шуд, дар ин фасл, ки фасли поиз аст трактор биёварад ва шахм бизанад ва базреро дар инҷо бипошад (базре, ки ба таври оддӣ ва табиӣ 6 моҳи дигар

маҳсул медиҳад ва ба он натиҷаи ниҳоиаш мерасад), заминро обод кунад. Баъди ду се моҳи дигар, ки ҳанӯз базр аз замин берун наомада ё чаҳор-панҷ моҳи дигар, ки тоза ин базр берун омада ва ҳанӯз ба он ҳадаф ва натиҷаи худаш, ки истеъдоди онро дорад (ки рӯйидан ва рушд кардан ва гандум додан аст) нарасида, онро хароб кунад, яъне биёяд дар замин булдозер биандозад ва бигӯяд, мехоҳам дар он сохтмон бисозам. Мегӯем, он кори аввалат лағв буд, ту агар мехостӣ се-чаҳор моҳи дигар ин заминро дигаргун кунӣ ва аз байн бибарӣ, метавонистӣ як коре бикунӣ, ки натиҷаашро дар муддати се-чаҳор моҳ битавонӣ бигирӣ.

Мисоли беҳтар, мисоли ҷанин аст. Мо медонем, ҷанин дар муддате, ки дар раҳим (бачадон) аст, аъзо ва ҷавореҳ (чашм, гӯш, ҷиҳози танаффус, дасту по…) барояш халқ мешавад. Ҷанин дар раҳим як зиндагии гиёҳӣ дорад, мисли як гиёҳ зиндагӣ мекунад, вале дар раҳим таҷҳизоте ба ӯ дода шудааст, ки дар олами раҳим ба кор намеояд ва зуҳуру бурузе надорад. Масалан ин чашм барои зиндагии гиёҳии раҳим нест. Агар бино бошад, ки ҳамеша давраи зиндагии ҷанинҳо ин бошад, ки вориди раҳим мешаванд ва он охири 9 моҳ бояд зиндагиашон поён бипазирад, ин хилқат таносуб бо ин зиндагӣ надорад, яъне ҳақ дорад як касе бигӯяд, ин чашм барои чӣ офарида шуд, ин гӯш барои чӣ офарида шуд, ин даст барои чӣ офарида шуд, ин рия барои чӣ офарида шуд? Ӯ, ки як бор ҳам бо ин рия танаффус накард, пас лағв аст. Дасту по ва чашм ва гӯш ва рия ва… ин таҷҳизот барои як мавҷуде, ки тамоми давраи табиии умраш (9 моҳ дохили раҳим аст)[22] ва баъд аз 9 моҳ якмартиба бояд хушк шавад ва бимирад, абас ва лағв ва ботил аст. Оё ин оятҳои Қуръон, масалан:

أَفَحَسِبْتُمْ أَنَّما خَلَقْناكُمْ عَبَثاً وَأَنَّكُمْ إِلَيْنا لا تُرْجَعُونَ

— (оё) намехоҳад ба мо ин матлабро бифаҳмонад, ки ҳамин тавре, ки дар бораи як ҷанин дар раҳим агар инсон зиндагии гиёҳии ӯро бибинад ва диди худашро бар он ҳаср кунад ва бигӯяд, 9 моҳ зиндагӣ кард, баъд биравад дунболи кораш ва аз байн биравад ва бар рӯйи таҷҳизоте, ки барои зиндагии баъд дорад, ҳисоб накунад, хилқат абас аст?! Эй инсон! Ту агар рӯйи худат ҳисоб накунӣ, агар хаёл кунӣ, ки бо ҳамин зиндагии дунёӣ, бо ҳамин бадан ва чашм ва.., ки баъд аз 60-70 сол поён мeёбад, поён мeёбӣ, хилқати худатро абас фарз кардаӣ. Яъне дар ту таҷҳизоте ҳаст, ки мутаносиб бо ин зиндагии дунё

[22] *Ҳоло агар як вақт ба таври ихтироми (ғайри табиӣ) бачаае сиқт мешавад, қонуни куллӣ нест.*

нест (намегӯяд зидди он аст), мутаносиб бо як зиндагии баъд аз ин аст ва он ҳамон таҷҳизоти абадият дар инсон аст.

Инсон, дар моварои ин бадани моддии худаш, як ҳақиқати басите дорад, ки он ҳақиқати басит чун мураккаб нест, дигар таҷзия намепазирад. Аслан нестӣ ҷуз таҷзия нест. Мо нестии воқеӣ дар олам надорем, ҳамаи нестиҳои олам таҷзия шуданҳои мураккабот ва тағйири ҳолат доданҳост. Мураккабот, ки аз байн мераванд, дар воқеъ тағйири ҳолат медиҳанд, яъне он воқеият (сурат)-и мураккаб, ки аз байн меравад, аз боби ин аст, ки аҷзои он тағйири ҳолат медиҳанд, дигар наметавонад боқӣ бимонад.

Эй инсон! Агар бино буд зиндагӣ маҳдуд бошад ба ҳамин зиндагии дунё ва баъд аз ин зиндагие набуд, мо дигар инсон намеофаридем, ҳамон гиёҳҳо ва сангҳо кофӣ буд. Агар касе дар бораи санг фикр кунад, мебинад, ки ин санг ҳашре надорад. Ҳамаи таҷҳизоти зиндагии санг дар ҳудуди ҳамин дунёст, беш аз ин нест. Ин гиёҳ ҳашр надорад, чун ҳамаи таҷҳизоташ барои ҳамин аст, ҳамин миқдор ҳастӣ метавонад қабул кунад, ба он ҳамин миқдорро додаанд ва поёнаш ҳам ҳамин ҷо будааст (билохира ҳар чи бошад, ҳастӣ аз нестӣ беҳтар аст, ҳастӣ камол аст), сайри такомулии худашро карда ва тамом шудааст. Агар инсон қиёмате надошта бошад, маънояш ин аст, ки дар қадами аввали хилқат нобуд шавад, дар ҳоле, ки камоли ӯ дар ин дунё бурузу зуҳур накарда ва лозим меояд ин таҷҳизот, аз он ҷиҳат, ки инсон дорад, ҳама беҳуда бошад. Ҳамон тавре, ки ҷаҳони дунё тавҷеҳкунандаи хилқати аъзои бадани ҷанин аст (зиндагии дунё тавҷеҳ мекунад, ки чашм ва гӯш ва дасту по ва… дар раҳим абас офарида нашуд, ин тавҷеҳкунандаи он аст), олами охират низ тавҷеҳкунандаи инсон бимо ҳува инсон аст, ки дар ӯ “мисол” офарида шудааст (ки истилоҳан ба он қувваи хаёл мегӯянд)[23] ва дар ӯ ақл офарида шудааст ва дар ӯ авотифи бисёр олии худоҷӯӣ ва истеъдоди пайвастан ба Ҳақ офарида шудааст; ин истеъдодҳое, ки аслан молт ҷойи дигар аст. Агар инсон инҷо тамом шавад, мисли ин аст, ки тамомт инҳоро дар инҷо лағв ва абас гузоштаанд.

Дар мавриди ояти:

أَفَحَسِبْتُمْ أَنَّما خَلَقْناكُمْ عَبَثاً

— ки марбут ба хусуси инсон аст, беҳтарин тавзеҳе, ки ба назари мо расидааст ҳамин аст. Қадри мусаллам ин аст — ва дар ин ҷиҳат тардиде нест — ки аз назари мантиқи Қуръон, агар қиёмат набошад, хилқати инсон абас аст. Яъне ин оят дар воқеъ

[23] *Ғайр аз қувваи тахайюл аст.*

инсоншиносӣ аст, таваҷҷӯҳ додани инсон аст ба инсонияти худаш, ба он ҷавҳарҳо ва истеъдодҳои фавқулъодае, ки ҳама, базри абадият дар вуҷуди ӯст, ки ин базрҳо — агар инсон дар ҳамин ҷо поён бипазирад — базрҳое аст, ки дар замине пошида шуда бидуни ин ки ҳеч вақт ба ҳадди маҳсул бирасад.
Бар асоси ин баён, қиёмат туфайлии дунё нест, дунё муқаддимаи охират аст, ҳамон тавр, ки паёмбар (с) ҳам фармуд:

الدّنيا مزرعة الآخرة

(“*Дунё, киштгоҳи охират аст*”), инҷо як манзил аз манозиле аст, ки ба онҷо мунтаҳӣ мешавад, яъне ин мавҷуд — лоақал инсон, роҷеъ ба соири ашё ҳам баъд баҳс мекунем — тавре сохта шудааст, ки ин дунё фақат як манзил аз манозили ӯ ва марҳилае аз мароҳили ӯст ва таҷҳизоти ӯ чунон васеъ аст, ки агар фақат барои инҷо буд, ин тавр офарида намешуд ва ин таҷҳизот дар ӯ абас ва беҳуда буд. Ин таҷҳизот дар ҷаҳони дигаре (ҷаҳони барзах ва ҷаҳони қиёмат) буруз мекунад. Дар воқеъ, шахсияти воқеӣ ва аъзо ва ҷавореҳи воқеӣ ва ҳақиқии инсон онҳое аст, ки дар қиёмат зоҳир мешавад ва буруз мекунад. Ин бадане, ки инсон дар инҷо мебинад, як пӯшиш ва як навъ зиндагӣ аст, ки нисбат ба зиндагии он дунё мисли зиндагии гиёҳии ҷанин аст нисбат ба зиндагии дунёии ҷанин.
Ин, баёне аст, ки ба назар мерасад. Шумо ба ҳар ҳол рӯйи ин оятҳо таъаммул кунед.
Воқеан ман дар ин оятҳои маъод бахусус мебинам, ки ҳеч кас аз бузургон дар боби маъод сад дар сад (ба тафсири худ мутмаин) нест ва билохира ба як мароҳиле мерасанд, ки марҳилаи таслим ва таъаббуд аст. Хеле каманд ашхосе, ки ҳамаи оётро бихоҳанд мутобиқи он чи ки завқи худашон аст тавҷеҳ кунанд. Ман намехоҳам рӯйи ҳарфи худам сад дар сад пофишорӣ карда бошам, чун билохира тавзеҳе аст, ки ман дорам медиҳам, вале чунин оятҳо дар Қуръон ҳаст. Шумо бибинед, баёни дигаре барои тавзеҳи ин оятҳо пайдо мекунед ё на.
* * *
**Пурсиш**: *Он тавре, ки шунидаам, байни ҳазрати Ризо (а) ва Маъмун гуфтугӯе пеш меояд, ба ин сурат, ки ҳазрати Ризо (а) тасбеҳеро мечархондаанд ва Маъмун эътироз мекунад, ки ин кори лағве аст, ҳазрат мефармоянд: хайр, ба хотири ин ки ба теъдоди донаҳои тасбеҳе, ки мечархонам, зикри “Ло илоҳа иллаллоҳ” ё зикри дигаре гуфта мешавад ва бинобар ин кори ман лағв нест. Ман мехостам дар бораи ин ривоят тавзеҳе баён бифармоед.*

**Устод Мутаҳҳарӣ**: Он ривоятеро, ки шумо мегӯед, то мо набинем, наметавонем тавзеҳ бидиҳем. Вале шояд ин тавр буда, ки ҳазрат бо худашон зикр мегуфтаанд ва ӯ таваҷҷӯҳ дошта ва мехоста бипурсад, фоидаи зикр гуфтан чист, ё ин ки таваҷҷӯҳ надошта, ки ҳазрат тасбеҳро, ки мегардонанд, як теъдодт муайяне аз зикрро мегӯянд ва эрод кардааст. Ҳоло ман намедонам, ки воқеан ҳазрат бо тасбеҳ бозӣ мекардаанд ва ҳамон бозӣ кардант худашонро тавҷеҳ кардаанд ё тоаври дигаре будааст. То ман он ривоятро набинам, рӯйи он баҳс намекунам.

Ба ҳар ҳол, он ривоят бар зидди ҳарфи ман ҳам набуд, балки таъйиди он буд. Ман арз кардам, ҳеч як аз инҳо лағви мутлақ нест, ки мо хаёл мекунем, лағви мутлақ аст, (балки) лағви нисбӣ аст. Масалан дар инҷо яке аз қувваҳои мо (масалан қуввам хаёл ва воҳимаи мо) тафреҳ ва тафаннуне мекунад. Нисбат ба ин ки мо дар ҳамин вақт метавонистем як кореро рӯйи нақшаи ақлонӣ анҷом диҳем, ки бар он кор асари беҳтар ва бештаре бор бишавад ва сирфан тафаннун ва тафреҳи як қувваи мо набошад, ин кор лағв ва беҳуда аст ва инсон бояд ҳамеша тобеъи ақли худаш бошад, на тобеъи он чи ки одат ва табиаташ иқтизо мекунад. Аз ин рӯ ҳар гуноҳеро, ки инсон муртакиб мешавад, гуноҳ буданаш нисбӣ аст, яъне аз ҷанбаи як инсон, ки як маҷмӯа аст гуноҳ аст, вагарна аз ҷанбаи ҳайвонияти инсон (ин тавр нест). Инсон масалан дар ҳоле, ки бо узве аз аъзои баданаш гуноҳ мекунад, ин узв, ки лаззат мебарад, бо ин гуноҳ ба камоли худаш расида, аммо инсон яъне ин маҷмӯае, ки бояд бо як низом идора шавад чӣ тавр? Инсон, ки маҷмӯае аст, ки бояд дар як низом идора шавад, бадбахт шудааст. Ҷомеаи инсон чӣ тавр? Ҷомеаи инсон ҳам бадбахт шудааст. Ғараз ин ки он миқдоре, ки ҷаноби олӣ фармудед, бар зидди сухани ман нест.

**Муҳандис Бозаргон**: *Дар китоби “Роҳи тайшуда” баён шудааст, ки дар ҷаҳаннам ва биҳишт хулуд аст, ҳоло агар хулуди бениҳоят ҳам набошад, нисбат ба ин замон бениҳоят аст. Аз тарафи дигар дар Қуръон ҳаст:*

مَنْ جاءَ بِالْحَسَنَةِ فَلَهُ عَشْرُ أَمْثالِها وَمَنْ جاءَ بِالسَّيِّئَةِ فَلا يُجْزى إِلاّ مِثْلَها

*(Анъом/160) Худованд мефармояд, агар касе кори баде бикунад, айни он кор ба ӯ дода мешавад. Масалан, агар касе як нафарро бикушад, куштани як нафс чӣ андоза зарар дорад? Ба худи мақтул ва бачча ва зани ӯ ва дигарон зарар мерасад. Бояд айни ин зарар ба шахси қотил бирасад. Фаразан, чанд сол айни азоби афродеро, ки аз ин қатли амд мекашанд, он шахси қотил ҳам бикашад, вале хулуд дар оташ тасовӣ нест. Ё агар ман ба як нафар даҳ ҳазор тумон пул додам, ба мӯҷиби он оят, бояд Худованд сад ҳазор*

*тумон ба ман бидиҳад ва сад ҳазор тумон маҳдуд аст. Агар касе дар ин дунё масалан чиҳил сол хубӣ карда, ҳадди аксар ин аст, ки бояд дар он олам чаҳорсад сол ба ӯ хубӣ кунанд ва агар чил сол бадӣ карда, бояд дар онҷо чиҳил сол ба ӯ бадӣ кунанд, аммо чаро ин тавр нест?*

*Суоли дигар: ҳамон тавр, ки фармудед, дар Қуръон нисбат ба се марҳилаи марг, барзах ва қиёмат баҳс шудааст. Агар олами барзах тавъам бо эҳсоси дард ва лаззат аст, чаро дар Қуръон аз ин омил дар ҷиҳати инзор ва тарсондани мардум истифода нашуда ва агар истифода шуда, як ҳазорум истифодае, ки аз ъиқоб ва савоби охират шуда, дар ин ҷиҳат нашудааст?*

**Устод Мутаххарӣ**: Аввалан, инро худатон қабул доред ва шояд як мантиқе аст, ки худатон онро ҳамеша ба кор мебаред, ки агар мо як воқеиятеро аз Қуръон истинбот кардем, баъд ин ки чаро чунин ё чунон шуда, ба истинботи мо садама намезанад. Ба ин маъно, ки агар мо аз оятҳои Қуръон — ҳамон тавре, ки худатон ҳам тақрибан қабул кардед (лоақал дар як оят) ва оятҳои зиёде ҳам ҳаст — истинбот кардем, ки воқеан дар фосилаи мурдан ва қиёмат ҳаёт ва зиндагӣ ҳаст ҳарчанд ин ки дар ҳеч ҷойи Қуръон аз ин омил ба унвони як омили тарбиятӣ ва инзорӣ истифода нашуда бошад, ба ин истинботи мо садама намезанад ва Қуръон инро гуфтааст, ҳадди аксар ин аст, ки бигӯем, чаро Қуръон аз ин омил истифода накардааст. Агар мо натавонистем он матлабро тавҷеҳ кунем, ки чаро Қуръон аз ин омил ба унвони як омили инзорӣ ва тарбиятӣ истифода накарда ва аз назари мо беҳтар мешуд истифода кард, ин сабаб намешавад ва худатон ҳам ба мо иҷоза намедиҳед, ки мо аз он оятҳо даст бардорем. чун ин “чаро”-ро натавонистем ҷавоб диҳем.

Гузашта аз ин, Қуръон ин корро кардааст. Чӣ тавр ин корро накарда? Аввалан, ҳамон ояти:

وَلا تَحْسَبَنَّ الَّذِينَ قُتِلُوا فِي سَبِيلِ اللَّهِ أَمْواتاً بَلْ أَحْياءٌ

— ки аз омиле ба ин наздикӣ мунтаҳо ба сурати табшир (истифода кардааст). Барои ташвиқ ба ҷиҳод ва шаҳодат ҳеч чизе беҳтар аз ин нест, ки инҳо мурданашон ҳамон ва дар оғӯши неъмат ва саодат рафтан ҳамон бошад:

وَلا تَحْسَبَنَّ الَّذِينَ قُتِلُوا فِي سَبِيلِ اَللهِ أَمْواتاً

— дар фикри мусалмонон ҳам ҳамин буд, на ин ки ҳоло мо шаҳид мешавем, баъд аз миллионҳо сол, миллиардҳо сол, намедонем кай, оё мо он вақт ва дар он фосила ва баъди замоне ба саодате хоҳем расид? Ақидаи онҳо ин буд, ки кушта шудани мо ҳамон ва дар оғӯши саодат рафтан ҳамон.

Ин амр дар тарбияти исломӣ ҳам нуфуз кардааст: аҳли минбар ҳамеша нақл мекунанд, ки дар шаби Ошӯро яке аз асҳоби ҳазрат ба номи Бурайр ибни Хузайр дар ҳоле, ки иддае ҷилави он хаймаи танзиф нишаста буданд ва интизор мекашиданд, доим шӯхӣ мекард. Рафиқаш ба ӯ гуфт: имшаб, ки шабт шӯхӣ нест! Гуфт: дӯстони ман ҳама медонанд, ки ман дар умрам аҳли шӯхӣ набудаам, вале имшаб шаби шӯхӣ аст, чун медонам фардо шаҳодати мо ҳамон ва биҳишт рафтан ва дар оғӯши ҳурулайн рафтани мо ҳамон.

Пас маълум мешавад, ин омили тарбиятӣ воқеан дар руҳи мусалмонон асар дошта ва таърих ҳам нишон медиҳад, ки аслан ҳамаи мусалмонон ин тавр фикр мекарданд, танҳо мунтазири қиёмат набуданд, фикр мекарданд бо шаҳид шудан, билофосила дар саодат мераванд ва табъан аз он тараф ҳам фикр мекарданд, ки бо мурдан гирифтори азоб мешаванд. Инро худи ислом ба онҳо талқин карда буд ва аз хориҷ набудааст. Инҳо моли садри аввали ислом аст, намешавад бигӯем, моли қарни дуввум, севвум аст, ки масалан ирфон ва тасаввуф ва фалсафа ва ин ҳарфҳо омада, таърихи садри аввал ҳикоят мекунад. Ба илова, худи Қуръон ҳам гуфтааст. Ҳамон ояти роҷеъ ба соҳиби Оли Ёсин мегӯяд, ки то мурд, гуфт:

يا لَيْتَ قَوْمِي يَعْلَمُونَ، بِما غَفَرَ لِي رَبِّي وَجَعَلَنِي مِنَ الْمُكْرَمِينَ

Эй кош қавми ман (ҳамин қавме, ки алъон дар дунё ҳастанд) медонистанд ман алъон чӣ қадр хушу хуррамам! Ояте, ки дар сураи Воқеа буд — ва мо дар ҷаласаи пеш хондем — (мефармояд):

فَلَوْ لا إِذا بَلَغَتِ اَلْحُلْقُومَ

— ки гуфтем, дар Қуръон як мантиқе ҳаст, ки мо намедонем чӣ гуна аст ва моҳияти он бар мо макшуф нест. Ҳол чӣ иртибот ва таъаллуқе (байни нафс) бо ҳулқум ва тароқӣ — ки дар ҷойи дигари Қуръон аст — вуҷуд дорад, мо намедонем, вале медонем он чиро, ки

Қуръон “нафс” медонад, мехоҳад бигӯяд, то қабл аз инҷо умеди бозгашти он ҳаст, вале ба инҷо, ки расид, дигар имкони бозгашт нест:

فَلَوْ لا إِذا بَلَغَتِ الْحُلْقُومَ، وَأَنْتُمْ حِينَئِذٍ تَنْظُرُونَ، وَنَحْنُ أَقْرَبُ إِلَيْهِ مِنْكُمْ وَلكِنْ لا تُبْصِرُونَ، فَلَوْ لا إِنْ كُنْتُمْ غَيْرَ مَدِينِينَ، تَرْجِعُونَها إِنْ كُنْتُمْ صادِقِينَ

Билофосила мегӯяд:

فَأَمّا إِنْ كانَ مِنَ الْمُقَرَّبِينَ، فَرَوْحٌ وَرَيْحانٌ وَجَنَّةُ نَعِيمٍ، وَأَمّا إِنْ كانَ مِنْ أَصْحابِ الْيَمِينِ، فَسَلامٌ لَكَ مِنْ أَصْحابِ الْيَمِينِ، وَأَمّا إِنْ كانَ مِنَ الْمُكَذِّبِينَ الضّالِّينَ، فَنُزُلٌ مِنْ حَمِيمٍ، وَتَصْلِيَةُ جَحِيمٍ، إِنَّ هذا لَهُوَ حَقُّ الْيَقِينِ

Билофосила баъд аз мурдан, муқаррабин як вазъ доранд, асҳоби ямин вазъи дигаре доранд, муказзибин вазъи дигаре доранд. Роҷеъ ба хусуси суоли қабр ва фишори қабр ва… асли он чарои ҷаноби олӣ ҷавоб дода шуд. Агар бигӯед аз ин омил истифода накарда, (мегӯем) аз ин омил истифода кардааст.

Масъалае боқӣ мемонад, ки агар воқеан масъалаи суоли қабр ба ҳамон шакл ҳаст ва фаттонай ал-қабр (ду фаттони қабр) ба таъбири ҳадис — ё баъзе аҳодис Мункару Накир таъбир кардаанд — меоянд ва фишори қабр ҳаст, чаро ҳамаи шуъуни олами барзах дар Қуръон ба ин сурат зикр нашудааст. Хуб, зикр нашуда бошад, ҳадди аксар ин аст, ки касе бигӯяд, Қуръон, ки инҳоро нагуфта, мо бояд биравем бибинем аҳодиси қатъии мутавотир ҳаст, ки қабул кунем ё на, агар ҳам набуд, қабул намекунем. Ин ба муддаои мо — ки масъалаи исботи олами барзах аст — садама намезанад.

Ҷавоби эроди аслии ҳазрати олӣ, ки чаро ба унвони омили тарбиятӣ истифода нашуда (ин аст, ки) на, воқеан истифода шудааст, ҳадди аксар ин аст, ки шумо бигӯед пас маълум мешавад фишори қабр ба он маъно дуруст нест, агар буд Қуръон мегуфт. Мо фаразан худамон ҳам фишори қабрро қабул надошта бошем, ба ин баҳси имрӯзи мо зарбае намезанад.

Пас Қуръон ҳам ин матлабро баён карда ва агар ҳам ин “чаро” барои мо мубҳам монда буд, ба истидлоли мо зарба намезад ва “чаро” ҳам мубҳам нест ва Қуръон ҳам мусаллам аз ин омили тарбиятӣ истифода кардааст.

**Аммо ҷавоби суоли аввал:** албатта ин суол аз қадим суоли хеле муҳимме буда ва ҳамеша матраҳ будааст. Банда дар китоби “*Адли илоҳӣ*” дар масъалаи “*Муҷозотҳои*

*ухравӣ*”, як бахш, ки дар онҷо боз кардаам, ҷавоби ин суол буда, ки муҷозотҳои ухравӣ ҳеч таносубе бо гуноҳони дунявӣ надорад, на аз ҷиҳати муддат таносуб дорад ва на аз ҷиҳати кайфият, (дар бораи) кайфияташ он тавр, ки ба мо гуфтаанд, сӯзандагии оташи ҷаҳаннам бо оташи дунё мисқолаш ҳафт синнор тафовут дорад.[24] Аз худи Қуръон ҳам шояд бишавад истинбот кард ва дар ривоят дорем як ҳалқааш агар ба ин дунё биёяд, кӯҳҳоро об мекунад. Ин оташ бо оташи дунё ҳеч таносубе надорад. Муддати он ҳам ҳамин тавр аст.

Дар масъалаи “адл ва зулм” шумо худатон як мантиқе дар китоби “*Роҳи тайшуда*” доред. Мо қисмате аз он мантиқро саҳеҳ медонем, яъне он чизеро, ки мо рад мекунем, сабки мутакаллимон аст. Мутакаллимон ҳамеша мехоҳанд муқоиса кунанд адолати Худоро ба адолати як ҳокими дунявӣ ва идораи оламро ба идораи иҷтимоъи инсон ва қаҳран муҷозотҳои ухравиро ҳам аз навъи кайфарҳои ин дунё мехоҳанд ҳисоб кунанд. Мо дар онҷо гуфтаем, аслан агар ин тавр бошад, (кайфар) дар қиёмат тақрибан мавзӯъ надорад, на ин ки муддат ва шиддаташ зиёд аст, асли он ғалат аст. Қуръон мегӯяд, инҳо дар охират бояд муҷозот бибинанд, то ҳаёти дунёиашон бо он тавҷеҳ шавад ва ҳол он ки бар асоси баёни мутакаллимон асли он кор ғалат аст, худи дунё бештар қобили тавҷеҳ аст то он кор, чаро? Чун аслан муҷозот барои чист? Ҳикмати муҷозот дар ин дунё чист? Яке аз ду чиз аст: ё ташаффӣ аст, уқда холӣ шудан аст, ки худи уқда холӣ шудан ҳам яке аз ин ҷанба аст, ки нороҳатии фард салб мешавад ва дигар аз ин ҷанба, ки агар уқда дар касе, ки зулм бар ӯ ворид шуда боқӣ бимонад, баъд ба иҷтимоъ садама мезанад, яъне агар уқдааш дар мавриди ҷонӣ холӣ нашавад, дар мавриди ғайри ҷонӣ холӣ мешавад. Ин мазмуни аҷиб, дар дуои ҳазрати Расул (с) ҳаст:[25]

**اللّهمّ اقسم لنا من خشيتك ما يحول بيننا وبين معصيتك ومن طاعتك ما تبلّغنا به رضوانك ومن اليقين ما يهون علينا به مصيبات الدّنيا، اللّهمّ امتعنا بأسماعنا وأبصارنا وقوّتنا ما أحييتنا واجعلها الوارث منّا واجعل ثأرنا على من ظلمنا**

Фарз бар ин шуда, ки ин интиқомҳо аз дили одам берун меояд. Ҳоло, ки биност инсон вақте, ки аз золим зулм дида, интиқом бикашад — маъмули мардум ин тавранд, нагӯед

[24] *Ба маънии тафовути бисёр зиёд.*

[25] *Дуои хеле хубе аст, ки ман ҳамеша онро дар қунутҳо ва ғайри қунутҳо мехонам. Дар моҳи Шаъбон ворид аст, вале барои ҳамеша хуб аст.*

иддае инҳоро дар руҳи худашон ҳал мекунанд, одам зулм мебинад, уқда пайдо мешавад — ин уқдаро агар рӯйи золим холӣ накунад, ҷойи дигар холӣ мекунад.

**واجعل ثأرنا على من ظلمنا**

Яъне

**لا على غير من ظلمنا**

Гӯ ин ки фарз шуда ин саър билохира берун меояд, ҳоло, ки биност берун биёяд, пас чаро худи золимро нагирад ва ғайри золимро бигирад? Як фалсафаи кайфарҳои дунявӣ, уқда холӣ шуданҳост. Он дунё дигар сӯҳбат ин ҳарфҳо нест, баъд аз миллиардҳо сол, рӯзи вонафсост, ҳар касе ба фикри як зарра саодат барои худаш аст. Чӣ касе ба фикри ин меафтад, ки ҳоло он касе, ки ба ман дар дунё зулм карда, уқдаам рӯйи ӯ холӣ шавад? Ин ҳарфҳо нест.
Дуввумин (ҳикмати муҷозот дар ин дунё) маслиҳати зиндагии иҷтимоӣ аст:

**وَلَكُمْ فِي الْقِصاصِ حَياةٌ يا أُولِي الْأَلْبابِ**

(*Бақара/179*) Муҷрим инҷо бояд муҷозот шавад, то дигарӣ тамаъи ҷурм накунад. Дар қиёмат ин ҳарфҳо матраҳ нест, магар ин ки касе — Алаёзу биллоҳ! — бигӯяд он таҳдидҳоро кардаанд, ки дар ин дунё асар бибахшад, вале он дунё воқеият надорад, ки (дар ин сурат) инсон бояд ваъдаи Худоро — Алаёзу биллоҳ! — ботил фарз кунад, ки чунин чизе нест. Агар мо бихоҳем масъалаи муҷозотҳои ухравиро бар ҳамин асоси “мутакаллиминӣ” яъне асоси дунявии зиндагии иҷтимоӣ тавҷеҳ кунем, на танҳо масъалаи муддат ва шиддаташ қобили тавҷеҳ нест, (балки) асли он қобили тавҷеҳ нест. Ман як қадам ҳам болотар рафтам.
Вале муҷозот ду ҷури дигар ҳам шарт дорад: як ҷур муҷозотҳои таквинӣ аст, яъне дар низоми хилқат ва табиат, ин ки инсон як коре мекунад, ки аксуламал яъне натиҷа ва асарашро дар ҳамин дунё мебинад. Одаме, ки машруб мехӯрад, ба ӯ гуфтаанд машруб нахӯр, вақте хӯрд, муҷозоташро дар ҳамин дунё мебинад, яъне рӯйи аъсоб, кабид ва ҷиҳозоти дигараш — ки шумо оқоён табибҳо беҳтар медонед — мебинад. Ин воқеан муҷозоте аст дар ҳамин дунё, вале дар бораи ин муҷозот, инсон ин тавр фикр мекунад, ки он касе, ки машруб хӯрда, чанд лаҳза машруб хӯрда? Ин муҷозот ҳам бояд ҳамин

миқдор бошад. Дар муҷозотҳои башарӣ аст, ки ин ҳисобҳо (ба миён) меояд, мегӯянд, ин асари ин кор аст.
Ё мисли ин аст, ки касе бигӯяд, оқо! Канори лабаи партгоҳи кӯҳ нарав, чун лозимаи ин кор лағзидан ва парт шудан аст. Ҳол як касе хирагӣ кард ва лаби партгоҳ рафт, меафтад ва устухонҳояш хурд мешавад, (агар) касе бигӯяд, миёни ин ҷазо ва ин амал таносубе нест, ҳоло ман хирагӣ кардам, як қадам рафтам он тарафтар, бояд инчунин муҷозот бишавад, ки аз сад метр кӯҳ биафтам пойин, ки тамоми мағзам хурд бишавад? Мегӯем, инҷо вақте мегӯянд ҷазо яъне робитаи иллату маълул. Ин корро накун, ки дунболаш ин (асар)-ро дорад. Он (асар), фарзанд ва натиҷаи зарурӣ ва ҳатмӣ ва ҷабрии он (кор) дар низоми хилқат аст, наметавонад аз он ҷудо бошад. Агар аз навъи муҷозотҳои иҷтимоӣ буд, инро мегуфтанд, вале дар инҷо намегӯянд.
Қуръон мантиқе дорад, ки аз ин ҳам як дараҷа болотар аст. Қуръон мӯътақид аст, ки ҳамин амали инсон, нафси амали инсон ҷазои ухравӣ аст. Мумкин аст бигӯед, аз назари илмӣ наметавонем тавҷеҳ кунем. Агар ҳам натавонем тавҷеҳ кунем, вале Қуръон инро гуфта, як рӯзе шояд башар битавонад тавҷеҳ кунад. Иддае мӯътақиданд, тавҷеҳ ҳам метавон кард. Дуруст аст, ки Қуръон таъбир ба “ҷазо” мекунад, аммо ҷойи дигар баён мекунад ва мегӯяд, худи амали шумо ҳамон ҷазост.

## Абас (беҳуда) набудани хилқат дар оятҳои Қуръон (бахши дуввум)

Имрӯзро моил будам бештар ихтисос диҳем ба ҷавоби суолҳо, махсусан ду ҷаласаи пеш оқои … суолоте доштанд, ки қарор шуд дар ҷаласаи баъд матраҳ шавад ва чун ҷаласаи баъд наомаданд, матраҳ нашуд. Ҳоло ман мухтасар ароизе дар дунболаи баҳси ҷаласаи пеш арз мекунам, баъд эшон баҳсро ба он наҳв такмил кунанд.
Баҳси мо дар бораи як силсила оятҳое дар Қуръон аст, ки ба ҳар ҳол хуб аст мафҳуми ин оятҳо барои мо ҳал шавад, чун ин оятҳо ба ҳар ҳол дар Қуръон ҳаст ва (мазмуни) онҳо ин аст, ки Қуръон бо таъбироти тақрибан чаҳоргонае, ки дар ин замина ҳаст, масъалаи абас ва беҳудагӣ дар хилқатро нафй мекунад. Гоҳе таъбири Қуръон ин аст, ки хилқат абас нест. Ва гоҳе таъбир ин аст, ки лаъб ва бозӣ нест ва мо лоъиб нестем. Гоҳе таъбир ин аст, ки лаҳв нест. Ва гоҳе таъбири Қуръон ин аст, ки асоси хилқат бар ботил нест, ба ҳақ аст.
Он гоҳ ҳамаи инҳоро, ки баён мекунад, дар тавҷеҳи ин ки хилқат бар абас нест, бар ботил нест, лаъб нест, лаҳв нест, ҳамон чизеро зикр мекунад, ки мо имрӯз “маъод” меномем ва

худи Қуръон бо таъбироти дигар баён кардааст. Ҷомеътарин таъбироти Қуръон ин аст, ки бозгашти ҳама чиз ба сӯйи Худост. Гӯ ин ки ин (тавр) аст, ки агар бозгашти ашё ба сӯйи Худо набошад, агар ашё ба сӯйи Худо барнагарданд, ин хилқат асосан абас аст, ботил аст, пас лаъб аст, лаҳв аст, ки ин дар воқеъ истидлол аз арзи вуҷуди Худованд бар маъод аст.

Ва баъзе аз оёте, ки дар ҳамин замина аст, истидлол аз маъод аст бар нубувват, баръакси он чи ки маъмулан аз нубувват бар маъод истидлол мекунанд ва мегӯянд, бояд маъод бошад, то ташреъ ва таклиф, ки ба василаи анбиё баён шудааст, лағв аз об дарнаёяд, мисли ин ки мо мегӯем, қонуни ҷазое, ки як амри қарордодии мост, бояд зомини иҷрой дошта бошад, мегӯем, бояд ҷаҳони дигаре бошад, то масъалаи таклиф мавзӯъ пайдо кунад, баръакс, **аз бисёре аз оятҳои Қуръон метавон истифода кард, ки чун бозгашти мардум ба сӯйи Худост ва ин воқеият вуҷуд дорад, пас нубуввате бояд бошад**, ки мардумро ба он чи ки ҳаст иршоду ҳидоят кунад, яъне маъодро мабно барои нубувват қарор медиҳад, на нубувватро мабно барои маъод.

Умда ин аст, ки бояд баҳс кунем, ки ба чӣ баёне агар бозгашти ашё ба сӯйи Худо набошад, хилқат абас, ботил ва беҳуда аст? Мумкин аст, касе бигӯяд: на, мо Худоро қабул дорем, Худо ҳаст, Худо ҳам оламро халқ карда ва охиру ниҳояти хилқат ҳам ҳамин аст, ки алъон мо дорем мебинем, бинои олам бар ҳамин аст, ки ашёе биёянд, маъдум ва нест шаванд ва ба куллӣ аз сафҳаи олам маҳв шаванд ва боз ашё дигаре биёянд ва ашё дигаре ва… Чӣ ба ин шакл бигӯем, ки ашё ба тамоми маъно маъдум мешаванд ва ашёи дигаре меоянд ё бигӯем, шакл ва сурати ашё маъдум мешавад, вале модда ва пояи ашё собит аст, ба ҳар ҳол дигар масъалаи маъод ва бозгашт ба сӯйи Худо нест, ин ашё ҳама ашёи муваққатӣ ҳастанд, ҳамин муваққатҳо мавҷуд бошанд, чаро лағв бошад? Ҳамин гиёҳҳо ва ҷамодҳо ва ҳайвонҳо ва инсонҳо як муддати маҳдудие бошанд.

Мусалламан ин мабҳас ба ҳамон мабҳаси маъруфи ғоят ва ғоёт марбут мешавад, яъне ин ки Қуръон мегӯяд, агар бозгашт ба сӯйи Худо набошад, хилқат абас аст, мехоҳад, бигӯяд агар он ғоят вуҷуд надошта бошад, (хилқат абас аст). Аз худи оятҳои Қуръон ҳам ин матлабро мешавад фаҳмид, ки маъод ғоят (-и хилқат) аст, ин ба сӯйи ӯст ва агар ӯ набошад, ин як муқаддимае аст, ки натиҷа надошта бошад. Тарзи баён ин аст. Ҳоло ман як баҳси мухтасаре роҷеъ ба масъалаи ғоят мекунам, то бибинем чӣ гуна ба ҳалли ин мушкил мерасем.

## Ғояти фоъил

Агар гуфтем, шаъйе ғояти шайъи дигар аст, масалан агар гуфтем “Б” ғояти “А” аст, маъноят ин аст, ки “А” барои “Б” аст ва ё маънии дақиқтараш ин аст, ки “А” ба сӯйи “Б” аст, яъне аслан ҳақиқат ва воқеияти “А” ин аст, ки ба сӯйи “Б” аст, яъне тамомияти “А” ба “Б” аст, “Б” бояд бошад, то “А” тамом шавад, “Б” мутаммими “А” аст.

Дар боби ғоят, гоҳе ғоятро ба фоъил нисбат медиҳанд ва гоҳе ба феъл. Вақте ғоятро ба фоъил нисбат медиҳем, маъноят ин аст, ки ангезаи фоъил аз феъли худаш чист? Мисли ин ки мо дар корҳои худамон ангеза дорем, яъне шаъйе моро бармеангезад, ҳадафе муҳаррик мост ва дар воқеъ дар фоъилҳое мисли худамон ду амр вуҷуд дорад: яке ин ки мо худамон дорем ба сӯйи ҳадафе меравем, ҳаракат мекунем ва дигар ин ки корамон барои чизе аст. Пас худамон ноқисем ва мехоҳем нақси худамонро такмил кунем. **Ғояти кори мо аз назари мо шайъе аст, ки мукаммили вуҷуди мост, ба тавре, ки агар мо ин нақсро намедоштем, ба сӯйи ин ғоят намерафтем**. Шумо дар ҳар ғояте аз ғоёт ва дар ҳар ҳадафе аз аҳдофе, ки аз назари худатон дар назар бигиред, ин тавр ба назар мерасад, ки як чизеро, ки надоред, мехоҳед онро барои худ касб кунед. Ин маънии ғояти фоъилӣ аст. Мусаллам агар чунин ғояте бошад, бояд фоъили ноқисеро дар назар бигирем, ки худаш ба сӯйи такомул меравад.

## Ғояти феъл

Як вақт ҳаст, ки мо ғоятро барои фоъил дар назар намегирем, ғоятро барои феъл дар назар мегирем ва мегӯем, ғояти ин феъл чист? Маъноят ин аст, ки мо ба фоъил кор надорем, мегӯем, ин кор барои чӣ ба вуҷуд омада ё ин кор ба сӯйи чӣ ҳадафе аст? Масалан, ин қолича ба чӣ дард мехӯрад, барои чӣ ба вуҷуд омадааст? Вақте инсон ғояти феъл мегӯяд, дар (ашёе) мисли қолича ва умури санъатӣ табъан ғояти воқеӣ вуҷуд надорад, чун аслан қолича ғояте надорад, ҳар чи ғоят аст, моли фоъил аст. **Ғояти феъл дар ҷойе гуфта мешавад, ки худи феъл ба ҳасби табиат худаш мутаҳаррик ба сӯйи як ҳадаф бошад**, мисли гиёҳе, ки аз аввале, ки аз замин сар мезанад ё аз аввале, ки шурӯъ ба фаъолият мекунад, ба сӯйи як камол ва як рушд меравад. Ин, ғояти феъл аст.

Дар бораи Худованд қадри мусаллам ин аст, ки аслан ғалат аст, ки мо ғоят ба маънои (ғояти) фоъил таъбир кунем. Худое, ки худашро ғании мутлақ ва бениёзи мутлақ ба мо муаррифӣ кардааст ва худро “самад” муаррифӣ карда, ки ҳар ниёзманде ба сӯйи ӯ мутаваҷҷеҳ аст ва ӯ бениёзи мутлақ аст, маъно надорад, ки бигӯем: Худованд аз хилқат чӣ ҳадафе барои худаш дошт? Ин аст, ки дар инҷо ин баҳс пеш меояд, ки аз назари

фоъил, хилқат ҷуз ҷуд ҳеч мафҳуми дигаре надорад, яъне ашё халқ шудаанд на барои ин ки суде ва нафъе ба ҳоли фоъил, ки зоти парвардигор аст дошта бошанд, балки барои ин ки худи инҳо ба он камоле, ки барояшон мумкин аст бирасанд, ки ин ки фарз ва тасаввураш чӣ гуна аст, худ матлабе аст, вале аз назари худи мавҷудот, матлаб хеле равшан аст, ки ғоят дар хилқати ҳар мавҷуде ҳамон камоли мумкине аст, ки барои он мавҷуд ҳаст ва ба сӯйи он камоли мумкин ҳаракат мекунад.

## Ҳадафдор будани хилқат

Бар ин асос, агар мо барои хилқат ғоят қоил ҳастем, маъноят ин аст, ки ҳаракати ашё бе ҳадаф нест, ҳаракати ашё бе назм нест, камоле, ки ашё пайдо мекунанд, камоле аст, ки ба сурати тасодуфи мутлақ ба вуҷуд наомада, аз он аввал, ки ашё ҳаракат кардаанд, ба сӯйи ҳамин камол мерафтаанд. Як таъбире оқои доктор … доранд:“*такомули ҳидоятшуда*” ва ин худаш як масъалае аст аз назари илмӣ, ки оё ин такомул дар ҳамин ҳудуде, ки илм барои ашё мешиносад, сад дар сад тасодуф аст? Яъне он селлули аввалӣ, ки дар ин олам ба вуҷуд омада, ин селлули аввалро ҳамин тавр иллатҳои тасодуфӣ як вақт чархондаанд ба он ҷо, як вақт чархондаанд ба ин ҷо бидуни ин ки ҳеч ҷиҳате дар сайри он вуҷуд дошта бошад, вале ин тасодуфот тавре пеш омада, ки мунтаҳӣ шуда ба вазъи мавҷуд? Ё ин ки на, дар айни ин ки ин иллатҳо тасодуфӣ ва ҷангҳо ва тазоҳумҳо буда, вале дар умқи зоти ин мавҷудот аз ҳамон қадами аввал як нерӯи мармузе — ки намешавад онро таъриф кард — ӯро мекашонда ба сӯйи ҳамин камоле, ки бояд дошта бошад; дар ҳар шароите, ки қарор мегирифта, худашро татбиқ медода ба сӯйи он камол, дар ҳар вазъе, ки қарор мегирифта, боз он нерӯи дарунӣ ӯро мекашонда ба сӯйи ҳадафи камолии худаш; ҳамин асли “интибоқ бо муҳит”, ки худи Дарвин ҳам онро қабул кардааст.

Мо мегӯем, “интибоқ бо муҳит”, хеле ҳарфи хубе аст, аммо ин усул чӣ гуна аст? Муҳит як вазъи хоссе дорад, баъд ин мавҷуди зинда худашро бо муҳит мунтабиқ мекунад. **“Мунтабиқ мекунад” дар айни ҳол ҳикоят мекунад аз як нерӯи дарунӣ дар худи ин мавҷуд, ки дар ин шароит ҳам, ки қарор мегирад, боз он ҳадафи худашро дунбол мекунад, яъне вазъе барои худаш ба вуҷуд меоварад, ки расидан ба ҳадаф ва камоли худаш дар ин шароит барояш мумкин аст**, дуруст мисли як одами иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки барои худаш ҳадафе дорад, вале дар ҳар шароите худашро бо муҳит мунтабиқ мекунад. “Мунтабиқ мекунад” на яъне сад дар сад ба ранги муҳит дармеояд ва ҳар ҷо, ки муҳит рафт, ҳамон ҷо меравад, (балки яъне) барои расидан ба ҳадафи худаш

аз шароити мавҷуд истифода мекунад, то ҳар ҳадде, ки мумкин аст, аз худ ба муҳит медиҳад ва аз муҳит мегирад, ҳамаи талошаш ин аст, ки чӣ гуна ба сӯйи ҳадафи худаш биравад. Дар ҳамон вақт ба худи Дарвин ҳам гуфтанд, ту аз асли "интибоқ бо муҳит" монанди як асли моварои табиӣ сухан мегӯӣ, яъне ӯ ончунон барои ин нерӯи дарунии ҳаётӣ ва ин нерӯи ҳадафдор дар мавҷудот асолат қоил шуд, ки гуфтанд, ту аз ин асл монанди як асли моварои табиӣ сухан мегӯӣ.

Ҳоло ин ки Қуръон ин ҳама исрор дорад, ки бигӯяд, дар хилқат ҳеч чизе абас, ботил, лаъб ва беҳуда нест, ба далели ин ки бозгашти ашё ба сӯйи Худост ва агар маъоде набошад ва бозгашти ашё ба сӯйи Худо набошад, ҳама чиз ҳечу пуч аст ва ҳеч ҳадафе нест, умда ин аст, ки мо тақрирашро чӣ гуна бигӯем.

Он чи ба назари мо расидааст — ҳоло ба таври сад дар сад ва ба сурати ҷазм ҳам арз намекунам, ки матлаб ҳамин тавр бошад — ин аст: Қуръон, ҳам нисбат ба тамоми хилқат мегӯяд (ки ботил ва абас нест), ҳам нисбат ба инсон ва ҳам аз забони мӯъминин:

إِنَّ فِي خَلْقِ السَّماواتِ وَالْأَرْضِ وَاخْتِلافِ اللَّيْلِ وَالنَّهارِ لَآياتٍ لِأُولِي الْأَلْبابِ، الَّذِينَ يَذْكُرُونَ اللهَ قِياماً وَقُعُوداً وَعَلى جُنُوبِهِمْ وَيَتَفَكَّرُونَ فِي خَلْقِ السَّماواتِ وَالْأَرْضِ رَبَّنا ما خَلَقْتَ هذا باطِلاً

(*Оли Имрон/190 ва 191*) Худоё! На танҳо вуҷуди мо ботил офарида нашуда, олам ҳам ботил офарида нашудааст. Ва дар оятҳои дигаре роҷеъ ба хусуси маъод, ки сӯҳбат мекунад, мегӯяд: самовот (осмон) ва арз (замин) ва мо байни инҳоро, ки мо офаридем, лоъиб набудем, ки офаридем, ба ҳақ офаридем ва барои ин аст, ки бозгашти ҳамаи ашё ба сӯйи Худост, бозгашти шумо ба сӯйи Худост.

Ин тавр ба назар мерасад, ки Қуръон мехоҳад ба мо ин дарсро бидиҳад, ки агар шумо дар даруни ашё ва бахусус инсон мутолеа кунед ва истеъдодҳои инсонро таҳти назар бигиред, мебинед, ки агар поёни ҳастии ин мавҷуд дар ҳамин ҷо бошад ва бо ҳамин мурдан тамом ва несту нобуд шавад, ин хилқат абас ва беҳуда аст. Чӣ тавр? Ҳамон тавре, ки дар мисоли ҷанин арз кардам, ки ҷанин дар раҳим зиндагие шабеҳи зиндагии як гиёҳ дорад ва таҷҳизоте ҳам барои он зиндагӣ дорад, вале дар айни ҳол як таҷҳизоти дигаре барои ӯ сохта мешавад аз чашм ва гӯш ва дасту по ва рия ва .., ки вуҷуди инҳо дар олами раҳим барои як зиндагии гиёҳӣ зарурӣ нест, балки ба дарде ҳам намехӯрад. **Агар низоми куллии хилқати ҷанин ин бошад, ки поёни зиндагиаш ҳамон поёни раим бошад, ин ташкилот абас аст, яъне ҷойи ин суол ҳаст, ки дигар ин чашм барои чӣ, ин гӯш**

**барои чӣ, ин даст барои чӣ, ин рия барои чӣ?** Ҳамаи инҳо як таҷаллигоҳҳои дигареро нишон медиҳанд; нишон медиҳанд, ки инҳо дар зарфи дигаре ғайр аз ин зарф, таҷаллии воқеии худашонро хоҳанд кард, он гоҳ чашм кори чашмӣ хоҳад кард ва гӯш кори гӯшӣ ва …

Дар воқеъ мехоҳад ин тавр бигӯяд, ки **алъон дар матни хилқат ва дар батни хилқати шумо, олами баъд аз марг вуҷуд дорад, шумо алъон як вуҷуди барзахӣ ва вуҷуди қиёматиро билқувва дар худ доред ва дар ҳамаи ашё ин истеъдоди бозгашт ба сӯйи Худованд вуҷуд дорад, ки агар он бозгашт набуд, аслан ин хилқат набуд ё ин хилқат ба ин шакл набуд, ба шакли дигаре буд**. Дар воқеъ, гӯ ин ки мехоҳад бигӯяд, ин ҳастие, ки шумо доред мебинед, қисмате аз ин ҳастиро доред мебинед ва ба қисмати дигаре аз он таваҷҷӯҳ надоред. Ҳастӣ, ки дорад ба ин тараф сарошеб мешавад, як миқдорашро доред мебинед ва хаёл мекунед дар ин сарошебӣ тамом мешавад ва аммо ин ки ин сарошебӣ думартиба як суъуде дорад ва як бозгаште дорад ба сӯйи Худо ва дар камуни он ҳамин бозгашт нуҳуфтааст, ба ин таваҷҷӯҳ надоред.

Ҳоло бигузарем аз ин матлаб, ки он фарзе, ки мо мегӯем “агар олам ин ҷур набуд, ҷури дигар халқ мешуд” аслан ҷури дигар фарз надорад, маҳол аст. Олам ҳар ҷур, ки халқ мешуд. билохира бояд баргардад ба Худои худаш; аз ҳамон асле, ки омадааст, бояд ба ҳамон асл бозгашт кунад. Вале ба ҳар ҳол ба назар мерасад ин ки Қуръон мегӯяд:

أَفَحَسِبْتُمْ أَنَّما خَلَقْناكُمْ عَبَثاً وَأَنَّكُمْ إِلَيْنا لا تُرْجَعُونَ

(*Мӯъминун/115*) Шумо хаёл кардаед, мо шуморо беҳуда офаридаем ва шумо ба сӯйи мо бозгашт намекунед? **Мехоҳад моро ирҷоъ диҳад ба ҳастии худамон, ки агар бино буд шумо бознагардед ба Худо, шумо шумо набудед, шумо офарида нашуда будед, дар камуни шумо чунин истеъдод ва қуввае ҳаст**.

Ман метавонам бигӯям, барои аввалин бор аст, ки дар бораи ин оятҳо таъаммул ва тадаббур мекунам ва алъон ҳам ба баёноти худам аз назари маҷмӯъи ин оятҳо ҷозим нестам, то бибинем чӣ дармеояд.

Баъзе дигар таъбирашон ин аст: мақсуди Қуръон аз ин баёнот ин аст, ки мехоҳад бигӯяд, агар поёни ҳастӣ нестӣ бошад, хилқат абас аст. Поёни ҳастӣ нестӣ нест ва ин нестиҳо — ки нестиҳои нисбӣ аст — мунтаҳӣ мешавад ба як ғояти собит ва доим, ки Қуръон аз он таъбир мекунад ба “ҳақ” яъне як амри собит ва доим. Мехоҳад бигӯяд, агар ин олам ва ҳамчунин шумо ба сӯйи як ғояти доим ва собите, ки барои ҳамеша боқӣ бошад наравед

ва поёни шумо нестӣ бошад, дар ин сурат хилқат абас ва ботил аст; ҳамон ҳарфе, ки амсоли Хайём мегӯянд:

*Чун нест зи ҳар чи ҳаст ҷуз бод ба даст,*

*Чун ҳаст ба ҳар чи ҳаст нуқсону шикаст.*

*Ангор, ки ҳар чи ҳаст дар олам нест,*

*Пиндор, ки ҳар чи нест, дар олам ҳаст.*

Агар бино бошад, ки ҳастӣ ба сӯйи нестӣ биравад, ин кор абас ва лағв аст. Ҳастӣ ба сӯйи ҳастии комилтар бояд биравад, мавт ба сӯйи ҳаёти бештар бояд биравад. Пас дар воқеъ Қуръон мехоҳад нафйи нестиро аз ғояти ҳастӣ карда бошад, ки ин тавр фикр накунед, ки ҳастиҳо ба сӯйи нестӣ меравад ва шумо ин нестиҳоро нестии воқеӣ тасаввур накунед, балки ҳеҷ чизе нест намешавад ва ҳама чиз боқӣ мемонад ва ҳар чизе дар ҳар мартибае, ки рушд мекунад ва камол пайдо мекунад, он камолаш воқеан аз байн намеравад ва воқеан боқӣ аст; бақое, ки ба ҳеҷ ваҷҳ мунтаҳӣ ба фано намешавад. Ман имрӯз ароизи хеле мухтасар ва парокандае доштам, ки баъд бояд инро такмил кунем.

## Посух ба чанд пурсиш

**Пурсиш:** *Суоли аввали банда роҷеъ ба руҳ буд, ки оқои Мутаҳҳарӣ аз маҷмӯъи оятҳои Қуръон истинбот мекунанд, ки эътиқод ба вуҷуди руҳ тақрибан барои як мусалмон воҷиб ва зарурӣ аст, то битавонад маъодро бипазирад ё истидлол кунад. Суолам ин буд, ки агар кӯшиши шумо мунтаҳӣ ба натиҷа шуд ва агар собит кардед, ки ҳатман бояд ҳадди фосиле ва омиле мавҷудоти зинда ва ҷондорро аз олами ҷамодот ҷудо бикунад, агар рӯзе илм муваффақ шуд, ки ин пардаро бардорад ва собит кунад ин омил вуҷуд надорад, он вақт тамоми истидлолҳои шумо пояаш зада мешавад, ҳамон тавр, ки заминааш ҳам алъон фароҳам аст ва ахиран шунидам, ки ҳолати хеле соддаи мавҷуди зиндаро сохтаанд. Оё ин руҳеро, ки шумо баён мекунед, ки ҷамодотро аз ҷунбандагон ҷудо мекунад, ҳамон руҳи инсонӣ аст ё ин ки руҳе барои гиёҳон қоил ҳастед ва руҳе барои инсон ба таври алоҳида? Ва он ояте аз Қуръон, ки ишора мекунад, ки шумо ҳамон тавр, ки мехобед ва бедор мешавед, мемиред ва зинда мешавед, агар инро аз лиҳози илмӣ бихоҳем тавҷеҳ кунем, хоб як падидаи комилан ҷисмонӣ аст. Мумкин аст кайфият ва моҳияти як чизро натавонем он тавр, ки бояд ташреҳ кунем, вале далолат бар адами шинохти он намекунад. Масалан мо алъон баркро камо ҳува ҳаққуҳ намедонем чист, аммо тамоми хавосси баркро медонем ва бар барқ ҳукумат мекунем ва дар ихтиёрамон аст. Як одами бедорро ба роҳатӣ хоб мекунанд, ин чизи соддае аст дар тибб. Пас*

*дуруст маълум аст, ки як амали ҷисмӣ, моддӣ ва физикӣ анҷом мегирад, то як касе хоб мешавад. Касеро ҳам, ки беҳуш мекунанд, ҳамин тавр ва касе, ки тоза аз хоб баланд шуда агар аз хуни бадани касе, ки хоболуд аст ба ӯ тазриқ кунанд мехобад. Пас ин масъала зимни ин ки мумкин аст мо натавонем ба таври возеҳ баён кунем, ки чӣ асаре бар мағз мегузорад, як амали моддӣ аст.*

*Суоли дуввум дар бораи ташбеҳе аст, ки байни ҷанин ва ин олам мекунанд ва баъд ин оламро бо олами барзах ё маъод қиёс мекунанд, мегӯянд: ҳамон тавр, ки ҷанин дорои аъзое аст, ки дар он олам ба дардаш намехӯрад ва ин далолат мекунад бар ин ки ҳадаф аз хилқат чизи дигаре буда, дар ин дунё ҳам ҳамин ҳолат ҳаст. Мо шабеҳи онро дар ин дунё ва дар бадани инсон чизе намебинем. Худатон масал мезанед, ки ӯ аъзое дорад, ки ба дардаш намехӯрад ва баъд ба кораш меояд, аммо мо дар ин дунё тамоми аъзои баданамон ба кор меафтад ва ҳамаи онҳо ҳам масраф ва фалсафае доранд ва шояд аз ин ҳам истифодаҳои истидлолӣ барои вуҷуди Худо ва ҳадаф ва нақша ва тарҳ доштани хилқат мекунем. Бинобар ин, ин ташбеҳро чӣ гуна комил мекунед, ки мегӯед: метавонем ин натиҷаро бигирем, ки дар оянда як миқдор аз аъзоъ ва ҷавореҳ, эҳтиёҷот ва ниёзҳои руҳиамонро мехоҳад таъмин кунад.*

*Аммо масъалаи севвуме, ки оқои муҳандис Бозаргон суол карданд ва оқои Мутаҳҳарӣ ҷавоб доданд ва худашон ҳам дар китоби "Роҳи тайшуда" як миқдор ҷавобашро додаанд, масъалаи таносуб байни муҷозот ва аъмол буд, ки оқои Мутаҳҳарӣ ҷавобе доданд, ки дар китоби "Адли илоҳӣ" ба тафсил баён кардаанд. Он ҷавоб ҳам ба назари банда қонеъкунанда нест. Эшон гуфтанд, ин муҷозотҳо ё барои ибрати дигарон аст ё барои ташаффии афроде, ки садама дидаанд ва чун ин ҳар ду наметавонад дар дастгоҳи хилқат ва Худованд маънӣ дошта бошад, пас ҳеч кадом аз инҳо нест ва аслан ин қиёси мо, ки мегӯем муҷозот дар дунё бояд таносубе дошта бошад, ношӣ аз иштибоҳе аст, ки мекунем, вагарна ин масъала ба куллӣ масъалаи дигаре аст ва ба таквиниёт иртибот пайдо мекунад. Баъд масал зада буданд, ки вақте мо ба касе мегӯем, ба канори дара наздик нашав, агар наздик шавӣ, меафтӣ ва аз байн меравӣ, ин мумкин аст хирасаре кунад ва биравад ва баъд суқут кунад, он вақт ба мо эътироз кунанд, ки ин муҷозот дар муқобили ин хирагии мухтасар номаъқул аст, ақаллан мехостӣ 2 метр биафтад, чаро 70 метр меафтад, то сараш ба куллӣ бишканад? Ба назари ман, ин масал дуруст нест. Инҷо ба ин иллат ба назари мо дуруст меояд, ки созандаи дара бо қонунгузоре, ки мегӯяд шумо наздики дара нашав, дуто ҳастанд. Он аввалӣ табиат ё Худое аст, ки дараеро халқ карда ва ин яке башар ё падару модаре аст, ки мегӯяд ба ин дара наздик нашав, вагарна агар ҳар душон яке буданд эрод ворид буд,*

*ба ӯ мегуфтанд, ба чӣ муносибат агар ин фард як қадам ҷилав рафт, бояд нобуд шавад, мехостед ҳадди ақалл иртифоъи камтаре бигузоред ва ба ҳамин иллат ҳам ҳаст, ки имрӯз тарҳҳои эминӣ ҷавоб инҳоро медиҳад. Аммо дар ин ҳолат, ки холиқи Худост, ба чӣ муносибат касе, ки чанд соле аҳёнан дар дунё гуноҳ мекунад, бояд то абад муҷозот шавад? Ҳоло подошро мегӯем ҷуду бахшиши Худост, қобили эрод ҳам нест, намехоҳем камтар ҳам бошад, ҳамоне, ки ҳаст бошад, аммо дар муҷозоташ ин эродро метавонем бигирем.*

**Устод Мутаҳҳарӣ**: Аммо суоли аввал, ки фармудед, тасаввур аз масъалаи руҳ буд. Масъалаи руҳро мо ҷудогона баҳс мекунем. Аввалан инро арз кунем, ки мо иттифоқан — баръакси таъбири шумо — масъалаи руҳро поя барои қиёмат қарор надодем ва ҳеч вақт дар таъбироти мо ин набуд, ки барои ин ки қиёматро тавҷеҳ карда бошем, бояд қоил ба руҳ шавем. Зеро он марҳилае, ки Қуръон аз қиёмат мегӯяд, мегӯяд: ҳамин мурдаҳо зинда мешаванд. Ҳарфи мо ин аст, ки Қуръон як марҳилае қабл аз қиёмат, як марҳилае баъд аз мурдан, аз мурдан то қиёмат қоил аст, ки дар ин марҳила ҳаёте барои инсонҳо (чӣ инсонҳои саодатманд ва чӣ инсонҳои шақӣ) қоил аст. Бо ин ки худи Қуръон ҳеч намехоҳад бигӯяд, ин мурдаҳое, ки баъдҳо мехоҳанд зинда шаванд (яъне) ин ҷисмҳо зинда ҳастанд, (мегӯяд: ин ҷисмҳо дар қиёмат зинда мешаванд) ва бо ин ки ин ҷисмҳо феълан мурда ҳастанд ва ба сурати зарраҳои парокандаи чунину чунон дармеоянд, дар айни ҳол (мегӯяд) дар фосилаи мурдан то қиёмат, афрод зинда ҳастанд.

Аз маҷмӯъи таъбироти зиёде, ки дар Қуръон буд, гуфтем ин на аз боби муқаддимаи қиёмат (аст, балки) ин худаш мерасонад, ки Қуръон барои инсон воқеияте қоил аст, ки мегӯяд мо он воқеиятро дар мурдан мегирем:

اَللّٰهُ يَتَوَفَّى الْأَنْفُسَ حِينَ مَوْتِها

(*Зумар/42*)

يَتَوَفّاكُمْ مَلَكُ الْمَوْتِ

(*Саҷда/11*) ва оятҳои дигаре, ки намехоҳам такрор кунам. Пас он муқаддима барои ин матлаб набуд. Гуфтем, ба ҳеч илму фанн ва фалсафае ҳам кор надорем, мо воқеан мехоҳем бибинем назари Қуръон чист? Оёте, ки Қуръон роҷеъ ба руҳ дорад, танҳо ояти:

(*Исро/85*) нест — ки онро ҳам баҳс мекунем — ки бигӯед, он марбут ба руҳи инсон нест. Қуръон оятҳои дигаре дорад, ки инҳо ҷуз бо ҳамон фарзи руҳ имкон надорад, тасвир надорад, яъне дар Қуръон тасреҳ аст.

Баъд хостед бигӯед, ки агар рӯзе илм омад хилофи онро собит кард, мо чӣ бигӯем? Аввалан, мо агар чизеро аз Қуръон истинбот мекунем, баъд, аз тарси ин ки мабодо рӯзе илм хилофашро бигӯяд, наметавонем бигӯем имрӯз истинбот намекунем. Ҳадди аксар ин аст, ки Қуръони мо ин тавр гуфта, илм ҳам хилофи онро гуфтааст. Шумо бояд ба мо эрод бигиред, ки оё аз Қуръон чунин чизе истинбот мешавад ё намешавад? Аз тарси ин ки мабодо рӯзе илм хилофашро бигӯяд, мо биёем аз ҳоло бигӯем Қуръон инро намегӯяд? Ҳоло Қуръон инро гуфта, бигӯед, хилофи илм ҳам ҳаст, шумо рӯйи оятҳои Қуръон баҳс кунед, ки воқеан Қуръон чунин чизе мегӯяд ё намегӯяд? Агар собит шуд Қуръон мегӯяд, он гоҳ меравем дунболи он матлаб, агар собит шуд, намегӯяд, ки ҳеч. Вале чун аз назари мо собит аст, ки Қуръон мегӯяд, меравем дунболи он ҳарфи дигар.

Шумо тамоми нигарониатон аз ин аст, ки накунад рӯзе як мавҷуди зинда ва бахусус инсонро бисозанд. Ман намефаҳмам ин нигаронӣ чӣ нигароние аст? Агар инсонҳо инсонро сохтанд ё гиёҳро сохтанд, он вақт магар инсонҳо гиёҳро халқ кардаанд? Ин олам қонуне дорад, ки аз он тахаллуф намекунад, яъне агар он маҷмӯи шароити моддӣ барои пайдоиши як гиёҳ ба вуҷуд ояд ё — ба қавли касоне, ки қоил ба руҳ ва нафс ҳастанд — агар маҷмӯи шароит барои ин ки як кӯдак (нафс) муваллид шавад ба вуҷуд биёяд (ба ҳар васила ба вуҷуд биёяд, мехоҳад омилҳои табиат онро ба вуҷуд оваранд ё инсонҳо), маҳол аст, ки ӯ ба вуҷуд наёяд. Инро бо мисол зикр кунам — дар мисол беҳтар мешавад матлабро гуфт — ва он ин аст:

Ду нафар бо ҳам сари телевизион мубоҳаса доранд. Телевизиони гирандаеро мебинанд, ки аксҳо ва тасвирҳоеро нишон медиҳад. Ин ду нафар дар як чиз бо ҳам иттифоқ доранд ва он дастгоҳи гиранда аст. Яке аз ин ду нафар мегӯяд, ин тасвирҳои рӯйи сафҳаро ҳамин дастгоҳ, худаш эҷод мекунад, хоссияти ҳамин дастгоҳ аст, ки эҷод мекунад. Дигаре мӯътақид аст, ки як дастгоҳи фиристандаи дигар ҳаст, ки амвоҷеро пахш мекунад ва ҳар вақт як дастгоҳи гиранда ба ин кайфият сохта шавад, дар ҳар ҷо, ки бошад, сурати онро мунъакис мекунад. Баъд он касе, ки муддаӣ аст дастгоҳи фиристандае нест, ки тасвир аз онҷо меояд ва ин худи ҳамин дастгоҳ аст, ки ин тасвирро месозад, мегӯяд, алъон бо далел собит мекунам, худам дар ҷилави чашмат як телевизион месозам, ки тасвирро мунъакис мекунад. (Дар ҷавоби ӯ бояд гуфт) ин чӣ ҳарфе аст? Агар шумо ҳазор телевизиони дигар

ҳам бо дасти худатон бисозед, боз тоза мешавад мисли ҳамаи телевизионҳои дигар, вақте мисли ҳамаи телевизионҳои дигар шуд, ба ҷабр ва зарурат хоссияти онҳоро пайдо мекунад, яъне он дастгоҳи фиристандае, ки ҳамеша дар ҳоли фиристодан (-и тасвир) аст ва як “он” аз кори худаш ғофил нест, табъан (тасвирро дар он) мунъакис мекунад.

Худо, ки инсон нест, ки инсони ҳавасбоз бихоҳад бошад. Агар мо ба дунёи дигаре ва ба олами арвоҳ қоил бошем, маънояш ин аст, ки ҳар чи дар ин дунё пайдо шавад (мехоҳад ба дасти башар пайдо шавад, мехоҳад ба дасти дигаре) хориҷ аз қонуни хилқат нест. Магар алъон инсонҳо инсон намесозанд? Ҳамин алъон ҳам инсонҳо инсон месозанд, алъон ҳам мавту ҳаёт ба дасти инсонҳост, яъне як зану шавҳар дилашон бихоҳад бачча ба вуҷуд биёяд, ба вуҷуд меояд, дилашон бихоҳад ба вуҷуд наёяд, ба вуҷуд намеояд. Пас бигӯем инҳо дар кори Худо дахолат кардаанд? Ҳарфи калисо роҷеъ ба масъалаи ҷанин бисёр ҳарфи ғалате аст, ки мегӯянд: агар касе бихоҳад бачча мутаваллид нашавад ва ҷилавгирӣ кунад, дар кори Худо мудохила кардааст. Ҳамеша мардум дар кори Худо ба ин маъно мудохила мекунанд. Он кишоварзе ҳам, ки кишоварзӣ мекунад, дар кори Худо мудохила мекунад.

Қуръон ҳам мегӯяд:

أَفَرَأَيْتُمْ ما تَحْرُثُونَ، أَأَنْتُمْ تَزْرَعُونَهُ أَمْ نَحْنُ الزّارِعُونَ

(*Воқеа/63 ва 64*) Дар ҳамон кори кишоварз, Қуръон чизе аз онро аз ӯ медонад ва чизе аз онро — ки аз ӯ нест ва аз дастгоҳи хилқат аст — аз худаш медонад. Кишоварз кори худашро анҷом медиҳад, яъне заминаро мусоид мекунад ва ин олами хилқат аст, ки онро эҷод мекунад, на кишоварз.

Як чизро ман барои ҳамеша ба шумо қавл медиҳам ва он ин аст, ки барои ҳазорҳо соли дигар ҳам башар қодир нахоҳад шуд, ки ба куллӣ хориҷ аз қонуни хилқат мавҷудеро эҷод кунад, масалан инсоне эҷод кунад, ки ҳеч иртиботе бо олами хилқат надошта бошад. Илми инсон ҳар чи пеш меравад, дар ҷиҳати шинохти қонунҳои хилқат пеш меравад ва аз ҳамон қонуни мавҷуди хилқат истифода мекунад. Кадом қонунро башар дар олами халқ кардааст? Било ташбеҳ — албатта ҷасорат набошад — Намруд ба Иброҳим (а) гуфт: Худои ту кист? Гуфт:

رَبِّيَ الَّذِى يُحْيِي وَيُمِيتُ

(Намруд) гуфт:

### أَنَا أُحْيِي وَأُمِيتُ

(*Бақара/258*) Ман ҳам эҳё ва имота мекунам. Дастур дод, ду нафарро аз зиндон оварданд, якеро сар буриданд (ва якеро озод карданд). Ин возеҳ аст, ки мағлата аст, айни ин мағлатаи ҷаноби олӣ роҷеъ ба хоб.

Шумо чаро роҷеъ ба хоб мегӯед? Роҷеъ ба мирондан бигӯед. Чаро мисол рӯйи хоб овардед? Аввалан ин ояти Қуръон нест, ки фармудед: "Ҳамон тавр, ки мемиред, зинда мешавед", ин ҳадис аст. Фармудед хоб (талқини мегнотизмӣ) чун дар ихтиёри инсонҳост, ҷанбаи моддӣ дорад. Аввалан ин ҷанбаи моддӣ ва ғайри моддӣ, ки шумо як девори азиме дар инҷо қоил шудаед, аз куҷост? Шумо чаро аслан барои мурдан мисол ба хоб задед? Дар бораи худи мурдан сӯҳбат кунед, бигӯед, агар мурдан як ҷанбаи моварои табиӣ бошад, пас бояд ҳеч кас натавонад касеро бикушад, чун Қуръон мегӯяд Худо қабзи руҳ мекунад, малакулмавт меояд қабзи руҳ мекунад. Худо, ки мегӯяд:

### اللهُ يَتَوَفَّى الْأَنْفُسَ حِينَ مَوْتِهَا

— агар Худо қабзи руҳ мекунад, пас ҳеч кас набояд битавонад каси дигареро бимиронад. На, инҳо бо ҳам мунофот надорад. Он коре, ки банда мекунад, ғайр аз коре аст, ки Худо мекунад.

Банда шароити бақои ҳаётро дар инҷо аз байн мебарад. Аз назари Қуръон, ин ба маънии фонӣ шудан ва тамом шудан нест. Вақте, ки ин шароит маъдум шуд, як чизе ҳаст, ки қабз мешавад, як чизе ҳаст, ки аз инҷо бурда мешавад, як чизе ҳаст, ки дигар имкони бақо надорад ва чун имкони бақо надорад, гирифта ва бурда мешавад. Пас инҳо бо ҳамдигар ба ҳеч ваҷҳ мунофот надорад.

Ман 10-15 сол пеш (ҳамон вақт, ки сӯҳбати ин буд, ки он донишманди итолиёӣ ҷанинро дар хориҷи раҳим парвариш медиҳад ва рӯзномаҳо сару садои зиёде роҳ андохта буданд ва рӯйи ҳамин (ҷиҳат) поп ҳам (ин корро) таҳрим карда буд, ки ин дахолат дар кори Худост ва чунину чунон, мақолае навиштам таҳти унвони "*Қуръон ва масъалае аз ҳаёт*" ва ҳамин масъаларо онҷо тарҳ кардам.

Бинобар ин, масъалаи руҳ ҳеч вақт бо ин ҳарфҳо ботил намешавад, ки масалан агар рӯзе башар қодир шуд инсон бисозад ва фарз кунем воқеан аз нутфа ҳам насозад, селлуле мисли селлули мардро аз моддаи дигаре бисозанд ва дар хориҷи раҳим парвариш диҳанд ва як инсони тамом бисозанд, дар ин сурат руҳ ботил аст, на, ин ба ин масъала иртиботе надорад.

Дар масъалаи руҳ, касоне, ки баҳс мекунанд, дар воқеъ ҳамин таъбир аст, ки оё инсон ҳамаи абъоди вуҷудаш ҳамин абъоди маҳсус аст ё як буъди вуҷудии дигаре ҳам дорад, ки он буъди вуҷудӣ дар вақте, ки шароити он ба вуҷуд омад, ба вуҷуд меояд, ҳамин тавре, ки агар шароите ба вуҷуд ояд, ин абъоди вуҷудиаш ба вуҷуд меояд. Дар ин ҷиҳат ҳеч фарқе байни ҳамон мисоли телевизион ва мо вуҷуд надорад. Пас шумо нигарон набошед, агар рӯзе ҳам ҳазор то инсон бисозанд, бо масъалаи руҳ ҳеч иртибот надорад. Ҳоло агар мо вориди худи масъалаи руҳ қатъи назар аз Қуръон бишавем, масъалаи дигаре аст. Мо феълан рӯйи Қуръон баҳс мекунем.

Шумо феълан бояд рӯйи Қуръон баҳс кунед ва ман бемайл ҳам нестам, билохира масъалае аст, ки мо рӯйи он ғарази хоссе надорем, агар руфақо маслиҳат медонанд, ки рӯйи худи масъалаи руҳ ҳам ба таври куллӣ баҳсе кунем, баҳс мекунем.

Дар китоби "*Зарраи беинтиҳо*" гӯё ин ки аз назари худи оқои муҳандис Бозаргон баҳсашон идомаи баҳсҳои "*Роҳи тайшуда*"аст, вале аз назари мо, ба куллӣ ғайр аз он баҳсҳост ва баҳси бисёр саҳеҳе аст. Аз назари мо, ин баҳс, сад дар сад баҳси саҳеҳе аст ва радди назарияе аст, ки эшон дар "*Роҳи тайшуда*" додаанд ва мо баъд рӯйи ин қазия баҳс хоҳем кард ва матлаби дуруст ҳамон аст. Ин ки эшон дар онҷо ин ҳама рӯйи калимаи "амр" дар Қуръон такя кардаанд, агар ғайр аз оқои муҳандис Бозаргон мебуд, мегуфтем ҳатман ҳарфҳои дигаронро, ки дар чандин сад сол пеш гуфтаанд, аз китобҳои дигарон бардоштаанд дар китоби худашон нақл кардаанд, вале чун медонем, ки (истинботи) эшон бо мурочеа ба китобҳои дигар набуда, аз назари ман воқеан хеле қобили таҳсин буд, ки чизеро, ки дигарон баъд аз солҳо диққат ва мутолеа аз Қуръон истинбот кардаанд, айни ҳамон истинботро эшон кардаанд, албатта бо як ихтилофоти ҷузъӣ, ки арз мекунам.

Эшон таъбир мекунанд, ки қаблан оламро бо ду унсур тавҷеҳ мекарданд ва бо ду унсур ҷаҳонро намешавад тавҷеҳ кард, унсури дигаре (низ лозим аст). Як тасҳеҳи мухтасар бояд кард, ки он чизеро, ки худашон амр ё руҳ меноманд, ба сурати як унсур дар арзи ин ду унсур (ки ин се то бихоҳанд бо ҳамдигар таркиб шаванд) намешавад тасвир кард.

Албатта он ҳам таъбир аст, на ин ки се чиз бо якдигар таркиб мешаванд ва аз маҷмӯъи мураккаб як шайъ дуруст мешавад, як чизе аст, ки беҳтарин таъбир аз таъбироти имрӯзӣ таъбири "буъд" аст: як буъди дигар. Фарқ аст байни ин ки бигӯем руҳ буъди дигаре аст аз инсон ва ин ки бигӯем як унсури дигаре аст аз аносур, ки (инсон) аз маҷмӯъи аносур таркиб шудааст. Абъод бо якдигар таркиб намешаванд, абъод ҷиҳоти мухталифи як шахсиятанд, вале аносурро маъмулан мо дар ҷойе мегӯем, ки инҳо як воқеияти ҷудое аз

ҳамдигар доранд ва баъд меоянд бо ҳамдигар таркиб мешаванд ва мураккаб ба вуҷуд меоваранд.

Абъод, шахсияти ҷудо аз ҳам надоранд, на ин ки қаблан шахсияти ҷудое доштаанд, ҳар буъд қаблан вуҷуд дошта, баъд омадаанд бо ҳамдигар таркиб шуда ва замима шудаанд ва як мураккаб ба вуҷуд овардаанд, мисли абъоди сегонаи ҷисм. Ба ин шакл нест. Ҳоло он бошад барои баъд. Ба ҳар ҳол хостам ин нигарониро ҷаноби олӣ надошта бошед.

Матлаби дигаре, ки дар масъалаи лағв ва абас (будани) хилқат фармудед, ман ба эътироз кардани шумо ҳақ медиҳам, вале ба эътирози шумо на, яъне шумо ҳақ доштед эътироз кунед, чун баёни ман ноқис буд ва таъаммуд ҳам доштам ноқис бигузарам, вале эътирози шумо дуруст нест. Ин ҳам, ки ман гуфтам мабнӣ бар масъалаи руҳ аст, ки мехоҳам тавзеҳ диҳам, яъне мехоҳам бигӯям, ки Қуръон намехоҳад бигӯяд дар ин хилқати ҷисмонии шумо чизе ҳаст, ки ба дарде намехӯрад. Он ташбеҳ буд, ки ман ба масъалаи ҷанин мисол задам. Албатта ман дар ин ки аз Қуръон ҳатман ин истифода мешавад тардид дорам, вале ҳарфи ман ин буд ва хеле аз ашхосе, ки ин оётро тавҷеҳ кардаанд ин тавр тавҷеҳ кардаанд, мехоҳанд бигӯянд, ки унсури бақои баъд аз марг алъон дар шумо вуҷуд дорад, ҳамон масъалаи олами барзах, ки олами барзах баъд аз ин халқ намешавад, шумо алъон инҷо як вуҷуди мисолии барзахӣ доред, алъон ҳамроҳи шумо ҳаст. Ҳикмати ин чашм ва гӯши шумо ҳамонҳое аст, ки алъон шумо доред мебинед, вале шумо алъон аъзо ва ҷавореҳи дигаре, андоми дигаре ва хусусиёти дигаре доред, ки онҳо дар ин вуҷуди ҷисмонии шумо назири аъзо ва ҷавореҳи ҷисмонии шумост дар олами раҳим, синхи онҳо асосан аз синхи ин олам нест, аз синхи олами барзах аст. Ин ки ман онро ин қадр тавзеҳ надодам, чун то мо масъалаи руҳро баҳс накунем, гуфтанаш инҷо зоид аст. Мо хостем бигӯем аслан унсури қиёмат (яъне он чи аз мо дар барзах боқӣ мемонад ва он чи дар қиёмат шахсияти моро ташкил медиҳад) алъон вуҷуд дорад ва агар ин ки бо мо ҳаст инҷо маъдум шавад назири ин аст, ки ниҳояти сайри ҷанин поёни раҳим бошад, ки агар масъалаи руҳ собит шавад, ин баёни ман дуруст аст ва агар собит нашавад, ғалат аст. Эътироз кардани шумо саҳеҳ буд, на нафси ҳарфи шумо, чун ман амдан баёнро ноқис гузоштам, ҳақ доштед эътироз кунед, вале (баёни ман) бар асосе аст, ки бояд баъд рӯйи он баҳс кунем.

Эроди севвуми шумо масъалаи муҷозотҳо буд. Инҷо боз ман хаёл мекунам, ки шумо ҳанӯз гири он мафҳуми калимаи муҷозот ҳастед, яъне боз масъалаи кайфар дар зеҳни шумост. Кайфар ба он маъное, ки мо мегӯем, ҳамон мафҳуми таъдиб кардан, танбеҳ кардан, ташаффӣ пайдо кардан ё таҳдид кардан, асбоби ибрати дигарон фароҳам кардан. Арз кардем, ки на, (мафҳуми муҷозоти ухравӣ) ин нест, ба ин маъно: дар мисоли таквин,

ки зикр кардам, мисоли дигаре ҳам оқои доктор … зикр карданд, ки ман аз забони эшон мегӯям: дар муҷозоти таквинӣ агар мо муҷозот мегӯем, албатта лафзи он бо лафзи муҷозотҳои иҷтимоӣ яке аст, вале моҳияташ дутост. Касе, ки дар асари як ҳарзагии панҷ дақиқаӣ дучори бемориҳои сифлис ва назири он мешавад ва баъд, то охири умр домангираш мешавад ва аҳёнан дар наслаш ҳам то чанд насл идома пайдо мекунад, мо ба он мегӯем муҷозот. Дар ин тавр маворид арз кардем, ҷойи ин ҳарф нест, ки касе бигӯяд таносуб (вуҷуд надорад), чун онро барои ин вазъ накардаанд, ки шумо бигӯед: ҳоло, ки барои ин вазъ кардаанд, мехостанд камтарашро вазъ кунанд. Он (муҷозот) натиҷаи қаҳрӣ ва ҷабрии ин (амал) аст, яъне ин роҳе аст, ки ниҳояташ он аст. Шумо наметавонед ба Худо эътироз кунед, ки ин роҳе, ки ман ҳамин тавр аз ин тараф дар пеш мегирам ва охираш мунтаҳӣ мешавад ба масалан Афғонистон, ту як коре бикун, ки ман аз ин роҳ биравам, вале ба Афғонистон нарасам. Ин маҳол аст. Шумо метавонед масалан бигӯед, ки эй кош ман набудам, оламе набуд, аммо наметавонед бигӯед, ки эй кош ман будам, олам ҳам мебуд, роҳ ҳам мебуд ва ман ҳам аз ин тараф мерафтам, вале ба Афғонистон намерасидам. Чунин чизе маҳол аст. Ман мехоҳам имсол биравам Макка, вале ба қавли Саъдӣ, ба тарафи Туркистон роҳ меафтам. Ҳол чӣ айбе дошт Худо чунин дуруст мекард, ки ман ба тарафи Туркистон мерафтам, вале ба Каъба мерасидам? Ин маҳол аст. Шумо агар метавонед, бигӯед эй кош оламе намебуд, мане намебудам, роҳе намебуд, Каъбае намебуд, Туркистоне намебуд, на ин ки инҳо ҳама ҳамин тавре, ки ҳастанд бошанд ва ман ҳам аз ин роҳ биравам, вале ба онҷо нарасам. Аз он роҳ рафтан ниҳояташ ин аст, маҳол аст ғайр аз ин бошад, ин таваҳҳуми мост, ки мо аз инҷо биравем ва ба он натиҷа нарасем.

Чун он роҳҳоро хеле возеҳ мебинем, шумо ҳеч вақт авомтарини авомро пайдо намекунед, ки дуо кунад Худоё!, ман аз инҷо меравам ба тарафи шимол, вале (ту коре кун, ки) ба Мозандарон нарасам, вале чун роҳҳои дигар ҷанбаи роҳ буданаш бар мардум махфӣ аст, ин аст, ки ин тавақкӯъотро мекунанд, ки аз ин роҳ биравaнд, вале ба натиҷа ва ниҳояташ нарасанд.

Пас масъала ин нест, ки чизеро вазъ карда бошанд. Он вақт вазифаи як нафар олим ё ҳодӣ ва пайғамбар эълом аст, эълом мекунад, ки аз ин роҳ нарав, ки табъан ва қаҳран ба он натиҷа мерасӣ ва Худои арҳамурроҳимин бо ин ки арҳамурроҳимин аст ва раҳматаш ҳам ғайри мутаноҳӣ аст, бо вуҷуди ин табдил намекунад, чун аслан маҳол аст, яъне як тасаввури ғалат аст ва наметавонад воқеият бошад.

Дар масъалаи муҷозотҳои ухравӣ шумо гуфтед ҳама чиз дасти Худост. Албатта ҳама чиз дасти Худост, аммо оё "ҳама чиз дасти Худост" яъне Худованд маҳолеро мумкин ва

мумкинеро маҳол мекунад? Маҳол, дигар биззот маҳол аст. Гуфтем, дар масъалаи муҷозотҳо — он тавре, ки мо дар китоби “*Адли илоҳӣ*” гуфтем ё дар инҷо баён кардем — агар мо бошем ва Қуръон, Қуръон мегӯяд, ин худи амали шумост, на чизи дигар. Шумо метавонед аз Худо ин таваққӯъро дошта бошед, ки ман набошам, то ин амалро эҷод кунам ва асосан амал эҷод нашавад, на ин ки амал эҷод шавад, вале худаш худаш набошад. Қуръон мегӯяд, он ақраби газандаи ҷаррораи қиёмат, ки чунин туро мегазад, ҳамон газидане аст, ки ту дар дунё дар фалон соат муртакиб шудӣ, ҳеч чизе маъдум намешавад, ҳар чизе, ки мавҷуд шуд, як виҷҳааш маъдум мешавад, як виҷҳаи дигараш боқӣ аст, вуҷуди ин ҷаҳониаш маъдум мешавад, вуҷуди он ҷаҳониаш боқӣ аст, ту хаёл мекунӣ маъдум шуд, воқеан боқӣ аст. Дар мавриди фарзанд, магар мешавад коре кард, ки фарзанди касе фарзанди ӯ набошад? Масалан фарзанде аз зино аз касе мутаваллид шавад, баъд бигӯем, коре кунем, ки ин фарзанд фарзанди ӯ набошад. На, дигар вақте фарзанди ӯ шуд, фарзанди ӯст, фарзанди ӯ фарзанди ӯст. Вақте, ки моҳияти амали шумо ин шуд ва ин амал ҳам биззот боқӣ аст ва фано дар он тасаввур надорад, дигар ин ҳаст. Шумо дар бораи он мисол фармудед, ки дар онҷо холиқи дара яке аст ва возеъ қонуни каси дигар ва намешавад ба возеъи қонун гуфт, ту ин корро накун, вале (дар инҷо метавон гуфт). На, инҷо ҳам намешавад гуфт. Инҷо ҳам ҳамон холиқи инҳо яъне он касе, ки сарриштаи кор (дар дасти ӯст), холиқи қонун ва низоми олами моро роҳнамоӣ ва ҳидоят карда, гуфта ин амалро муртакиб нашав, ки ин амали ту ин аст, ғайр аз амали ту чизи дигаре нест.

Қуръон дар айни ин ки таъбир ба ҷазо ва муҷозот мекунад — ки мусаллам дар ин ҷиҳат риояти фаҳми мардумро карда, чун аз назари асари тарбиятӣ назири муҷозотҳои қарордодӣ аст — мегӯяд:

فَمَنْ يَعْمَلْ مِثْقالَ ذَرَّةٍ خَيْراً يَرَهُ، وَمَنْ يَعْمَلْ مِثْقالَ ذَرَّةٍ شَرًّا يَرَهُ

(*Зилзол/7 ва 8*) Ҳар касе кучактарин амали хайре кунад, ӯро мебинад, кучактарин амали шарре кунад, ӯро мебинад. Мо аз боби ин ки ба ақламон намерасад, ки “ӯро мебинад” яъне чӣ, (мегӯем) ман амали хайре кардам, амали хайр маъдум шуд, рафт, яъне чӣ ӯро мебинам? Мегӯем, на, як чизи дигареро мебинад, ки ҷазои он аст, яъне ҷазои онро мебинад. Мегӯяд:

وَوَجَدُوا ما عَمِلُوا حاضِراً

(*Каҳф/49*) Ҳар чи кардам, онҷо ҳозир мебинам. Мегӯяд:

يَوْمَ تَجِدُ كُلُّ نَفْسٍ ما عَمِلَتْ مِنْ خَيْرٍ مُحْضَراً وَما عَمِلَتْ مِنْ سُوءٍ تَوَدُّ لَوْ أَنَّ بَيْنَها وَبَيْنَهُ أَمَداً بَعِيداً

(*Оли Имрон/30*) Рӯзе, ки ҳар касе амали хайри худашро — худи амалро мегӯяд — ҳозиршуда мебинад ва амали бади худашро ҳамчунин ҳозиршуда мебинад. Дар ин замина оятҳои зиёде дар Қуръон дорем.

Агар нахоҳем таъбири:

ما قَدَّمَتْ يَداهُ

(*Набаъ/40*)-ро тавҷеҳу таъвил кунем ва нахоҳем дар Қуръон тасарруф кунем, Қуръон он чиро, ки дар он олам ба мо мерасад аз хайр ва аз шарр –

ما قَدَّمَتْ يَداهُ

— медонад, яъне чизе, ки ба дасти худ онро пеш фиристодааст. Ин оятро ҷаласаи пеш хондам, ки:

يا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اتَّقُوا اللهَ وَلْتَنْظُرْ نَفْسٌ ما قَدَّمَتْ لِغَدٍ

(*Ҳашр/18*) Таъбири “пешфиристода” мекунад. Бар ин мабно эроде ворид нест, бар мабнои касоне, ки муҷозоти ухравиро аз навъи муҷозоти дунявӣ яъне як амри ҷудои аз амал ва фақат аз тавобеъи қонунҳои дунё медонанд (эрод ворид аст), ки агар Худо қонуне вазъ накарда буд, ки аслан на биҳиште буд, на ҷаҳанname, на азобе, ҳеҷ чиз набуд, вале чун Худо қонунро вазъ карда, барои ин ки ин қонунаш бемуҷозот боқӣ намонад — дар дунё, ки муҷозот накарда — омада муҷозоти онҷоро вазъ кардааст. Агар чунин чизе буд, ки аз навъи корҳои башарӣ буд, ҷойи ин ҳарфҳо буд: ҳоло, ки Худо мехоҳад як муҷозоте дар изои амали мо вазъ кунад, пас бояд мутаносиб бошад ва тоза ишкол пеш меомад, ки дар ин сурат фоидааш чист? Худо мехоҳад ташаффӣ пайдо кунад ё мехоҳад асбоби ибрати дигаронро фароҳам кунад ё мехоҳад моро таъдиб кунад? Он ҷо, ки ҳеҷ кадом аз инҳо мавзӯъ надорад.

**Муҳандис Бозаргон**: *Мо аз як тараф қиёматро қабул дорем ва ин ки дар онҷо айни муктасабот ва айни натиҷаи амал ба инсон мерасад. Ҳамон тавр, ки фармудед касе, ки як ҳарзагии панҷдақиқаӣ мекунад, як умр гирифтор аст, аммо эрод ин аст, ки Қуръон дар бораи корҳои хуб мегӯяд:*

مَنْ جاءَ بِالْحَسَنَةِ فَلَهُ عَشْرُ أَمْثالِها

*— ва дар бораи корҳои бад мегӯяд:*

فَلا يُجْزى إِلاّ مِثْلَها

*— дар ҳоле, ки мебинем дар корҳои бад, бениҳоят мисли он ҷазо дода мешавад.*

**Устод Мутаҳҳарӣ**: Ман хаёл мекунам ҷавоби ин суол дода шуд, чун “мисл” онҷо мутаваҷҷеҳи каммият нест, балки мо болотар мегӯем; мегӯем:

فلا يجزى الاّ عينها

Чун айни ҳар чизе қаҳран “мисл” ҳам дар борааш содиқ аст, яъне касе, ки кори бад мекунад, Худо зоид бар он чи ки кардааст ӯро муҷозот намекунад, чун ӯ муҷозоташ айни амалаш аст, чизи дигаре нест. Вақте мо мегӯем, оташи қиёмат ҳамоне аст, ки худаш афрӯхта, ҳамин амал аст, нафси амал аст, ки дар онҷо таҷассум пайдо мекунад, пас чизи зоиде нест, чун ҷазо бо амал дуто нест, ки бигӯем ин бештар аз он аст. Худаш, ки аз худаш ҳеҷ вақт бештар нест, мунтаҳо чун худашро дар инҷо мебинад ва вуҷуди инҷояшро мебинад маҳдуд аст, мегӯяд пас ин чизи дигаре аст, ман маҳдуд будам ва ин номаҳдуд аст. На, ӯ худи шайъи номаҳдудро алъон халқ кардааст. Ин одаме, ки кори бад мекунад, алъон худаш барои худаш ва ба дасти худаш як азоби номаҳдуд халқ кардааст. Ҷаласаи пеш ҳам гуфтем, ки маънии номаҳдуд ин нест, ки воқеан хулуд дар ҷаҳаннам аст. Холид ба маънои (ҳақиқӣ), билохира хеле кам хоҳанд буд, вале шак надорад, ки (замони он) хеле зиёдтар аз (замонҳои маҳдуд) аст,

لابِثِينَ فِيها أَحْقاباً

(*Набаъ/23*) аст. Ин амале, ки ин шахс анҷом медиҳад, дар қиёмат ба ӯ мегӯянд, мо чизи дигаре ба ту намедиҳем, мо амали худатро ба худат дорем медиҳем, мо чизе изофа ба ту надодаем.

Пас

## فَلا يُجْزى إِلاّ مِثْلَها

— чизи изофа нест. Вале дар масъалаи биҳишт, чун ин (амали бад) дар хилофи ҷиҳати низоми олам аст ва он (амали хуб) дар ҷиҳати низоми олам аст, он табъан метавонад борвар бошад, яъне метавонад замина бошад барои ин ки аз тарафи Худованд файзи бештаре ҳам ба он ифоза шавад, вале дар (кори бад) на, ҳамон худаш аст ва ғайри худаш чизе нест.

**Пурсиш**:

## مِثْلَها

*— яъне монанди ин ки як касе гандум бикорад ва натиҷаи он ҳафтсад дона шавад. Ӯ набояд мутаваққеъ бошад, ки як гандум, ки кошт, як гандум дарояд. Вале агар кори хуб кунад, он ҳафтсад, то ҳам даҳ баробар яъне ҳафт ҳазор дона гандум мешавад.*

**Устод Мутаҳҳарӣ**: То андозае таъбир ҳамин тавр аст. (Қуръон мегӯяд) вақте, ки мо масъалаи айниятро мегӯем, мо дорем амали худатро ба ту медиҳем, мо зоид бар амали туро, ки ба ту надодаем. Агар як чизи дигар аз пеши худамон ба ту бидиҳем, ту мегӯӣ ман ин корро кардам, чаро бештар (таҳвил мегирам?) Мо мегӯем, худи амалатро дорем ба ту таҳвил медиҳем, ин дигар зиёдтар аз худаш нест, ҳеч чизе (худаш) аз худаш зиёдтар нест.

Агар мо масъалаи муҷозоти ухравиро аз навъи муҷозоти қарордодӣ ва эътибории дунё бидонем, ишкол ворид аст, яъне дар қарордодҳои дунё бояд таносубе бошад. Аммо ин ки Қуръон аз низоми олам хабар медиҳад, дар хабар додан аз низоми олам, дигар ин ҳисобҳо нест.

Ҳамон тавр, ки дар муҷозоти машрубхор ва дар муҷозоти баччаи хирасаре, ки лаби ҳавз меравад, фарзи таносуб ба он маъно ғалат аст, дар муҷозоти ухравӣ ҳам дар назар гирифтани ин ҷур таносубҳо ғалат аст. Қуръон хабар медиҳад, ки ин амали бад то абад бо ту боқӣ мемонад. Албатта ҳамеша –

### سَبَقَتْ رَحْمَتُهُ غَضَبَهُ

(“*Раҳмати Худо бар ғазабаш пешӣ гирифтааст.*”) Ҳамеша ҷониби хайр дар олам мечарбад. Инсон вақте кори хуб бикунад, беш аз миқдоре, ки кардааст бар ва самар медиҳад:

### فَلَهُ عَشْرُ أَمْثالِها

Кори бадан чун бар хилофи низоми олам аст, як тухмро кошта ҳамон як тухмро бармедорад, на бештар. Вале ба ҳар ҳол чӣ кори хуб чӣ кор бад, он чи боқӣ мемонад нафси амал аст ва Худо ва паёмбарон ҳам ахборкунанда аз воқеияте дар низоми олам ҳастанд. Адли илоҳӣ ҳам эҷоб мекунад, ки ҳар мавҷуде ба он чи ки истеҳқоқи онро дорад (бирасад), яъне ҳар чи имкони вуҷуд дорад, дар олами вуҷуд пайдо мекунад. Агар мавҷуде истеҳқоқи як наҳв вуҷудеро дорад, ҷилави вуҷудаш ҳаргиз гирифта намешавад (бо ин тавҷеҳ), ки баъд ӯро озор медиҳад. Хуб, озор диҳад! Ин ҳисобҳое, ки мо рӯйи отифа мекунем, ки диламон месӯзад ба ҳоли одаме, ки ӯро азоб кунем, пас Худо ҳам дилаш бисӯзад, Худо дил надорад, ки бисӯзад! Масоили дилсӯзӣ ва отифӣ, ки абзорҳои мо барои ин зиндагии дунёст, дар соҳат рубубӣ дахолате надорад. Ӯ раҳмат дорад, раҳим ва рауф аст ва раҳмати вуҷудаш ба ҳар мавҷуде ба андозаи истеъдоди вуҷудаш мерасад, аммо ин ки дилаш ба он маъно бисӯзад ва мутаассир шавад (ин тавр нест), инҳо моли мо башарҳо ва мавҷудот аст. Агар чунин таассуре дар ӯ бошад, дигар Худо нест, таҳти таъсири омилҳои хориҷӣ қарор гирифтааст, ӯ таҳти таъсири омилҳои хориҷӣ қарор намегирад.

**Пурсиш**: *Чаро Худо амали бадро ба адлаш ҷавоб медиҳад, вале амали хубро ба фазлаш?*

**Устод Мутаҳҳарӣ**: Ҳамон масъалаи

### عَشْرُ أَمْثالِها

— фазл мешавад. Арз кардам “мисл” ба кӯмаки оятҳои дигар, худаш аст, “мисли он” яъне бештар аз худаш нест. Қаҳран агар мо он оётро гирифтем, ки мегӯяд нафси амал ҳаст, “мислаҳо” дар инҷо яъне беш аз худаш нест, ҳамон худаш, на беш аз худаш. Вале дар корҳои хайр, худаш дар ҳоле аст, ки ба фазли илоҳӣ бор ҳам дода, вагарна бояд ҳамон ҳарфи мутакаллимонро бигӯем, ки амалаш инҷо мемонад, баъд як муҷозоте, як чӯбе ҳам меоянд мезананд. Сӯҳбати чӯб задан нест.

**Пурсиш**: *Роҷеъ ба ин ки муддати 50-60 сол кори хуб ё бад мекунем, чаро бояд, то абад натиҷа дошта бошад, ин суол шуда буд ва ҷавобро ин тавр дода буданд, ки мебинем бештар рӯйи оқибат ба хайрӣ таъкид мешавад, яъне барои он натиҷае аст, ки охир, инсон мегирад ва он бардоште, ки бояд нисбат ба зиндагӣ дошта бошад. Баъд дар онҷо ин тавр зикр шуда буд, ки Худованд медонад фарди солеҳ агар то абад зинда бошад, корҳои салоҳ ва хуб хоҳад кард ва агар фарди фосиқ то абад зинда бошад, фисқу фуҷур хоҳад кард ва тақрибан ба унвони шоҳид метавон он оятеро овард, ки:*

**قالَ رَبِّ ارْجِعُونِ، لَعَلّي أَعْمَلُ صالِحاً**

*Ба онҳо гуфта мешавад:*

**كَلاّ إِنَّها كَلِمَةٌ هُوَ قائِلُها**

*(Мӯъминун/99 ва 100) Яъне дурӯғ мегӯяд, ӯ агар баргардад, ҳамон корҳоро идома хоҳад дод. Баъд рӯйи ин милок, яке аз имомон тавҷеҳ карда буданд, ки абадӣ будани натиҷаи кори хуб барои он фарди солеҳ ва абадӣ будани азоб барои он фарди фосиқ, хилофи адл нест.*

**Устод Мутаҳҳарӣ**: Ҳисоб ин нест, ки Худо медонист, ки ӯ ҳамеша бад мекунад. Он чизе, ки дар ривоят омада ин нест. Онҷо ҳисоби ният ва қасд аст, яъне яке дар ният ва қасдаш ин аст, ки агар умри абад ҳам пайдо кунад, хубӣ кунад ва яке дар қасдаш ин аст, ки агар умри абад ҳам пайдо кунад, бадӣ кунад. Ӯ азобаш ин тавр аст, барои ин ки аслан гӯ ин ки қасд ва фикр ва руҳаш нақши абадият хӯрда, ки барои абад инчунин бошад ва ба ҳамин далел он чи ки барои абад мехоҳад, ба он барои абад расида, ӯ барои абад гуноҳро писандида ва барои абад ҳам бо гуноҳи худаш маҳшур хоҳад буд ва ӯ барои абад хайрро писандида ва барои абад ҳам бо хайр маҳшур хоҳад буд.

Як нукта изофа кунам ва он ин аст, ки хулуди ҷаҳаннам ҳатто роҷеъ ба ҳамон қатли нафс ҳам, ки дар насси Қуръон омада (ба маънои абадият нест), чун мо дар Қуръон роҷеъ ба ғуфрон ҳам оят дорем, яъне як асле дорем ба номи асли мағфират, ки агар ба Худо нисбат диҳем, мағфират аст ва агар ба висотати анбиё нисбат диҳем, шафоат аст. Шафоати анбиё ҳамон мағфирати илоҳӣ аст ва чизи дигаре нест. Худ ҷаноби олӣ (муҳандис Бозаргон) дар китоби "*Мутаҳҳарот дар ислом*" баёне карда будед, ки дар олам асли шустушӯ ҳаст. Ҳамин тавре, ки мо дар ин дунё як асли шустушӯе мебинем, яъне асл бар таҳорат ва бар саломат аст, асли хилқат ҳам бар саломат аст. Агар баччае носолим ба

дунё биёяд, ин (ношӣ аз) як омили хориҷӣ аст. Қонуни аслӣ саломат аст. Оқоёни пизишкон агар бибинанд як бачча солим ба дунё омада, дигар дунболи ин намераванд, ки бибинанд чӣ омиле аз хориҷ сабаб шуда солим ба дунё биёяд. Агар диданд ӯ фалаҷ ба дунё омад, мегӯянд, бибинем чӣ омиле аз хориҷ дахолат кардааст. Асл, раҳмат ва мағфират аст ва (азоб) бар хилофи масири аслӣ аст.

Аз оятҳои Қуръон истифода мешавад, ки билохира иддае барои ҳамеша боқӣ мемонанд, аммо он идда чӣ қадранд? Алъон наметавонем бигӯем. Ин ки аксарияти мардум мераванд ҷаҳаннам, гӯё аз оятҳо мешавад истинбот кард, ки чунин чизе ҳаст, вале аксарияти аксарияташон мағфирати илоҳӣ шомили ҳолашон мешавад, яъне то ҳадде, ки дар вуҷуди касе кучактарин мояе бошад барои ин ки мағфират шомили ҳолаш шавад (шомил хоҳад шуд). Мисли ин ки барои баъзе ҷаҳаннам ҳукми тасфияи хонаро дорад, ки дар онҷо тасфия мешаванд ва он моддаи аслии раҳмат, ки дар онҳо ҳаст билохира онҳоро берун меоварад, аз ин рӯ Қуръон дар инҷо мефармояд:

لابِثِينَ فِيها أَحْقاباً

Ҳамон, ки дар ҷойи дигар “холидин” мегӯяд, (дар инҷо) “аҳқоб” мегӯяд.

“Аҳқоб” зоҳиран ҷамъи “ҳақб” аст, ки муддати хеле зиёдро мегӯянд (чанд ҳазор сол), билохира маҳдуд аст. Иддае

لابِثِينَ فِيها أَحْقاباً

— ҳастанд. Бинобар ин мо ба ин маъно наметавонем бигӯем ҳар касе, ки қатли нафс карда, ба ҳар шарорате ҳам бошад, холид ба он маънои абадият аст, яъне машмули мағфират намешавад, ҷазояш ба худии худ хулуд аст нобахшиданӣ –

لو لا مغفرة ولو لا شفاعة

— ва ба қавли баъзе аз оқоён:

وإنّ لأهل الخير غلبة عظيمة

Ин ки дар Қуръон мардумро се даста карда: муқаррабин, асҳобулямин, асҳобушшимол, баъзе аз уламо мӯътақиданд — ман дар “*Адли илоҳӣ*” зикр кардаам — ки муқаррабин ҳадди аълоҳо ҳастанд ва асҳобушшимол пойин пойинҳо ҳастанд, ки дигар аҳли

ҷаҳаннаманд ва асҳобулямин мутавасситин ҳастанд. Мегӯянд, ғалаба бо мутавасситин аст, ки Қуръон башорати раҳмат дода. Ва Бӯалӣ Сино ҳарфи хеле хубе мезанад, мегӯяд: ҳамон тавре, ки зебои зебо ҳамеша дар ақаллият аст, зишти зишт ҳам дар ақаллият аст, аксарият мутавасситин ҳастанд ва ҳамон тавре, ки солими солим (касе, ки аз назари пизишкӣ як зарра инҳироф дар мизоҷаш набошад) хеле дар ақаллият аст, маризи мариз ҳам, ки аслан фалаҷ ва афтода бошад дар ақаллият аст, аксар мутавасситин ҳастанд, ки ҳам солиманд ва ҳам каме беморӣ дар онҳо ҳаст, дар умури руҳӣ ва маънавӣ ҳам низоми олам бар ҳамин (асос) аст, онҳое, ки аҳли саодати комил ҳастанд ва ба таъбири Қуръон, муқаррабин, мусаллам ақаллият ҳастанд, онҳое ҳам, ки дигар ҳеч вақт раҳмати илоҳӣ шомили ҳолашон нахоҳад шуд, ақаллият ҳастанд, аксарият онҳое ҳастанд, ки ҳам гуноҳе кардаанд (ва ҳам кори хуб анҷом додаанд).

## Масъалаи руҳ

Дар баҳси маъод, ончунон, ки мо нақл ва истинбот кардаем ва балки сароҳати оятҳои Қуръон буд, Қуръон дар фосилаи миёни марг ва қиёмат, як ҳаёти шахсӣ барои инсонҳо қоил аст. Ва ба иборати дигар, барои руҳи инсон қабл аз қиёмат, бақо қоил аст. Ва ин матлаб моро ба баҳс дар масъалаи руҳ кашид ва он тавре, ки арз кардем, хаёл намекунам бишавад тардид кард, ки Қуръон қоил ба руҳ аст. Ин матлаб бояд барои мо мушаххас шавад, ки қатъи назар аз далоили илмӣ ё фалсафӣ бар нафй ё исботи руҳ, дар мутуни исломӣ роҷеъ ба ин масъала чӣ гуна изҳори назар шудааст, ки дар раъси ҳама Қуръон аст. Ҳанӯз ҳам дар баъзе аз оятҳои Қуръон баҳс хоҳем кард. Вақте назари ислом комилан мушаххас шуд, он вақт меравем суроғи назариёти илмӣ дар нафй ё исботи руҳ.

Дар бораи оятҳои Қуръон як силсила оятҳо ҳамонҳо буд, ки қаблан хондем ва як баҳси хоссе роҷеъ ба ояти:

وَيَسْأَلُونَكَ عَنِ الرُّوحِ قُلِ الرُّوحُ مِنْ أَمْرِ رَبِّي

— баъд арз мекунем.

Вале қаблан ишорае ба ин матлаб мекунем, ки дар ғайри Қуръон, дар соири мадорик ва мустанадоти мазҳабии мо, яъне дар ахбор ва аҳодис ва “Наҳҷул-балоға” ва дуоҳо мисли “Саҳифаи Саҷҷодия”, дар бораи руҳ ба ҳамин унвон, ки худаш як ҳақиқате аст ва бо мурдани инсон, аз бадан ҷудо мешавад ва боқӣ аст, он қадр ҳаст, ки ман хаёл намекунам бишавад тардид кард. Як вақт ҳаст, ки даҳ ҳадис, панҷоҳ ҳадис дар як шароити хоссе аст, мумкин аст инсон бигӯяд, ин (ақида) таҳти таъсири афкори дигарон пайдо шуда,

вале ин (аҳодис) ба истилоҳ аз ҳадди мутавотир гузаштааст. Ман ҳоло чанд ҷумлае, ки дар “Наҳҷул-балоға” омада ва мешавад ба он истинод кард арз мекунам, бидуни ин ки иддао кунам ҳамаи он чиро, ки дар “Наҳҷул-балоға” мумкин аст ба он истишҳод кард пайдо кардаам; он чиро, ки ҳар вақт бархӯрд доштаам, ёддошт кардаам арз мекунам барои ин ки мехоҳем аввал назари авлиёи исломро дар ин ҷиҳат бидонем.

## Исботи руҳ дар “Наҳҷул-балоға”

Чанд хутбаи муфассал дар “Наҳҷул-балоға” дорем, ки яке аз онҳо ба номи хутбаи “Ал-ғарро” маъруф аст. Дар ин хутба мисли соири хутбаҳои муфассал мавзӯъоти мухталифе ҳаст: тавҳид ва ғайри тавҳид ва мавъизаҳо ва аз он ҷумла дар мавъизаҳо, ҳазрат масъалаи марг ва мурданро ёдоварӣ мекунад ва вазъи шахс дар ҳоли эҳтизорро; он вақте, ки дар ҳоли ҷон додан аст ва аќорибаш атрофашро гирифтаанд ва маъюсанд ва гиря мекунанд ва ӯ қисмате аз ҳавоссаш таътил шуда ва қисмате аз ҳавоссаш кор мекунад. Таъбири ҳазрат ин аст:

فهل دفعت الأقارب أو نفعت النّواحب وقد غودر في محلّة الأموات رهينا

Оё наздикон метавонанд аз ӯ дифоъ кунанд ё ин навҳагариҳо суде ба ҳоли ӯ мебахшад пас аз он ки ӯ дар маҳаллаи амвот (қабристон) гарав воқеъ шуд?

وفي ضيق المضجع وحيدا

Дар тангнои гӯр танҳо монд.

قد هتكت الهوامّ جلدته

Ҳашароти замин пӯсташро пора-пора карданд.

وأبلت النّواهك جدّته وعفت العواصف أثاره

Ҳалоккунандагон корҳои ҷиддии ӯро аз байн бурданд, бодҳои тунд осор ва сохтмонҳои ӯро аз байн бурданд.

### و محى الحدثان معالمه

Нишонаҳое, ки дар дунё аз худаш боқӣ гузошта буд, ҳаводиси рӯзгор ҳамаро маҳв кард.

### وصارت الأجساد شحبة بعد بضّتها

Баданҳо пас аз он тароват, пӯсида ва хокшуда мешавад.

### والعظام نخرة بعد قوّتها

Устухонҳои ӯ пӯсида мешавад пас аз он ки як рӯзе нерӯманд буд.

### والأرواح مرتهنة بثقل أعبائها

(Инҷо муқоринае шуда миёни аҷсод ва арвоҳ.) Баданҳо ва устухонҳо дар қабр пӯсид, вале руҳҳо дар гарави сангинии корҳо ва аъмоли худаш аст.

### موقنة بغيب أنبائها

Дар ҳоле, ки яқин кардааст ба хабарҳои ғайбӣ, ки дар дунё ба ӯ медоданд. Ва он вақт бовар намекард, ҳоло яқин пайдо карда, ки он чи гуфтаанд рост буд.

### لا تستزاد من صالح عملها ولا تستعتب من سيّئ زللها

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 81*) Дар он вақт ба ӯ намегӯянд як миқдор амали солеҳи бештар кун, чун дигар онҷо ҷойи амал нест ва корҳои баде ҳам, ки кардааст, дигар инҷо фоида надорад, ки бигӯяд бибахшед ва тавба ва истиғфор мекунам, фоидае надорад.
Ғаразам ин ду ҷумла аст, ки мефармояд:

### وصارت الأجساد شحبة بعد بضّتها

Баданҳо, устухонҳо пӯсидааст, вале руҳҳо дар гарави аъмол ҳастанд, дар ҳоле, ки дар онҷо яқин кардаанд ба чизҳое, ки дар дунё яқин намекарданд.
(Оё) ин дуруст намерасонад, ки дар назари амирулмӯъминин масъалаи руҳ як масъала аст ва масъалаи ҷасад масъалаи дигаре; одам вақте, ки мурд, баданаш мепӯсад ва руҳаш дар дунёи дигаре боқӣ аст, он вазъе дорад ва ин вазъе?

Хутбаи 107 ҳам роҷеъ ба майит дар ҳоли эҳтизор аст, мефармояд:

يردّد طرفه بالنّظر في وجوههم

Дар ҳоли эҳтизор, чашмҳояшро ин тарафу он тараф бармегардонд, ба чеҳраи бозмондагонаш нигоҳ мекунад. Дар “Наҳҷул-балоға” ин тавр омада, ки гӯшаш намешунавад. Аз ҷумлаҳои инҷо — шояд ҷойи дигар — ҳам истифода шавад, ки майит дар ҳоли эҳтизор, гӯшаш зудтар аз чашмаш аз кор меафтад. Ҳоло ман намедонам чӣ фалсафае дорад ва чӣ гуна аст?

يرى حركات ألسنتهم ولا يسمع رجع كلامهم

Мебинад, (атрофён) забонҳояшон ҳаракат мекунад. аммо садояшонро намешунавад.

ثُمّ ازداد الموت التياطا

Боз марг чангҳои худашро бештар фурӯ мебарад.

فقبض بصره

Дидро ҳам аз ӯ мегирад.

كما قبض سمعه

Ҳамчунон ки шунавоиро аз ӯ гирифта буд.

وخرجت الرّوح من جسده

Ва руҳ аз ҷасади ӯ берун меравад.

فصار جيفة بين أهله

Баъд аз он. якмартиба ҳамин инсони мавҷуди зинда, ба як мурдор дар миёни хонавода табдил мешавад. Баъд аз таътили ҳавос, (оё) аз ин таъбир:

### وخرجت الرّوح من جسده

— истинбот намешавад, ки аз назари амирулмӯъминин моҳияти ҳақиқии марг, хуруҷи рух аз бадан аст?

Хутбаи мухтасари дигаре ҳаст, ки ҳазрат роҷеъ ба тавсифи малакулмавт сухан мегӯяд ва ибҳомҳоро (яъне аҷзе, ки башар аз тавсифи малакулмавт дорад) зикр мекунад, ки мо малакулмавтро наметавонем тавсиф кунем, то чӣ расад Худои малакулмавтро. Мефармояд:

Оё ҳаргиз вуҷуди малакулмавтро вақте, ки барои қабзи рух дохили хонаи касе мешавад, эҳсос кардаӣ? Ҳаргиз ба чашмат дидӣ, ки малакулмавт омад?

### هل تحسّ به إذا دخل منزلا

Оё эҳсос мекунӣ ӯро вақте дохили манзиле шавад?

### أم هل تراه إذا توفّى أحدا

Оё дар вақте, ки қабзи рух мекунад, ту ӯро мебинӣ? Ҳаргиз намебинӣ. Болотар, малакулмавт на танҳо меояд дар манзил қабзи рух мекунад, (балки) ҷанинро дар раҳим қабзи рух мекунад.

Мегӯяд, ростӣ тасаввури ту дар бораи малакулмавт чист? Оё воқеан малакулмавт як ҷисме аст, ки меояд дохили хонаҳо мешавад? Ва оё ҷисме аст, ки дохили раҳими модар мешавад ва дар онҷо рухро қабз мекунад; аз яке аз аъзоъ ва ҷаворeҳ дохил мешавад?

### بل كيف يتوفّى الجنين في بطن أمّه

Ин ки ҷанин гоҳе мемирад ва (малакулмавт) ӯро дар шиками модар қабзи рух мекунад, чӣ гуна аст?

### أيلج عليه من بعض جوارحها

Оё малакулмавт як ҷисме аст, ки аз баъзе аз аъзоъ ва ҷаворeҳи ин зан[26] ворид мешавад ва қабзи рух мекунад?

---

[26] *Гӯё мақсуд асофили аъзост.*

### أم الرّوح أجابته بإذن ربّها

Ё на, ӯ намеравад, лузуме надорад ӯ биравад, то рухро бигирад, ӯ мехоҳад ва руҳ ба иҷозаи парвардигор хостаи ӯро иҷобат мекунад?

### أم هو ساكن معه في أحشائها

Ё на, асосан малакулмавт дар берун ва ҷойи дигаре нест, ки бихоҳад биёяд онҷо, ҳамеша ҳамроҳи ҳамон зан аст? Яъне ин ҳам худаш як фарзе аст дар боби малакулмавт, ки ҳамеша ҳамроҳи ҳама кас аст. Баъд мефармояд:

### كيف يصف إلهه من يعجز عن صفة مخلوق مثله

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 110*) Башаре, ки қудрат надорад як махлуқи Худоро тавсиф кунад, чӣ гуна метавонад иддао кунад Худороончунон, ки ҳаст тавсиф кунад?
Ғаразам ин ҷумла аст:

### أم الرّوح أجابته بإذن ربّها

Ё ин ки на, ӯ мехоҳад ва руҳ иҷобат мекунад? Оё боз ин таъбир намерасонад, ки амирулмӯъминин дар боби мурдан ва руҳ ин тавр меандешидааст?
Ин се қисмате, ки аз “Наҳҷул-балоға” хондам, сароҳати бештаре дошт, се қисмати дигар ҳам мехонам, ки онҳо ба ин сароҳат нест.
Хутбае ҳаст, ки ҳазрат дар он, хилқати ҳамаи парандаҳо, вале бештар хилқати товусро тавсиф кардааст, яъне аҷоиби хилқати товусро ба унвони далеле бар вуҷуди Худованд баён кардааст. Дар охири хутба мефармояд:

### سبحان من أدمج قوائم الذّرّة والهمجة الى ما فوقهما من خلق الحيتان والفيلة

Муназзаҳ аст он ки қавоим ва поҳо дар даруни мӯрчаҳо ва магасҳои рез то он бузургтарҳошон (ки моҳиҳо ва филҳои бузург аст) қарор дод.

## ووأى على نفسه أن لا يضطرب شبح ممّا أولج فيه الرّوح الاّ وجعل الحمام موعده

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 163*) Ва бар худ қарор дода, ки ҳеч ҷисме аз аҷсоме, ки руҳро дар онҳо қарор додааст ҳаракат накунад магар ин ки маргро ҳам мавъиди онҳо қарор додааст, яъне суннати илоҳӣ аст, ки дар ҳар ҷо руҳро қарор додааст, маргро ҳам қарор бидиҳад.

Инҷо ҳам боз мо мебинем таъбири “руҳ” омадааст, вале ба таъбири:

## أولج فيه الرّوح

— яъне руҳро ворид ва дохил кард. Далолати инҷо ҳамин миқдор аст, ки мефармояд, руҳро дохил кард. Вале мумкин аст касе муноқиша кунад, ки инҷо аз берун рафтан ва истиқлоли руҳ сухане нест, фақат (сухан) аз ворид кардани руҳ аст, шояд дар инҷо мақсуд аз руҳ ҳамон ҳаёт бошад ва масалан бигӯем, мақсуд ин аст, ки бо мурдани шахс, ҳаёт ҳам ба куллӣ фонӣ мешавад ва аз байн меравад, хусусан ин ки ҳамаи ҳайвонот — аз кучактарини зарраҳо гирифта то бузургтаринашон -ро ҳам дохил кардааст. Албатта на ин ки бихоҳам бигӯям ин як ишколи вориде аст, мумкин аст дар ин далолат касе муноқиша кунад, вале ин муноқиша ҳам муноқишаи саҳеҳе нест, барои ин ки (мегӯяд) ҳамаи ҳайвонот дорои руҳ ҳастанд — аз кучактарини зарраҳо гирифта то бузургтаринашон — ва роҷеъ ба хуруҷи руҳ сокит аст, на ин ки чизе бар хилофаш дида мешавад.

Дар хутбаи 181, ки даъват мекунад ба риёзати шаръӣ яъне ба намоз ва рӯза ва шабзиндадориҳо ва инфоқ кардан аз амвол, мефармояд:

## اسهروا عيونكم

Чашмҳои худатонро бедор қарор диҳед.

## واضمروا بطونكم

Ва шикамҳои худатонро ба истилоҳ чанг қарор диҳед.[27]

[27] *Вақте, ки асперо барои аспдвонӣ ба истилоҳ суғон медиҳанд, дар ибтидо, ки ҳамеша сари охур бастааст ва асп доиман коҳ ва ҷав ва об мехӯрад, шикамаш бузург мешавад. Вақте муддате ӯро суғон медиҳанд ва камтар ба ӯ об ва ҷав ва алаф медиҳанд, дар*

**واستعملوا أقدامكم**

Аз поҳои худатон кор бикашед, яъне ин қадамҳоро дар роҳҳои ризои Худо бардоред.

**وأنفقوا أموالكم**

Молҳои худатонро дар роҳи Худо инфоқ кунед.

**وخذوا من أجسادكم فجودوا بها على أنفسكم**

Инҷо калимаи руҳ нест, калимаи нафс аст: аз тан бигиред ва бар руҳҳо ва нафсҳо бибахшед ва бияфзоед. Инҷо ҳам як навъ дугонагӣ миёни руҳ ва нафс (вуҷуд дорад): аз ин бигиред ва бар он бияфзоед.

**ولا تبخلوا بها عنها**

Ба руҳ аз ҷисм бухл накунед, яъне ҳисоби ҷисмро надошта бошед, бештар ҳисоби руҳро дошта бошед, аз ин бигиред ва бар он бияфзоед. Саъдӣ акси қазияро ба сурати маломат мегӯяд:

*Ҳар чи аз дунон ба миннат хостӣ,*

*Дар тан афзудию аз ҷон костӣ.*

Дар хутбаи 213, ки қисмате аз он (дар охирҳо) унвони дуо дорад, мефармояд:

**اللّهمّ اجعل نفسي أوّل كريمة تنتزعها من كرائمي وأوّل وديعة ترتجعها من ودائع نعمك عندي**

Мехоҳад бифармояд, Худоё!, неъматҳои бузургворе, ки ба ман додаӣ ва иноят кардаӣ, инҳоро аз ман қабл аз мурдан нагир! Инро ба ин таъбир мегӯяд: Худоё!, аввалин шайъи

---

*асари об шудани пиҳҳои шикам, кам-кам шикамаш ҷамъ мешавад. Албатта ғизо ба қадри кофӣ, ки эҷоди нерӯ кунад, медиҳанд, вале он қадр намедиҳанд, ки ин ҳайвон сангин шавад ва пиҳ дар ӯ хеле пайдо шавад. Он ҳолате, ки ҳайвон шикамаш ҷамъ мешавад ва ба истилоҳ мегӯянд чанг шуд, яъне ҳолати як чанг (абзори мусиқӣ)-ро пайдо кард, инро ҳолати “зумра” барои асп мегӯянд. Мефармояд, хулоса кам бихӯред ба тавре, ки шикамҳоятон ҷамъ шавад.*

кариме, ки аз ман мехоҳӣ бигирӣ бибарӣ пеши худат, ҳамон нафси ман бошад, Худоё!, нафс маро аввалин шайъи бузургворе қарор бидеҳ, ки онро аз ман мегирӣ, яъне неъматҳоятро аз ман салб накун.

Ин ҳам як таъбир аст.

Ҳамаи инҳо ба назари ман, далолат дорад, хусусан он се қисмати аввал, ки сароҳат дорад. Мо дигар вориди ахбор ва аҳодис дар ин замина намешавем, чун сӯҳбати яке ва дуто ва даҳто ва ҳатто садто (ҳадис) нест, ҳамин қадр арз мекунем, ки аз назари мо, намешавад тардид кард ва гуфт, масъалаи рух ба ин шакл, баъдҳо, ки тамаддуни исломӣ нузҷ гирифт ва афкори миллатҳои дигар дар миёни мусалмонон ривоҷ пайдо кард (матраҳ шуд) ва махсусан дар масъалаи рух мегӯянд, пас аз он ки фалсафаи Юнон дар охирҳои қарни дуввум ва бахусус дар қарни севвум дар миёни мусалмонон пайдо шуд, фикри рух — ба ин маъно, ки дар инсон як рухе ҳаст, ки баъд аз мурдан аз бадан хориҷ мешавад ва боқӣ мемонад — падид омад, (дар сурате, ки чунин нест ва дар вуҷуди ин фикр дар мутуни исломӣ) намешавад тардид кард.

Масалан намози майит як чизе аст, ки дигар дар қарни дуввум ва севвум ихтироъ нашуда, дар садри ислом, шиъа ва суннӣ онро бо воҷибот ва мустаҳабботаш рӯзе садҳо ва ҳазорҳо бор мехондаанд. Дар намози майит қабл аз охирин такбир ва охирин дуояш — ки дар бораи худи майит дуо мекунем — бо ин ҷумла шурӯъ мешавад:

اللّهمّ إنّ هذا المسجّى قدّامنا عبدك وابن عبدك نزل بك وأنت خير منزول به ... اللّهمّ إنّك قبضت روحه إليك فقد احتاج الى رحمتك وأنت غنيّ عن عذابه. اللّهمّ إن كان محسنا فزد في إحسانه وإن كان مسيئا فتجاوز عن سيّئاته

Худоё! Ту рухи ин (майит)-ро ба сӯйи худат қабз кардаӣ ва акнун ӯ ниёзманд ба раҳмати туст,

وأنت غنيّ عن عذابه

— ва ту аз азоби ӯ бениёзӣ.

Ғаразам ҷумлаи аввалаш аст: “*Худоё! Ту руҳи ӯро қабз кардӣ*”. Мо аз садри ислом то имрӯз, ҳар мурдае, ки доштаем, ин ҷузъи дуоҳои мустаҳаббӣ аст, ки барояш хонда

мешудааст.[28] Мегӯем: Худоё! Ту рухи ӯро қабз кардӣ. Бигузарем аз масоиле аз қабили суоли олами қабр ва… чун ҳар як аз онҳоро ба танҳоӣ мумкин аст касе мавриди мунокиша қарор бидиҳад, вале дар маҷмӯаш на. Дигар ман беш аз ин роҷеъ ба ахбор ва аҳодис баҳс намекунам. Лозим медонистам, ки бароятон қисматҳое аз "Наҳҷул-балоға"-ро арз карда бошам.

## Инкори рух дар китоби "Роҳи тайшуда"

Ҳол, биравем дунболи баҳсе, ки дар ҷаласаи гузашта кардем. Дар ҷаласаи гузашта арз кардам, ки ҷаноби оқои муҳандис Бозаргон бо ин ки дар чандин китобашон, ки ман хондаам — ва шояд баъзе китобҳояшон, ки ман нахондаам — мисли "*Роҳи тайшуда*" ё масъалаи ваҳй, масъалаи руҳро инкор мекунанд ва муддаӣ ҳастанд, ин ки инсон дорои руҳи муҷаррад аст, як фикри юнонӣ аст, ки вориди олами ислом шудааст ва дар матни ислом чунин чизе вуҷуд надоштааст, вале худи эшон дар китоби "*Зарраи беинтиҳо*" — ки ба ақидаи ман, ҳам беҳтарин китоби оқои муҳандис Бозаргон аст ва ҳам яке аз китобҳои нафисе аст, ки дар асри мо навишта шудааст, бисёр китоби нафисе аст ва хеле олӣ аст — хушбахтона аз роҳе рафтаанд (ки мунҷар ба исботи руҳ шудааст). Намехоҳам бигӯям ин роҳро аз касе тақлид кардаанд, воқеан нишон медиҳад, ки худашон рафтаанд. Бо ин ки дар инҷо эшон боз муддаӣ ҳастанд, ки ман намехоҳам руҳи муҷаррадро исбот кунам ва мехоҳанд нафй кунанд, вале сад дар сад исбот кардаанд ва ин нишон медиҳад, ки тасаввури эшон дар боби руҳи муҷаррад — ки инкор мекунанд — як тасаввуре аст мисли навъи тасаввуре, ки баъзе дар бораи Худо доранд ва ӯро нафй мекунанд, ки он чи онҳо дар бораи Худо фикр кардаанд ва нафй мекунанд дуруст аст, вале Худои воқеиро нафй намекунанд. Ман фақат як хулосае арз мекунам.

Дар ин китоб, мисли ин ки асли фарзияашон бар ин асос аст, ки ҷаҳон ва падидаҳои ҷаҳон ва махсусан таҳаввулоти ҷаҳонро танҳо бо модда ва энергия намешавад тавҷеҳ кард, ҳатман як унсури севвуме ҳам барои тавҷеҳи ҷаҳон зарурат дорад. Аз худи ҷамодот шурӯъ кардаанд (ва баъд) наботот ва ҳайвон ва инсон ва махсусан такомул дар ҷондорон ва хусусиётҳи инсон. Ва дар ҳамаи инҳо асоси фарзия ин аст, ки ҷаҳонро танҳо бо модда ва энергия намешавад тавҷеҳ кард. Баъд мегӯянд, дар Қуръон аз як матлабе баҳс шудааст, ки Қуръон онро ба таъбирҳои гуногун ва дар ҷоҳои мухталиф баён кардааст,

---

[28] *Ин ки "ҳар мурдае" мегӯям (на ин ки барои ҳамаи амвот хонда мешавад) чун ин ҷузъи дуоҳои мустаҳаб аст ва барои бисёре аз амвот ба ҳамон воҷиботаш қаноат мешавад.*

гоҳе онро бо калимаи “руҳ”, гоҳе бо калимаи “амр”, гоҳе бо калимаи “калима” ва гоҳе бо калимаи “ирода” баён кардааст ва ҳатман чунин чизе ҳам бояд бошад ва ин чизе, ки Қуръон гуфта болотарини ҳарфҳо дар ин замина аст.

Аз ҷамодот шурӯъ мекунанд ва эшон мӯътақиданд, ки ин низоми ғоие, ки дар олами ҷамодот ҳаст, як чизи дигаре бояд дар матни ин олами хилқат дахолат дошта бошад ва ин ҳамон аст, ки Қуръон аз он таъбир мекунад:

وَأَوْحى فِي كُلِّ سَماءٍ أَمْرَها

(*Фуссилат/12*) Худо дар ҳар осмоне[29] амр ва корашро ба он ваҳй карда ё амрашро ба он иблоғ кардааст. Маълум мешавад, як чизе, як иртибот ва иттисоле байни ин ҷаҳон ва олами рубубӣ ҳаст ва дар олами рубубӣ ба ҳамаи ашё як чизе — ки моҳияташро наметавонем таъриф кунем — дода шудааст, ки ба мӯҷиби он, кори худашро муназзам анҷом медиҳад. Баъд мегӯянд, дар сари ҳар пече аз печҳои хилқат, он ҷо, ки олами беҷон мехоста ба олами ҷондор табдил шавад, он ҷо, ки дар олами ҷондор инсон мехоста пайдо шавад, Қуръон ба инҷоҳо, ки мерасад, аз масъалае ба номи “ваҳй” ё “руҳ” ё “калима”, ба як номе аз инҳо ёд мекунад, яъне ҳар ҷо, ки як танаввӯъи асарӣ ва як асари ҷадид пайдо шудааст, Қуръон онро маълули як нафхаи илоҳӣ медонад, ки аз тарафи Худо як нафхае шудааст, як чизе ба дунё ва олам дода шуда, ки як амри ҷадид ба вуҷуд омадааст.

Умда, дар бораи инсон аст. Эшон дар бораи инсон мӯътақиданд, ки инсонро ҳам ҳамон чизе инсон кардааст, ки Қуръон аз он таъбир мекунад:

وَنَفَخْتُ فِيهِ مِنْ رُوحِي

(*Ҳиҷр/29*) Яъне дар он марҳилае, ки инсон мехоста инсон шавад, дар ҳамон ҷо, ки имрӯз мегӯянд як ҷаҳише сурат гирифтааст, ин ҷаҳиш якчунин таҳаввуле аст, ки Қуръон аз он таъбир ба нафхаи илоҳӣ мекунад. Як чизе билохира дар инсон пайдо шуда, ки дар ғайри инсон нест. Он чиз маншаъи як осоре аст. Конунаш куҷост? Мегӯянд, намедонем куҷост ва балки аслан маҳал надорад, ҷо надорад, ҳеч ҷойи баданро наметавонем бигӯем ҷойи ӯст. Дил ҷойи ӯст? На. Мағз ва аъсоб ҷойи ӯст? На. Тасреҳ мекунанд, ки ҷо надорад, вале –

[29] *Албатта маълум аст, ки Қуръон мехоҳад дар ҳамаи ашё бигӯяд.*

### من عند الله

— ("Аз назди Худо") аст. Қуръон мехоҳад бигӯяд, ин тавр чизҳо аз назди Худо омада, инҷо набуда, яъне инсонро, ки инсон карданд, бо ин маводде, ки дар олам буд, намешуд инсонро инсон кард, дар шароити таҳаввулӣ ва такомулии ин олам, ҳайвон расид ба ҷойе, ки як чизе аз назди Худо бар ӯ изофа шуд, то инсон инсон шуд.

Ин хулосаи ҳарфи эшон аст, ки мегӯянд, (як чизе) аз боло сарозер шуд, ба таъбири худашон, аз бениҳояти бузург ба ин бениҳояти кучак сарозер шуд —

### من عند الله

— аст. Пас як чизе ба номи нафхаи илоҳӣ

### من عند الله

— бар инсон изофа шудааст. Албатта мақсуд танҳо инсони аввал нест. Эшон ҳам қабул доранд дар ҳамаи инсонҳо (ин тавр аст), чун Қуръон ҳам ихтисос ба инсони аввал намедиҳад, ба ҳамаи инсонҳо таъмим медиҳад ва тасреҳ мекунанд, ки ин шайъ ҷо надорад ва лузуме ҳам надорад мо барояш ҷо муайян кунем ва чун мегӯянд ғайр аз унсури модда ва энергия аст, пас агар бигӯем буъд дорад ё надорад? Мегӯянд надорад, чун агар дошта бошад, мешавад модда ва ба далели ин ки ҷо надорад, буъд ҳам надорад. Ин хеле равшан аст ва эшон ҳам намехоҳанд қоил ба буъд барои он бишаванд, бигӯянд абъод дорад. Агар бигӯянд абъод дорад, ки ҳамон хоссияти моддаро дорад. Як қудрате ҳам барои он қоил ҳастанд, ки метавонад ҳоким ва мусаллат бар модда ва гардонандаи модда бошад, на монанди як хоссияти модда, ки маҳкуми модда аст.

Асли каломи эшон аз рӯза шурӯъ мешавад, ки рӯза барои истиқлоли инсон ва хуруҷи инсон аз асорати табиат аст. Ҳарфи хеле хубе аст ва ҳамин ҷост, ки моро ба фикр меандозад: он чист, ки мехоҳад аз табиат озод шавад? Худи табиат, ки наметавонад аз худаш озод шавад. Он чист, ки мехоҳад бо ибодат, бо рӯза, бо намоз, аз асорати табиат озод шавад? Вале билохира мерасанд ба ҷойе, ки ҳатто корҳои гипнозерҳоро қабул мекунанд ба ин ки ирода бар бадан мусаллат мешавад. Иродаи он гипнозер бар ин шахсе, ки таҳти таъсири ӯ қарор гирифтааст ҳукумат мекунад ва иродаи ӯро таҳти таъсир қарор медиҳад ва иродаи ӯ тамоми қувваҳои баданиро таҳти таъсир қарор медиҳад. Ба ӯ мегӯяд: бихоб! Бадан фармон мебарад ва мехобад, ба ӯ мегӯяд: бедор шав, бедор

мешавад, ба ӯ мегӯяд: бирав, меравад, ба ӯ мегӯяд, биё, меояд. Ва аз он болотар — ки мо ба як муносибате дар боби ваҳй дар ин бора баҳс кардем ва ёдамон набуд, ки эшон ҳам дар инҷо баҳс кардаанд — эшон кори масъалаи талқинро ба инҷо мерасонанд, ки мегӯянд ҷойи тардид нест, ки гоҳе аз талқин ба ҷойи доруи беҳушӣ истифода мешавад, яъне як узвро, ки мехоҳанд ҷарроҳӣ кунанд ва мехоҳанд эҳсоси дард накунад, ба ҷойи ин ки доруи мухаддир ба кор бибаранд, ба ӯ фармон медиҳанд, ки дард накаш! Фармон, ки медиҳанд, дигар дард намекашад. Ин ниҳояти тасаллути руҳ бар бадан ё ниҳояти тасаллути умури руҳӣ бар умури баданӣ аст ё — ба қавли эшон — ниҳояти тасаллути ирода аст бар модда ва энергия.

## Тарҳи ду суол

Мо дар инҷо аз эшон фақат ду суол мекунем: яке ин ки он чизе, ки шумо ирода ва руҳ дар истилоҳи Қуръон — на руҳ дар истилоҳи дигарон ба қавли эшон — (меномед), он чизе, ки шумо худатон тасреҳ мекунед, ки ғайр аз модда ва энергия аст ва тасреҳ мекунед, ки ҷо надорад, дар ҳеч узве ҷо нагирифта ва намешавад гуфт, дар фалон селлули мағз аст, оё он ҳақиқат худогоҳ аст ё худогоҳ нест?
Дар инсон як худи огоҳе вуҷуд дорад. Мо як мавҷуди худогоҳ ҳастем. Оё худогоҳии мо марбут ба унсури моддӣ аст ё марбут ба энергияҳои бадани мост ва ё мутаъаллиқ ба унсури саввум аст? Ва оё шумо метавонед бигӯед, он унсури саввум худогоҳ нест; ҳамон, ки талқин мепазирад, ҳамон, ки бо пазириши талқин бар модда мусаллат мешавад, худаш худогоҳ нест? Исме аз масъалаи худогоҳӣ набурдаанд.
Суоли дуввуми мо ин аст: оё он чизе, ки шумо мегӯед, унсури саввум дар канори модда ва энергия аст ва мегӯед:

من عند الله

— омадааст ва бо абъоди дигари вуҷудии инсон фарқ дорад, бо мурдан боқӣ мемонад ё маъдум мешавад? Шумо, ки ба Қуръон истидлол мекунед, оё Қуръон дар бораи ҳар чи ки онро

من عند الله

— таъбир мекунад, қоил ба бақо нест? Намегӯяд:

مَا عِنْدَكُمْ يَنْفَدُ وَمَا عِنْدَ اللَّهِ بَاقٍ

(*Наҳл/96*) Он чи ки назди шумост фонӣ мешавад? Мақсуд аз “он чи ки назди шумост” яъне он чи ки мо онро дар олами табиат ва олами тағайюр мебинем, ки доиман кӯҳна мешаванд ва аз байн меравand,

وَمَا عِنْدَ اللَّهِ بَاقٍ

— ва ҳар чи ки дар назди Худост аз байн намеравад, ҳар чи ки ҷанбаи:

عند الله

— дорад аз байн намеравад. Магар дигарон, ки мегӯянд, руҳи муҷаррад (чӣ манзуре доранд?) Аслан муҷаррад яъне чӣ? Муҷаррад яъне абъоди моддиро муҷаррад аст, аз хавосси модда (муҷаррад аст). Агар бипурсем, худи он дар зоти худаш мутағайир ва мутаҳаввил аст? Мегӯед, на. Агар бигӯем, абъоди моддӣ дорад? Мегӯед, на. “Муҷаррад аст” яъне инҳоро надорад, яъне муҷаррад аз ин ноқис аст. Шумо, ки мегӯед, ҷо надорад, яъне муҷаррад аз ҷост. Маънии таҷарруд ҳамин аст ва чизи дигаре нест. Агар шумо барои он, худогоҳӣ қоил бошед — ки хаёл намекунам инкор кунед — ва бақо ҳам барояш қоил бошед, сад дар сад ҳамон ҳарфи онҳоро задаед ва агар ҳам қоил набошед, муқаддамоте, ки чидаед, мунтаҳӣ мешавад ба ин ки қоил ба инҳо бишавед. Ин аст, ки мо мегӯем, он чи ки дар китоби “*Зарраи беинтиҳо*” исбот шуда, ба ҳақ исбот шудааст. Албатта мо як munоқишоти ҷузъӣ — ки ба асли матлаб садама намезанад — дорем, munоқишоти ҷузъӣ дар он ҳаст, вале пайкараи китоб пайкараи бисёр саҳеҳе аст ва ҳамон ҳарфи руҳиюнро мегӯянд.

## Оё масъалаи руҳ як фикри юнонӣ аст?

Ман намедонам тасаввури эшон дар бораи руҳ чӣ гуна тасаввуре будааст, ки онро нафй мекунанд. Чун эшон такя мекунанд, ки масъалаи руҳ як фикри юнонӣ аст. Инро арз кунам, ки аввалан, бисёре аз ҳарфҳое юнониҳо решааш аз Машриқзамин аст, на аз худашон, махсусан афкори Фисоғурис (Пифагор) ва Афлотун бисёр решаи машриқзаминӣ дорад. Ва руҳ як фикри афлотунӣ аст, на як фикри арастуӣ, чун Арасту мункири бақо аст. Ва афкоре, ки дар Машриқзамин — ки маҳди пайғамбарон аст – будааст, бисёре аз онҳо аз мабдаъи нубувват аст, яъне пайғамбарон ин фикрҳоро пахш

кардаанд. Бинобар ин, мо агар фарз ҳам бикунем, ки юнониҳо чунин фикре доштаанд, наметавонем онҳоро сад дар сад ба тахайюлоти фардӣ ва шахсиашон пойбанд (фарз) кунем. Суқрот, ки фикри руҳӣ дошта, равишаш ҳам равиши пайғамбарӣ буда, ин тавр, ки муаррихони фалсафа зикр мекунанд, равишаш ҳам ба равиши фалосифа ҳеч шабоҳате надоштааст. Он фикри юнонӣ, ки дар боби руҳ дар миёни мусалмонон омад, на фикри афлотуниаш пазируфта шуд, на фикри арастуиаш, яъне ба тамомаш на он пазируфта шуда на ин.

Афлотун мӯътақид буд, ки руҳ як ҷавҳари ҷовидон аст, ки аз азал вуҷуд дошта ва баъд, ки ҷанин омода мешавад, мисли мурғе, ки биёяд дар ошёна ҷо бигирад, меояд дар ин ошёна ҷо мегирад, баъд аз мурдан ҳам думартиба бармегардад сари ҷойи аввал худаш. Арасту аслан хеле руҳӣ набуд. Ӯ мӯътақид буд, нафси инсон бо ҳамаи тафовуте, ки бо соири қувваҳо ва нерӯҳои олам дорад, дар ҳамин дунё ва бо бадан пайдо мешавад. Вақте, ки бадан пайдо ва комил мешавад, руҳ ҳам ҳамин ҷо ҳодис мешавад, ҳеч собиқаи дунёи қаблӣ надорад. Ва баъд ҳам мӯътақид шуд, ки руҳ бо мурдани бадан фонӣ мешавад (агарчӣ инро намешавад сад дар сад ба гардани Арасту гузошт). Шояд бисёре аз ҳукамои исломӣ бихоҳанд ҳар тавр, ки ҳаст, таҳлил кунанд, ки Арасту қоил ба бақои руҳ аст, вале имрӯз мӯътақиданд, ки Арасту қоил ба бақои руҳ набуда ва дар "*Рисолаи нафс*"-и ӯ ҳам, ки алъон мавҷуд аст, сухане аз бақои руҳ вуҷуд надорад.

## Ақидаи ҳукамои исломӣ дар бораи руҳ

Ҳукамои исломӣ дар пайдоиши руҳ, ақидаи Арастуро гирифтанд; гуфтанд: руҳ собиқаи қаблӣ надорад ва як мавҷуде нест, ки қаблан вуҷуд дошта (руҳ дар ҳамин ҷо мавҷуд мешавад), вале дар идомаи вуҷуд, ҳарфи Афлотунро гирифтанд; гуфтанд: вале баъд боқӣ мемонад.

Арасту руҳро моддӣ ҳам медонад. Қудамои фалосифаи исломӣ фақат қувваи оқиларо муҷаррад донистаанд. Оқои муҳандис Бозаргон дар китоби "*Роҳи тайшуда*" тасреҳ мекунанд, ки бале, ин ақидаи ба таҷарруди руҳ, ақидаи юнонӣ аст, вале ҳар чи, ки башар пеш рафта, ҳатто худи фалосифа ҳам давра ба давра, ки омаданд, қадре ҳарфи худашонро кучак карданд, қаблан мегуфтанд, руҳ муҷаррад аст, ақл муҷаррад аст, қувваи хаёл муҷаррад аст, ҳатто тамоми қувваҳои идрокӣ муҷаррад аст, вале тадриҷан костанд ва кам-кам фақат ба таҷарруди қувваи оқила қоил шуданд.

Иттифоқан қазия баръакс аст. Арасту, ки қоил ба таҷарруд набуд. Бӯалӣ Сино ва амсоли ӯ фақат қоил ба таҷарруд қувваи оқила шуданд ва аз ин рӯ танҳо ба маъоди руҳонӣ аз

назари фалсафӣ қоил шуданд, вале баъдҳо ҳар чи, ки пеш омада эътиқод ба таҷарруди рух бештар шуда, ба Мулло Садро ва амсоли ӯ, ки расид, қоил шуданд, ки тамоми қувваҳои ҳаётии инсон як виҷҳаи моддӣ дорад ва як виҷҳаи таҷаррод ва ҳамроҳи тамоми қувваҳои ҳаётии моддии инсон, як қувваҳои муҷарраде ҳаст ва инсон вақте, ки мемирад, он ки аз инсон ҷудо мешавад, танҳо ақл нест; ақл аст, хаёл аст, ҳофиза аст, қувваи босира аст, қувваи сомеа аст, ҳамаи инҳост.

Як хусусияте, ки ҳукамои исломӣ барои аввалин бор гуфтаанд ва Мулло Садро мӯътақид шуд, ман аз Қуръон ин ҷумларо илҳом гирифтаам ин аст, ки ҳатто ҳарфи арастуиро ҳам ба унвони ин ки рух ҳамроҳи бадан якмартиба пайдо мешавад инкор кард. Ӯ чун қоил ба такомули модда буд ва миёни моддиёт ва муҷаррадот — бар хилофи Декарт, ки дугонагӣ ва табоюн қоил аст — дугонагӣ ва табоюн қоил набуд; гуфт: худи модда дар ҳаракоти худаш, ки ба (сӯйи) такомул меравад, табдил ба рух мешавад. Ин фикри муҷарраде, ки алъон дар мағзи шумо ҳаст, як рӯзе гандум буда, як рӯзе сабзӣ буда, як рӯзе гӯшт буда, ҳамон аст, ки ба ин (фикри муҷаррад) табдил шудааст. Модда дар ҳаракоти ҷавҳарии худаш ба сӯйи боло меравад ва ҳар чи, ки рӯ ба сӯйи боло ва такомул биравад, ба сӯйи таҷаммӯъи вуҷудӣ меравад ва ҳар чи ба сӯйи таҷаммӯъи вуҷудӣ биравад, ба сӯйи таҷаррд меравад; меравад ба ҳадде, ки худогоҳ мешавад ва худогоҳӣ мусовӣ аст бо таҷаррод ва руҳои ҳамешагӣ.

Бинобар ин, мо ҳатто назарияи фалосифаи исломиро ҳам наметавонем бигӯем аз юнониҳо гирифта шудааст, то чӣ расад ба ин ҳама осоре, ки дар матни ислом дорем.

Як матлабе, ки эшон хеле рӯйи он такя кардаанд ин аст, ки гуфтаанд: ба ғалат омадаанд ояти Қуръон:

يَسْئَلُونَكَ عَنِ الرُّوحِ قُلِ الرُّوحُ مِنْ أَمْرِ رَبِّي

(*Исро/85*)-ро гуфтаанд, мақсуд рухи инсон аст ва ҳол он ки аслан мақсуд рухи инсон нест.

Аввалан, чӣ касе гуфта, ки

يَسْئَلُونَكَ عَنِ الرُّوحِ قُلِ الرُّوحُ مِنْ أَمْرِ رَبِّي

— махсуси рухи инсон аст? Дар боби ин оят ақвол ва ақоиди зиёде аз қадим гуфтаанд. Як қавл, ки ҷузъи ақволи заъиф аст ин аст, ки

يَسْئَلُونَكَ عَنِ الرُّوحِ

— роҷеъ ба хусуси руҳи инсон аст. Дар миёни он аҳвол, қавли қавитар қавле аст, ки дар тафсири “Алмизон” ҳам дидам ҳаминро интихоб кардааст. Дар Қуръон ва дар каломи паёмбар сухан аз руҳ зиёд омадааст, гоҳе ба калимаи “Руҳулқудс”, гоҳе ба калимаи “Руҳуламин”:

نَزَلَ بِهِ الرُّوحُ الْأَمِينُ عَلى قَلْبِكَ

(*Шуароъ/193*) Гоҳе дар бораи Исои Масеҳ гуфтааст:

كَلِمَتُهُ أَلْقاها إِلى مَرْيَمَ وَرُوحٌ مِنْهُ

(*Нисо/171*) Гоҳе аз мавҷуде ба номи руҳ ном бурдааст, мегӯяд:

يَوْمَ يَقُومُ الرُّوحُ وَالْمَلائِكَةُ صَفًّا

(*Набаъ/38*) Якҷо гуфта:

تَعْرُجُ الْمَلائِكَةُ وَالرُّوحُ

(*Маъориҷ/4*) Дар ин ду оят руҳро дар муқобили малоика қарор дода: рӯзе, ки руҳ ва малоика уруҷ мекунанд ба сӯйи парвардигор. Якҷо дар бораи инсон ҳам, ки расидааст, гуфта:

وَنَفَخْتُ فِيهِ مِنْ رُوحِي

(*Ҳиҷр/29*) Ман аз руҳи худам дар ӯ дамидаам.
Пас, он чи ки Қуръон ба номи руҳ меномад, чизе аз он дар инсон ҳаст.

يَسْئَلُونَكَ عَنِ الرُّوحِ

— суол дар бораи инсон ҳам ҳаст, вале на фақат суол дар бораи инсон аст, **суол дар бораи он ҳақиқате аст, ки Қуръон аз он ба номи “руҳ” ном бурдааст** — ки баъд иншоаллоҳ оятҳояшро ба тафсил баҳс мекунем — ва Қуръон мӯътақид аст, дар инсон чизе аз он руҳ ҳаст. Шумо ҳам доред ҳамин ҳарфро мезанед, ҳамон аст, ки ваҳй ҳам ӯст,

яъне ваҳй ҳам як ҷониби амруллоҳӣ ва ман ъиндиллоҳӣ дорад. Он мавҷуде, ки ҳомили ваҳй аст, он ҳам боз ба номи “руҳ” номида шудааст, ки хусусиёти онро иншоаллоҳ баъд бароятон арз мекунем.

Ба ҳар ҳол намешавад гуфт, ки гуфтаанд:

يَسْئَلُونَكَ عَنِ الرُّوحِ قُلِ الرُّوحُ مِنْ أَمْرِ رَبّي

— мақсуд руҳи инсон аст ва ҳол он ки мо дар ҳар ҷойи Қуръон меравем, мебинем руҳ ба маъонии мутаъаддид истеъмол шудааст. (Албатта) руҳ ба маъонии мутаъаддид истеъмол нашудааст, руҳ дар ҳама ҷо ба як ҳақиқат гуфта шуда, ки дар боби ваҳй содиқ аст, дар боби Исои Руҳуллоҳ содиқ аст, дар боби он малаке, ки ба номи руҳ аст содиқ аст, дар боби инсон ҳам содиқ аст. Дар боби инсон ҳам Қуръон мегӯяд, чизе аз он дар инсон ҳаст, вагарна касе нагуфта (руҳ) аз мухтассоти инсон аст, ки баъд бигӯем, оятҳои дигари Қуръон ин матлабро нафй мекунад.

**Ишкол**: *Дар фармоишотатон нафс ва руҳро муродиф зикр фармудаед. Дар таъбири Қуръон хусусан нафс бо руҳ хеле фарқ дорад, чун мураттаб такрор мешавад, ки:*

اللّٰهُ يَتَوَفَّى الْأَنْفُسَ حِينَ مَوْتِها

*(Зумар/42) Нуфус вафот пайдо мекунанд. Ин таъбирро наметавон дар бораи руҳ кард. Ё мефармояд:*

كُلُّ نَفْسٍ ذائِقَةُ الْمَوْتِ

*(Оли Имрон/185) Мехостам арз кунам, ки нафс бо руҳ муродиф қарор намегиранд.*

*Ин масъалае ҳам, ки нафсро чӣ гуна таъбир кунем, наметавонем ин тавр баён кунем, ки нафс як мавҷуди зиндае аст. Нафс қоим мешавад ба он вуҷуде, ки зиндагӣ дорад. На зиндагии алоҳида мешавад барои нафс таъбир кард ва на вуҷуде, ки бидуни руҳ бошад, шояд битавон вуҷуде, ки қоим ба ҳаёт ва зиндагӣ бошад, дар борааш таъбир кард.*

*Масъалаи дигар ин ки баҷост аз худи оқои муҳандис Бозаргон ҳам бихоҳем биёянд ва тавзеҳоти бештаре бидиҳанд ва ба таври куллӣ бештар дар бораи ин мавзӯъ баҳс шавад.*

**Устод Мутаххарӣ**: Он чи ки роҷеъ ба нафс фармудед, ки мафҳуми нафс бо мафҳуми руҳ дутост саҳеҳ аст ва ман дар ҷаласоти пеш ҳам арз кардам ва манзури ман ҳам дар инҷо ин набуд, ки нафс муродиф бо руҳ аст. Ман арз кардам, ки нафс дар забони араб яъне

“худ”, “худ”-и ҳар чизе. Ҳар чизе як “худ”-е дорад, дар аввал, ки гуфтаанд нафс, яъне худ. Вақте мегӯянд:

**جاءني زيد نفسه**

Зайд омад, худаш омад, яъне на ғайраш, на хабараш, худаш омад. Мунтаҳо дар мавориде дар боби руҳи инсон, аз Қуръон мешавад ин истинботро кард, ки “худ”-и инсон ҳамон руҳи инсон аст. **Мафҳуми нафс дар мавриди инсон, ғайр аз мафҳуми руҳ аст, вале татбиқ мешавад бо руҳ**. Вақте мегӯем, нафси мо — яъне он “худ”-и мо — чист? Худи мо — ба қавли оқои муҳандис Бозаргон — ҳамон унсури севвуми сохтмони вуҷуди мост. Аммо ин ки фармудед, нафс аз назари Қуръон вафот ва мавт мепазирад ва руҳ намепазирад, нафс ҳам вафот намепазирад. Арз кардем –

**يَتَوَفَّى الْأَنْفُسَ**

— маъниаш вафот нест.

“Таваффӣ” дар ончо қабз аст, аз моддаи “вафо” аст, на аз моддаи “фавт”. Фавт луғате аст, ки “ф-в-т” аст, вафо аз “в-ф-о” ташкил мешавад ва маъонии ин ду ҳам ҷудост.

**اللّٰهُ يَتَوَفَّى الْأَنْفُسَ**

Яъне Худованд нафасҳоро комилан таҳвил мегирад.

**كُلُّ نَفْسٍ ذائِقَةُ الْمَوْتِ**

— ҳам маъниаш ин аст, ки ҳама кас (чун инҷо “худ” аст), маргро мечашад. Инҷо чун сӯҳбат чашидан аст, дардҳо ва хусусиёти марг аст. Воқеияти марг ҳам, ки аз назари Қуръон интиқол аст. Ҳар касе маргро бо он ҳама авоқибе, ки дорад мечашад. Бинобар ин, **бо ин ки он асли матлабро қабул мекунем, ки мафҳуми нафс бо мафҳуми руҳ ду мафҳум аст, вале дар бораи инсон агар нафс итлоқ шавад, ҳамон руҳи инсон аст**. Фалосифа калимаи руҳро бо нафс дар ду мафҳуми мутафовит ба кор мебаранд, яъне як миқдор фарқ дорад. Вақте, ки нафс мегӯянд, бештар ба ҷанбаҳои таъаллуқот руҳ ба бадан таваҷҷӯҳ доранд ва аз ин рӯ вақте мегӯянд умури нафсонӣ, яъне умури шаҳавонӣ ва умури баданӣ. Руҳ вақте мегӯянд, ба он ҷанбаҳои бениёзии инсон аз бадан бештар

таваҷҷӯҳ мекунанд; мегӯянд, умури руҳӣ ва бештар ба ҷанбаҳои мустақиллаш назар доранд.

Ва ин ки фармудед хуб аст дар инҷо бештар баҳс шавад, ман ҳам ақида дорам, ки ҳар чи бештар баҳс шавад (беҳтар аст), чун воқеан ҳамаи мо пеши худамон ин тавр хаёл мекунем (магар шайтон моро гӯл зада бошад), ки фикре надорем ҷуз ин ки мехоҳем он чи дар матни Қуръон дар дараҷаи аввал ва дар соири (мутуни) исломӣ ҳаст, дар ин замина ба даст оварем, мехоҳем бидонем назари Қуръон чист. Баъд, ки назари Қуръон ва исломро сад дар сад дарк кардем, он вақт дунболи тавҷеҳи илмӣ ва фалсафии матлаб биравем, бибинем ин назар аз назари илмӣ ё фалсафӣ ишколе дорад ё таъйид мешавад ва чӣ гуна аст? Назариёти ҷаноби оқои муҳандис Бозаргон хеле дар инҷо муфид аст ва махсусан — ҳамон тавр, ки арз кардам — баҳсе, ки дар китоби “*Зарраи беинтиҳо*” кардаанд, бисёр баҳси зиқимате аст. Эшон калимаҳоеро дар Қуръон пайдо кардаанд ва гуфтаанд ин калимаҳо як ҷойи махсус дорад ва аз як маънии махсусе ҳикоят мекунад. Ин, ҷузъи масоиле аст, ки албатта қабл аз эшон дигарон ҳам мисли Мулло Садро гуфтаанд, вале онҳо, ки дар ҳамон масири фарҳанги исломӣ будаанд баъд аз ҳазор сол ба ин нукта бархӯрд кардаанд ва оқои муҳандис Бозаргон ибтикоран ва ибтидоан худашон ба ин матлаб расидаанд ва ин матлаби бисёр нафисе аст, ки “амр” дар Қуръон як мафҳуми хосс дорад, “калима” дар Қуръон як мафҳуми хосс дорад, “руҳ” дар Қуръон як мафҳуми хосс дорад ва ин калимоте, ки Қуръон ба кор мебарад, ҳамон калимоте аст, ки мардуми дигар ҳам ба кор мебаранд, вале Қуръон инҳоро дар ҷоҳое ба кор мебарад, ки аз маҷмӯаи қароин, инсон метавонад бифаҳмад, ки назари Қуръон як назари хоссе аст. Иншоаллоҳ дар ҷаласаи оянда роҷеъ ба ҳамин таъбирот баҳс хоҳем кард.

## Масъалаи руҳ (бахши дуввум)

Мо дар баҳси худамон расидаем ба ҷойе, ки ҳам бо як баҳси бисёр мушкили илмӣ ва ақлӣ ва фалсафӣ сару кор дорем ва ҳам бо як баҳси бисёр мушкили қуръонӣ ва он масъалаи руҳ аст. Оятҳои Қуръон, ки ба таври куллӣ дар онҷо калимаи “руҳ” омадааст, оёте аст, ки тафсиру тавҷеҳи онҳо ниёзманд ба тадаббури хеле зиёд аст ва наметавон иддао кард, ки хеле возеҳ ва равшан аст ва аз ҷанбаи илмӣ ва ақлӣ ҳам ин баҳс баҳси бисёр душворе аст.

Ваъда додем, ки дар ин ҷаласа роҷеъ ба оятҳое аз Қуръон, ки дар онҳо калимаи “руҳ” омадааст баҳсе кунем, вале мебинем, ки он қисматҳои дигар ҳам ҳанӯз ниёзманд ба баҳс аст ва махсусан баҳсҳое, ки ҷаноби оқои муҳандис Бозаргон дар китоби “*Зарраи*

*беинтиҳо*” кардаанд, баҳсҳои хуб ва муфиде аст ва мо як қисматашро баҳс кардем, баъд фикр кардем як қисмати дигаре ҳам боз идома диҳем. Ҳоло аввал бар ҳасби ваъдае, ки кардем, дар бораи оятҳое аз Қуръон, ки дар онҳо калимаи “руҳ” омадааст, миқдоре баҳс мекунем ва бидуни ин ки иддао кунем, ки метавонем сад дар сад тавҷеҳ кунем, иҷмолан мефаҳмем, ки дар Қуръон аз як ҳақиқате ба номи руҳ ёд шудааст.

## “Руҳ” дар Қуръон

Аз ҷоҳое, ки дидаам нисбатан муфассалтар баҳс кардаанд, тафсири “Алмизон” аст дар зайли ояти каримаи:

وَيَسْئَلُونَكَ عَنِ الرُّوحِ قُلِ الرُّوحُ مِنْ أَمْرِ رَبِّي

(*Исро/85*) Ман феълан бо истифода аз ҳамин тафсири “Алмизон” баҳс мекунам ва худи ин тафсир ҳам дар инҷо иддао надорад, ки як баҳси муставфое кардааст ва ман ба таври хусусӣ ҳам, ки бо муаллифи мӯҳтарами ин китоб сӯҳбат кардам, гуфтанд, ин баҳс ҳанӯз як баҳси комили қуръонӣ нест ва мо мехоҳем дар ояти сураи Қадр:

تَنَزَّلُ الْمَلائِكَةُ وَالرُّوحُ

— ва ё ояти сураи Амма:

يَوْمَ يَقُومُ الرُّوحُ وَالْمَلائِكَةُ

— як баҳси қуръонии беҳтаре бикунем.

Дар Қуръон дар баъзе аз оёт, аз руҳ ба унвони як амр ва ҳақиқате дар арзи малоика ном бурда мешавад, вале маълум мешавад, ки ба ҳар ҳол аз синхи ин мавҷудоте, ки мо мебинем ва ҳис мекунем (масалан аз санге, аз дарахте, аз кӯҳе, аз дарёе, аз ситорае, аз як чунин чизе) нест, як чизе аст аз навъи умуре, ки мо ҳиссу ламс намекунем. Дар сураи Амма мефармояд:

يَوْمَ يَقُومُ الرُّوحُ وَالْمَلائِكَةُ صَفًّا

(*Набаъ/38*) Он рӯзе, ки руҳ ва малоика дар як саф биистанд. Зоҳири таъбир ин аст, ки руҳ аз навъи малоика ҳам нест, чун онро дар арзи малоика (қарор медиҳад), Ҷабраил яке аз малоика аст, Микоил яке аз малоика аст ва ин таносуб надорад, ки яке аз малоикаро

дар арзи умуми малоика зикр кунад: “Руҳ ва малоика дар як саф меистанд”. Ё дар ояти дигаре мефармояд:

تَنَزَّلُ الْمَلائِكَةُ وَالرُّوحُ فِيها بِإِذْنِ رَبِّهِمْ مِنْ كُلِّ أَمْرٍ

(*Қадр/4*) Дар шаби қадр малоика ва руҳ нозил мешаванд. Боз малоика дар арзи руҳ ва руҳ дар арзи малоика қарор мегиранд. Дар як ояти дигар мефармояд:

يُنَزِّلُ الْمَلائِكَةَ بِالرُّوحِ مِنْ أَمْرِهِ

(*Наҳл/2*) Малоикаро ба руҳ фуруд меоварад. Ин ки “бо”-и “биррух” оё “бо”-и истиъонат ва истимдод аст ва дар воқеъ ин тавр аст, ки малоика бо истимдоди руҳ фуруд меоянд, ё “бо”-и мулобасат ва мусоҳабат аст, яъне малоика бо руҳ (фуруд меоянд), дар муддаои мо, ки Қуръон малоика ва руҳро дар канори якдигар зикр мекунад (тағйире намедиҳад) ва дар ин ҷиҳат далолати оят кофӣ аст. Ва дар ҳамин ҷост, ки ҳадисе аз амирулмӯъминин Алӣ (алайҳис салом) нақл шуда ва эшон гуфтаанд, руҳ ғайр аз малоика аст ва ба ҳамин оят истидлол кардаанд, ки Қуръон руҳро бо малоика як чиз намегирад.

Калимаи руҳ гоҳе ба калимаи “амин” ва гоҳе ба калимаи “қудс” тавсиф шудааст:

نَزَلَ بِهِ الرُّوحُ الْأَمِينُ عَلى قَلْبِكَ

(*Шуароъ/193 ва 194*) Руҳуламин Қуръонро бар қалби ту фуруд овардааст. Ё дар ояти дигар:

قُلْ نَزَّلَهُ رُوحُ الْقُدُسِ مِنْ رَبِّكَ

(*Наҳл/102*) Бигӯ: инро Руҳулқудс аз ноҳияи парвардигори ту фуруд овардааст. Чун дар баъзе оятҳои дигар ҳаст, ки Ҷабраил Қуръонро бар пайғамбар нозил кардааст, гуфтаанд, пас калимаи Руҳулқудс ва Руҳуламин киноя аз Ҷабраил аст.

Ҳамчунин шояд баъзе гуфта бошанд, ки дар он ояти:

يَوْمَ يَقُومُ الرُّوحُ وَالْمَلائِكَةُ

— мақсуд хусуси Ҷабраил аст, ки ба таври ҷудогона зикр шуда — ки ин ҳарф баъид аст — вале эшон ин ҳарфро қабул надоранд, ки ҳатто мақсуд аз Руҳуламин ва Руҳулқудс

Ҷабраил бошад, балки мегӯянд, аз оятҳои Қуръон инчунин фаҳмида мешавад: **малоика, ки ваҳйро нозил мекунанд, ҳамроҳи он, ҳақиқате ҳаст, ки Қуръон номи онро “руҳ” гузоштааст ва ҳомили ваҳй дар воқеъ он руҳ (ҳамон Руҳуламин ва Руҳулқудс) аст, на ин ки Ҷабраил ҳомили ваҳй бошад, Ҷабраил ҳомили ваҳй нест**. Ин ақидае аст, ки эшон дар инҷо изҳор медоранд.

Дар баъзе аз оёт, руҳ бо калимаи ваҳй тавъам шудааст, мисли ин ки дар ин оят мефармояд:

وَكَذلِكَ أَوْحَيْنا إِلَيْكَ رُوحاً مِنْ أَمْرِنا ما كُنْتَ تَدْرِي مَا الْكِتابُ وَلاَ الْإِيمانُ

(*Шӯро/52*) Мо руҳе аз амри худамон[30] ба ту ваҳй фиристодем. Гуфтаанд: он ки Худованд ваҳй фиристода оятҳои Қуръон аст, пас инҷо ҳамон нафси оятҳои Қуръон ба руҳ таъбир шудааст. Албатта монеъе надорад, ки мо оятҳои Қуръонро аз (навъи) он ҳақоиқ (бидонем). Мусаллам оятҳои Қуръон вақте бар қалби пайғамбар нозил мешавад, ба сурати як ҳақиқат нозил мешавад ва баъд сурати лафзӣ пайдо мекунад ва ба ҳар ҳол: “*Мо руҳе аз амри худамон ба ту ваҳй кардем*”. Пас, ба қавли ин оқоён, яке аз мавориди итлоқи калимаи руҳ, худи оятҳои Қуръон аст, вале эшон[31] муддаӣ ҳастанд, ки **дар инҷо ҳам мақсуд аз калимаи руҳ, худи оятҳои Қуръон нест, ҳамон ҳақиқате аст, ки дар ҷоҳои дигар Руҳуламин ва Руҳулқудс гуфтааст**, ба эътибори ин ки худи ӯ ҳам калиматуллоҳ аст ва Қуръон ин чизҳоро калимоти илоҳӣ меномад, вақте, ки мефармояд:

أَوْحَيْنا إِلَيْكَ رُوحاً مِنْ أَمْرِنا

— **маънояш ин аст, ки Руҳуламинро, ки аз амри мо ва аз ҷинси амри мост, бар ту фурӯ фиристодем**. Аслан маънои:

أَوْحَيْنا إِلَيْكَ رُوحاً مِنْ أَمْرِنا

— тақрибан:

---

[30] *Роҷеъ ба калимаи “аз амр” баъд сӯҳбат мекунем, ки дар ағлаби ин оятҳо калимаи “аз амр” омадааст.*

[31] *Манзур, муаллифи тафсири “Алмизон” аст.*

نزّلنا روح القدس من أمرنا

— мешавад, мо Руҳулқудсро аз амри худамон бар ту нозил кардем.
Мақсуд аз руҳ дар инҷо ба ақидаи эшон, худи оятҳои Қуръон нест, балки ҳамон ҳақиқати ҳомили ваҳй аст ва мақсуд аз:

أَوْحَيْنا

— ҳам дар инҷо яъне “фуруд овардем”, ки рӯйи ин ҷиҳат миқдоре баҳс мекунанд; мегӯянд: ҳамон тавре, ки ба Исои Масеҳ руҳ гуфта шудааст — ки яке аз таъбироти Қуръон аст — ба он ҳақиқат ҳам, ки руҳ гуфта шудааст, мақсуд ин аст.
Яке дигар аз мавориде, ки боз калимаи руҳ дар Қуръон итлоқ шудааст, бар шахси Исо ибни Марям аст, ки лақаби руҳи илоҳӣ гирифтааст:

وَكَلِمَتُهُ أَلْقاها إِلى مَرْيَمَ وَرُوحٌ مِنْهُ

(*Нисо/171*) Исо калимаи Худост, ки ӯро ба сӯйи Марям илқо фармуд ва ин Исо руҳе аз ӯст. Ин ҳам ҷойе аст, ки дар Қуръон ин калима истеъмол шудааст.
Оятҳои дигаре, ки боз калимаи руҳ дар Қуръон омадааст зиёд аст, мисли мавориде, ки ба унвони таъйиди мӯъминин аст. Дар як ҷо дар боби таъйиди мӯъминин мефармояд:

أُولئِكَ كَتَبَ فِي قُلُوبِهِمُ الْإِيمانَ وَأَيَّدَهُمْ بِرُوحٍ مِنْهُ

(*Муҷодала/22*) Худо имонро дар дилҳои онҳо сабт кард ва онҳоро ба василаи руҳе аз худ таъйид кард. Мақсуд аз руҳ дар инҷо чист? Оё мақсуд ҳамон ҳақиқате аст, ки дар арзи малоика зикр мешавад (яъне ӯро муайиди инҳо қарор дод) ё мақсуд як ҳолати маънавӣ аст, як илқои маънавӣ аст ба қулуби мӯъминин, як нури маънавӣ аст бар қулуби мӯъминин, ки фуруд меояд, ҳамонро Қуръон руҳ номидааст, масалан Худованд илҳоме ба қалби онҳо фиристод, қудрате ва қуввае ба қалби онҳо фиристод ва ҳамонро руҳи илоҳӣ меномад, як таъйиде, ки аз ноҳияи Худо расидааст, онро руҳи илоҳӣ меномад? Баъид нест ҳамин дуввумӣ бошад.
Яке дигар (аз мавориди истеъмоли калимаи руҳ) дар мавриди Марям аст, он ҷо, ки Марям бино бар он чи Қуръон тасреҳ мекунад, ки ҳомила шуд, вале на аз як инсон, балки Худованд фариштае ё ҳақиқате ғайр аз фариштаро фиристод ва ӯ ба як шакли хоссе, ин

омодагиро дар ӯ ба вуҷуд овард. Ин ҷо ҳам, ки ба истилоҳ ҳаётбахшӣ дар кор аст, боз калимаи руҳ омадааст. Таъбир ин аст:

فَأَرْسَلْنا إِلَيْها رُوحَنا

Мо руҳи худро ба сӯйи Марям фиристодем.

فَتَمَثَّلَ لَها بَشَراً سَوِيًّا

(*Марям/17*) Ӯ дар назари Марям ба сурати як башари мӯътадил мутамассил шуд, ки худи:

فَتَمَثَّلَ لَها بَشَراً سَوِيًّا

— нишон медиҳад башар набуд, вале ба сурати як башар бар Марям зуҳур кард. Ин ҷо ҳам боз –

فَأَرْسَلْنا إِلَيْها رُوحَنا

— аст, ки баъид нест бигӯем ин ҳамон руҳе аст, ки дар оятҳои дигар бо малоика радиф қарор дода шудааст ва Қуръон мехоҳад бигӯяд, мо ҳамонро фиристодем.

Яке дигар аз маворидe, ки таъбири "руҳ" дар Қуръон омадааст, он ҷойе аст, ки дар бораи инсон ва ё инсонҳо ба таври куллӣ омадааст. Дар бораи одам — ки албатта аз маҷмӯъ оятҳо маълум мешавад, ки ба ҳар ҳол ба одами аввал ихтисос надорад — (мефармояд):

ثُمَّ سَوّاهُ وَنَفَخَ فِيهِ مِنْ رُوحِهِ

(*Саҷда/9*) Сипас ӯро тасвия кард. Мегӯянд, маънои тасвия ҳамон таъдил кардан ва такмил кардан аст. Зоҳираш ин аст, ки пас аз он ки хилқати ҷисмонии одамро такмил кард, аз руҳи худ дар ӯ дамид. Дар ояти дигар роҷеъ ба ҳамон одами аввал мефармояд:

فَإِذا سَوَّيْتُهُ وَنَفَخْتُ فِيهِ مِنْ رُوحِي فَقَعُوا لَهُ ساجِدِينَ

(*Ҳиҷр/29*) Вақте, ки ӯро такмил кардам ва аз руҳи худам дар ӯ дамидам, пас шумо ӯро саҷда кунед.

Ҳанӯз ҳам оятҳои дигар дар Қуръон зиёд аст, ки калимаи руҳ итлоқ шудааст, шояд куллиёташ ҳаминҳое бошад, ки арз кардам, зоҳиран, ҳам дар сураҳои маккия омада ва ҳам дар сураҳои мадания ва ҳатто ҳамин сураи Банӣ Исроилро, ки дар он ояти:

يَسْئَلُونَكَ عَنِ الرُّوحِ

— омада, сураи маккия медонанд. Дар ин сура ин матлаб омадааст:

يَسْئَلُونَكَ عَنِ الرُّوحِ، قُلِ الرُّوحُ مِنْ أَمْرِ رَبِّي

Аз ту дар бораи руҳ пурсиш мекунанд, бигӯ: руҳ аз амри парвардигори ман аст. Дар инҷо боз масъалае матраҳ шуда, ки аввалан мақсуд аз руҳ дар инҷо чист, ки суол кардаанд? Баъд, ин ҷавоб чӣ тавр ҷавобе аст? Оё воқеан дар инҷо ҷавоби ҳақиқиро хоста баён кунад ё хоста бигӯяд шумо дар бораи он суол накунед, ин чизе нест, ки мо барояш таърифе бикунем, то шумо битавонед ба моҳият ва ҳақиқати он пай бибаред? Роҷеъ ба ҳар ду ҷиҳаташ (баҳс шудааст).
Дар (миёни) муфассирон чунин қавле ҳаст. Муфассирон дар ин замина ихтилоф кардаанд, ки ин руҳе, ки мавриди суол аст яъне чӣ? Чӣ буда, ки мавриди суол будааст? Баъзе гуфтаанд: чун қаблан дар баъзе оятҳои дигар номи руҳ дар арзи малоика омада будааст, ин суол ба вуҷуд омада, ки ин руҳе, ки ғайр аз малоика аст, он дигар чист? Пас мавриди суол он аст. Баъзе гуфтаанд: на, мақсуд аз руҳ дар инҷо худи Қуръон аст. Ҳамон касоне, ки гуфтаанд, дар:

وَكَذلِكَ أَوْحَيْنا إِلَيْكَ رُوحاً مِنْ أَمْرِنا

— мақсуд аз руҳ, худи оятҳои Қуръон аст, (гуфтаанд) инҷо ҳам вақте суол кардаанд:

يَسْئَلُونَكَ عَنِ الرُّوحِ

— яъне вақте дар бораи Қуръон аз ту суол мекунанд, бигӯ: ин аз амри парвардигор аст, яъне амре аст, ки аз ноҳияи парвардигор нозил шудааст. Баъзе ҳам гуфтаанд, ки мақсуд аз руҳ дар инҷо Ҷабраил аст. Инҳо ҳамон касоне ҳастанд, ки Руҳуламин ва Руҳулқудсро мусовӣ бо Ҷабраил медонанд ва гуфтаанд: ҳар ҷо, ки дар Қуръон руҳ омадааст ва ҳар ҷо, ки махсусан дар арзи малоика қарор гирифта, мақсуд Ҷабраил аст. Пас вақте суол карданд:

يَسْئَلُونَكَ عَنِ الرُّوحِ

— яъне аз моҳияти Ҷабраил (суол кардаанд) ва гуфтаанд: ин ки гуфта мешавад ҳомили ваҳй аст, бар пайғамбар нозил мешавад ва бо пайғамбар сухан мегӯяд, чист? Инро барои мо таъриф кун. Баъзе ҳам гуфтаанд: мурод аз руҳ дар инҷо ҳамин руҳи инсонӣ аст, ки дар он оятҳо омадааст:

وَنَفَخْتُ فِيهِ مِنْ رُوحِي

— суол аз руҳи инсон кардаанд, ки мақсуд чист? Ва ҷавоб дода шудааст, ки:

مِنْ أَمْرِ رَبِّي

Баъзе дигар, ки худи эшон[32] онро интихоб мекунанд, (назарашон) ин аст, ки суол аз руҳ ба маънии хосс нест, суолкунандагон медидаанд зикри руҳ дар Қуръон зиёд омадааст, як ҷо:

يَوْمَ يَقُومُ الرُّوحُ وَالْمَلائِكَةُ صَفًّا

Як ҷо:

يُنَزِّلُ الْمَلائِكَةَ بِالرُّوحِ مِنْ أَمْرِهِ عَلى مَنْ يَشاءُ مِنْ عِبادِهِ

(*Наҳл/2*) ва ҷойи дигар:

وَأَيَّدَهُمْ بِرُوحٍ مِنْهُ

(*Муҷодала/22*), ки хеле дар Қуръон калимаи руҳ омадааст, медидаанд, ин калима хеле истеъмол мешавад бидуни ин ки чизе аз он бифаҳманд ва аз ҷумла дар мавриди инсон истеъмол шудааст, гуфтаанд, ин руҳ чист, ки мураттаб мегӯед руҳ, дар инсон руҳ, дар паёмбарон руҳ, руҳе дар муқобили малоика, ин чист? Ҷавоб омадааст:

---

[32] *Манзур, муаллифи тафсири "Алмизон" аст.*

قُلِ الرُّوحُ مِنْ أَمْرِ رَبِّي

Эшон худашон мӯътақиданд, ки ин ҷавоб ҳамон ҷавоби воқеӣ аст, на ҷавобе, ки дар воқеъ ин аст, ки дар ин мавзӯъ суол накунед.

## Таърифи шайъ ба иллатҳои дарунӣ ё берунӣ

Як вақт яке аз устодҳои мо ин тавр таъбир мекард — ки бо ҳарфи эшон (Аллома Таботабоӣ) дар инҷо татбиқ мекунад – мегуфт: таърифи шайъ ё ба иллатҳои дохилӣ аст ё ба иллатҳои хориҷӣ, яъне агар бихоҳем як шайъро таъриф кунем ё онро ба аҷзоъаш таъриф мекунем (ки ба онҳо мегӯянд, иллатҳои дохилӣ, иллатҳои дарунӣ) ва ё ба иллатҳои берунӣ таъриф мекунем, яъне онро ба фоъил ё натиҷааш таъриф мекунем.

Масалан, касе аз мо мепурсад: ин қолича чист? Вақте мехоҳем қоличаро барои ӯ баён кунем, гоҳе мегӯем – масалан — ин маҷмӯае аз пахта ё пашм аст, ки онро ба сурати нах даровардаанд ва баъд ин наххоро ин тавр ранг кардаанд ва баъд ҳам ин тавр бофтаанд, модда ва сураташро зикр мекунем: аз чӣ ба вуҷуд омада ва ба чӣ шакл ва сурате даромадааст. Ин ки мегӯем қолича чист, яъне чунин моддае, ки ба чунин шакл ва сурате даромадааст.

Гоҳе, вақте бихоҳем қоличаро таъриф кунем, ба ғараз ва фоидааш таъриф мекунем. Мегӯяд: ин қолича чист? Мегӯем: қолича яъне чизе, ки дуруст кунанд барои ин ки рӯяш биншинанд, яъне як чизе, ки паҳн кунанд рӯйи замин ва бар рӯйи он биншинанд. Мисли ин ки аз мо бипурсанд: чароғ чист? Мегӯем, он чизе, ки ба вуҷуд меоваранд барои ин ки дар торикӣ аз нураш истифода кунанд, яъне такяи мо дар таъриф рӯйи хоссият ва асари он аст.

Ва гоҳе мо як шайъро ба фоъилаш таъриф мекунем (албатта мавоРидаш фарқ мекунад, мавориди суол фарқ мекунад ва мавориди ҷавоб ҳам фарқ мекунад) мисли ин ки касе бипурсад, ин чист? Мегӯем, ин асари оқои Таботабоӣ аст, онро таъриф (мекунем) бидуни ин ки аз муҳтавои ин китоб чизе гуфта бошем, ки мавзӯъ ва муҳтавояш чист ва бидуни ин ки он ҳадаф ва ғаразе, ки аз таълифи ин китоб будааст баён карда бошем, инро фақат аз роҳи фоъилаш муаррифӣ мекунем, ки албатта мегӯянд, ҳеч як аз ин таърифот ба танҳоӣ комил нест. На таъриф ба иллати фоъилӣ, на таъриф ба иллати ғоӣ ва на таъриф ба иллати моддӣ ва сурӣ, ҳар кадом ба танҳоӣ бошад кофӣ нест. Таърифи комил он аст, ки ҳам иллатҳои дохилии як шайъро баён кунад ва ҳам иллатҳои хориҷӣ, фоъилашро баён кунад, ғояташро ҳам баён кунад, аҷзоъи ташкилдиҳандаашро ҳам баён кунад.

## Таърифнопазир будани Худо

Агар як амре басит буд ва асосан ҷузъ надошт, мо онро дигар наметавонем ба аҷзоъаш таъриф кунем, ҳамчунон ки агар шаъйе ғоят надошт (яъне барои як ғояти дигар ба вуҷуд наомада буд ё ҳатто ғояташ бо фоъилаш яке буд) онро аз роҳи асар ва ғояташ наметавонем таъриф кунем. Ва агар (як шайъ) танҳо фоъил дошта бошад, ягона роҳе, ки мо метавонем онро таъриф кунем ин аст, ки онро ба фоъилаш таъриф кунем, ки агар як шайъ фоъил надошта бошад, ҷузъ ҳам надошта бошад, ғоят ҳам надошта бошад, табъан ғайри қобили таъриф аст. Ва ба ҳамин далел мо Худоро наметавонем таъриф кунем (як таърифи воқеӣ, таърифе, ки ба истилоҳ, зотӣ бошад). Мо Худоро аз роҳи асар[33] метавонем бишносем, вале Худоро наметавонем таъриф кунем ба он маъно, ки ашёи дигарро таъриф мекунанд, чун Худо на ҷузъ дорад, ки бигӯем, Худо он чизе аст, ки аз фалон шайъ ва фалон шайъ ба вуҷуд омада, на фоъил дорад, ки бигӯем, Худо он чизе аст, ки онро фалон шайъ эҷод карда ва на ғоят дорад, ки бигӯем, Худо он чизе аст, ки онро барои фалон ҳадаф ба вуҷуд овардаанд ва табъан ҳеч як аз он чизҳое, ки дар боби таъриф аз онҳо истифода мешавад, дар мавриди Худо наметавон аз онҳо истифода кард.

## Таърифи руҳ ба Худо

Чизе, ки Қуръон онро руҳ медонад, фарз ин аст, ки аҷзоъ надорад. Вақте суол кардaнд дар бораи руҳ барои мо сухан бигӯ, руҳ, ки аҷзоъ надорад, то ӯ бигӯяд, руҳ он чизе аст, ки аз фалон шайъ ва фалон шайъ ба вуҷуд омада. Ва руҳ барои ғояте — ё лоақалл барои ғояте, ки он шахс онро бишносад — ба вуҷуд наомадааст.[34] Пас ягона роҳе, ки боқӣ мемонад ин аст, ки руҳро ба Худо таъриф кунанд: руҳ аз амри парвардигор аст; он чизе аст, ки амри парвардигор аст ва ношӣ аз амри парвардигор аст.

## "Амр" дар Қуръон

Он устоди мо ин матлабро баён мекард, вале албатта ин баён метавонад як муқаддимае бошад ва баёни комиле нест. Ба назари ман, такмил он баён ба матлабе аст, ки эшон (Аллома Таботабоӣ) дар инҷо баён кардаанд — ки албатта қабл аз эшон дигарон ҳам ин

---

[33] *Асар ғайр аз ғоят аст.*

[34] *Агар руҳ барои ғояте ҳам ба вуҷуд омада бошад, он ғоят аз худи руҳ махфитар аст. Ғоят (-и руҳ) ин аст, ки ба сӯйи Худованд бозгардад. Тоза ӯ (суолкунанда) бозгашт ба сӯйи Худоро намедонад чист.*

матлабро гуфтаанд ва оқои муҳандис (Бозаргон) ҳам то ҳудуди зиёде дар ин китоб ба ин нукта таваҷҷӯҳ кардаанд — ва он ин аст, ки калимаи “амр” дар Қуръон он ҷо, ки ба Худо нисбат дода шавад (нозир ба вуҷуди дафъии ашё аст) на он ҷо, ки ба Худо нисбат дода нашавад. Гоҳе “амр” дар Қуръон омада ва ба мо нисбат дода шудааст, масалан:

أَطِيعُوا اللّهَ وَأَطِيعُوا الرَّسُولَ وَأُولِي الْأَمْرِ مِنْكُمْ

(*Нисо/59*) Инҷо маънояш ин аст: касоне, ки соҳибони амри шумо ҳастанд (дар воқеъ мутасаддиёни амри шумо). Ё дар ҷоҳои дигаре калимаи “амр” ба ашё нисбат дода шудааст. Вале калимаи “амр” он ҷо, ки ба Худо нисбат дода мешавад ва ҳар вақт –

أَمَرَ اللّهُ

— ва

أمره

— гуфта мешавад, виҷҳаи интисоби ашё аст ба Худо мустақиман бидуни дахолати омили замону макон, ё ба иборате, ки ин оқоён мегӯянд, вуҷуди дафъии ашё аст, на вуҷуди тадриҷӣ, бар хилофи “халқ”, ки ҳар вақт дар Қуръон калимаи “халқ”-ро ном мебарад, назар ба эҷоди тадриҷии ашё дорад: Худованд осмон ва заминро дар шаш рӯз — ҳоло мақсуд аз шаш рӯз ҳар чи меҳоҳад бошад — халқ кардааст. Худо он касе аст, ки нутфаро дар раҳим ба сурати алақа даровард, алақаро ба сурати музға даровард, он вақт музғаро устухонҳо кард, баъд устухонҳоро чунин кард.
Ҳар ҷо калимаи “халқ” дар Қуръон гуфта мешавад, инояти ба вуҷуди тадриҷии ашё аст, яъне ашё аз он ҷиҳат, ки ба иллатҳо замонӣ ва иллатҳои маконии худашон иртибот доранд. Вақте “амр” гуфта мешавад, таваҷҷӯҳе ҳаст ба вуҷуди дафъӣ, он ҷо, ки мерасад дигар сӯҳбати тадриҷ дар кор нест:

إِنَّما أَمْرُهُ إِذا أَرادَ شَيْئاً أَنْ يَقُولَ لَهُ كُنْ فَيَكُونُ

(*Ёсин/82*) Амри парвардигор ин аст: чизеро бихоҳад, ирода кунад ва бигӯяд “кун”[35] бош!, ҳаст. Ё:

وَما أَمْرُنا إِلاّ واحِدَةٌ كَلَمْحٍ بِالْبَصَرِ

(*Қамар/50*) Амри мо чуз яке бештар нест. Вақте мехоҳанд як чизеро камзамонтар ё безамонтар (аз ҳар замоне муаррифӣ кунанд, мегӯянд) чашм баҳам задан. Зоҳиран “ламҳ” ҳамон баҳам задани чашм аст, яъне дигар тадриҷ ва вақт ва замон ва ин ҷур чизҳо дар он нест.

Дар як ояти Қуръон ҳам ҳаст:

أَلا لَهُ الْخَلْقُ وَالْأَمْرُ

(*Аъроф/54*) Ҳам халқ аз они ӯст ва ҳам амр.

Оқоён ин тавр истинбот мекунанд: дар Қуръон ҳар ҷо, ки калимаи “амр” омада ва амрро ба Худо нисбат додааст (амри Худо), агар гуфт, як чизе амри Худост, яъне як вуҷуде аст ғайри тадриҷӣ ва ғайри замонӣ, “халқ” нест, “амр” аст. Шумо аз рух суол кардед, рух аз халқи Худо нест, аз ҷинси амри Худост, на аз ҷинси халқи Худо. Ин тавр маънӣ мекунанд:

يَسْئَلُونَكَ عَنِ الرُّوحِ قُلِ الرُّوحُ مِنْ أَمْرِ رَبِّي

[36] Бигӯ рух аз ҷинси амри парвардигор аст, на аз ҷинси халқи парвардигор. Осмон аз ҷинси халқи парвардигор аст, замин аз ҷинси халқи парвардигор аст, кӯҳ ва дарё аз ҷинси халқи парвардигор аст, вале рух аз ҷинс амри парвардигор аст, аз ҷинси он аст, ки:

---

[35] *Ҳамон “кун” гуфтан (феъли Худованд аст), ҳамон тавр, ки ҳазрати Амир (алайҳис салом) фармуд:*

**قوله فعله**

*— қавли Худованд ҳамон нафси феъли Худованд аст.*

[36] *“Мин”-ро “мин”-и ҷинс мегиранд.*

وَما أَمْرُنا إِلاّ واحِدَةٌ كَلَمْحٍ بِالْبَصَرِ

— аз ҷинси он аст, ки:

إِنَّما أَمْرُهُ إِذا أَرادَ شَيْئاً أَنْ يَقُولَ لَهُ كُنْ فَيَكُونُ

— аз он ки хостанаш, айни вуҷуд ва эҷодаш аст, дигар ҳеҷ ҳолати мунтазирае дар вуҷуди ӯ нест. Он вақт ҷоҳои дигар ҳам, ки калимаи:

مِنْ أَمْرِهِ

— омадааст, ҳамаро ҳамин тавр маънӣ мекунанд:

يُنَزِّلُ الْمَلائِكَةَ بِالرُّوحِ مِنْ أَمْرِهِ

Малоикаро фуруд меоварад ба кӯмаки рӯҳ ё бо рӯҳ.

مِنْ أَمْرِهِ

— яъне аз он ки аз ҷинси амри парвардигор аст. Ҳамаи инҳо — ба ақидаи ин оқоён — таъриф ва баёни моҳият аст ба он миқдоре, ки мешуда баёни моҳият кунанд. Калимаи:

مِنْ أَمْرِهِ

— ё:

مِنْ أَمْرِ اللهِ

— дар Қуръон зиёд омадааст ва ҳар чи ки омадааст — ба ақидаи ин оқоён — ҷинсро баён мекунад, яъне “аз ҷинси амри парвардигор”.

## Виҷҳаи халқӣ ва виҷҳаи амрии инсон

Пас ин ҷо, ки зикр кардааст:

يَسْئَلُونَكَ عَنِ الرُّوحِ

— ки мутлақ ҳам зикр кардааст — ин руҳ, ки дар Қуръон омада: таъйидкардашуда аст, дар инсон ҳам дамида мешавад ва ҳомили ваҳй ҳам ҳаст, ҷинси он чист? Онро барои мо таъриф кун, ҷавоб додаанд, ки руҳ аз ҷинси амри парвардигор аст. Чун ин шомили руҳи инсон ҳам мешавад, табъан дар мавриди руҳи инсон ҳам ин натиҷаро мегиранд, ки инсон ҳам дорои ду виҷҳа ва ду ҷанбаи вуҷудӣ аст: виҷҳаи халқӣ ва виҷҳаи амрӣ, ҳар дуро дорад.

فَإِذا سَوَّيْتُهُ

Виҷҳаи халқии инсон яъне ин вуҷуди тадриҷии инсонро мегӯяд,[37] ҳар ҷо —

فَإِذا سَوَّيْتُهُ

— ё:

ثُمَّ سَوّاهُ

— омадааст, ин:

سَوّاهُ

— ҷанбаи моддии инсонро баён мекунад, ки ҷанбаи моддӣ, замонӣ ва макони ва тадриҷӣ аст.

[37] *Феълан ба он баҳс кор надорам, ки он вуҷуди тадриҷӣ ҳамон хилқати тадриҷӣ аст, ки улум онро мешиносад (ва он вақте аст, ки инсон ба марҳилаи омодагӣ мерасад барои ин ки одам бишавад ва то он вақт барои одам будан омодагӣ надоштааст) ё ҳамон тавре аст, ки дигарон ҳам — ки ҳаргиз ба масъалаи такомули анвоъ таваҷҷӯҳе надоштаанд — бар асоси ҳамон ахбор ва аҳодис, ки Худованд сиришти одамро чиҳил сабоҳ сиришт, онро як амри тадриҷ медонистанд.*

**نَفَخْتُ فِيهِ مِنْ رُوحِي**

— ҷанбаи амрии ӯро баён мекунад. Инсон дар хилқати тадриҷии худаш ба ҷойе мерасад, ки — ҳамон тавр, ки оқои муҳандис (Бозаргон) худашон ишора карданд –

**من عند الله**

— аз назди парвардигор (ба ӯ чизе ифоза мешавад).

Ҳама чиз аз назди парвардигор аст, вале “аз назди парвардигор”, ки гуфта мешавад, мақсуд ин аст: ба ин ҷо, ки мерасад, на аз чизҳое, ки алъон дар назди шумо ҳам ҳаст, аз болотар аз назди шумо ва аз боло (чизе) сарозер мешавад, яъне як чизе аз назди парвардигор бар вуҷуди халқӣ ифоза шуд, ки нафси вуҷуди он, дигар вуҷуди тадриҷӣ нест. Албатта боз ин на ба маънои он аст, ки қаблан як чиз дуруст ва комилшудае қулунбашуда дар як ҷойе буд ва оварданд, он тавр, ки назарияи фалосифаи қабл аз Арасту будааст (мисли Афлотун). Ҳатто лузуме надорад, ки бигӯем муқорин бо ин (модда) як дафъа амре халқ шуд ва ҳатто метавонем бигӯем, ҳамин модда дар сайри такомули худаш, вуҷуди амрӣ пайдо кард, яъне монеъе надорад, ки шаъйе вуҷуди халқӣ дошта бошад ва вуҷуди халқӣ мунтаҳӣ ба вуҷуди амрӣ шавад, вуҷуди замонӣ мубаддал ба вуҷуди ғайри замонӣ шавад.

Ҳарфе, ки Мулло Садро дар ин замина гуфт ин буд. Он вақт рафт дунбол ояти дигар, гуфт, он оёте, ки дар сураи “Мӯъминун” ҳаст, фақат ҷинсро баён мекунад, аммо ҳеч баён намекунад ин ҷинс, ки –

**من عند الله**

— аз назди парвардигор аст, ба чӣ шакл ва ба чӣ кайфият пайдо шуд? Арз кардам, “аз назди парвардигор” уфуқаш болотар аз ин уфуқ аст ва ҳар чизе, ки нав ба вуҷуд меояд, билохира иродаи парвардигор аст, ки онро ба вуҷуд меоварад:

**وَإِنْ مِنْ شَيْءٍ إِلاّ عِنْدَنا خَزائِنُهُ وَما نُنَزِّلُهُ إِلاّ بِقَدَرٍ مَعْلُومٍ**

(*Ҳиҷр/21*) Ҳар чизе, ки ба вуҷуд меояд, аз ноҳияи парвардигор фуруд меояд, яъне иродаи парвардигор аст, ки дар воқеъ мутаназзил шуда ва ба ин сурат даромадааст.

# Руҳ, вичҳаи амрии инсон

Он ояти сураи “Мӯъминун” ин аст, ки баъд аз ин ки маротиби халқии инсонро мегӯяд, (аз) алақа ва музға ва устухон… мегӯяд:

ثُمَّ أَنْشَأْنَاهُ خَلْقاً آخَرَ

[38] Мо ҳаминро чизи дигараш кардем, ғайр аз ин ки бигӯянд: “чизи дигар”, таърифи дигаре надорад. Ҳамин, ки дар оятҳои дигаре мегӯяд:

فَإِذَا سَوَّيْتُهُ وَنَفَخْتُ فِيهِ مِنْ رُوحِي

— дар инҷо тасреҳ мекунад, ки ҳаминро халқи дигараш кардем. Вале ба ҳар ҳол, **он чи мусаллам аст, аз оятҳои Қуръон чунин истинбот мешавад, ки инсон дорои ду вичҳаи вуҷудӣ аст: вичҳаи халқӣ ва вичҳаи амрӣ ва он вичҳаи амрӣ аст, ки дар баъзе ҷоҳо руҳ номида шудааст**, ҳамон тавре, ки руҳ дар ғайри инсон ҳам итлоқ шудааст, ҳамчунон ки агар мо ҳақиқати ваҳйро ҳам руҳ бидонем, боз дуруст гуфтаем, чун ваҳйи илоҳӣ ҳам мусаллам як ҳақиқате аст, ки аз уфуқи мофавқи замону макон бар уфуқи замону макон ворид мешавад, яъне он ҳам аз ҷинси амри парвардигор аст, яъне як вуҷуди тадриҷӣ нест, ки бояд нутфааш дар табиат пайдо шавад ва дар замону макон такомул пайдо кунад, то ваҳй шавад, замина, ки инҷо омода шуд, ваҳй ҳам амри парвардигор аст, ки фуруд меояд.

Ин, хулосаи навъи тавҷеҳе аст, ки оқои Таботабоӣ кардаанд ва албатта арз кардам, ин ибтикори эшон нест, қабл аз эшон, дигарон ин ҳарфро гуфтаанд ва ҳатто дар калимоти Мулло Садро ҳам ҳамин ҳарфҳо ҳаст, ки “амр” бо “халқ” дар Қуръон фарқ мекунад ва аз ин мавориди истеъмоли мухталиф, ин истинтоҷҳоро хостаанд бикунанд. Вале як матлаб ҳаст ва он ин аст, ки ин оқоён муддаӣ ҳастанд ғайр аз руҳе, ки дар арзи малоика қарор гирифтааст ва ғайр аз руҳе, ки дар мавриди ваҳй аст (аъамм аз ин ки худи оятҳои Қуръон бошад ё фариштаи ҳомили ваҳй бошад), дар мавриди мавҷудоти ин олам, дар мавриди ғайри инсон, дигар калимаи руҳ итлоқ нашудааст, яъне масалан мо дар Қуръон як чизе надорем, ки истинбот шавад гиёҳон ҳам дорои навъе руҳ ба ин маъно ҳастанд ё

---

[38] *Мӯъминун/14. Инҷо калимаи иншоъ омада ва “халқи дигар” дар инҷо яъне махлуқи дигар.*

ҳайвонҳо ҳам дорои навъе рух, ки як мавҷуди амрӣ бошад ҳастанд[39], ё дар ҷамодоти ин олам, масалан нафт, ки ба вуҷуд меояд, билохира таркибе аст аз аносур ва ин аносур, ки таркиб мешаванд, шайъи солисе бо хавосси дигаре ба вуҷуд меояд, дида нашудааст, ки Қуръон номи рух бар инҳо бигузорад, вале дар мавриди инсон қадри мусаллам гуфтааст ва дар мавриди ҳайвон алъон наметавонам изҳори назари қатъӣ кунам, ки ҳаст ё нест.

## Решаҳои илмии фикр ва рух

Матлаби дигар ин ки мехоҳем бибинем, аз ҷанбаи илмӣ ва фалсафӣ, ин фарзияе, ки мунтаҳӣ шуда ба фарзияи рух, аз куҷо пайдо шудааст? Аслан ин фикр аз куҷо пайдо шуда? Яке аз ду решаи ин фикр масъалае аст, ки дар қадим ҳам матраҳ буда, имрӯз ҳам матраҳ аст — шояд шаклаш фарқ кунад — ба номи масъалаи "модда ва қувва".[40] Гуфтаанд, аҷсом ва аҷроме, ки мо дар олам мебинем, дар ҷисмият ва ҷирмият ва дар бисёре чизҳо бо ҳамдигар муштарак ҳастанд, инҳо ҳама аҷсом ҳастанд: об як ҷисм аст, оташ ҳам як ҷисм ва ҷирм аст, ҳаво ҳам як ҷисм ва ҷирм аст. Инҳо дар ҷисм будан ва дар модда будан монанди якдигар ҳастанд, пас чаро дар хавосс бо якдигар ихтилоф доранд? Маншаъи ихтилофи хоссият чист? Омаданд, мураккаботро таҷзия карданд, билохира ба ақидаи худашон, ба як ашёе расиданд, ки онҳоро дигар басит донистанд, махсусан баҳсҳоро рӯйи баситҳо бурданд. Агарчӣ он баситҳои қадимро имрӯз басит ва унсур намедонанд, вале дар асли фарзияи фалсафӣ фарқ намекунад, илми имрӯз ҳам билохира мураккаботро мунтаҳӣ ба баситҳо медонад. Илм фарқ карда, фалсафа дар ин ҷиҳат фарқ накарда, фалсафа мегӯяд, мураккабот бояд мунтаҳӣ шавад ба баситҳо, илм ҳам мегӯяд, мураккабот бояд мунтаҳӣ шавад ба баситҳо. Илм мураккаботро мунтаҳӣ мекард ба баситҳои илми қадим, хаёл мекард он баситҳо обу хок ва ҳаво ва оташ аст. Баъд маълум шуд, ки на, бисёре аз инҳо аслан худашон мураккабанд ва баситҳо ва аносур чизи дигаре ҳастанд. Мерафтанд суроғи аносур, мегуфтанд, мураккаботро бо аносур мешавад тавҷеҳ кард — агарчӣ тавҷеҳи онҳо ҳам тавҷеҳи комиле нест — мегӯем, ки чанд унсур вақте бо якдигар таркиб мешаванд, чун ҳар кадом хоссияти ҷудогонае доранд, ин рӯйи он асар мегузорад, он рӯйи ин асар мегузорад, ин чизе аз асари худашро ба он медиҳад ва он

---

[39] *Дар ҳайвон (исботи ин муддао) қадре мушкилтар аст, баъзе як навъ истидлоле мекунанд.*

[40] *Албатта инҷо қувва ба мафҳуми фалсафӣ арз мекунам, яъне мабдаъи ҳаракат ва мабдаъи асар, ки бо истилоҳи уламои физика қадре фарқ мекунад.*

чизе аз асари худашро ба ин медиҳад, вақте асарҳояшонро ба ҳамдигар доданд, баъд як хоссияти мутавассит пайдо мешавад, мизоҷ (яъне як хоссияте, ки мутавассит аст, яъне ҳадди васат миёни хоссиятҳои мухталиф) дар ин маҷмӯъ пайдо мешавад. Оё ба ҳамин (сурат) мешавад вуҷуди як мураккабро тавҷеҳ кард ё на? Як идда мегуфтанд бале, як идда мегуфтанд на. Иддае, ки мегуфтанд на, мегуфтанд, тоза вақте мизоҷ пайдо шавад, бояд як қувваи ҷадид дар инҷо ба вуҷуд ояд, ба истилоҳ як сурати навъияи ҷадид бояд ба вуҷуд ояд, то мураккаб шавад, вагарна сирфи ин ки бигӯем, аносур дар якдигар асар гузоштаанд, барои тавҷеҳи мураккаб кофӣ нест. Ҳоло инҳо чун дар баҳси мо хеле таъсир надорад, ман зиёд баҳс намекунам. Билохира мерафтанд суроғи аносур, ки худи аносур чаро ихтилоф доранд? Инҳо, ки дар модда будан бо ҳамдигар муштарак ҳастанд ва –

## حكم الأمثال في ما يجوز وفي ما لا يجوز واحد

— умури муташобеҳ бояд хоссиятҳои муташобеҳ дошта бошад. Дар ҷисмият ва ҷирмият, ки бо ҳамдигар шариканд, пас чаро хоссиятҳо мухталиф аст? Инҷо буд, ки масъалаи қувва матраҳ мешуд. Дигар намешуд бо худи модда, ин ихтилофи хоссиятҳоро тавҷеҳ кунанд, бигӯянд, ки дар модда моддаи дигаре аст, чун боз модда модда аст ва хоссияти яке мешавад. Мегуфтанд, қувваҳо ва нерӯҳо мухталиф аст, навъи нерӯҳо мухталиф аст. Оё ин нерӯҳо араз аст ё ҷавҳар? Мегуфтанд, агар араз бошад, худи араз ношӣ аз ҷавҳар аст, бояд ношӣ аз худи модда бошад. Боз ишкол авд мекунад, ки модда чӣ тавр шуд, ки аразҳои мухталифе эҷод кард? Пас бояд он худаш ҷавҳаре бошад ва муттаҳид бо ин модда бошад, ки ношӣ аз модда ҳам набошад, чун агар ношӣ аз модда бошад, ҳамон ишкол думартиба авд мекунад. Пас модда дар олам яке аст, қувва дар олами мухталиф аст. Рӯйи як ҳисобҳое ҳам мегуфтанд, қувва бояд вуҷуди ҷавҳарӣ дошта бошад. Вуҷуди аносури мухталифро рӯйи ин ҳисоб тавҷеҳ мекарданд.

## “Қувва” дар зиҳаётҳо

Пас дар воқеъ онҳо ба ду унсур (ба истилоҳи фалсафӣ, на ба истилоҳи илмӣ) (эътиқод доштанд), оламро “дуҳақиқатӣ” медонистанд: модда, қувва. Вале барои ин қувваҳо то (мартибаи) зиҳаётҳо аҳаммияти зиёде қоил набуданд, мегуфтанд, қувва як амре аст, ки ҳол аст, дар ҳамаи модда ҳулул дорад ва бо пайдоиши модда пайдо мешавад, бо фанои модда ҳам фонӣ мешавад. То мерасид ба зиҳаётҳо, инҷо қувва як шакли дигаре пайдо мекард ва ба як иллати хоссе номи “нафс” рӯйи он мегузоштанд. То мерасид ба инсон, қувва дар инсон бахусус ба далоили хоссе — ки яке аз далоилашро оқои муҳандис

Бозаргон дар инҷо зикр карданд — як шакли хосс пайдо мекард, ки бо он қувваҳое, ки қаблан фарз карда буданд қобили тавҷеҳ набуд. Яке (аз он далоил) ҳамин истеъдоди бениҳоят ва орзуҳои бениҳоят дар инсон аст ва яке масъалаи идрок кардани куллиёт ва масоили дигар. Мегуфтанд, он қувва (яъне он мабдаъи асар), ки дар инсон ҳаст, бо мабдаъи асарҳое, ки дар ғайри инсон ҳаст, тафовутҳо дорад, ки ҳатто аз ҷинси он қувваҳо ҳам наметавонад бошад. Ин буд, ки барои он як ҷанбаи —

من عند الله

— қоил мешуданд зоид бар он чи ки барои ашёи дигар (қоил буданд), яъне барояш ҷинси дигаре қоил буданд, ҳамон масъалаи –

من أمر ربي

— ба ин таъбир, ки қувваҳои дигар вуҷудашон метавонад вуҷуди халқӣ ва вуҷуди замонӣ ва маконӣ бошад, аммо ин қувва, ки дар инсон ҳаст, вуҷудаш наметавонад вуҷуди халқӣ ва замонӣ бошад, бояд вуҷудаш вуҷуди дигаре бошад, ки баъд аз ин натиҷаҳои дигаре гирифта мешуд: бақои инсон, инсон чун ҷанбаи амрӣ дорад, вуҷудаш боқӣ мемонад ва ғайра.

## Модда ва энергия дар китоби “Зарраи беинтиҳо”

Оқои муҳандис (Бозаргон) дар инҷо — албатта бо ибтикори худашон — тақрибан ҳамон баёни қудаморо дар мавриди модда ва қувва баён кардаанд ва дар воқеъ мешавад гуфт, баёни қудаморо ба забони имрӯзӣ баён кардаанд ва онҳоро дар роҳи худашон таъйид ва тақвият кардаанд, вале барои навъи дигар натиҷае, ки мехостаанд бигиранд, ки ман қисматҳое аз онро ёддошт кардаам. Эшон мефармоянд:

“*Илм имрӯз беш аз ду унсур намешиносад: модда ва энергия.*[41] *Илм, тамоми олам бо ҳаракот ва суратҳои мухталифи марбутаро мехоҳад танҳо бо ин ду навъ масолеҳ дар қолаби замону макон бисозад, аммо Қуръон дар айни қабули он ду унсур (бар хилофи*

---

[41] *Албатта дар мавориде мегӯянд, агарчӣ ин дуро ҳам, чун ба якдигар таҳвил мешаванд, боз (илм) як чиз медонад, вале феълан он ҷиҳат маҳалли баҳси мо нест.*

*мутақаддимин ва баъзе аз аҳли калом ва фалосифа, ки беэътинои ба ҳар ду буданд)*[42] *ангушт рӯйи як унсури севвум низ мегузорад ва мавҷудот ё махлуққои дигареро низ муаррифӣ менамояд. Албатта Қуръон пойи унсури севвумро ҳама вақт ва ҳама ҷо ба миён намекашад, дар мавоқеъи хосси ибдоъ ё иртиҳоли ваҷҳаш ишора мекунад*[43]*... Ҳол дар баробари чунин изҳор ё ибтикори Қуръон, бояд дид ҳақ бо Қуръон аст ё бо илми имрӯзӣ, яъне ҷаҳони хилқат ва табиат, ки билохира ба як чиз ва ба як ҷо мунтаҳӣ мешавад, ҷаҳони дуунсурӣ аст ё сеунсурӣ?... Илм қодир нест дунёи машҳудро бо ба кор бурдани ду унсур дар қолаби замону макон бисозад. Бисёре аз ҳаводис ва кайфиёт воқеъ шуда ё воқеъшаванда аст, ки илми дуунсури аз ташреҳ ва таълили он оҷиз мемонад*."

Арз кардам, ки ин, аз назари шабоҳати истидлол ва бурҳон ҳамон баёне аст, ки қудамо мекардаанд. Қудамо энергияро намешинохтанд, фақат моддаро мешинохтанд; мегуфтанд, моддаи танҳо барои тавҷеҳи ҷаҳон кофӣ нест. (Албатта унсур таъбир намекарданд, ин як истилоҳи адабӣ аст), мо то як ҳақиқати дигареро дар моҳияти ҷаҳон дахолат надиҳем, наметавонем ҷаҳонро тавҷеҳ кунем ва он қувва аст ва қувваро ҳам наметавонем хоссияти модда бидонем. Агар хоссияти модда бидонем, айни ҳамон ишколот авд мекунад, яъне қувваро бояд дар арзи модда қарор диҳем, на дар тӯли модда. Эшон, ба далели пешрафтҳои илми имрӯз, ки модда ва энергия ҳар дуро мешиносад, ба ин баён мегӯянд, ки хайр, илм наметавонад ҷаҳонро бо модда ва энергия тавҷеҳ кунад, унсури севвум лозим дорад. Ин унсури севвуми эшон ҳамон унсури дуввуми дигарон аст.

Вале эшон дар баъзе мавориди истидлол, истидлол кардаанд, ки қудамо истидлол накардаанд ва аз назари мо ҳам заъиф аст. Аввал чизе, ки зикр мекунанд ин аст:

"*Аз ҷумла ибдоъи аввалии ҷаҳон, ки агар ҷаҳон ибтидое дошта бошад, асли аввали термодинамик яъне асли суботи модда ва энергия, мутазалзил мегардад. Фарзияи дуунсурӣ маҷбур аст ҷаҳонро азалӣ бидонад*."

Ин, албатта эроде нест бар касоне, ки ҷаҳонро дуунсурӣ медонанд, чун онҳо маҷбур нестанд ҷаҳонро ғайриазалӣ фарз кунанд, ки ба ин ишкол дучор шаванд. Мо қаблан ҷойе собит накардаем, ки ҷаҳон азалӣ нест, то баъд бигӯем, ҷаҳони дуунсурӣ наметавонад

---

[42] *Ман бояд мадракашро аз худашон бипурсам, ки дар куҷост? Энергияро қудамо аслан намешинохтанд, на ин ки беэътино буданд ва моддаро ҳама қабул доштанд.*

[43] *Ин нуктаи бисёр асосӣ аст. Ба ақидаи мо, ҳамин (баён) ба истинтоҷе, ки худи оқои муҳандис мехоҳанд бикунанд, қадре зарба мезанад, ки Қуръон ҳам пойи унсури севвумро дар ҳама ҷо ба миён намеоварад, дар як ҷоҳои хоссе ба миён меоварад.*

пайдоиши ҷаҳонро тавҷеҳ кунад. Он ки мегӯяд ҷаҳон дуунсурӣ аст, мегӯяд ҷаҳони азалӣ ҳам ҳаст. Инро мо наметавонем ба сурати як ишкол ва як далел ва истидлол дар инҷо биёварем. Ин ҷузъи муддаои мо бояд қарор гирад, тоза ҷузъи муддао ҳам намешавад қарор гирад. Баёни дуввумӣ, ки кардаанд баёни хубе аст:

"*Дар бораи хавос ва кайфиёти аносур ё майли таркибҳои аҷсом ва бурузи куллияи таҳвилҳо, ки чаро сурат ва ҳолати масолеҳи ташкилдиҳандаи ҷаҳон собит нест? Чаро ин масолеҳи аввалии ҷаҳон ба як ҳол боқӣ намемонанд? Маншаъи ин тағйирот, таҳаввулҳо, табдилҳо чист? Агар ин сайру таҳвилҳо ё дигаргуниҳо ва ҷараёнҳо ношӣ аз сифот ва хавоссе аст, ки дар ниҳоди ашё ё аносур вуҷуд дорад, ин худ як адами тақорун аст ва нишона ва ношӣ аз як қасд ва дастури хосс ё ҳаракат ва шакли якҷиҳата мебошад*."

Ин айни ҳамон бурҳоне аст, ки (фалосифа) дар боби қувва зикр кардаанд. Мегӯянд, агар шумо бигӯед хоссиятҳо фарқ мекунад, чаро хоссиятҳо фарқ мекунад? Ин адами ташобуҳ ва адами тақорун аз куҷо пайдо шуд? Маншаъи ихтилофи хоссият чист? Мо баҳсамон сари маншаъи ихтилофи хоссиятҳост. Пас баёнашон баёни дурусте аст ва айни ҳамон баён аст ва ҳеч фарқ намекунад, мунтаҳо таъбир ин аст:

"*Бояд қасд, дастури хосс ё иродае дар кор ва дар фармон бошад, то чунин хавосси собит ва омм ба аносури аввалия ва баъдӣ дода ва барномаи муштараки воҳид барои мошини ҷаҳон танзим карда бошад. Агар адами тақорун ва дахолатҳои якҷиҳата вуҷуд намедошт, ҳатман аносури ташкилдиҳандаи ҷаҳон дар баробари куллияи хавос ва шароит дорои вазъи мушобеҳ ва бетафовут мешуданд*."

Таъбир ба ирода кардаанд, ки мо мухолиф нестем. Ба ҳар ҳол, баён баёни дурусте аст.

Аз назари қудамо ин, далел бар вуҷуди қувва аст ва чун ин қувва наметавонад араз бошад (яъне наметавонад хоссияти худи модда бошад), бояд дар арзи модда қарор гирад ва чун ин ду ду шайъи ҷудо аз ҳамдигар ҳам нестанд, дар канори ҳам ва дӯш ба дӯши якдигар навъе пайванди иттиҳодӣ миёнашон вуҷуд дорад, пас ин ду маҷмӯан як чизанд (ҳам дуто ҳастанд, ҳам яке) ва чун навъияти ашёро ҳамин қувва аст, ки иваз мекунад (агар қувва намебуд, ҳамаи ашё навъи воҳид буданд ва қувва аст, ки мабдаъи танаввӯъ ва навъияти ашё аст) инҳоро "қувваи мунаввиъа" ё "сурати навъия" меномиданд.

Далели севвум: пайдоиш ва падидаи ҳаёт, худи падидаи ҳаёт пас аз пайдоиши аввалӣ. Аввал ишора мекунанд, ки ҳанӯз илм натавониста худи пайдоиши аввалии ҳаётро ҳал кунад, фаразан ҳам ҳал кунад, ин баён баёни дурусте аст, ки он пайдоиши аввалӣ ба ин масъала иртиботе надорад, маншаъи пайдоиши ҳаёт ҳар чи мехоҳад бошад, мо дар бораи моҳияти ҳаёт баҳс мекунем, на дар бораи маншаъи аввалиаш:

“*Ин як ҷараёни зидди энтропия яъне мухолифи асли дуввуми термодинамик (асли куҳулат) аст.*”

Бисёр нуктаи олие аст, вале аз назари маводди истидлол, ҳамон истидлоли аввалӣ аст, ки моддаи изофае барояш пайдо кардаем, на ин ки як бурҳони алоҳида аст. Рӯйи ҳисобҳои мантиқӣ, мо ин дуро наметавонем ду бурҳон ҳисоб кунем, як бурҳон аст, ки барояш мисолҳои гуногуне пайдо кардаем.

Худи масъалаи ҳаёт як масъалаи бисёр қобили таваҷҷӯҳе аст. Қудамо инро ба шакли дигаре мегуфтанд; онҳо мегуфтанд, агар мошине ё утоқе ё сохтмоне бисозем, аз рӯзи аввал рӯ ба инҳидом ва фарсудагӣ меравад, вале мавҷуди зинда аз аввале, ки пайдо мешавад рӯ ба такомул меравад, баъд рӯ ба фарсудагӣ, гӯё ин ки онҳо он фарсудагиро ҳам фарсудагии воқеӣ талаққӣ намекарданд ва мегуфтанд, он қуввае, ки рӯ ба такомул меравад фарсуда намешавад, он қувва иртиботашро бо он мавҷуде, ки дошт такмилаш мекард тадриҷан қатъ мекунад. Мегуфтанд, пас ин худ далел бар он аст, ки ҳаёт, худаш як ҳақиқате аст ҳоким бар модда. Эшон мефармоянд:

“*Ҳамон тавр, ки дар “Исломи ҷавон” тавзеҳ дода шудааст, ташкили мавҷуди зинда — яъне табдили аҷсоми соддаи маъданӣ ба селлулҳои занҷирӣ ё ҳалқавии фавқулъода печидаи муташаккили олӣ ва ҳаётӣ — ҳам аз назари қонуни эҳтимолот амалан маҳол аст ва ҳам аз ҷиҳати асли энтропия, зеро тартиб ва ташаккул ва тафсил ва тахассусе, ки лозимаи таркиботи зинда ва амали аъзоъ ва нусуҷ аст, дуруст акси ҳамворе ва якнавохте ва ҳамсатҳе аст, ки лозимаи афзоиши энтропия мебошад. Фарсудагӣ ва пирӣ ва марги мавҷудоти зинда он чизе аст, ки бо қонуни эҳтимолот ва бо қонуни энтропия мутобиқат дорад… Падидор шудани ҳаёт ва мавҷудоти зинда, чӣ дар қадами нахустин ва чӣ дар ҳар тавлиди мисл ва таволуд ва таҷдид, ба ҳеч ваҷҳ бо асли куҳулат, ки бар куллияи маворид ва энергияҳо яъне бар ҷаҳони дуунсурӣ ҳукумат дорад татбиқ намекунад.*”

Гӯ ин ки ин тавр аст: дар ин ҷаҳон ду қонун ҳаст: ҳаёт ва мавт. Аз он ҷиҳат, ки дар аркони ҳастии ин олам модда ва энергия дахолат дорад, инҳо бештар омили мавт ҳастанд ва он унсури северуме, ки бар ин олам ҳукумат мекунад, омили таҷдиди ҳаёт ва зиндагӣ аст, он аз он тараф зинда ва нав мекунад, инҳо аз ин тараф кӯҳна мекунанд, кор мекунанд, ки лозимаи кор кардан кӯҳна кардан ва фарсудагӣ аст. Пас кӯҳнагӣ ва фарсудагӣ аз инҷо пайдо мешавад, наве аз онҷо. Агар он набуд, ин ба танҳоӣ наметавонист навиро тавҷеҳ кунад. Баъд дар бораи асли такомул ва пайдоиши инсон ҳам баҳс кардаанд.

* * *

**Муҳандис Бозаргон**: *Аввал дафъа ҷаноби оқои Мутаҳҳарӣ нестанд, ки ба унвони радди радди руҳ, фармоишоте мекунанд. Банда мукаррар мавриди эрод ва эътироз ва истифҳом қарор гирифтаам, дар сурате, ки дар поварақии сафҳаи 61 аз чопи севвуми китоби "Роҳи тайшуда" банда ин тавр навиштаам: "Мо исроре ҳам надорем бутлони руҳро собит кунем". На дар китоби "Роҳи тайшуда" ва на дар китоби "Масъалаи ваҳӣ" ё ҷоҳои дигар, ба ҳеч ваҷҳ дар садади ин ки бутлони руҳро собит кунем набудаем. Инҷо ду масъала мавриди тасреҳ ва исрор воқеъ шудааст. Усулан "Роҳи тайшуда" — ҳамон тавре, ки таваҷҷӯҳ фармуданд — аз забони башар аст, яъне матлаб ин буда, ки бибинем башар ба ақли худаш чӣ миқдор аз он роҳе, ки анбиё ироа додаанд дарк карда ва фаҳмидааст. Бинобар ин, асоси тамоми баҳсҳои ин китоб бояд рӯйи он чизе бошад, ки мавриди қабули башар аст, мунтаҳо башари донишманди имрӯзӣ. Ин дигар қобили инкор нест, ки уламо — ман ҳайсулмаҷмуъ — дар ҷиҳати инкори руҳ рафтаанд. Бинобар ин, китоби "Роҳи тайшуда" наметавонист биёяд муттакӣ шавад ба вуҷуди руҳ, бояд баръакс бигӯяд шумо ин тавр дарк кардаед, ки руҳ ба он маъно, ки маъмулан мегӯянд вуҷуд надорад, хуб ҳарфе надорем. Инҷо ду масъала тасреҳ шуда ва рӯйи он исрор шудааст. Дар сафҳаи 160 навишта шудааст: "Қуръон масъалаи қиёматро аслан ва абадан муттакӣ бар фарзияи руҳ накардааст ва дар ҳеч ояте гуфта нашудааст, ки руҳ зинда хоҳад шуд". Он замоне, ки ин китоб навишта шуд, буҳбуҳаи ҳамла ва фишор ва шиддати тӯдаиҳо ва материалистҳо буд ва бисёре аз муаллимони риёзӣ ва улуми табиӣ (тӯдаӣ ва ғайри тӯдаӣ) дар килоси дарс ва доктор Арониҳо дар китобашон меомаданд бо як далоиле решаи фарзияи руҳро ба куллӣ мезаданд.*

*Дар мантиқи маъмулии бисёре аз аҳли калом ҳам, исботи вуҷуди Худо ва исботи қиёмат, бар асоси қабули руҳ буд, ки руҳро мутакаллимони мо ба унвони як маҷҳули муовини риёзӣ дар назар мегиранд ва мегӯянд: бале, башар мемирад ва ҳеч осори ҳаёт ва ҳаракате дар ӯ вуҷуд надорад ва тамоми устухонҳо ва аъзоъ ва аҳшоъ ҳам пӯсида мешавад ва аз байн меравад, вале монеъе надорад, чун руҳ ҳаст ва дар мавқеъи лузум ҳулул мекунад ва инсони мурда думартиба зинда мешавад. Вақте исботи қиёмати рӯйи ин ҳисоб бошад, ҳамин, ки решаи руҳ зада шавад, қиёмат ҳам мунтафӣ мешавад. Ин китоб барои ҷавобгӯӣ ба тӯдаиҳо ва материалистҳо дар он замон навишта шуда буд, ки мегӯем бисёр хуб, фарз мекунем ба қавли шумо руҳ вуҷуд надорад, аммо Қуръон, ки бар пояи қабули руҳ қиёматро собит накардааст. Дар Қуръон калимоти маъоб, қиёмат, соат, охират ҳаст, аммо он чи ки беш аз ҳама миёни мо маъмул аст ва ба сурати килосик ҷузъи усули дину мазҳаб дар канори тавҳид ва нубувват ва адл ва имомат омада маъод аст, ки ин калима аслан дар Қуръон нест ва ҷавоби ин қисматро ҳеч кас ба ман*

*надода, ки як оятеро дар Қуръон нишон бидиҳад, ки ин оят истидлолаш ин тавр бошад: ё айюҳаннос! Руҳи шумо зинда аст, руҳ бақо дорад ва мурдани шумо ҳеч ишколе надорад. Дар фасли охири ин китоб, ки роҷеъ ба қиёмат аст, тамоми исрор ва фикр рӯйи ин аст, ки он далоили моддии Қуръонро биёварем. Қуръон вақте мехоҳад қиёматро ба мо нишон бидиҳад ва исбот кунад, аз падидаҳои комилан табиӣ мисол мезанад: фасли баҳор ва замин ва табиати мурда, бороне меояд ва шароити мусоиде фароҳам мешавад ва гиёҳҳо ва дарахтҳо ва ҷунбу ҷӯши ҳаёт дида мешавад –*

**كَذلِكَ النُّشُورُ**

*(Фотир/9)*

**وَكَذلِكَ تُخْرَجُونَ**

*(Рум/19) Шумо ҳам ин тавр хориҷ мешавед.*

**إِذا دَعاكُمْ دَعْوَةً مِنَ الْأَرْضِ**

*(Рум/25) Ин даъват аз замин мешавад, на ин ки як руҳе биёяд ва дар он биравад. Матлаби дуввуме, ки рӯйи он пофишорӣ шуда ин аст: қабули қиёмат абадан эҳтиёҷ ба кӯмаки фарзияи руҳ надорад. Бинобар ин куллан дар ин китоб рӯйи ду матлаб исрор шудааст: яке ин ки Қуръон исботи қиёматро ба ҳеч ваҷҳ рӯйи исботи вуҷуди руҳ ва бақои руҳ набурда ва далоили табиӣ ва моддӣ овардааст. Мо ҳам эҳтиёҷе ба истинод ба фарзияи руҳ надорем. Дар истилоҳи оддӣ, руҳ ғайр аз он аст, ки дар Қуръон омадааст, ба унвони як чизе аст дар муқобили ҷисм, яъне ҳаракат ва ҳаёт бояд дуто модда дошта бошад: яке ҷисм ва яке ҳам руҳ, ҳамин, ки ин руҳ рафт, он ҷисм ҳам меравад. Қуръон ҳар ҷо, ки аз руҳ сӯҳбат карда, ба ин маънои мусталаҳ сӯҳбат накардааст. Бинобар ин, ҳамон тавр, ки дар ин китоб навишта шудааст: “Дамидани руҳи инсонии камолӣ ё руҳи малакутӣ ва худоӣ баъд аз ибдоъи хилқат ва иншоъи насл ва баъд аз тасвияи инсон (ё такомули анвоъе, ки бояд тадриҷан ба инсони рашид мунтаҳӣ шавад) ба амал омадааст ва бинобар ин ғайр аз он чизе мебошад, ки фалосифаи Юнон ва ақидаи ҷорӣ ба унвони ҷавҳар ва мояи ҳаёт ва маркази ҳисс ва идрок шинохтаанд”. Пас дар китоби “Роҳи тайшуда” инкори руҳ нашудааст. Баъд дар китоби “Зарраи беинтиҳо” гуфта шуда, ки руҳ ва амр ва ирода ва... як синхият ва ташобуҳе дорад, ки*

*ба он маъно, ҳам аз назари илмӣ нишон дода шуда, ки намешавад мункири он шуд, ҳам Қуръон комилан нотиқ ба ин матлаб ҳаст*.

**Устод Мутаҳҳарӣ**: Он чи фармуданд, як миқдораш марбут ба нақши китоби "*Роҳи тайшуда*" буд ва ин ки (навиштани) ин китоб рӯйи чӣ назаре будааст. Инҳо, ки албатта мавриди қабул аст ва то ҳудуде, ки ман суроғ дорам, ин китоб дар миёни ҳамон афроде, ки мункир ва зидди дин будаанд асарҳои хеле хубе дошта, яъне дар воқеъ тавҷеҳкунанда буда ва нақши муфид ва мусбате дошта, аммо дар айни ҳол агар дар як сатҳи дигаре интиқоде дошта бошад, худи оқои муҳандис ҳам албатта (исроре) надоранд ва ҳамин тавр, ки гуфтаанд, (руҳро) инкор накардаанд, дигар лузуме надорад роҷеъ ба фалсафаи ин китоб баҳс кунам.

Дар баёни ҳазрати олӣ, ман бояд фақат он мавзӯъи маъодро билишора арз кунам ва тафсилашро барои баъд гузоштаам. Ин ки фармудед, дар Қуръон ҳеч вақт аз қиёмат ба унвони маъод (яъне авди арвоҳ ба аҷсод) ёд нашуда, ин ҳам боз як матлаби бисёр хубе аст, ки фармудед ва аз назари ҷаноби олӣ як фикри ибтикорӣ аст, ки фармудед, вале фикри ибтикорие аст, ки дар айни ҳол хеле собиқа дорад, яъне иддаи дигаре ҳамин ҳарфро дар боби маъод задаанд. Масалан марҳуми Маҷлисӣ мегӯяд: "*Иҷмоъи ҳамаи аҳли адён аст бар авди арвоҳ ба аҷсод*". Эшон эътироз кардаанд, ки куҷо чунин иҷмоъе вуҷуд дорад ва аслан мо калимае дар як ҷо дорем, ки авди арвоҳ ба аҷсод бошад?

Ман ҳоло инро мехоҳам арз кунам, ки бо ин ки ин калима дар Қуръон наомада, пас чӣ тавр шуда ин ҳарфро задаанд? Инҳо, ки ин ҳарфро задаанд, аз инҷо задаанд (маншаъшро мехоҳам бигӯям бидуни ин ки бихоҳам онро саҳеҳ бидонам), гуфтаанд, аз як тараф Қуръон ба далоиле — ки мо дар ҷаласоти пеш арз кардем — мӯътақид ба бақои руҳ аст ва дар камоли сароҳат баён мекунад, ки инсон дар фосилаи мурдан то қиёмат боқӣ аст бо ин ки баданаш муталошӣ аст, руҳи инсон боқӣ аст, ё мутанаъим аст ва ё муъаззаб, ки ин фосиларо худи Қуръон "барзах" номидааст. Ва ҳамон тавр, ки дар ҷаласоти пеш гуфтем, ин матлабро ба ҳеч ваҷҳ намешавад инкор кард, ки Қуръон намехоҳад бигӯяд, инсон вақте мурд, ба куллӣ фоқиди шахсият ва ҳувият ва идрок ва шуъур ва ҳама чиз (мешавад), ки на муталаззиз аст ва на муъаззаб, то вақте, ки дар миллионҳо сол ё миллиардҳо сол баъд қиёмат меояд, он вақт аз нав зинда мешавад ва дар ин фосила воқеан мурдаи мурда аст, на, инро қоил нест. Пас гуфтанд, Қуръон ду матлабро баён карда: аз як тараф ҳаёти инсон баъд аз мурдан то қиёмат ва аз тарафи дигар зинда шудани ҷисми муталошишудаи инсон дар қиёмат. Он гоҳ гуфтаанд, Қуръон нагуфта авди арвоҳ ба аҷсод, пас ҷамъ миёни ин ду лобуд бояд ин тавр бошад (ин дигар истинбот буда), лобуд Қуръон, ки аз ин тараф мегӯяд шумо намемиред ва ҳастед то қиёмат ва дар олами

барзах зинда ҳастед ва аз он тараф мегӯяд, дар қиёмат тамоми дунё дигаргун мешавад ва мегӯяд аз қабрҳо берун меойед, бо ҳамин бадан кор дорад. Аз тарафе ба як мавҷуди зиндае ба номи руҳ — ҳоло исми онро ҳар чи мехоҳед бигузоред — дар фосилаи мурдан то қиёмат қоил аст ва аз тарафи дигар мегӯяд, ҳамин бадани муталошишуда думартиба зинда мешавад. Ҳар касе, ки ду нафар намешавад, руҳаш ҷудо бошад, баданаш ҷудо. Ин тавр гуфтаанд: пас лобуд манзури Қуръон ин аст, ки руҳ ба ҷисм авд мекунад. Калимаи маъод аз ин “ло буд” пайдо шудааст. Албатта чун “ло буд” истинбот аст, ҳеч далеле надорад, ки мо илзоман қоил ба он шавем.

Ҳол агар мо як роҳи тавҷеҳе пайдо кардем — ки яке аз мушкилтарин масоил дар боби маъод ҳамин аст — ки аз тарафе қоил бошем, ки руҳи инсон баъд аз мурдан намемирад ва то қиёмат мутанаъим ё муъаззаб аст ва аз тарафи дигар ин бадан зинда мешавад бидуни ин ки мафҳуми авди руҳи ба бадане дар кор бошад, аслан мушкил ҳал шуда ва суоле боқӣ намемонад. Агар натавонистем ҳал кунем, ин суол билохира лоянҳал боқӣ аст.

Мо матлаберо, ки баъд мехостем бигӯем, ҳоло билишора арз мекунем. Мумкин аст мо як ҳарфе бизанем (ки худи онро ҳам аз Қуръон гирифтаем), ки ҳам он матлаб дуруст бошад, ҳам ин матлаб ва ҳам ҳеч ниёзе надошта бошем бигӯем авди арвоҳ ба аҷсод. Оё намешавад ин тавр гуфт, ки аз назари Қуръон, лоақалл инсонҳо[44], ки мемиранд, қабз мешаванд, таваффӣ мешаванд ва он ки милоки шахсияти воқеияшон аст — ҳамон, ки Қуръон “руҳ” ва “аз амри худ” номида ва як ҳақиқати худогоҳе аст — боқӣ аст, вале бадан муталошӣ мешавад? Вале аз куҷо метавонем инро нафй кунем, ки дунё дар як сайри умумӣ ва такомули худаш, баъд аз миллионҳо сол, баъд аз миллиардҳо сол, баъд аз миллиардҳо миллиард сол — ки мо намедонем — (ба ҷойе мерасад), ки табиат ва модда ба сӯйи руҳ боло меравад, на ин ки руҳ меояд дар инҷо, ин ба сӯйи он боло меравад ва бо он яке мешавад, на ин ки он меояд дар қолаби ин? Чун бинои маъоди Қуръон бозгашт ба сӯйи Худост, як ҳаракати суъудӣ аст, на як ҳаракати нузулӣ, ки руҳ думартиба меояд инҷо. Агар бигӯяд руҳ меояд инҷо, ки дунё боз такрор шудааст.

Он мусташкилоне, ки қабл аз шумо ин эродро кардаанд, ки дар Қуръон номе аз калимаи авди руҳ ба бадан нест, гуфтаанд, Қуръон аслан охиратро ба унвони як нашъа ва дунёи дигар ном мебарад, ки мо ба сӯйи охират суъуд мекунем ва қонунҳояш ҳам фарқ мекунад. Қуръон исм мебарад, ки дар онҷо ҳама чиз зинда аст: даст зинда аст, по зинда аст, ҷилд зиндаа ст, ҳама чиз зинда аст, ҳама чиз ҳай аст, ҳама чиз нотиқ аст, дигар мавте

[44] *Чӣ медонем, шояд ҳайвонҳо ҳам ҳамин тавр бошанд.*

дар онҷо вуҷуд надорад, табдилу таҳаввул дар онҷо вуҷуд надорад, пирӣ дар онҷо вуҷуд надорад. Агар бино бошад рух дубора биёяд ба ҳамин қолаби дунё ва бихоҳад дар ҳамин вазъ бо ҳамин қонунҳо зиндагӣ кунад, пас дунё такрор шуда ва ин ҳамон таносух аст. Ин ба ҳарфи таносухиҳо шабеҳтар аст. Арз кардам, ки як лобуддияте буда, ки аз маҷмӯъи ин ду маҷбур шудаанд бигӯянд (рух ба ҷисм авд мекунад). Мо чунин лобуддияте надорем. Қуръон ҳам, ки исме аз чунин ҳарфе набурдааст. Қуръон он қиёмати куброро — ки баъд аз нашъаи барзах аст — тавъам бо як тағйироти куллӣ дар ҳамаи оламҳое, ки мо мешиносем аз ситорагон ва хуршед ва моҳ ва замин ва дар замин ҳам аз кӯҳ ва дарё зикр мекунад:

يَوْمَ تُبَدَّلُ الْأَرْضُ غَيْرَ الْأَرْضِ

(*Иброҳим/48*) Аслан ин замин ғайри замин мешавад, замин чизи дигаре мешавад. Мо намедонем, **шояд ба ҷойи он ки рух баргардад ба ин бадан, ин дунё меравад ба он тараф**, **яъне дунё дар сайри такомулии худаш мерасад ба ҷойе, ки ҳамон хавоссе, ки шумо барои рух аз ҷанбаи амрӣ мегӯед, (дар он падид меояд ва) ҷанбаи амрӣ пайдо мекунад**. Дар ин сурат мо, ҳам қоил ба рух шудаем, ҳам қоил ба олами барзах шудаем ва ҳам он масъалае, ки аз назари ҷаноби олӣ масъалаи мушкиле аст ва мегӯед — ва ҳақ ҳам доред бигӯед — дар Қуръон исме аз авди рух ба бадан наомада, онро ҳам нагуфтаем.

## Нақди назарияи “модда ва энергия” дар китоби “Зарраи беинтиҳо”

Дар ҷаласаи пеш қисматҳое аз китоби “*Зарраи беинтиҳо*”-ро нақл кардем ва ба поён нарасид, татиммаашро алъон арз мекунем ва баъд вориди қисмати дигаре мешавем. Арз кардем, масоилеро тарҳ кардаанд, ки дар онҷо нишон медиҳанд, ки падидаҳое дар ҷаҳон рух медиҳад ва рух додааст, ки — ба таъбири қадимӣ — бо асли умумии ҷараёни моддии ҷаҳон татбиқ намекунад, ба ин маъно, ки дахолати як асли дигар ва як унсури дигар ғайр аз сохтмони моддии ҷаҳонро нишон медиҳад.

## Назарияи “модда ва энергия” ва дахолати унсури севвум

Дар баррасие, ки дар гузашта таҳти унвони “Модда ва қувва” мекардаанд — ҳамон тавр, ки дар ҷаласаи пеш шарҳ додам — матлаб ба ин сурат баррасӣ мешуд, ки модда яъне он чизе, ки абъоди ҷаҳонро ташкил медиҳад; он чизе, ки мо онро ба сурати ҷисм ва ҷирм мешиносем; ҳамон чизе, ки дар ҳамаи ашё муштаракан вуҷуд дорад, худаш, ба худии

худ (яъне қатъи назар аз хусусиятҳое, ки дар ҳар ҷисм мушоҳида мешавад) як амри якнавохт аст ва дар ҳамаи ашё мушобеҳ. Аммо дар айни ҳол, ашё дорои хоссиятҳо ва асарҳои мушобеҳ нестанд. Дар дараҷаи аввал суроғи аносур мерафтанд, ки бо ин ки аносур дар ҷирмият ва ҷисмият бо якдигар иштирок доранд, чаро дар хоссият ихтилоф доранд? Пас ночор ҳар унсуре дар айни ин ки ҷисм ва модда аст, бояд як чизе дошта бошад, ки дар унсури дигар нест, ки ҳамон чиз мабдаъи асари ҷудогона барои ин унсур нисбат ба соири аносур шудааст. Он чизро ба эътибори ин ки мабдаъи як хоссият ва асар аст "қувва" меномиданд, мунтаҳо инҷо ба як таҳлили ба истилоҳ, фалсафӣ ҳам даст мезаданд ва мегуфтанд, худи он қувва наметавонад як чизе бошад айни ин ҷисм ва ҷирм, ба ин маъно, ки он ҳам ҷирм ва ҷисми дигар дар дохили ин (ҷисм бошад), ки бо ҳамдигар махлут шуда бошанд, чун агар он ҳам як ҷирм ва ҷисми дигар бошад мисли ҳамаи ҷирмҳо ва ҷисмҳои дигар, ҳамон хоссияти мушобеҳи онҳоро бояд дошта бошад. Пас табъан як чизи дигаре аст.

Он вақт боз худи он чизи дигар, хоссияти ҷирм ва ҷисм аст? Агар хоссияти ин амри муштарак бошад, боз дар ҳама ҷо яксон аст. Пас хоссияти ин ҳам нест, як чизе аст дар арзи он, ҳоло мехоҳед таъбир кунед бигӯед як унсури ҷудогонае аст дар арзи унсури ҷисм — албатта унсур на ба маънои мусталаҳи маъруф — яъне як воқеияте аст ғайр аз воқеияти ҷисм.

Баъд бо як ҳисоби дигаре мегуфтанд, ки он чиз, ҷудо аз ҷисм ҳам наметавонад бошад, на як чизе, ки аз он ҷудо ва берун аст. Дар айни ин ки ғайри ин ҷисм аст, бо ҷисм иттиҳоди вуҷудӣ дорад, ки ин масъалаи иттиҳоди вуҷудиро тақрибан мешавад ба як шакли дигаре таъбир кард; бояд гуфт, ки буъди дигаре аз абъоди ин мавҷуд аст, яъне ин мавҷуд мисли ин аст, ки як мавҷуди чаҳорбуъдӣ (яъне чаҳорҷанбае) бошад: тӯлу арзу умқ, яке дигар ҳам "қувва" аст, ки бо ин (мавҷуд) муттаҳид аст, як вуҷуди алоҳидае надорад ва табъан агар мо ҷисмро як ҷавҳар донистем, он қувва ҳам мисли худи ҷисм, ҷавҳар хоҳад буд яъне араз ва хоссият нест.

Дар наҳваи баррасие, ки дар ин китоб шудааст, тақрибан аз назари таҳлил ҳамон таҳлил аст, вале бо як ҳисоби дигаре, ба ин маъно, ки модда ва энергия ҳар кадом унсури ҷудогонае талаққӣ шудаанд ва он унсур — ки дахолати он зарурӣ ташхис дода шудааст — ба унвони унсури севвум аст. Ҳамон тавре, ки қудамо ҳисоби як воқеият — ки воқеияти модда буд — бештар дар дасташон набуд, мегуфтанд, ки он як воқеият барои тавҷеҳи ҷаҳон кофӣ нест, эшон мегӯянд, ки ин ду воқеият модда ва энергия барои тавҷеҳи ҷаҳон кофӣ нест ва агар ҷаҳон, ҷаҳони танҳо дувоқеиятӣ мебуд, ин ихтилофоти

сатҳие, ки дар ҷаҳон ба шаклҳои мутаъаддиде пайдо мешавад — ки баъзе аз онҳоро дар гузашта гуфтаем ва баъзеро ҳам алъон арз мекунем — қобили тавҷеҳ набуд.

## Такомули мавҷудоти зинда

Яке аз он масоиле, ки ба истилоҳи эшон, бо дуунсурӣ будани ҷаҳон — ё ба қавли кудамо, бо моддии холис будани ҷаҳон — қобили тавҷеҳ нест, масъалаи такомули мавҷудоти зинда аст. Ҳоло иборатро миқдоре мехонам:

“Такомули мавҷудоти зинда ва татаввури онҳо, ки аз мазоҳири ҳаёт ва аз ифтихорҳои кашфиёти илмии ҷадид аст, шоҳиди боризи дигаре аз адами иҷрои асли энтропия (асли куҳулат) ва аҷзи дастгоҳи дуунсурӣ аст, зеро такомул ба таври куллӣ сайри мавҷудоти зинда (фард ё навъ) ба сӯйи истиқлол, эҷод, тафсил, тамоюз, тақвият, такмил ва куллияи аҳвол ва аъмоле аст, ки энтропия куланги тахриб ё лоақалл тазъифи онҳоро дар даст дорад ва маъмури заволашон мебошад.”

Асли матлаб аз назари мо матлабе аст мавриди қабул. Ҳамин тавр аст, мо мӯътақидем, ки такомул нишондиҳандаи як нерӯи хоссе аст, ки модда ва ҷисм аз он ҷиҳат, ки модда ва ҷисм аст — агар нерӯи дигаре бо он тавъам нашуда бошад — барои тавҷеҳи он кофӣ нест. Мунтаҳо чизе, ки инҷо ҳеч дахолате дар матлаб надорад, ин масъала аст, ки оё он ки дар такомул далел аст, такомули фардӣ аст ё такомули навъӣ ё ҳар ду? Ба назар мерасад, такомуле, ки имрӯз ба номи такомули анвоъ ва табаддули анвоъ шинохта шудааст, ҳеч таъсире дар ин истидлол надорад, яъне буду набуди табаддули анвоъ дар далолати асли такомули ҳеч таъсире надорад.

Он ки барои мо дар инҷо далел аст, такомули фард аст, на такомули анвоъ. Такомули анвоъ, буду набудаш дар ин қазия ҳеч таъсире надорад, чаро?

Дар такомули фард, ҳамин, ки фарз кунед як фард як гиёҳ, як донае, як ниҳоле ба сурати як дарахт дармеояд ё як ҳаста ба сурати як гул ва ба сурати як дарахт дармеояд ва ё як нутфа ба сурати як инсон ва як ҳайвони бузург дармеояд, (дар тамоми ин маворид) ин суолро — албатта дар шакли кудомоиаш — тарҳ мекунанд: чӣ ҳисобе дар кор аст, ки мавҷуди зинда аз аввале, ки ба вуҷуд меояд шурӯъ ба харобӣ ва шурӯъ ба пирӣ намекунад? Ба ибораи дигар, ҳар мошине, ки сохта мешавад, навтарин ва солимтарин ва нерӯмандтарин рӯзи он мошин, рӯзе аст, ки сохта шуда ва аз корхона даромадааст.

Ҳар як рӯзе, ки бигузарад ва ба ҳар андоза, ки кор кунад, рӯ ба кӯҳнагӣ ва фарсудагӣ меравад.

Вале дар мавҷудҳои зинда ин тавр нест. Мавҷуди зинда дар ибтидо, ки ба вуҷуд меояд, рӯзи аввали кӯҳнагиаш нест, лоақалл то як миқдори зиёде рӯ ба навтар шудан ва рӯ ба рушд меравад ва доиман худашро рушд медиҳад ва тақвият мекунад ва бар таҷҳизоти худаш меафзояд ва ҳол он ки агар фақат ҳамон сохтмони моддӣ ва ҷисмонии худаш буд, бояд аз рӯзи аввал ба сӯйи завол ва кӯҳнагӣ ва фарсудагӣ биравад. Мумкин аст шумо бигӯед, ки ҳар мавҷуди зиндае дар айни ин ки ба сӯйи рушду такомул меравад, дар айни ҳол боз ба навъе ба сӯйи кӯҳнагӣ ва фарсудагӣ меравад. Мегӯем, дар айни ҳол, дар як ҷиҳат рӯ ба такомул меравад, ҳамин такомул чаро? Ин билохира ҳикоят мекунад аз як нерӯе, ки ин мавҷудро ба сӯйи такомул мебарад. Ин, намояндаи як нерӯе аст дар ин шайъ, ки он нерӯ пешбаранда аст.

Ин ҳолат, ки дар фард вуҷуд дорад — чун такомули анвоъ ҳам аз фард шурӯъ мешавад — дигар фарқ намекунад, ки ин фард дар як қолаби собите такомул пайдо кунад, масалан ин фарди хазанда дар ҳамин қолаби собит такомул пайдо кунад ё на, ба ин маъно, ки ба он ҳадди падару модараш, ки расид, ба ҳадди навъаш, ки расид, онҷо мутаваққиф шавад ё чаҳор қадам ҳам аз ҳадди ҷадди худаш ва падару модари худаш болотар биравад ва дар насли худаш ҳам ин асарро бигузорад ба тавре, ки насли ӯ ҳам, ки баъд меояд чаҳор қадам болотар биравад, балки ӯ ҳам чаҳор қадам аз насли пеши худаш болотар биравад. Ин ҷиҳат, ки наслҳои баъдӣ аз наслҳои пешин қадаме ҷилавтар рафта бошанд ё нарафта бошанд, дар асли ин истидлол таъсире надорад. Он чи ки дар ин истидлол таъсир дорад, такомули фард аст, аъамм аз ин ки такомули навъ сурат бигирад ё такомули навъ сурат нагирад.

Воқеан масъалаи такомул аз назари қудамо як масъалаи моварои табиӣ аст. Вақте мегӯям “моварои табиӣ”[45] мақсудам ин аст, ки ҳикоят мекунад аз як ҷанбаи моварои табиӣ — яъне моварои ҷисм ва модда — дар даруни ашё. Ин ҳам худаш матлабе аст, ки аз назари мо матлаби қобили қабуле аст.

## Пайдоиши инсон

Мисоли панҷум хусуси пайдоиши инсон аст:

“Яке аз марoҳили такомули умумии ҷонварон ба ақидаи Дарвин, пайдоиши инсон аст… Теорияи Дарвин дигар ба сурати аввалӣ тарафдор надорад. Илова бар қонунҳои таносуб

[45] *Ҳамеша афрод аз “моварои табиӣ” як навъ тасаввури хоссе доранд, мисли ин ки шаъйе аз беруни вуҷуди ин аҷсом меояд ва як дахолате мекунад.*

бо муҳит, танозӯъ дар бақоъ ва интихоби аслаҳ, ки пояҳои татаввури дарвинӣ аст, донишмандони баъдӣ пояи чаҳоруме низ ба номи “ҷаҳиш” ворид кардаанд, ки хеле ба баҳсу назари мо наздик аст ва калидӣ маҳсуб мешавад. Мурод он ки назарияи дуунсурӣ ва қонунҳои татаввур ва такомул, бидуни истимдод ва иқрор ба пешомадҳои пешбининашуда яъне ҷаҳишҳое, ки ё бояд маълули тасодуф бошад ва ё асари дахолати як омил ва унсури солис, наметавонад зуҳури инсонро ба рӯйи саҳнаи ҷаҳон тавҷеҳ ва таълил кунад.”

Ин ҳам албатта матлаби хубе аст, фақат чизе, ки мо инҷо изофа мекунем ин аст, ки агар фарз кунем асли ҷаҳиш ҳам — ки асли бисёр арзандае аз назари илоҳиюн аст — набуд ва мо будем ва ҳамон асли таносуб бо муҳите, ки Дарвин дар миёни усули дигари худаш овардааст, боз барои мо хеле арзиш дошт ва кофӣ буд. “Танозӯъ дар бақо” ба худии худ як асли тақрибан оддӣ ва табиӣ аст, ҷанбаи фавқулъодагӣ надорад. “Интихоби аслаҳ” ҳам, ки дар воқеъ интихоб нест (боқӣ мондан ва ғирбол шудани аслаҳ аст аз ғайри аслаҳ) он ҳам тақрибан як амри оддӣ аст ва бо қонунҳои оддӣ ва табиӣ ва моддии олам созгор аст.

## Интибоқ бо муҳит

Вале умда як хоссияти бисёр ҳайратангезе аст, ки дар вуҷуди мавҷудҳои зинда аст ва ин ҷиҳатро касе инкор накарда ва бар Дарвин эрод нагирифтааст, ҳанӯз ҳам онро қабул доранд ва шояд худи ҳамон ҷаҳиш ҳам ба як маъно дохил дар ин қонун бошад ва он масъалаи “интибоқ бо муҳит” аст. Мавҷуди зинда бояд бо шароити муҳит мунтабиқ бошад, яъне шароити зиндагӣ ва шароити ҳастии ӯ бояд бо шароити хориҷӣ мунтабиқ бошад, то битавонад зинда бимонад. Бинобар ин, ё бояд мавҷуди зинда муҳитро мутобиқи худаш кунад ва ё бояд худи ӯ мутобиқ бо муҳит шавад. Мебинед, инсон ба ҳукми хоссияти махсусе, ки дар ӯ ҳаст, як миқдор муҳитро бо худаш мунтабиқ мекунад, яъне муҳитро тағйир медиҳад ва бар худаш татбиқ медиҳад. Албатта инсон ҳам ба таври табиӣ худашро бо муҳит татбиқ медиҳад, на ба таври истишъорӣ ва на ба таври иродӣ (иродае, ки дар шуъури нафси ӯ мунъакис бошад), вале илова бар ин, муҳитро ҳам бар худаш татбиқ медиҳад. Аммо як хоссияти умумӣ дар ҳамаи мавҷудҳои зинда ҳаст ва он ин аст, ки вақте дар як шароите қарор мегиранд, ки бо шароити пешин мутафовит аст ва як ниёзи ҷадид барои зиндагӣ пайдо мешавад, ба таври худкор тағйироте дар ҷиҳозоти дохилии мавҷуди зинда пайдо мешавад, ки мутаносиб бо ин муҳит бошад.

Масалан лейкоситҳои сафед ё лейкоситҳои қирмизи хун дар як муҳити муайян ба як ҳадди муайяне лозим аст. Агар инсон бихоҳад дар як муҳити болотаре аз ҷавв зиндагӣ кунад, ниёзаш ба яке аз ин ду камтар мешавад, фавран табиат, худаш шурӯъ мекунад ба ин ки таъодул эҷод кунад ва барои худаш вазъе мутаносиб бо он эҷод кунад, ба тавре, ки ин масъала алъон тақрибан мусаллам аст, ки агар фарз кунем инсонро ба кураи Миррих бибаранд ва дар онҷо шароити дигаре бошад, агар табоюни он шароит бо зиндагии инсон он қадр шадид набошад, ки инсонро дар лаҳзаи аввал аз байн бибарад, балки инсон битавонад муддате мудоро кунад, тадриҷан сохтмони инсон, худашро бо зиндагии онҷо татбиқ медиҳад, ба тавре, ки зиндагии инҷо дигар барояш душвор мешавад.

Ҳамон тавре, ки ҳайвонҳое, ки дар қорраҳои сард ҳастанд, вақте инҳоро дар минтақаи гарм мебаранд, тадриҷан дар дохили онҳо тағйироте ба вуҷуд меояд. Боз онҳое, ки дар онҷо ҳастанд, агар ба инҷо биёянд, ҳамин вазъ пайдо мешавад.

Ин матлаб ҳам собит аст, ки ин тавр нест, ки омилҳои хориҷӣ ин таъсирро ба таври мустақим мегузоранд ва аз ин рӯ дар ҷамодот чунин чизе нест, балки ин мавҷуди зинда аст, ки дар дохили худаш ин тағйиротро эҷод мекунад. Аслан худи нерӯи ҳаёт нишон медиҳад, ки як нерӯи ҳадафдори фаъоли мудири мудаббире аст барои ин пайкар ва ҳамон нерӯи ҳаёт аст, ки то ниёз пайдо мешавад, вазъи баданро тағйир медиҳад. Албатта қудраташ ҳам як қудрати маҳдуде аст. Пас ҳамин нерӯи "интибоқ бо муҳит", ки дар даруни мавҷуди зинда ҳаст, худаш як нишонае аст аз таъсир ва даҳолати ба истилоҳ як унсури севвум ғайр аз ду унсури мавҷуде, ки дар ҳамаи ашёи дигар ҳаст.

## Масъалаи ҷаҳиш

Масъалаи ҷаҳиш як масъалаи бисёр қобили таваҷҷӯҳ ва қобили мутолеа аст. Яъне масъалаи ҷаҳиш, ҳадафдор будани нерӯи ҳаёт ва даҳолати як унсури севвумиро, ки ё худи он шоъир (шуъуркунанда) аст ё билохира аз як мабдаъи шоъир идора ва тадбир мешавад, ба наҳви хеле боризе нишон медиҳад. Дарвин ба тағйироти тадриҷӣ қоил буд ва мегуфт, ки масалан тамоми ин хусусиёте, ки дар инсон нисбат ба наслҳои хеле-хеле пеш ҳаст (фаразан ҷадди ин инсон, он ҷадде, ки ба сурати як ҳашара будааст) тамоми инҳо тадриҷан пайдо шуда ва баъд тарокум ва такомул пайдо карда, аз наслҳои пеш ба наслҳои баъд мунтақил шуда ва ба ин сурат даромадааст, гӯ ин ки ҳамон ҳам дуруст набуд, яъне намешуд тавҷеҳ кард. Мегуфтем, ин сохтмони чашми инсон, ин ҷиҳози бисёр азим ва васеъи чашм ва ин таҷҳизоти хеле зиёд, чӣ тавр пайдо шуда? Ҳеч монеъе

надорад, ҳамин тавр ба ҳасби тасодуф, яке-яке тадриҷан пайдо шудааст. Агар дар тӯли миллиардҳо сол тасодуф як чизҳое ба вуҷуд биёварад, хеле баъид нест, ки билохира ба сурати як узве ин тавр муҷаҳҳаз дароянд. Инсон мегуфт, ки чун пайдоиши ҳаводис такрор шуда, масалан як миллион бор бар рӯйи як миллион инсон пайдоиши чизҳое, ки муфид набуда такрор шуда, аз байн рафта ва он мавҷуд ҳам аз байн рафтааст, дар миёни ин як миллион ва ё як миллиард, тасодуфан як чизи нофеъе дар яке аз онҳо пайдо шуда, тасодуфан монда ва ҳамон буда, ки ба насли баъдаш ба ирс расидааст.

Вале имрӯз собит шудааст, ки бисёре аз тағйироте, ки дар пайкари мавҷуди зинда пайдо мешавад, дафъӣ ва ногаҳонӣ аст, дигар он ҳисоби тадриҷӣ, ки баъд бишавад бо тасодуф онро тавҷеҳ кард, набудааст. Билохира нишон медиҳад, ки масалан ин ҷиҳози чашм ин тавр нест, ки (тадриҷӣ ба вуҷуд омада бошад) ва агар инсоне бихоҳад бо дасти худаш мокети онро дуруст кунад, шояд садҳо ҳазор ҷузъ бояд паҳлӯи ҳамдигар бачинад, то як чунин чизе (ҳамон сохтмони зоҳириаш) дуруст шавад. **Ин, тадриҷӣ ба вуҷуд наомада, дафъӣ ва онӣ ва бо як ҷаҳиш ва бо як паридан якмартиба ба вуҷуд омадааст**. Ин, ҳеч бо ин ҳисобҳои тасодуфии модда ва ин ҳарфҳо ҷур дарнамеояд, боз ҳикоят мекунад, ки як нерӯи дигаре вуҷуд дорад ва он нерӯст, ки ин мавҷудро убур дода ва аз ин марҳила ба марҳилаи баъдӣ бурдааст.

## Хусусиёти инсон

Баъд роҷеъ ба хусусиёти инсон баҳс шудааст:

“Пас аз пайдоиши ҷаҳон, падидаи ҳаёт, такомули ҷондорон ва зуҳури инсон, ки ҳеч як дар мантиқи дуунсурӣ қобили тавҷеҳ ва тавзеҳ нест, ба хислати хосси инсон, ки ҳамон имконот ва тараққиёти бениҳоят бузурги ӯст мерасем, ки аз зарфияти фавқулъода ва бениҳояти орзу ва дил сарчашма мегирад. Ин хусусият ва тасовии бениҳоят кучак бо бениҳоят бузург мухолифи мусалламтарин улум яъне риёзиёт аст ва ҳам дар баробари ҳар ду асли термодинамик қад алам мекунад, на бо маҳдудият ва субот дар каммият ҷур дармеоянд ва на бо инҳитот ва таназзул дар кайфият. Қобилият ва зарфият ва тавлидоти инсон акси ҳар ду қонун аст.”

Ба як хислати хосс дар инсон истинод шуда, ки таъбир шудааст, ки ин хислат (яъне мусовӣ будани бениҳоят бузург бо бениҳоят кучак) мухолифи мусалламтарин қоъидаи риёзӣ аст. Ин ҷиҳаташро ман нафаҳмидам, ки воқеан ин чӣ тавр маънояш мусовӣ будани бениҳоят бузург бо бениҳоят кучак аст? Худашон тавзеҳ диҳанд. Чун (тибқи) он чи ки мо мефаҳмем (ин матлаб, ки) кучаку бузург (ҳоло бениҳоят ҳам набошад) дар риёзиёт

наметавонад бо ҳамдигар мусовӣ бошад, дар сурате аст, ки ҳар ду билфеъл бошанд, яъне намешавад як шайъ, билфеъл кучак бошад (масалан фарз кунед, ки тӯлаш як метр бошад) ва дар айни ҳол билфеъл бузург бошад, дар айни ин ки тӯлаш алъон як метр аст, тӯлаш ду метр бошад. Аммо агар ихтилофи қувва ва феъл дар кор бошад, яъне як шайъ билқувва бузург бошад ва билфеъл кучак, ин монеъе надорад, мисли ин ки мегӯем, ин гиёҳ билфеъл алъон иртифоъш як сантиметр аст ва билқувва иртифоъаш бист сантиметр аст. Билфеъл ва билқувва бо ҳамдигар мунофот надорад, дуто билфеъл бо ҳамдигар мунофот дорад.

Инсонро фарз кардаанд бениҳоят кучак. Ҳамин тавр ҳам ҳаст, метавонем мо (инсонро) бениҳоят кучак бигӯем. Ва ҳамчунин як бузурги бениҳояте ҳам барои инсон қоил шудаанд, ки онро ҳам мо ба маънии билқувва қабул дорем. Ҳамин тавр ҳам ҳаст, яъне Қуръон ҳам инро қабул дорад. Вақте Қуръон мегӯяд:

يا أَيُّهَا الْإِنْسانُ إِنَّكَ كادِحٌ إِلى رَبِّكَ كَدْحاً فَمُلاقِيهِ

(*Иншиқоқ/6*) Ту ба лиқои зоти парвардигор — ки бениҳоят аст — мерасӣ ва ба як маъно ту иттисол ба зоти Ҳақ пайдо мекунӣ, мисли қатрае ҳастӣ, ки ба уқёнус муттасил хоҳӣ шуд, пас якчунин бениҳоятеро Қуръон барои инсон пешбинӣ мекунад, аммо он бениҳояте аст, ки алъон билқувва дорад, на билфеъл. Баъд мегӯянд, ки ин ҷиҳат ҳам мухолиф бо он ду асли термодинамик аст: маҳдудият ва субот дар каммият ва инҳитот ва таназзул дар кайфият.

Ин ҳам боз аз навъи соири чизҳост, ки аз назари мо барои он суоле боқӣ нест. Нуктае, ки дар инҷо ҳаст ин аст, ки ба масъалаи бениҳоят будани орзуи инсон истидлол шудааст. Ин масъалаи бениҳоят будани орзуи инсон масъалаи қобили таваҷҷӯҳ аст ва мавриди таваҷҷӯҳ ҳам будааст.

## Зарфияти илмии инсон ва масъалаи таҷарруди руҳ

Дар бораи инсон, касоне, ки қоил ба таҷарруди руҳ шудаанд (ки арз кардем маънояш ин аст, ки худи руҳ як унсури моддӣ ва модда нест) ба чизҳои зиёде ва аз ҷумла ба ду чиз, ки бо ин баҳси мо марбут аст истидлол кардаанд, яке масъалаи зарфияти илмии инсон аст. Гуфтаанд, ки зарфияти илмии инсон бениҳоят аст. Мо қадри мусаллам як зарфияти илмӣ дорем, яъне мо зарфият дорем, ки масоилеро бидонем, боз зарфият дорем, ки масоили дигареро ҳам бидонем ва… Ин масъала матраҳ аст, ки оё ин зарфият маҳдуд аст ё номаҳдуд? Агар мо ҷойгоҳи илмро ҳамин ҷисми худамон масалан селлулҳои мағз

бидонем, билохира бояд қоил ба маҳдудият бишавем, наметавонад номаҳдуд бошад, чун ҳар як ҷумлае, ки мо ёд мегирем ё ҳар тасвире, ки аз дунёи берун дар зеҳни мо пайдо мешавад, дар воқеъ маъноаш ин аст, ки ин дар як нуқтаи муайян аз нуқоти мағзи мо (дар як селлуле ё дар гӯшаи як селлуле) сабт ва забт мешавад. Он вақт як сурати дигар, ки пушти сар он меояд, лобуд дар ҷойи дигар меояд, яъне дигар рӯйи он аксбардорӣ намешавад, чун агар рӯйи он биёяд, як зарфияти моддӣ ду мазруфро дар они воҳид дар худаш ҷо намедиҳад. Лобуд он дар селлули дигаре ё дар ҷойи дигаре меояд. Боз як сурати дигаре, як маънии дигаре, як шеъри дигаре, як матлаби дигаре, як қонуни илмии дигаре ҳифз мекунем. Бояд бигӯем, ҳар кадом аз инҳо як ҷойи муайяне дар мағзи мо дорад ва билохира мағзи мо маҳдуд аст. Агар бигӯем садҳо миллион марокизи мағзӣ ҳам дорем, билохира маҳдуд аст, яъне агар инсон умраш вафо кунад ва тамоми зарфияти худашро ба феълият бирасонад, як рӯзе мерасад, ки аслан истеъдоди ёдгирӣ дар ӯ ҳеч боқӣ нест, дигар ҷойи холӣ надорад, дуруст мисли сафҳаи коғазе аст, ки ҳар нуқтааш, ки мешуда рӯйи он бинависанд, навиштаанд, дигар ҷойи холӣ барои он боқӣ намонда ва нахоҳад монд.

Як фарзияи дигар ин аст, ки робитаи мағз бо маълумот, робитаи зарф ва мазруф нест, балки ба истилоҳ мағз ва мух фақат як олати иртибот бо зарфияти воқеӣ аст ва зарфияти воқеӣ маълумот ва андешаҳо (яъне он ҳолате, ки мо ҳузуран эҳсос мекунем) дар худи мост ва худи мо ғайр аз мағз ҳастем. Зарурате надорад ҳар чизе, ки мо ёд мегирем, як ҷойе аз мағзро пур карда бошад ва парвандааш фақат дар ҳамон ҷо сабт ва забт шуда бошад.

Он вақт чун руҳи инсонро маҳдуд намедонанд, ба ин маъно, ки онро дорои абъоди муайяне намедонанд, ки пур бишавад, мегӯянд, он як мавҷуд қобили рушд аст ва рушдаш ҳам ҳадди муайян надорад. Ин аст, ки мегӯянд, пур шудан дигар дар он маънӣ надорад, балки дар айни ин ки мағзи инсон хаста мешавад ва инсон, ки пир мешавад, қудрати ёдгириаш кам мешавад, вале ба қавли Бергсон — ки ҳамин назарияи қудаморо қабул дорад — ин абзорҳо ҳастанд, ки кунд шудаанд, на он зарфи воқеӣ (пур шуда бошад). Ӯ мӯътақид аст, ки иштибоҳ аст касе хаёл кунад, ки чизе фаромӯш мешавад, ҳеч чизе фаромӯш намешавад ва фаромӯшиҳои мо иборат аст аз ин ки қудрати бозгардондан аз ҳофиза ба шуъури зоҳир, аз мо гирифта мешавад, на ин ки он шайъ аз ҳофизаи мо маҳв шуда; аз ҳофиза чизе маҳв намешавад.

Агар он матлабро бигӯем, ки зарфияти руҳии мо поённопазир аст ва агар мо битавонем илмеро аз ғайри маҷрои ин абзорҳои моддӣ, ки кӯҳна ва фарсуда мешаванд бигирем (масалан аз тариқи илҳоми илоҳӣ), мумкин аст бениҳоят маълумот бигирем. Ба қавли

онҳо, як пайғамбар метавонад бениҳоят маълумотро дошта бошад, мо ҳам метавонем дошта бошем, руҳи мо ҳам он зарфиятро дорад, вале чун аз тариқи чашму гӯшу аъсоб ва… мехоҳем бигирем, замон ва тадриҷ мехоҳад ва инҳо кӯҳна ва фарсуда мешаванд ва табъан қудрати ёдгирии мо он қадри зиёд нест, (бинобар ин) он хазона ноқис мемонад ва хеле рушд намекунад ва агар битавонем аз тариқи илҳому ишроқ бигирем ва заҳмат ва фишори рӯйи мағзу аъсоби мо ворид наёяд, мумкин аст илми бениҳоят бигирем.

Амирулмӯъминин фармуд, ки пайғамбар дар лаҳазоти охир барои ман дар як “он” ва дар як лаҳза ҳазор дар аз илм боз кард, ки аз ҳар даре ҳазор дар боз мешуд. Ин мусаллам аз як маҷрои дигаре ғайр аз маҷрои шунидан ва гуфтан буда, вагарна бо шунидан ва гуфтан билохира дар як муддати муайян ва дар як лаҳза ин қадр имкон надорад, ки (маълумот касб шавад). Як ҷумлае ҳам худ ҳазрати Амир дар “Наҳҷул-балоға” дорад, ки аз ин назар ҷумлаи ҷолибе аст. Эшон мегӯянд:

**كلّ وعاء يضيق بما جعل فيه الاّ وعاء العلم فإنّه يتّسع به**

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 205*) Хоссияти ҳар зарфе ин аст, ки вақте мазруфро дар он бирезанд, доиман гунҷоишаш камтар мешавад.

**يضيق بما جعل فيه**

— яъне зиқаш бештар мешавад, мақсуд ин аст, ки гунҷоиши он камтар мешавад.

Маълум аст, ки агар мо дар як зарфе — ҳарчанд он зарф ба андозаи уқёнус бошад — чизе бирезем ҳарчанд мазруфи мо ба андозаи як литр об бошад, ба андозаи як литр об аз гунҷоишаш коста шудааст, магар зарфи илм, ки ҳар чи мазруф бештар дар он бирезанд, гунҷоишаш бештар мешавад, чун зарфи илм гунҷоишаш мусовӣ аст бо мазруфаш, инҷо зарф ва мазруф як чиз аст.

Тақрибан мисли макон ва ҷисм аст, ки макон қабл аз ҷисм вуҷуд надорад, ҷисм, ки ба вуҷуд биёяд макон ба вуҷуд омадааст. Мегӯянд, дар ин назарияи маъруфе, ки “оё ҷаҳони мо аз назари абъод мутаноҳӣ аст ё номутаноҳӣ?“, ки Эйнштейн бар асоси назарияи махсуси худаш мӯътақид шудааст абъоди ҷаҳон мутаноҳӣ аст. Метерлинк, ки мункири ин назария аст, дар як мубоҳасае ба Эйнштейн гуфтааст, ки ҳоло фарз кун, мо рафтем дар ҳамон марзи олам (он ҷо, ки ту мегӯӣ дар он ҷо макон тамом мешавад, ҷо дигар тамом мешавад, чун ҷисме нест, ҷойе ҳам нест), агар мо дастамонро аз ҳамон марз, он тарафтар дароз кардем, дасти мо куҷо меравад? Метавонад аслан макone вуҷуд надошта

бошад? Хостааст бигӯяд, ки макон қатъан ғайри мутаноҳӣ аст, наметавонад мутаноҳӣ бошад, чун агар мутаноҳӣ бошад, мо дастамонро, ки он тараф дароз мекунем, ҷойе нест, ки биравад? Гуфта буд чаро. Гуфта буд, куҷо меравад? Гуфта буд, макон. Гуфта буд, макон аз куҷост? Гуфта буд, аз худи ҷисм, дасти ту, ки рафт, маконро бо худаш мебарад. **Макон ғайр аз худи ҳамин абъоди ҷисм чизи дигаре нест**, на ин ки маконе вуҷуд дорад ва дасти ту меравад он маконро пур мекунад. Дасти ту, ки рафт, маконро ҳам бо худаш бурдааст.

Дар боби зарфи илм ва мазруфаш ҳам масъала ин аст. Қаблан дар руҳи мо воқеан як гунҷоише мисли зуруфи маконӣ вуҷуд надорад, ки мунтазир аст илме дар он рехта шавад. Он унсуре, ки исмаш унсури руҳӣ аст, як мавҷуде аст[46], ки ҳар миқдор маълумот бар он изофа шавад, худи он аст, ки дорад бузург мешавад ва рушд мекунад ва зарфияташ барои рушд ва тавсиа ва бузург шудан ва барои ин ки маълумот бар он изофа шавад, як зарфияти маҳдуде нест.

Исботи ин матлаб дар муқобили касоне, ки мегӯянд, зарфи маълумот фақат селлулҳост, қадре мушкил аст ва аз як роҳҳои хеле дуру дарозе бояд биравем. Вале агар ин матлаб дуруст бошад, ки воқеан зарфият ва гунҷоиши илми як инсон бениҳоят аст, он вақт истидлоле, ки дар инҷо ҳаст, истидлоли тамоме аст, яъне як чизеро нишон медиҳад, ки бо унсури моддии вуҷуди мо ё бо ду унсури — ба истилоҳи инҷо — модда ва энергия ҷур дарнамеояд.

## Зарфияти орзуи инсон ва масъалаи таҷарруди руҳ

Масъалаи дигар, ки бозмегӯянд дар инсон ғайримутаноҳӣ аст, масъалаи орзу аст. Ин ҳам албатта як масъалаи ҷолибе аст. Мегӯянд, орзуи инсон ҳам ғайримутаноҳӣ аст. Мо алъон як силсила орзуҳо дорем ва ҳар кас як силсила орзуҳо дорад. Оё орзуҳои касе ба ин ҳолат аст, ки агар чизеро, ки орзу мекунад ба ӯ бидиҳем, якмартиба фоқиди орзу мешавад ва дигар ҳеч орзуе надорад? Мисли ин ки маъмулан афрод мегӯянд: ман як орзу дорам, агар Худо ҳамонро бидиҳад, дигар аз Худо чизе намехоҳам. Мумкин аст як касе чун қарордод карда, аз Худо чизе нахоҳад, аммо дилаш мехоҳад. Имкон надорад, ки инсон дили худашро ба он чи дорад қонеъ кунад, ҳамеша ҳар чи дошта бошад, боз як чизи дигаре ғайр аз он чи ки дорад мехоҳад. Ин касе, ки алъон як миқдор орзуяш маҳдуд аст, шароити феълӣ эҷоб мекунад, ки орзуяш маҳдуд бошад, чун як амри номаҳдуд ба назараш маъқул

---

[46] *Ин (масъала)-ро "иттиҳоди оқил ва маъқул" меноманд.*

намерасад ва амалӣ нест, фикрашро ҳам намекунад, вале ду қадам, ки ҷилавтар рафт ва инро дошт, фавран ба фикри як матлуб ва орзуи ҷадид меафтад. Ин ҳолат дар инсон ҳаст. Орзу аз мухтассоти инсон аст. Ҳайвон ба ин шакл орзу надорад, чун қувваи ақлӣ ва қувваи хаёлӣ ва он дурбиниро надорад.

Ин масъала ҳам билохира барои инсон ҳаст, ки оё зарфияти орзуи инсон маҳдуд аст ё номаҳдуд? Дар инҷо фарз шудааст, ки зарфияти орзуи инсон номаҳдуд аст. Ва мисли ин ки матлаб аз ҳамин қарор ҳам ҳаст: зарфияти орзуе номаҳдуд аст. Инсон ба ҳар чи ки бирасад, боз як чизи дигареро пушти сари он мехоҳад. Ин ки Саъдӣ мегӯяд:

*Мулки иқлиме бигирад подшоҳ*

*Ҳамчунон дар банди иқлиме дигар.*

— ки масъалаи ҳирсро гуфта. Албатта ин як маҷрост, ки маҷрои ғалати орзуи инсон аст, вагарна ҳар касе ба ҳар иқлиме рӯ биёварад — лозим нест иқлими сиёдат ва салтанат ва ҳукумат бихоҳад бошад — ҳамин тавр аст, фарз кунед, инсон ба иқлими сарват ҳам, ки рӯ биёварад, ҳамин тавр дар банди ҷамъ кардани сарвати дигаре аст. **Инсон ба ҳар иқлиме рӯ биёварад ва бигирад, боз дунболи як иқлими дигаре аст. Қудамо мегӯянд, ин аз он ҷиҳат аст, ки матлуби инсон камоли мутлақ аст**.

Ба ин матлаб таваҷҷӯҳ бифармоед. Ман дилам мехоҳад худи оқои муҳандис (Бозаргон) ҳам таваҷҷӯҳ кунанд, бибинанд чӣ гуна аст. Ба назар мерасад, ки дар инҷо эшон таваҷҷӯҳашон ба зиёдии орзуҳост (ҳамин, ки алъон тақрир мекардем), яъне ин орзу орзуи дигар (-ро ба дунбол дорад), ин орзу орзуи дигар ва… Зарфияти бениҳояти инсон дар ин аст, ки орзуҳои бениҳоят метавонад дошта бошад. Баъзе омадаанд ин тавр тавҷеҳ кардаанд — ки ба назари ман, тавҷеҳи хеле ғалате аст ва ағлаби навиштаҳои имрӯзӣ бар ин асос аст – мегӯянд, инсон толиби чизе аст, ки надорад. Хоссияти инсон ин аст, ки чизеро, ки надорад мехоҳад ва чизеро, ки дорад намехоҳад. Пас инсон ҳамеша як чиз бештар намехоҳад ва як орзу бештар надорад, чӣ чиз? Он чи ки надорад.

Достони маъруфе нақл мекунанд, ки сафири Англис дар Фаронса пеши Наполеон буд ва Наполеон ба ӯ гуфт: мо фаронсавиҳо бо шумо англисиҳо ин тафовутро дорем, ки мо толиби шараф ҳастем ва шумо толиби сарват. Ӯ ҳам гуфт: албатта башар ҳамеша толиби чизе аст, ки надорад!

Мегӯянд, инсон дунболи чизе аст, ки надорад. Ин, ҳам дуруст аст ва ҳам дуруст нест. Инсон дунболи чизе аст, ки надорад, вале воқеан мехоҳад, ки дошта бошад. Оё он ки орзуи инсон аст ин аст, ки дошта бошад ё фақат нестиро орзу мекунад; он чизеро, ки нест, мехоҳад ва ҳамон "нест", ки воқеан хостааш буда ҳамин қадр, ки "ҳаст" шуд, аз ҳастӣ танаффур дорад? Ҳатман орзуи инсон ба як чизе таъаллуқ мегирад, ки дошта

бошад, яъне инсон дунболи доро шудан меравад, на ин ки ҳамеша бозие дар ӯ ҳаст: чизеро, ки надорад, мегӯяд мехоҳам доро бошам, то доро шуд, аз дороӣ бадаш биёяд. Ин тавр нест. Пас чист?

## Инсон толиби камоли мутлақ аст

Матлаб ин аст, ки инсон дунболи доро шудан аст. Оё ин ки инсон дунболи чизе меравад ва баъд, ки онро воҷид шуд, шавқаш мехобад ва балки ҳолати танаффур ва дилзадагӣ пайдо мекунад, далели он нест, ки он чи инсон дар умқи дилаш мехоҳад ин нест; хаёл мекарда ин аст, як чизи дигар аст? Ба иборати дигар, инсон камоли мутлақро мехоҳад. Инсон толиби камоли худаш аст, (он ҳам на камоли маҳдуд.) Инсон аз маҳдудият, ки нақс ва адам аст, танаффур дорад. Чун ба ҳар камоле, ки мерасад, аввал ҳамон бориқаи камоли номаҳдуд ӯро ба сӯйи ин камоли маҳдуд мекашонад; хаёл мекунад матлуб ва гумшудааш ин аст. Дунболи як зан меравад, хаёл мекунад, ки он матлуб ва гумшудаи воқеияш ин аст. Вақте, ки мерасад, онро камтар мебинад аз он чи ки мехоҳад. Боз дунболи чизи дигар меравад, чун хостааш аз аввал комилтар аст аз он чи ки дунболаш мерафтааст. Ва агар инсон ба камоли мутлақи худаш (яъне ба он чи ки дар ниҳодаш ниҳода шудааст) бирасад, дар онҷо ором мегирад, дилзадагӣ ҳам дигар пайдо намекунад, танаффур ҳам пайдо намекунад, толиби таҳаввул ҳам нест.
Қуръон дар мавриди Худо ин матлабро мегӯяд:

الَّذِينَ آمَنُوا وَتَطْمَئِنُّ قُلُوبُهُمْ بِذِكْرِ اللهِ أَلا بِذِكْرِ اللهِ تَطْمَئِنُّ الْقُلُوبُ

(*Раъд/28*) Қайди “ало” ва калимаи “бӣ зикриллоҳӣ”, ки ба истилоҳ ҷору маҷрур аз мутаъаллақи худаш ҷилав афтода, ифодаи ҳаср мекунад, яъне “танҳо”. Ҳамоно танҳо бо ёди Худост, ки дилҳо оромиш пайдо мекунад.

وَمَنْ أَعْرَضَ عَنْ ذِكْرِي فَإِنَّ لَهُ مَعِيشَةً ضَنْكاً

(*Тоҳо/124*) Он касе, ки аз ёди мо эъроз мекунад, маъишати сахт ва тангӣ пайдо мекунад. Бо ин ки лозимаи дар ёди Худо набудан ин нест, ки асбоб ва васоили моддии зиндагии инсон, инсонро тахти фишор қарор бидиҳад, яъне қарз одамро тахти фишор қарор бидиҳад, бепулӣ одамро тахти фишор қарор бидиҳад, вале инсон аз ноҳияи дарун тахти фишор қарор мегирад, барои ин ки чизеро дорад, ки матлуби воқеияш нест, аз матлуби воқеӣ чизе дар он вуҷуд надорад.

Ин ки инсон ба ҳар орзуе, ки мерасад, боз дар банди орзуи дигар аст, ҳамоне, ки ба иқлиме мерасад, боз дар банди иқлими дигар аст ва роҳашро ғалат паймуда ва бо иқлим ба иқлим изофа кардан, мехоҳад худашро ишбоъ кунад, он нерӯе, ки ӯро дунболи орзу медавонад, нерӯе аст, ки ӯро дунболи ҳақиқате медавонад, ки дигар ҳеч маҳдудият ва нақсе дар он ҳақиқат нест, камоли мутлақ аст. Пас тибқи ин баён, инсон толиби камоли мутлақ аст, зарфияти бениҳоят дорад, вале зарфияти бениҳояташ ин аст, ки камоли мутлақро дар худаш ҷо бидиҳад, на ин ки бениҳоят орзуҳои мутаъаддид, бурида бурида дошта бошад. Ба иборати дигар, ин зарфияти бениҳоят орзу, ки дар инсон аст, ҳамоне аст, ки Қуръон ба таъбири дигар гуфтааст:

يا أَيُّهَا الْإِنْسانُ إِنَّكَ كادِحٌ إِلى رَبِّكَ كَدْحاً فَمُلاقِيهِ

(*Иншиқоқ/6*)

Дар масъалаи танаффур, ки инсон ҳар чиро, ки дошта бошад, аз он танаффур пайдо мекунад, медонед, ки яке аз эродҳои хеле муҳимме — ба истилоҳи худашон — ки бар биҳишт мегиранд ин аст, ки мегӯянд, биҳишт агар ҳамин тавре, ки Қуръон мегӯяд ҳақиқат дошта бошад, ҷойи хастагиоваре аст, чун инсон бояд ҷойе бошад, ки як миқдор дошта бошад, як миқдор надошта бошад ва ба дунболи он чи ки надорад биравад, ин ҷур аст, ки одам хуш аст.

Якдафъа инсон дар як муҳите қарор мегирад, ки дар он муҳит ҳама чизро дорад. Он вақт тоза мешавад мисли баччаҳои аъёну ашрофи ин дунё, ки — ба қавли Руссо — аз ҳамаи мардуми дигар аз лаззат маҳрумтаранд, барои ин ки субҳ мекунад дар ҳоле, ки тамоми васоилро барои худаш фароҳам мебинад, чизе, ки надошта бошад ва орзуяшро дошта бошад ва баъд ба он бирасад ва хушҳол бишавад надорад. Он баччаи фақир кафш надорад, пойи лухт хеле роҳ рафта, як ҷуфт кафш, ки пайдо мекунад, то чанд шабонарӯз ончунон ғарқ дар ваҷду шаъаф аст, ки ҳадд надорад. Аммо он баччаи ашроф ва баччаи аъёне, ки то чашм боз карда анвоъи кафшҳоро ҷилави худаш дида, ҳеч вақт ин нодориро эҳсос накардааст, лаззати кафш доштанро ҳеч вақт эҳсос намекунад, лаззати либоси навро эҳсос намекунад, лаззати автомобилсаворӣ, ҳавопаймосавориро эҳсос намекунад, чун ҳар чиро ки фикр кунад, аз ҳамон рӯзи аввал доштааст. Ин аст, ки зиндагиҳои инҳо зиндагиҳои касолатовар мешавад. Мегӯянд, тоза биҳишт мешавад мисли зиндагии ашрофзодаҳо, як зиндагие, ки аз аввале, ки одам пояшро онҷо мегузорад, мебинад ҳама чиз (фароҳам аст):

**فِيها ما تَشْتَهِيهِ الْأَنْفُسُ وَتَلَذُّ الْأَعْيُنُ**

(*Зухруф/71*) Он ҷо ҳар чи ки нуфус бихоҳад ва ҳар чи ки чашм лаззат бибарад, вуҷуд дорад. Тоза мешавад зиндагии хастагиовар.

Ҷавобаш ин аст, ки агар он чи ки дар биҳишт ҳаст, аз навъи он чизҳое аст, ки дар дунё ҳаст, матлаб аз ҳамин қарор аст, яъне агар аз навъи чизҳое аст, ки бо матлуби воқеии инсон синхият надорад хастагиовар аст, вале далел надорад инсон ба чизе бирасад, ки он чиз ё айни хостаи ниҳоии ӯст ё пайванде бо хостаи ниҳоии ӯ дорад (мисли ҷанбаи кароматуллоҳӣ) ва аз он хаста шавад. Инсон ба сӯйи он ҳадафе, ки воқеан меравад, маънӣ надорад вақте, ки ба он мерасад, аз ҳадафи худаш танаффур пайдо кунад. Аз чизе танаффур пайдо мекунад, ки ҳадафаш нест. Қуръон ҳам зоҳиран барои ҳамин нукта будааст, ки ин таъбирро дар бораи биҳишт мекунад:

**لا يَبْغُونَ عَنْها حِوَلاً**

(*Каҳф/108*) Яъне баръакси неъматҳои дунё, ки одам вақте дошта бошад хаста мешавад, толиби таҳаввул ва тағайюр ва таҷаддуд мешавад ва мегӯяд:

**لكلّ جديد لذّة**

— он ҷо дигар баҳси6

**لكلّ جديد لذّة**

— матраҳ нест ва таҳаввул ва тағайюр ва хастагӣ ва дилзадагӣ дар онҷо вуҷуд надорад. Ба ҳар ҳол ин масъала, масъалаи бисёр ҷолиби таваҷҷӯҳе аст.

Дар инсон ҳамин истеъдоди бениҳоят бузург будан ё орзуи камоли бениҳоятро доштан (вуҷуд дорад), аъамм аз ин ки шумо инро ба сурати орзуҳои пароканда дар назар бигиред ё бигӯед на, инсон дар умқи шуъур ва умқи ботини худаш (орзуи камоли бениҳоятро дорад). Аҷиб будани инсон ин аст: инсон дар умқи шуъури худаш ғайр аз Худо (ки камоли мутлақ аст) ҳеч чизро намехоҳад ва ин инсон ба ҳеч маҳдуде розӣ намешавад ва ин гунҷоиш як гунҷоиши фавқулъодае аст, ки бо ҳисобҳои моддӣ ҳаргиз ҷур дарнамеояд. Ҳоло агар мо таҳлили фарзии кудаморо қабул кунем, ин тавр таҳлили фарзӣ мекунанд, мегӯянд: ин инсон фалон чизро мехоҳад, мо ба ӯ медиҳем, хаста мешавад ё на? Бале. Як чизи дигар (медиҳем). Аз он хаста мешавад ё на? Бале. Як чизи дигар ва… хаста

мешавад. Вале агар ба инсон чизе бидиҳем, ки моварои он дигар чизе нест ва он ҳама чиз аст, онро дошта бошад, ҳама чизро дорад, боз ҳам хаста мешавад? На, хаста намешавад.

Ин ҷост, ки урафо назаре пайдо кардаанд. Онҳо рӯйи ҳамин ҳисоб, сад дар сад мӯътақиданд, ки матлуби воқеии инсон яъне он чи ки дар орзуи инсон аст, ғайр аз ғаризаҳост. Ғариза ҳисоби дигаре аст. Он як нерӯи тақрибан моддии ҳайвонӣ аст, ки инсонро мекашонад. Он чизе, ки ба сурати амал (орзу) ва ба сурати ҳадаф ва идея ва камоли орзу дар инсон воқеан вуҷуд дорад, ғайр аз Худо ҳеч чиз нест. Муҳйиддини Арабӣ ҷумлае дорад, мегӯяд:

**ما أحبّ أحد غير خالقه**

Ҳеч кас ғайр аз холиқи худашро дар умқи ботинаш дӯст надорад.[47]

**ولكنّه تعالى احتجب تحت زينب وسعاد**

Лекин Худованд Таборак ва Таъоло худашро дар зери пардаи ин зан ва он зан пинҳон кардааст. Мақсуд маҳбубҳои инсон аст, ки адабиёти мо аз ин матлаб пур аст. Ҳофиз мегӯяд:

*Равшан аз партави рӯят назаре нест, ки нест,*
*Миннати хоки дарат бар басаре нест, ки нест.*
*Нозири рӯйи ту соҳибназаронанд, оре,*
*Сирри гесӯи ту дар ҳеч саре нест, ки нест.*

Ё Саъдӣ мегӯяд:

*Ба ҷаҳон хуррам аз онам, ки ҷаҳон хуррам аз ӯст,*
*Ошиқам бар ҳама олам, ки ҳама олам аз ӯст…*
*На фалакрост мусаллам, на малакро ҳосил,*
*Он чи дар сирри сувайдои банӣ Одам аз ӯст.*

---

[47] *Дӯстӣ ба он ҳолати хосси инсонӣ мегӯянд. Арз кардам (ки дӯстӣ) ғайр аз ғаризаи шаҳавонӣ ва ғайр аз шаҳват аст. Қуръон ҳам ҳуббро бо шаҳват дуто мегирад:*

***زُيِّنَ لِلنَّاسِ حُبُّ الشَّهَوَاتِ***

*(Оли Имрон/14*)

Он чи ки дар сирри сувайдои банӣ Одам медонанд ҳамин аст, ки ӯ ҷуз бо Худои худаш бо ҳеч ҷо пайванди воқеӣ надорад, бо ҳар чи пайванд дошта бошад, пайвандест муваққатӣ ва маҷозӣ ва рӯзе ин пайвандро хоҳад бурид.

Ин мақула, ки баҳс мекардем, дар инҷо тамом шуд. Баъд эшон масоили дигаре тарҳ кардаанд, ки онҳо ҳам масоили қобили таваҷҷӯҳе аст, вале мо замоне дар баҳси "нубувват" дар бораи онҳо баҳс кардаем ва он ин ки боз дар инсон як ҷараёнҳо ва ҳаводиси фавқулъодае ҳаст, ки ин ҳаводис ҳам аз назари моддӣ — ба таъбири мо — қобили тавҷеҳ нест. Масъалаи руъёҳоро зикр кардаанд (руъёҳое, ки ҳеч бо ин ҳисобҳои моддӣ ҷур дарнамеоянд), масъалаи равшанбиниҳоро зикр кардаанд, телепатияро зикр кардаанд, дурбиниҳоро зикр кардаанд ва ҳатто масъалаи кароматҳо ва мӯъҷизаҳоро зикр кардаанд, ки намешавад яксара инкор кард ва гуфт, ҳеч як аз инҳо вуҷуд надорад ва баъд мегӯянд, ҳамаи инҳо бо унсури севвум қобили тавҷеҳ аст, ки аз назари мо матлаби дурусте аст.

Фақат як матлаб боқӣ монд, ки мехостам имрӯз тарҳ кунам ва намерасам, дар як ҷаласа тарҳ кардам ва бояд ҷомеътар тарҳ кунам ва он суолоте аст, ки роҷеъ ба ин унсури севвум боқӣ мемонад, масалан: оё ин унсури севвум басит аст ё мураккаб? Бинобар ин, оё он ҳам рӯзе таҳлил мешавад ба аҷзоъе ва дигар аз байн меравад ё на? Ва қаҳран оё унсури севвум боқӣ аст ё боқӣ нест? Яъне вақте инсон мемирад ва муталошӣ мешавад, оё унсури севвум боқӣ мемонад ё он ҳам фонӣ мешавад? Оё унсури севвум, аввал сохта ва пардохта вуҷуд дорад, баъд меоянд онро дар ин мавҷуд масалан инсон ё ғайри инсон қарор медиҳанд, ё на, он унсури севвум маънояш ин аст, ки ифоза мешавад дар инҷо, яъне дар ҳамин ҷо ба вуҷуд меояд, ҳамин ҷо эҷод мешавад? Оё он унсури севвум худогоҳ аст ё нохудогоҳ? Оё худи он аз худаш огоҳ аст ё аз худаш огоҳ нест? Ва як силсила суолоти дигар, ки ба вақти дигаре мавкул мекунем.

* * *

**Эрод**: *Мо миқдори зиёде аз матолиби оқои Мутаҳҳариро нафаҳмидем. Эшон унсури севвумеро таъриф карданд, яъне аз ин ки ду унсури аввал ва дуввум кофӣ барои тавҷеҳи ҷаҳон нест, ба вуҷуди унсури севвуме мӯътақид шуданд. Баъд худашон дар охир суол карданд, ки ҳоло хавосси ин унсур чист? Албатта агар мо бигӯем, ки ду унсури аввал ва дуввум (модда ва энергия) барои тавҷеҳи падидаҳои ҷаҳон кофӣ нест, фақат метавонем ба вуҷуди унсури севвуме мӯътақид бошем, ки дастандаркори ҷаҳон аст ё дар таҳаввулоти ҷаҳон ҳаст ё баъд аз нобуд шудани инсон ҳаст, вагарна ҷанбаи илмӣ надорад, чун як фарзе аст, ки мо аз вуҷуди маҷҳулот ба он паноҳ мебарем. Ба ҳамин ҷиҳат аст, ки илм чунин чизеро қабул надорад. Мо ҳам ба лиҳози мазҳабӣ, ба иллати*

*вуҷуди олами барзах аст, ки изтирор пайдо мекунем ин аслро бипазирем, вагарна дар ин ҷаҳоне, ки зиндагӣ мекунем, хеле зарурат надорад, ки онро ҳатман қабул кунем. Барои қиёмат ҳам, ки дубора зинда мешавем, боз эҳтиёҷ ба қабули ин асл нест, аммо чун мо дар фосилаи байни ҳаёт ва қиёмат ба як оламе мӯътақид ҳастем ва мӯътақидем, ки дар он олам (олами барзах) эҳсос дорем, ночор мешавем, ки бо аз байн рафтани бадани ҷисмонӣ ба чизи дигаре, ки вуҷуд дорад мӯътақид шавем.*

*Аммо оқои Мутаҳҳарӣ эроде ба истидлоли оқои муҳандис Бозаргон дар бораи такомул дар китобашон гирифтанд ва гуфтанд, худи такомул дар ҷиҳати истидлоли мо нест, то аз он истинтоҷ кунем, ки асли севвуме дар кор аст, балки такомули фард аст, ки ин тавр аст, дар ҳоле, ки ба назари банда, акси ин қазия аст. Такомули фард яке аз хавосси мавҷуди зинда аст.*

*Мавҷуди зинда хавосси дигаре ҳам дорад мисли тавлиди мисл, ҳаракат, сиёнати нафс, дифоъ, рушд. Он ҳолате, ки шумо баён мекунед, фақат рушди ӯст, ки мавҷуди зинда ба вуҷуд меояд, баъд ҷавон мешавад, баъд рушд пайдо мекунад, баъд миёнсол мешавад, баъд пир мешавад ва аз байн меравад. Такомуле, ки оқои муҳандис Бозаргон ба он ишора кардаанд, пайдо кардани як қоъида ва кашфи низоме аст дар табиат, ки аз ибтидои хилқат то кунун буда ва он ин аст, ки мавҷудоти зинда дар ҷиҳати пурузвӣ ва такомул пеш мераванд. Ин худаш масъалае аст ҷудои аз он ва ин худаш масъалаи қобили таваҷҷӯҳ аст. Ба ҳамин ҷиҳат ҳам ҳаст, ки афкори Дарвин ба самти илоҳиюн хеле наздиктар аст, ҳамон тавр, ки худаш муваҳҳид будааст. Аммо масъалаи орзу, ки дар охир матраҳ фармуданд, фармуданд, онҳое, ки мегӯянд он чизе аст, ки мо надорем, ҳарфашон ғалат аст.*

**Устод Мутаххарӣ**: На, "инсон толиби чизе аст, ки надорад". Баҳс рӯйи моҳияти "талаб" аст.

**Идомаи эрод:** *Ин эрод ворид аст. Аммо фармуданд, ки мо дунболи чизҳое ҳастем, вақте ба онҳо мерасем, мебинем онҳоро намехостаем, пас ин далел бар он аст, ки тазоҳур ва таҷаллии орзуҳо чизе аст, воқеияташон як чизи дигар аст, ки аз он ҳам натиҷа гирифтаанд, дар ҳоле, ки ин тавр нест. Мо як чизҳоеро мехоҳем ва талаб ва орзу мекунем ва ба онҳо ҳам мерасем ва медонем ҳамон аст, баъд хаста мешавем. Яъне барои инсон лаззат ва алам оддӣ мешавад ва ин шояд яке аз рамзҳои хилқат аст, ки агар инсон дардаш абадӣ ва ба ҳамон шиддат мемонд ва лаззаташ ҳам ҳамин тавр, қобили бақо набуд ва як мусибат кофӣ буд, то ӯро аз байн бибарад, яъне ҳамон қадр, ки дар ваҳлаи аввали вуруди як мусибат мутаассир ва нороҳат мешуд, агар мехост то абад дар ҳамон ҳолат бимонад, аз байн мерафт. Инсон ин хоссиятро дорад, ки дар*

*муқобили лазоиз ва аламҳо вазъаш оддӣ мешавад, хаста мешавад ва чун хаста мешавад, дигар лаззат намебарад, на ин ки баъд, ки расида дида ин он чизе, ки мехоста нест. Иттифоқан гоҳе ба он мерасад ва мебинад хеле беш аз он чизе, ки фикр мекарда лаззат дорад. Он эроде ҳам, ки ба биҳишт мекунанд ворид аст, мунтаҳо ҷавобҳои дигаре дорад, ҳамон тавр, ки фармудед, биҳишт, навъм лазоизаш ба куллӣ фарқ мекунад.*

**Устод Мутаҳҳарӣ**: Дар мавриди эродҳо ё суолҳои оқои муҳандис, ман ҳам бояд бигӯям, ҳарфҳои эшонро дуруст нафаҳмидам.[48] Масъалаи аввале, ки эшон тарҳ карданд, мегӯянд, ки инҳо як фарзия аст, яъне ба истилоҳ як суизанне доранд — қаҳран ин суизанн ба оқои муҳандис Бозаргон ҳам ҳаст — ки чун як мафрузоте дар дину мазҳаб ҳаст, амсоли мо мехоҳем тавҷеҳ кунем ва ночор меойем ин ҳарфро мезанем, вагарна аз ҷанбаи илмӣ собит нест.

Ман арз мекунам, мақсуди шумо аз ҷанбаи илмӣ чист? Аввалан зарурате надорад, ки ҳар чизе аввал аз ҷанбаи илмӣ собит бошад, ба ин маъно, ки аввал уламо қабул карда бошанд, то баъд мо ба пайравӣ аз онҳо қабул карда бошем. Агар як истидлоле аз навъи ҳамон истидлолҳое бошад, ки уламо дар ҷоҳои дигар мекунанд ва мо дар инҷо истидлол кунем, боз шумо мегӯед қабул нест? Аслан илм чӣ тавр метавонад вуҷуди қувва (ба маънои нерӯ)-ро исбот кунад? Магар худ нерӯ асосан як фарзия нест? Оё шумо нерӯро ба унвони як падидаи ҷудо аз модда метавонед баррасӣ кунед ва масалан онро аз модда ҷудо кунед, баъд таҷзияаш кунед ва зери микроскоп онро бибинед? Ё ин ки на, ин худаш як истидлоли равшане аст? Шумо алъон ба ҳаёт ба унвони як нерӯ ва шайъе, ки мабдаъи ин осор ва хавосс аст эътиқод доред, дар сурате, ки худи ҳаётро илм чӣ тавр метавонад исбот кунад? Илм фақат як силсила осор мебинад, ки агар илм нахоҳад аз ҳудуди ҳисс таҷовуз кунад, баёнаш дар масоил фавқулъода маҳдуд мешавад. Агар илм бихоҳад ба маҳсусот ва таҷрибиёташ қаноат кунад, аввал чизе, ки набояд ҳарфашро бизанад худи масъалаи иллият ва маълулият аст. Иллият ва маълулият пайванде аст, ки алъон уламо онро қабул доранд, пайванди таъсир ва таассур ба маънои ин ки (шайъи) дуввум, ки номаш маълул аст вобастагии воқеии вуҷудӣ дорад бо иллати худаш, ба тавре, ки агар иллаташ набошад, маҳол аст пайдо бишавад ва ҳол он ки он чи илм суроғ дорад ё тақорун

---

48 *Гуфтаанд, марҳум Ҳоҷӣ шайх Абдулкарим меомад дарс, омад хиёбонро қатъ кунад, як одаме расид ва шурӯъ кард як хоби хеле муфассалеро барои эшон нақл кардан дар фазилати эшон. Ҳоҷӣ шайх ҳам фаҳмид, ки ин одам пул мехоҳад. Ҳарфҳояшро хуб гӯш кард ва вақте ба охираш расид, ки ҳоло мунтазир буд, ки оқо даст дар ҷайб бибарад ва як пуле ба ӯ бидиҳад, оқо гуфт, иншоаллоҳ ман ҳам як хобе барои ту бибинам.*

аст ва ё таъоқуб ва таволӣ (пай дар пайӣ). Мо ҳамеша он чи ки дидаем ва озмоиш кардаем, таволии ду ҳодиса ё таъоқуби ду ҳодиса будааст, вале масъалаи вобастагӣ — ки мо дар боби иллату маълул қоил ҳастем — аслан як мафҳуми ғайримаҳсус аст. Ин вобастагӣ бо ин ки як хоссияти муҷарради моварои табиӣ ҳам нест, вале як хоссияти маҳсус ҳам нест. Қабулаш кардаем. Шумо масъалаи қувва ва нерӯро қабул кардаед. Мо ҳам инҷо беш аз ин намегӯем. Мегӯед таъриф, мо, ки таъриф накардем ва нахостем таъриф кунем. Имрӯз ҳам, ки мегӯянд таъриф кардан кори хубе нест, яъне таъриф кардан кори бисёр мушкиле аст, воқеан таъриф кардани ашё кори бисёр сахте аст ва ба ақидаи баъзе қудамо маҳол аст мо битавонем ашёро таърифи ҳақиқӣ бикунем, вале вуҷуди ашёро бидуни ин ки битавонем таъриф кунем, аз рӯйи осорашон кашф мекунем. Ин дигар оддитарин ва табиитарин чизе аст, ки улум ҳам қабул мекунанд. Шумо худ нерӯи баркро метавонед таъриф кунед? Шак ҳам дар вуҷудаш надоред. Аҳаде то ҳоло натавониста нерӯи баркро таъриф кунад ё муддаии таърифаш бошад ё дар мақоми таърифаш бошад ва ҳатто оё то кунун касе тавониста худи онро ба сурати як амри ҷудо аз модда баррасӣ кунад ё ҳар чи баррасӣ шуда рӯйи осораш шудааст? Вале осораш, ки баррасӣ шуда, илм ба вуҷуди чунин нерӯе яқин пайдо кардааст. Шумо агар эроде доред, бояд дар ин баррасиҳо эрод дошта бошед, ки ин баррасиҳо баррасиҳои ноқисе аст ё комил? Агар гуфтед на, ин миқдор баррасӣ аз назари илмӣ кофӣ нест, ин як ҳарфе аст. Бигӯед ин миқдор баррасӣ аз назари илмӣ кофӣ нест, ки вуҷуди як нерӯи ончунониро собит кунад, яъне хавоссе, ки дар модда ҳаст, барои тавҷеҳи он кофӣ нест, ин нерӯи дигаре аст. Аммо шумо агар баррасиро баррасии комиле бидонед, наметавонед бигӯед илм ба вуҷуди чунин чизе иқрор надорад ё мо наметавонем чунин чизеро таъриф кунем. Мо худи Худоро ҳам наметавонем таъриф кунем. Магар мо Худоро метавонем таъриф кунем? Магар Худо қобили таъриф аст?

Дар бораи масъалаи такомул, ман арз кардам, ки такомули як нутфа дар ҷанин ҳамон андоза далел аст, ки такомули анвоъ дар тӯли миллионҳо сол ва миллиардҳо сол, яъне ин ки як селлул аз он ҳолати якселлулӣ бирасад ба ин ҳолати камолии як инсони комил, ин ҳамон андоза дахолати як нерӯи дигареро нишон медиҳад, ки масъалаи такомули анвоъ дар тӯли миллионҳо сол пеш, яъне он далели ҷудогонае нест, яъне агар фарз кунем касе такомули анвоъ ва табаддули анвоъро ҳам қабул накунад, дар ин истидлоли мо халале ворид намешавад.

Ҳарфи мо ин аст. Ду моддаи истидлол надорем: яке такомули фард ва яке илова бар он, такомули анвоъ, ки ҳар кадом далели ҷудогонае бошад. Ҳамон такомуле, ки шумо гуфтед, ки мавҷуди зинда дар тӯли миллионҳо сол ба сӯйи такомул ва изофа кардани узв

ва тафсил рафта, магар як фард намеравад? Чӣ фарқе мекунад? Оё он чи ки навъ (ба сӯйи он) рафта дахолати бештареро собит мекунад аз он чи ки як фард рафтааст? Ба назари ман, далели ҷудогонае нест. Агар он чи ки дар вуҷуди фард ҳаст далел бошад, он чи ҳам, ки дар анвоъ буда далел аст, аммо агар он чи ки дар фард ҳаст далел набошад, он ҳам далел нест, он аз назари ин истидлоли мо як омили ҷадиде дар ихтиёри мо намегузорад. Ман ин тавр гуфтам. Ҳоло ман сад дар сад рӯйи ин матлаб исрор надорам. Мумкин аст шумо баёни бештаре дошта бошед, ман қабул кунам.

Ҳарфи ман ин буд, боз ҳам шумо чизе баён накардед, ки манро қонеъ кунад.

Дар бораи ҳарфи севвуматон, масъалаи хӯ гирифтан ба дард, бо масъалаи хӯ гирифтан ба лаззат фарқ мекунад. Аз назари мо, хӯ гирифтан ба дард навъе интибоқ бо муҳит аст, яъне ҳамон нерӯе, ки ҳамеша инсон ҳарчанд пайкари инсонро бо шароити муҳит татбиқ медиҳад ва дар ҷиҳати осоиши он аст, ҳамон нерӯ аст, ки тағйироте дар инсон ба вуҷуд меоварад (ин амр ҳатто дар умури руҳӣ ҳам ҷараён дорад), чун (ин нерӯ) ҳаётро ба сӯйи камол савқ медиҳад ва ин ки дарди комил бошад ва инсон доиман дард бикашад бар хилофи масири камолии инсон аст, яъне тадриҷан ҳамон нерӯи мармуз кӯшиш мекунад, ки он шайъро, ки матлуби инсон буд (бо матлуби ҷадиде иваз кунад).

Аввал инро бигӯям, ки дард ду қисм аст: дарди ҷисмӣ ва дарди руҳӣ. Дарди ҷисмӣ, ки худи бадан омилашро аз байн мебарад, худ бадан тадриҷан фаъолият мекунад ва он ҷароҳатҳо ва мӯҷиботи дардро аз байн мебарад. Ҳоло дар дардҳои руҳӣ арз мекунем: дар дардҳои руҳӣ, ғуссаҳо, фироқҳо, ин ҷур чизҳо, боз ҳамон омил аст, ки дар олами руҳ фаъолият мекунад ва чеҳраи он шайъро, ки инсон аз фироқи ӯ ранҷ мебарад иваз мекунад, тағйир медиҳад ва матлуби ҷадиде ба ҷойи он менишонад. Ин ки шумо мегӯед хоссияти инсон аст, мо ҳам мегӯем хоссияти инсон аст, аммо ба истилоҳ механизми ин хоссият чист?

Дар масъалаи орзуҳо ман арз кардам, фарқ аст миён (-и орзу ва) умуре, ки шаҳавоти инсон ба он таъаллуқ мегирад, ки ба ҳар ҳол як ҳолати нимамоддӣ ва ҳайвонӣ аст, мисли шаҳвати хӯрдан: инсон гурусна аст, як майли шадиде ба ғизо пайдо мекунад, ҳамин қадр, ки ғизоро хӯрд ва сер шуд, майлаш дигар рафъ мешавад. Ин орзу нест. Орзу он ҳолати идеалталабии башар аст. Инсон ғайр аз ин хостаҳои табиаташ яъне ғайр аз хоб хостан, ғайр аз хӯрок хостан ва ғайр аз шаҳвати ҷинсӣ (ҳолати идеалталабӣ ҳам дорад). Хостаҳои ҳайвонӣ як масъала аст, идеал барои башар як масъалаи дигар аст.

Ин ки арз кардам ҳар чиро, ки инсон ба сурати идеал фарз мекунад, баъд, аз он хаста мешавад, ин ба он хастагие, ки шумо гуфтед алаззоҳир иртибот надорад, яъне инсон вақте ба он идеалаш мерасад, аввал, ки мерасад хеле ҳам нисбат ба он шоиқ аст, то

муддате ҳам саргарм ба он аст, мисли ин ки дуруст онро таҷриба мекунад ва дар аввал басо ҳаст бибинад, ки аз он ки аввал фикр мекард, бузургтар ҳам ҳаст, чун воқеияти моддиаш бузургтар аст, вале дар айни ҳол баъд, ки бо он — ба қавли шумо — унс ва хӯ гирифт, иқноъаш намекунад, толиби чизи дигар аст. Чаро толиби чизи дигар аст? Ҳамон тавр дар ҳолати хастагӣ бимонад! Шумо агар истидлол мекардед, мегуфтед баъд, ки инсон хаста шуд, дунболи орзуи дигар намеравад, як ҳарфе буд.

**Эрод**: *Дунболи лаззат меравад.*

**Устод Мутаҳҳарӣ**: Дунболи идеал рафтан ғайр аз масъалаи лаззат аст, яъне идеали дигаре надорад, идеал барои ӯ мемирад. Мегуфтем инсон ҳар идеале дошта бошад, баъд идеали дигар на, як идеал, билохира вақте ба он расид ё хаста мешавад ё хаста намешавад, ҳамон ҷо сари ҷойи худаш меистад. Аммо агар қабул кардед, ки ҳарчанд аз ин ҳам хаста мешавад, вале дар айни ҳол боз дунболи як камол ва як ҳадаф ва як идеал аст, он вақти ин истидлол истидлоли тамоме аст. Албатта мо ин истидлолро қадре бо эҳтиёт баён кардем.

## Нақди назарияи “модда ва энергия” дар китоби “Зарраи беинтиҳо” (2)

**Муҳандис Бозаргон**: *Дар мавриди матолибе, ки ҷаноби оқои Мутаҳҳарӣ аз китоби “Зарраи беинтиҳо” унвон фармуда буданд, амр шуда банда ҳамароизе бикунам. Асли баҳс роҷеъ ба ин буд, ки дунёро бо ду унсуре, ки илми имрӯз қабул дорад (модда ва энергия), намешавад тавҷеҳ кард, падидаҳо, ҷараёнҳо ва таҳаввулоти зиёде аст, ки ин ду оҷиз аз эҷод ва ё тавҷеҳ ва баёнаш ҳастанд.*

*Бинобар ин, як унсури севвуме ва дасте бояд дар кор бошад, ки дунёро ба ин сурат даровarda бошад. Он мавориद ва шоҳиди мисолҳо, ки ҷаноби оқои Мутаҳҳарӣ аз китоб як-як фармуданд, аввал масъалаи пайдоиши ҷаҳон буд, ки агар бино бошад дунёро фақат модда ва энергия ташкил дода бошад — гӯё ин ки ин дуто ҳам яке ҳастанд, яъне қобили табдил ва табаддул ба ҳам ҳастанд — ин наметавонад пайдоиши ҷаҳонро баён кунад. Фармуданд, илзоме ҳам нест, ки барои пайдоиши ҷаҳон тавҷеҳе бошад. Модда азалӣ бошад, ҳамон тавр, ки материалистҳо ҳаминро қабул доранд, мегӯянд, чӣ лузуме дорад Худое бошад, ки Худо халқ карда бошад? Аслан офаринише нест ва модда ҳамеша будааст. Албатта ин, роҳи фироре аст, ки онҳо пеш мегиранд.*

*Барои модда хеле мушкил аст, ки аслан пайдоише набошад, чун моддае, ки машмули қонуни суботи энергия ба иловаи модда аст ва аз худаш раъй ва тасмим ва иродае*

*надорад, вақте қодир бар ин набошад, ки ҳатто кучактарин тағйире дар худаш бидиҳад ва ҳамаи инҳо иҷборӣ ва илзомӣ бошад, он вақт чӣ тавр метавонад худашро ба вуҷуд биёварад? Ин ҳамон ибҳом ва ишколе аст, ки мабнои баёни фалосифа ва мутакаллимон аст. Мо наметавонем тасаввур кунем, ки ин худаш — ки қодир ба кучактарин амале нест — ба вуҷуд омада бошад. Аслан вақте Худо набошад, азалият имкон надорад.*

*Дуввум, масъалаи пайдоиши ҳаёт буд, ки фармуданд ҳамон тавр, ки дар он китоб ҳам зикр шуда, пайдоиши ҳаёт бидуни қабули як унсури солисе қобили тавҷеҳ нест. Дар ин бора назаре ва эроде ва такмил ва тасҳеҳе надоштанд, банда ҳам арзе намекунам.*

*Севвум, масъалаи такомул аст, ки зимни таъйиди баёни китоб, тасҳеҳе фармуданд. Фармуданд, дар онҷо ишора шуда, ки такомул ду навъ аст: такомули фардӣ ва такомули навъӣ. Он вақт фармуданд, ки такомули навъиро қабул дошта бошем ё надошта бошем, зиёд мавриди зарурат ва эҳтиёҷ нест, ки дахолати як унсури севвум ва як ирода ё амр ё ваҳй ё чизе аз ин қабилро эҷоб кунад. Такомули навъӣ чун мавриди эроду ишкол аст, бинобар ин рӯйи он исроре нест. Мо ҳамин такомули фардиро мегирем. Такомули фардиро ҳам ин тавр ташреҳ карданд: ҳамон тавр, ки мебинем, бачча вақте ба дунё меояд, на ҳаракат дорад, на ҳатто ташхис дорад, на шуъур дорад, на ҳарф дорад, на ақл дорад, рафта-рафта рушд мекунад (чӣ баччаи инсон, чӣ баччаи ҳайвонот) ин рушд як навъ такомуле аст ва ин такомул бидуни дахолати унсури севвум имкон надорад. Дар инҷо ман мехостам арз кунам, ки ин мисоле, ки дар мавриди такомули фард заданд, аз назари истифода ва истимдоде, ки онҷо аз асли энтропия (асли куҳулат) шуда буд, муфид ба маъно нест ва онро намерасонад. Дуруст аст, ки мо ба сурати зоҳир рушду такомул мебинем, як бачча ҳам ҷуссааш кучактар аст, ҳам зӯраш камтар аст, ҳам фаҳму шуъур ва ақл ва ҳама чизаш кам аст ва рафта-рафта рушд пайдо мекунад ва комил мешавад, вале аз назари энтропия ва акси энтропия маъонии мухталиф дорад. Банда дар китоби “Термодинамики санъатӣ” ҳама ҷо ба акси энтропия, энергияи муассир гуфтаам. Энергияи муфид ҳам ба он мегӯянд. Англисиҳо ба он* Available Energy *яъне энергияи омода мегӯянд. Чун ба вуҷуҳи мухталиф зоҳир мешавад, асомии мухталиф ҳам дорад.*

*Зидди энтропия аст, яъне энергия, ки дар дунё собит аст ду қисмат мешавад: як қисмати он энергияи бехоссият, энергияи дурафтода ва рокид ва беасар аст, ҳосили зарби энтропия ва дараҷаи ҳарорат аст ва он қисмате аз энергия аст, ки дигар хоссияте надорад, яъне мурда аст, мешавад гуфт зинда аст, вале зиндаи беҳаракат ва беасар. Он вақт мозоди онро энергияи қобили истифода, энергияи муфид, энергияи*

*муассир меноманд. Ҳоло ҳар вақт энтропия зиёд шавад, энергияи муассир кам мешавад. Вақте энергияи муассир ба минимум расид, он мавқеъ ё рукуд ва таъодул ва беҳаракатӣ мавҷуд аст (фарқ намекунад мавҷуди зинда ё ғайри зинда) ё ҳамон марг аст, яъне сармояи энергии як шайъ, як дастгоҳ ё як мавҷуди зинда агар аз хориҷ ба он кӯмак ва имдод нарасад ва чизе ворид нашавад, як сармояи собите аст, як энергия аст. Он вақт ин энергия доиман рӯ ба таназзул меравад, яъне он саҳмияи ғайри муфид ва ғайри муассир мураттабан зиёд мешавад, саҳмияи муфид ва муассир кам мешавад. Аз ин нукта дар химия хеле истифода мекунанд. Ағлаби қонунҳои химиявӣ ва физикиро рӯйи ҳамин ба даст меоваранд, яъне ҷустуҷӯ мекунанд, ки энергияи муассир кай минимум мешавад, он ҳолати таъодул аст. Вақте масалан як миқдор асид ва як миқдор боз бо ҳам феълу инфиъол мекунанд ё дар як зарф таркиботи мухталифе ҳаст, ҳар қадр энергияи муассир бештар бошад, суръати феълу инфиъол ва амалиёт бештар аст. Он суръат ба сифр мерасад, яъне ҳолати таъодул пайдо мешавад вақте энергияи муассир минимум бошад ва бинобар ин энтропия максимум бошад.*

*Дар мавриди мавҷуди зинда ва ҳамин мисоли бачча иттифоқан бар хилофи он чи ба сурати зоҳир ҷилва мекунад, бачча, ки ба дунё меояд — ва ҳатто дар нутфааш — энергияи муассир максимум аст, дар мо, ки ҷунбу ҷӯш дорем, ҳарф мезанем, ҳаракоте дорем, энтропия бештар аст мунтаҳо энтропияи воҳид, яъне кулли энтропия ё кулли энергия тақсим бар вазн. Дар ибтидо сармояе, ки падару модар ё хилқат ба бачча додаанд, он сармоя сад дар сад энергияи муассир аст ва ба фармоиши ҳазрати Амир, ки фармуданд, шумо аз ҳамон рӯзи таваллуд ба тарафи марг меравед, ин як ҳақиқате аст. Дуруст бар хилофи он чи ки гуфтаанд ё ба назар меояд, шахс як қавси суъудӣ ва нузулӣ пайдо намекунад, ки масалан аз баччагӣ рафта-рафта қудраташ, ҷуссааш, қоматаш рӯ ба тараққӣ меравад, масалан ба синни 40-солагӣ, ки расид, сайри нузулӣ пайдо мекунад. На, аз ҳамон аввал ба тарафи марг меравад, аз ҳамон аввал энтропия тараққӣ мекунад.*

*Бинобар ин, масъалаи такомули фардӣ таъйиде аст бар ин ки дахолат ё лузум ва вуҷуби амр ё ваҳй дар инҷо наметавонад сидқ кунад ва нишонаи хориҷии ин қазия ин аст: шумо баччаро вақте, ки нигоҳ кунед, мебинед доиман поҳояш ҳаракат мекунад, дасташ ҳаракат мекунад.*

*Ин ҳамон энергияи муассир аст. Дар бачча ин таҳаррук ва майл ба ҷунбу ҷӯш фавқулъода зиёд аст. Синн, ки зиёд мешавад, яъне вақте, ки баччаи чаҳорсола ҳафтсола мешавад, ба мадраса меравад, аз килоси аввал ба килоси дуввум ва севвум меравад, ҳамин, ки мегӯянд баччаи маъқул ва сар ба роҳе шуда, ин яъне энтропияи ӯ зиёд шуда,*

*энергияи муассир кам шудааст. Ин дуруст бар хилофи такомул аст, дар ҳоли таназзул аст. Инсон аз ҳамон нутфаи аввал дар ҳоли таназзул аст, мунтаҳо зоҳир нашудааст. Такомули фардӣ наметавонад дахолати як мавҷуди дигаре яъне Худо ё чизи дигареро дуруст ва ҳисобӣ тавҷеҳ кунад, барои ин ки дар муқобил метавонам бигӯям табиӣ аст, ки банда барои ин ки зиндагӣ кунам, дар муқобили сахтиҳо ва мушкилот ба талош ва тафаккур дармеойам, коре мекунам, ки битавонам худамро зинда нигаҳ дорам ва дар ин низоъ барои ҳаёт пирӯз шавам. Хеле табиӣ аст, ки бояд такомул пайдо кунам ва инҷо худам дахолат дорам. Дар ҳайвонот ҳам ҳамин тавр аст, муҳит иваз мешавад, дараҷаи ҳарорат болову пойин меравад ё навъи маводди ғизоӣ дар дарё ва дар хушкӣ тағйир мекунад, дар натиҷа қобили тавҷеҳ аст, ки ин мавҷудот ба фикри ин биафтанд, ки худро бо муҳит татбиқ диҳанд, масалан агар гиёҳҳо ва алафҳо сифт шуда, ин ҳайвон ҳам коре кунад, ки дандонаш тезтар шавад. Гӯё ин ки онҷо ин арзи банда саҳеҳ нест, вале билохира дар онҷо як роҳи ҳал ва мафарре дорад, ки худи мавҷуд эҳтиёҷ дорад ва дилаш мехоҳад, ки комилтар, муҷаҳҳазтар ва мусаллаттар шавад.*

*Он ҷойе, ки ҳеч намешавад майл ва иродаи фардро дахолат дод ва ҳатман бояд гуфт як нақшаи дигаре моварои ташхис ва эҳтиёҷи ӯ вуҷуд дорад, такомули навъӣ аст. Масалан, фарз кунед дар мормулак як осор ва тағйироте пайдо мешавад, ки се насли баъд ба дарди онҳо мехӯрад. Онҷо дигар ҳеч кас наметавонад бигӯяд, ки ин мормулак барои худаш, барои идомаи ҳаёташ, барои зиндагиаш ин корро кардааст. Ҳоло лузуме надорад айни теорияи Дарвин бошад, билохира такомули навъиро, ки ҳама қабул доранд ва Қуръон ҳам мегӯяд:*

وَبَدَأَ خَلْقَ الْإِنْسانِ مِنْ طِينٍ

*(Саҷда/7) Шурӯъи ӯро аз гил кард. Ин дигар олитарин ва амиқтарин ва дуртарин такомуле аст, ки Қуръон мегӯяд: инсон аз гил шурӯъ шудааст. Агар онҳо мегӯянд инсон аз маймун аст ё аз мавҷуди такселлулӣ аст, Қуръон ҳатто аз гил ҳам ақибтар меравад:*

خَلَقَ الْإِنْسانَ مِنْ صَلْصالٍ كَالْفَخّارِ

*(Раҳмон/14) Чӣ исроре аст, ки мо бигӯем аслан такомул навъӣ нест? Хайр, ҳаст мунтаҳо материалистҳо мегӯянд ҳаст ва рӯйи он исрор доранд, мо мегӯем ҳамин такомули навъӣ бо дар даст доштани энергия ва модда ва бидуни унсури севвум қобили тавҷеҳ нест.*

*Матлаби охирӣ, ки мехоҳам арз кунам ин аст, ки аз суханони ҷаноби оқои Мутаҳҳарӣ мумкин аст ин тавр истинбот шавад, ки эшон байни илми қадиму ҷадид тафкик қоил мешаванд ва дар сададанд, ки исбот кунанд қадимиҳо дуруст гуфтаанд, агар инҷо аз се унсур сӯҳбат шуда, қудамо ҳам ҳаминро гуфтаанд, мунтаҳо қудамо гуфтаанд модда ва қувва ва қувва ҳамон унсури севвум аст, ё дар бораи такомул қудамо ҳам гуфтаанд, ки такомуле ҳаст ва масалан намунаи такомул ҳамин аст, ки алъон мо мебинем. Воқеан илм, қадиму ҷадид надорад ва як силсилаи пайвастае аст. Фаразан ҳамин назарияи нисбият бо ҳандаса ва механики қадим мунофот дорад, вале боз ҳандаса ва механики қадим дар миқёси заминӣ ба ҷойи худаш дуруст аст, вале дар миқёси фалакӣ, механик ва физикаи Нютон аз тавҷеҳи он оҷиз аст. Пас ҳамон тавре, ки илми имрӯз дар ҳоли такомул ва тасҳеҳ ва ислоҳ аст, илм ва фалсафа ва афкори қадим ҳам дар ҳоли такомул будааст. Ин аз назари таблиғ музир аст, ки бигӯем илми имрӯз ва афкор ва назариёти ҷадид ғалат аст ва ё агар ғалат нест, ҳамон аст, ки қудамо гуфтаанд. Шояд ба ҳеч ваҷҳ назари ҷаноби оқои Мутаҳҳарӣ ин набуда, ки аз фалсафа ва илми қадим дифоъ кунанд, вале мумкин аст ин эҳсос пайдо шавад.*

**Устод Мутаҳҳарӣ**: Роҷеъ ба тавзеҳоте, ки ҷаноби оқои муҳандис (Бозаргон) доданд,ароизи мухтасаре арз мекунам. Дар бораи пайдоиши ҷаҳон, ман ин тавр ёдам меояд, ки арз кардам эшон фармудаанд, ки бидуни дахолат додани унсури севвум пайдоиши ҷаҳон (яъне ҳудуси олам) қобили тавҷеҳ нест, яъне бояд ин тавр фарз кунем, ки ҳеч чизе набуда ва аз адам пайдо шудааст. Албатта “аз адам пайдо шуда” таъбире аст, ки мегӯем, яъне агар мо замонро ақиб бибарем, ҳоло наметавонем бигӯем миллионҳо сол, миллиардҳо сол, хеле аз ин бештар, вале билохира ин тавр фарз шуда, ки бояд мо ба ҷойе бирасем, ки якмартиба ин олам ба сурати як падида пайдо шуд ва қабл аз он нести мутлақ буд.

Арз кардем, ки ин масъалае нест, ки бишавад ба гардани касе гузошт ва онро ба унвони як далел қабул кард. Мумкин аст касе бигӯяд на, ин ришта ҳамеша ва аз азал будааст ва то абад ҳам идома дорад. Масъалаи азалияти олам ва ин ки олам ба худии худ наметавонад азалӣ ва қоим ба нафс ва қоим ба зот бошад, инҷо далеле барои он иқома нашудааст. Ин (амр яъне азалӣ набудани олам) дар ин истидлол ва дар ин китоб мафруз гирифта шудааст. Рӯйи чӣ ҳисоб мо метавонем инро барои як одами моддӣ мафруз бигирем? Фармуданд, ки модда наметавонад худашро эҷод кунад. Онҳо, ки намегӯянд модда худашро эҷод карда, ҳамон тавре, ки мо намегӯем Худо худашро эҷод карда ва худаш поягузори вуҷуди худаш аст. “Будааст” яъне ҳамеша будааст, на ин ки худаш як вақте худашро эҷод кардааст. Ин масъалаи муҳимме нест.

# Масъалаи такомул

Дар масъалаи такомул, ман бояд дуруст акси матлабро арз кунам, ки оқоён тасаввури хоссе дар бораи афкори мо доранд, ҳар чи ки мо мегӯем, чизи дигареро тасаввур мекунанд, хаёл кардаанд, ки ман мехоҳам бигӯям масъалаи такомули анвоъ амре аст, ки набояд қабул кард ва хилоф аст ва чун зеҳни ман такомули анвоъро қабул намекунад, мегӯям ҳоло лузуме надорад мо ин матлабро бигӯем, дар сурате, ки асосан ман чунин чизе нагуфтам. Ман арз кардам такомули анвоъ як амри интизоъӣ аст, такомули навъ ҳам ҳамон такомули фард аст, яъне фарқ байни назарияи такомули анвоъ ва назарияи суботи анвоъ ин аст, ки қоилин ба суботи анвоъ мегӯянд такомули фард ҳамеша дар як қолаби муайян ва мушаххасе аст, ки ҳамаи афрод дар ҳамон қолаби муайян ва мушаххас такомул пайдо мекунанд ва дигар аз он болотар намераванд. Ва такомули анвоъ маънояш ин аст, ки баъзе аз афрод ба марҳилае мерасанд, ки аз қолаби пешин таҷовуз мекунанд ва он вақт қолаби ҷадид милок мешавад ва боз дар наслҳои баъд ҳам як вақте як фард аз он қолаби пешин таҷовуз мекунад ва ҷилавтар ва болотар меравад.

Масъалаи такомули фард ба ҳамон шакл, чизе аст, ки худи Қуръон ба он истинод кардааст. Дар масъалаи такомули хилқати инсон, ки дар аввали сураи Ҳаҷ ва дар аввали сураи:

قَدْ أَفْلَحَ الْمُؤْمِنُونَ

— аст, матлаб ин аст, ки мо шуморо аз нутфа офаридем, нутфаро алақа кардем, алақаро музға кардем, баъд ӯро чунин кардем, баъд чунон кардем, мароҳили татаввури ӯро ба унвони як намоишдиҳандае аз дасти қудрати илоҳӣ баён мекунад. Албатта он ҳисобе, ки эшон фармуданд, ки фард қавитарин ҳолаташ ҳамон аввали пайдоиши ӯст ва ба таъбири худашон, бояд ин тавр фарз кунем, ки энергияи муассирро дар ҳамон аввали такаввуниаш дорад, мо қабул мекунем, яъне як селлули инсон, ки дар раҳим ба вуҷуд меояд, ҳамон аввалин боре, ки ин селлул аз таркиби ду селлул ба вуҷуд меояд, ҷавонтарин ва пурнерӯтарин вақте аст, ки ин мавҷуд ҳаст ва аз ҳамон лаҳза рӯ ба кӯҳнагӣ ва фарсудагӣ ва пирӣ меравад. Ҳатто ба ҳасби зоҳир, ки мебинем, ин як селлул баъд ду селлул мешавад, баъд чаҳор селлул мешавад ва баъд мерасад ба мароҳиле, ки аъзои зиёд пайдо мекунад ва баъд селлулҳо ба анвоъе тақсим мешаванд: селлули асабӣ аз селлули устухонӣ ҷудо мешавад ва ҳар як аз инҳо аз селлулҳои масалан гӯштӣ ҷудо мешаванд, селлули хунӣ чизи дигаре аст, бо ин ки ба ҳасби зоҳир танаввӯъ пайдо мекунад ва аъзояш

мураттаб зиёд мешавад ва баъд ҳам ба сурати як бачча ба вуҷуд меояд, бачча ҳам мураттаб рушд мекунад, бузург мешавад, ҷавон ва барӯманд мешавад, вале дар воқеъ дорад аз ҳамон рӯзи аввал аз ӯ коста мешавад. Мо фикр мекунем, ки аз 30 солагӣ ба баъд, инсон коста мешавад ва ҳол он ки аз ҳамон лаҳзаи аввале, ки селлул ба вуҷуд омада, рӯ ба костӣ мерафтааст. Албатта шояд аз назари ҳисоби энергия матлаб аз ҳамин қарор бошад, вале дар маҷмӯъ ин мавҷуд, дар ҳамон чизе, ки шумо онро унсури севвум меномед, матлаб ин тавр нест.

## Такомули тадриҷии ҳаёт

Арзи ман ин буд, ки ҳаёт (яъне ҳамон унсури севвум) тадриҷан рӯ ба такомул меравад. Ман бар он мабно фикр накарда будам ва ҳарфе надоштам арз кунам. Ман арз кардам, ки ин мавҷуди зинда ду рушд мекунад: як рушди зоҳирӣ ва ҳаҷмӣ, ки ҳаҷми мавҷуд бузург мешавад ва баъд ҳам тақсимот ва ташкилоте дар он сурат мегирад ва як рушди ҷавҳарӣ — ба истилоҳи мо — ки мақсудам рушди ҳаётӣ аст, нафси ҳаёт (ҳамон унсури севвум) тадриҷан рӯ ба шиддат ва рӯ ба камол меравад. Аз назари тарзи тафаккури мо — ки шумо онро тарзи тафаккури қудамоӣ талаққӣ мекунед — як инсони пир ҷисмаш фарсуда шуда, модда ва энергия дар ӯ коҳиш пайдо карда, аммо он чи ки онро руҳ ва ҳаёт меноманд ва шумо унсури севвум меномед, дар ӯ такомул пайдо кардааст. Як оқои муҳандис Бозаргони таҳсилкардаи комилшудае, ки як силсила малакоти илмӣ ва як силсила малакоти ахлоқӣ пайдо кардаанд, ҳаёти эшон дар ин синини шасту чаҳор солагӣ бо ҳаёти он селлул, ки дар шасту чаҳор солу нӯҳ моҳ пеш барои аввалин бор такаввун пайдо кард, як дараҷа аз ҳаёт нест. Амри илоҳӣ дар вуҷуди эшон алъон комилтар ва қавитар ва нерӯмандтар аст. Фард дар он унсури севвум доиман рӯ ба камол меравад. Ҳамон тавр, ки арз кардам, такомули навъӣ як амри интизоъӣ аст. Гоҳе дар фард як тағйироти ногаҳонӣ пайдо мешавад, ки ҳамон тағйироти ногаҳонӣ дар наслҳои баъд пайдо мешавад. Оё ба назари шумо он тағйироти ногаҳонӣ ба ин шакл аст, ки як энергияи ҷадид ба вуҷуд меояд? Агар воқеан ин тавр аст, дар такомули навъ ҳисоби ҷудогонае вуҷуд дорад, вале агар чунин чизе нест, ҳисоби ҷудогонае нест. Ба ҳар ҳол назари мо ба он масъала буд, на ба ин масъала, чун ҳисоби модда ва энергия дар дасти мо нест, мо рӯйи он ҳисоб карда будем.

# Такомули анвоъ, як назарияи тавҳидӣ

Ин ки арз кардем худи такомули фардӣ ҳам кофӣ аст барои истидлол, мабнӣ бар инкори такомули навъӣ ва мабнӣ бар бадбинӣ нисбат ба назария (-и такомули анвоъ) набуд. Иттифоқан ман худам дар мақолае, ки 10-15 сол пеш барои аввалин бор дар “Мактаби ташайюъ” навиштам, мукаррар ин матлабро баҳс кардам ва инро ёдоварӣ кардам, ки назарияи такомули анвоъ — ки имрӯз пайдо шуда — бо усуле, ки кашф кардаанд, сад дар сад як назарияи тавҳидӣ аст. Яъне назарияи такомули анвоъ истидлоли муваҳҳидонро қавитар ва нерӯмандтар кардааст. Дар масъалаи такомули анвоъ агар касе филҷумла баҳсу тардиде дошта бошад, аз ин назар аст, ки оё бо завоҳири он чи ки дар китобҳои осмонӣ омадааст — на бо масъалаи тавҳид — мунтабиқ аст ё нест? Заҳмати ин корро ҳам ҷаноби оқои доктор Саҳобӣ (дар китоби “Хилқати инсон”) кашидаанд ва ин қадр ман метавонам эътироф кунам, ки нукоти хеле барҷастае дар онҷо гуфтаанд ва ман ҳамеша гуфтаам, ки воқеан қобили мутолеа ва қобили диққат аст, вагарна аз назари тавҳидӣ бисёр ғалат буда, ки афроде масъалаи такомули анвоъро як назарияи материалистӣ талаққӣ кардаанд. Аслан ин ба он рабте надорад ва қатъан назарияи такомули анвоъ барои исботи тавҳид аз назарияи суботӣ анвоъ беҳтар аст ва касоне, ки дунболи назарияи суботи анвоъ рафтаанд, фикрашон ношӣ аз як масъалаи каломӣ аст, ки мо решаашро яҳудӣ медонем ва таъбири яҳудӣ кардем ва он ин аст, ки вуҷуди Худоро фақат дар ибтидои хилқат лозим медонистанд, яъне барои олам як ҳудуси ибтидоӣ қоил буданд, ки аз катми адам ногоҳ ба вуҷуд омада ва дар инҷо буда, ки гуфтаанд, Худое лозим будааст, баъд, ки олам ба вуҷуд омада корхонае аст, ки дигар худаш дорад мегардад, Худо ҳам агар бимирад, олам ба кори худаш идома медиҳад. Пас чун чунин чизе ҳаст, мо бояд явмушшурӯъ (рӯзи оғозин) барои ҳар чизе қоил шавем.

Он вақт мо агар бихоҳем бигӯем инсонро Худо офарида, бояд як явмушшурӯъе барои навъи инсон қоил шавем. Агар бихоҳем бигӯем дарахтҳоро ҳам Худо офарида, як явмушшурӯъе ҳам барои дарахтҳо бояд қоил шавем, барои кӯҳҳо ҳам як явмушшурӯъе ва… Ин мубтанӣ бар он тарзи тафаккур буда, ки аслан қатъи назар аз ҳар ҳарфи дигаре, аз назари тавҳидӣ ғалат аст.

Аммо масъалаи дигар, ин тавр нест, ки мо исроре дошта бошем, ки илм такомул пайдо накарда ва он чи ҳарф буда қудамо гуфтаанд. Вале масъала ҳамон масъалаи шеъри нав ва шеъри қадим аст, ки имрӯз дар рӯзномаҳо хеле маҳалли баҳс аст. Шак надорад, ки шеър ҳам мисли ҳазор чизи дигар қобилияти такомул дорад. Як ҳисобе дар дунё наомада, ки бояд қазияи шеър бар Саъдӣ ва ё ҳадди аксар бар Ҷомӣ вақф шуда бошад ва дигар

баъд аз ин набояд касе, ки истеъдодаш ба андозаи истеъдоди Саъдӣ ё Ҳофиз ё Мавлавӣ ё Ҷомӣ ё Низомӣ бошад, ба вуҷуд биёяд. Охир далел надорад, ки ба вуҷуд наёяд ва агар ҳам ба вуҷуд биёяд, чун шоир мояи илҳом мехоҳад, имрӯз мояи илҳом барои шоир аз қадим бештар аст. Шеър, ки танҳо эҳсос ва отифа нест, фикр ва андеша ҳам дар он вуҷуд дорад, фикр ва андешае аст, ки омехта бо отифа аст. Вале бо ҳамаи ин ҳарфҳо, мо наметавонем танҳо замонро миқёс бигирем, бигӯем, ба далели ин ки ҳама чиз дар ҳоли такомул аст, бинобар ин масалан шеърҳои Нимо ҳатман дар ҳадди аълое аз шеър аст ва ҳафт қарн аз шеъри Саъдӣ ҷилав аст. Агар касе биёяд рӯйи Эраҷ Мирзо ҳисоб кунад — ки иттифоқан касе ҳисоб намекунад — Эраҷ Мирзо шеъри нав гуфта, яъне мазмунҳои нав халқ карда, ки мазмунҳои нави ӯро на Саъдӣ гуфта, на Ҳофиз, мунтаҳо як одами ба истилоҳ алдангӣ буда ва бештар дунболи ҳарзагӣ мерафта ва дар он чи ки мехоста ва дунбол мекарда, бисёр олӣ гуфтааст. Ҷойе ҳам, ки дар ғайри ин (мазмунҳо) гуфта хеле хуб гуфта, мисли шеъре, ки роҷеъ ба коргар гуфтааст. Масъалаи тақдиси коргар мафҳуми ҷадиде аст, ки барои Ҳофиз ва Саъдӣ матраҳ набуда, вале барои Эраҷ Мирзо матраҳ будааст. Бибинед дар он шеъре, ки роҷеъ ба коргар гуфта чӣ қадр ибтикор ба харҷ додааст! Ё эътироз ба хилқат, ҳама эътироз ба хилқат кардаанд, аз Носири Хусрави Ҳаким гирифта то дигарон (ҳоло эътирозашон шӯхӣ бо Худост ё эътирози ҷиддӣ), Эраҷ Мирзо ҳам эътироз карда, вале эътирозҳои Эраҷ Мирзо бар асоси мафоҳими ҷадиди имрӯз аст, мафҳуми ҷадиде аст, ки аср ба ӯ додааст:

*Кош чарх аз ҳаракат хаста шавад*
*Дар фобрики Худо баста шавад*
*Тирани чарх зи рафтор уфтад*
*Мутури номия аз кор уфтад…*

— инҳо мазмунҳои ҷадиде аст, ки дар шеър омада ва наметавонист ғайр аз ин бошад. Аммо инҳо як ҳарф аст, “Эй одамҳо”-и Нимо ҳам — ки парешаб нақл карданд, ки то нақл накарда буданд, мо хаёл мекардем воқеан як ҳарфҳое дорад — ҳарфи дигаре аст, (чизе нест) ғайр аз як силсила мафоҳиме, ки аслан ба назари ман, ҳеч чиз нест. Ё мо бояд бигӯем, аслан ҳеч чиз намефаҳмем ё бояд бигӯем, ҳеч чиз нест, ҷуз ин ки исмашро одам бихоҳад даҳанкаҷӣ бигузорад. Баччаҳоро дидаед? Бачча вақте, ки дар муқобили одами бузург дармемонад, ноқис мемонад, мехоҳад аксуламал нишон бидиҳад, даҳанкаҷӣ мекунад. Инҳо хостаанд дар муқобили шуъарои бузург коре карда бошанд, вале натавонистаанд, дар муқобили онҳо даҳанкаҷӣ кардаанд. То он ҳадде, ки мо суроғ дорем ин тавр аст. Албатта мо як шоири шеъри куҳани муосири ҳисобӣ ҳам надорем. Онҳое,

ки ман мешиносам, чизе нестанд. Албатта баъзеашон хуб ҳастанд, вале инҳое, ки аз онҳо (шоирони навпардоз) дифоъ мекунанд, мо, ки ҳунаре аз онҳо надидем.

Ғаразам ин ҷиҳат аст: башар ҳамин тавре, ки такомул пайдо мекунад, инҳироф ҳам пайдо мекунад. Мо як эътиқоде дорем ва он эътиқод ин аст, ки муқорин бо таҳаввули илмии ҷадиде, ки дар дунёи Урупо пайдо шуд, як инҳироф ҳам пайдо шуд, яъне илм ҳамин тавре, ки мерафт, метавонист як ҷаҳиш бикунад ва лоақалл аз қисмате аз сармояҳои гузаштаи худаш истифода кунад ва роҳи мустақимеро тай кунад. Илм албатта рӯ ба пеш рафт, вале аз рӯйи хатти мунҳанӣ, на аз рӯйи хатти мустақим. Бикун ва… дар айни ин ки ба башарият хидмат карданд, хиёнати бузурге ҳам карданд, ба ақидаи мо, афроде буданд, ки хулуси ният надоштанд, худхоҳ буданд, барои ин ки шахсияти худашонро хеле бузургтар аз он чи ҳаст ҷилва бидиҳанд, ҷиноятҳое ҳам нисбат ба башарият муртакиб шуданд. Вале илм барои ҳамеша дар гумроҳӣ боқӣ намемонад, ҳамин тавре, ки арз кардам, агар рӯйи хатти мустақим ҳам ба сӯйи мақсад тай (-и тариқ) накунад ва рӯйи хатти мунҳанӣ биравад, вале илм аст ва билохира ба мақсад мерасад.

Ман мӯътақидам, ки мо набояд гӯшамон фақат ба даҳани фарангиҳо бошад, ки агар рӯзе гуфтанд руҳ вуҷуд надорад, бигӯем вуҷуд надорад, баъд фардо, ки худи онҳо баргаштанд ва гуфтанд руҳ вуҷуд дорад, мо бигӯем вуҷуд дорад. Мо мехоҳем он хатти мунҳание, ки онҳо тай кардаанд, бо истифода аз ҳамон роҳе, ки худи онҳо тай кардаанд, бо хатти мустақим тай кунем. Мо намехоҳем бозгашт ба гузашта карда бошем, мо мехоҳем хатти мунҳаниро табдил ба хатти мустақим кунем. Мо мехоҳем бигӯем бар асоси ҳамин таҳқиқоте, ки шумо дар инҷо кардаед — бар хилофи он табаияте, ки шумо аз амсоли Бэкон мекунед ва мехоҳед руҳро инкор кунед — доред руҳро таъйид мекунед ва албатта дар сатҳи болотаре ҳам таъйид мекунед, яъне бо истифода аз маводде, ки илми имрӯз дар ихтиёри шумо қарор дода, ки ин маводд дар гузашта набуд. Мо ҳамин тавре, ки набояд аз он тараф исрор дошта бошем, аз ин тараф ҳам набояд исрор дошта бошем. Чаро мо исрори ин гуна дошта бошем? Чаро мо рӯйи ин қазия мутолеа накунем? Мо дар ин баҳси худамон бештар аз ҷанбаи қуръонӣ баҳс мекунем ва иллати ин ки мо бештар матолиби китоби “Зарраи беинтиҳо”-ро мавриди баҳс қарор додем — бо ин ки оқои муҳандис дар китобҳои дигарашон ҳам баҳсҳое кардаанд, вале он баҳсҳо аз назари ман, бо баҳсе, ки дар “Зарраи беинтиҳо” ҳаст хеле ихтилоф дорад — ин аст, ки яке аз имтиёзоти бисёр барҷаста ва олии “Зарраи беинтиҳо” ин аст, ки муттакӣ ба оятҳои Қуръон аст, яъне рӯйи оятҳои Қуръон зиёд тадаббур шуда ва аз оятҳои Қуръон зиёд истифода шуда ва дуруст ва баҷо ҳам ҳаст. Ва илова бар ин ҷиҳат, ки хеле иттико ба оятҳои Қуръон ҳаст, бо мантиқе ҳам, ки барои мо қобили қабул аст ҷур аст, чун бо

мантиқи худамон ҷур ва наздик аст, рӯйи ин ҷиҳат ба он истинод кардем. Ин масоил, ки аз назари мо роҷеъ ба руҳ ва ба таъбири эшон роҷеъ ба унсури саввум буд, барои мо аз ин назар муфид буд, ки татиммаи баҳсеро, ки роҷеъ ба маъод мехоҳем бикунем, аз инҷо идома диҳем.

Масъалаи маъод — ҳамон тавре, ки як бори дигар ҳам арз кардам — аз ҳар мабҳаси дигар аз мабоҳиси динӣ мушкилтар ва муъзалтар аст ва аз ин рӯ иддае мӯътақиданд, ки сад дар сад таъаббудан бояд онро пазируфт. Ҷо ҳам дорад, ки масъалаи мушкиле бошад, чун роҷеъ ба чизе аст, ки мисл ва шабеҳи ӯро (суроғ надорем). Ҳоло агар Қуръон намунаҳоеро зикр мекунад, мусаллам намунаҳо ва аломатҳое аст, роҷеъ ба як ҷаҳоне аст, ки баъд аз ин мехоҳад биёяд ва ҳанӯз вуҷуд надорад. Дар боби маъод чанд ҷур назар додаанд. То мо ин назарҳоро зикр накунем, наметавонем истифодаи худамонро зикр кунем.

## Назариёти мухталиф дар бораи маъод

Ҳамин тавр, ки арз кардам, баъзе гуфтаанд, он маъоде, ки бо ақл мешавад қабул кард, танҳо маъоди руҳонӣ асту бас, маъоди ҷисмонӣ аз назари ақл ва илм қобили тавҷеҳ нест. Намехоҳанд бигӯянд маҳол аст, мегӯянд, мо роҳе барои исботаш надорем.

Ҳамон ҷумлаи маъруфе аст, ки Бӯалӣ Сино рӯйи ақоид ва мабоние, ки худаш роҷеъ ба руҳ[49] дошта гуфтааст; мӯътақид шуда, ки инсон, ки мемирад, танҳо руҳи ӯ (ки фақат ҳамон ақли ӯст) боқӣ мемонад ва бақияи қувваҳо ҳама умури моддӣ ва ҷисмонӣ аст; хаёл қувваи ҷисмонӣ аст, ҳисс қувваи ҷисмонӣ аст, ҳофиза қувваи ҷисмонӣ аст, тамоми ин қувваҳо ҷисмонӣ аст. Руҳи инсон ҳам саодат ва шақоват дорад; ҳар андоза ҳақоиқи бештар ва саҳеҳтар ва олитареро дарк карда бошад ва ҳар андоза малакоти бештаре касб карда бошад, саодати бештаре дорад ва ҳар андоза, ки дар ҷаҳл ва махсусан дар ҷаҳли мураккаб фурӯ рафта бошад, шақоват ва ранҷи руҳии бештаре дорад. Вале инҳо гуфтаанд: аммо анбиё матолиби дигаре дар боби маъод гуфтаанд ва он ғайр аз ин аст, ки мо мегӯем ва мо дар он масоил фақат мутаъаббид ба қавли шореъ ҳастем.

Як назари дигар, назари муҳаддисини мост. Муҳаддисини мо мӯътақиданд — ба қавли худашон — ба маъоди ҷисмонӣ. Албатта мо ҳам мегӯем маъоди ҷисмонӣ, вале онҳо ба шакли хоссе таъбир мекунанд. Онҳо мӯътақиданд, ҳеч фарқе байни дунё ва охират нест

[49] *Яъне танҳо ақл на соири қувваҳои руҳӣ. Қувваи оқиларо муҷаррад ва қувваи мустақил медонистаанд.*

ғайр аз дафъаи дуввум будан, яъне ҳамин вазъи зиндагие, ки шумо имрӯз доред мебинед; ҳамин хуршед дар вазъе, ки ҳаст, моҳ дар вазъе, ки ҳаст, замин дар вазъе, ки ҳаст, ҳамин олам маҷмӯан дар вазъе, ки ҳаст, ҳаминҳо бори дигар бо ҳамин низомот ва бо ҳамин хусусиёт такрор мешавад. Фарқаш бо ҳоло ин аст, ки он дафъаи дуввум аст ва ин дафъаи аввал. Мо як дафъа алъон вуҷуд доштем, дафъаи дигар ҳам баъд вуҷуд пайдо мекунем. Чун аксар қоил ба руҳ ҳам будаанд, гуфтаанд, ки чун руҳи инсон дар вақти мурдан, аз бадан ҷудо мешавад ва аз тарафи дигар, мо дорем, ки мурдаҳо аз қабрҳо зинда мешаванд, пас лобуд маънояш ин аст, ки руҳҳо ба ин баданҳо авд мекунанд.

Маъоди ҷисмонӣ аз назари онҳо яъне маъоди сад дар сад моддӣ бо ҳамаи хасоис ва хусусиёт.

Баъд мегӯем, пас чаро дар ин дунё пирӣ ва мурдан ҳаст ва дар онҷо пирӣ ва мурдан нест? Чаро дар инҷо таклиф ҳаст ва дар онҷо таклиф нест? Чаро онҷо ҷовидонӣ аст? Агар ин олам айни он олам аст ва он олам айни ин олам, пас чаро ин чизҳояш фарқ мекунад? Чаро Худо дар онҷо мардумро мукаллаф намекунад, ки бори дигар ӯро итоъат кунанд ва дар онҷо лиёқати саодат пайдо кунанд? Мегӯянд, Худо ин тавр хостааст, чун ба машияти газофӣ (бемабно) қоиланд, Худо машияташ ин тавр қарор гирифта, ки инҷо дори таклиф ва дори фано ва дори ҳаракат ва тағйир ва дори амал бошад ва онҷо дори ҷазо бошад ва таклиф вуҷуд надошта бошад, тағйир ва ҳаракат ва пирӣ вуҷуд надошта бошад, марг ва нестӣ ҳам вуҷуд надошта бошад, вагарна аз назари ҷинси ин олам ва ҷинси он олам ҳеч тафовуте нест. Худо ин тавр хоста, дар муқобили машияти Худо ҳам ҳарфе намешавад зад.

Вале инҷо назари севвуме ҳаст, ки мегӯяд, машияти газофӣ бо тавҳид созгор нест. Агар ин ҷаҳон ҷаҳони таклиф аст, чун вазъаш тавре аст, ки инсон дар инҷо метавонад мукаллаф бошад ва бояд мукаллаф бошад ва бояд амал кунад ва бояд бо амал, худашро такмил кунад. Ва агар он ҷаҳон ҷаҳони ҷазои аъмол аст, намешавад дар онҷо таклиф вуҷуд дошта бошад, агар мешуд, дар онҷо ҳам Худованд таклиф мекард. Агар дар инҷо пирӣ ва фарсудагӣ ва кӯҳнагӣ ҳаст ва дар онҷо нест, чун низом ду низом аст, синх ду синх аст, нашъа ду нашъа аст, на ин ки ҳамин тавр ба газоф гуфтаанд, инҷо ин тавр бошад, онҷо он тавр бошад. Синхи вуҷуди ин олам як синх вуҷуд аст ва синхи вуҷуди он олам, синхи дигаре аз вуҷуд аст. Боз бино ба насси Қуръон, ҳамон тавре, ки дар он олам тағйир нест, пирӣ нест, фарсудагӣ нест, мурдан нест, беҳиссӣ нест; ин ҳолате ҳам, ки мо онро ҳолати беҳаётӣ ва ҳолати ҷамодӣ меномем нест, чун мо аз Қуръон ин тавр истинбот мекунем, ки ҳар чи дар он олам ҳаст, ҳай ва нотиқ ва гӯёст:

وَإِنَّ الدّارَ الْآخِرَةَ لَهِيَ الْحَيَوانُ

(*Анкабут/64*) санге ҳам, ки дар онҷо вуҷуд дорад, зиҳаёт аст, ҳай аст, об онҷо ҳам ҳаёт дорад, бадан онҷо ҳам зинда аст. Инҷо мо як бадани мурдае дорем ва як руҳи зиндае ва онҷо бадани мо ҳам зинда аст ва аз ин рӯ дасти мо дар онҷо шаҳодат медиҳад. Қуръон ин тавр баён мекунад:

الْيَوْمَ نَخْتِمُ عَلى أَفْواهِهِمْ وَتُكَلِّمُنا أَيْدِيهِمْ وَتَشْهَدُ أَرْجُلُهُمْ بِما كانُوا يَكْسِبُونَ

(*Ёсин/65*) Бар даҳонҳояшон мӯҳр мезанем, ки ба даҳонҳояшон мегӯем ҳарф назананд, дастҳояшон бо мо ҳарф мезанад. Худи ҳамин поҳо вуҷуд дорад, вале ҳарф мезанад ва шаҳодат медиҳад:

وَتَشْهَدُ أَرْجُلُهُمْ بِما كانُوا يَكْسِبُونَ

Ин амрро ба ин ки шаҳодат ба забони ҳол ва таъвил аст, намешавад ҳамл кард. Қуръон сароҳат дорад, чун мегӯяд, инҳо (гунoҳкорон) ба аъзоъ эътироз мекунанд, аъзоъ ба онҳо ҷавоб медиҳанд, дигар забони ҳол маъно надорад.

وَقالُوا لِجُلُودِهِمْ لِمَ شَهِدْتُمْ عَلَيْنا

Ба пӯстҳои худашон мегӯянд: шумо чаро алайҳи мо шаҳодат додед?

قالُوا أَنْطَقَنَا اللّهُ الَّذِي أَنْطَقَ كُلَّ شَيْءٍ

(*Фуссилат/21*) Худо, ки ҳама чизро ба сухан оварда, моро ба сухан овардааст. Ҳадис мегӯяд, ки инҷо пӯст киноя аз аврат аст. Қуръон чун таъаддуб дорад, ки номи асофили аъзоъро намебарад, дар инҷо таъбир ба “ҷилд” кардааст.[50]

---

[50] *Суол: чаро “фуруҷаҳум” намегӯяд? “Фуруҷаҳум”, ки дар Қуръон ҳаст? Ҷавоб: калимаи “фуруҷ” ҳам ба маънии аслиаш ин нест, он ҳам маънии китобӣ аст. Асли калимаи “фарҷ” он тавре, ки аз баъзе аз луғавийин нақл шуда, аслан ба маънои худи доман аст, мунтаҳо аз бас ин калима зиёд истеъмол шуда, мо хаёл мекунем исми хосси аврат аст, дар сурате, ки мегӯянд, исми хосс нест. Ман худам роҷеъ ба калимаи “фуруҷ” дар луғат надидам, вале як вақте оқои Наҷафии Маръашӣ дар Қум — ки ҳоло*

Онҳо мегӯянд, пас масъалаи қиёмат ва дунё сирфи мукаррар шудани ин низом нест. Агар ин низом мукаррар мешуд, маҳол буд хоссияти худашро аз даст бидиҳад. Агар он низом айни ин низом мебуд, пирӣ ва мурдан ва ҳатто таклиф ва ҳатто ҳамин ҷамодот ва мурдагӣ ва тамоми инҳо вуҷуд дошт. Қуръон мегӯяд:

يَوْمَ تُبَدَّلُ الْأَرْضُ غَيْرَ الْأَرْضِ

(*Иброҳим/48*) Замин ҳаст ва замин нест, замин ғайри замин мешавад, ҳам замин аст ва ҳам ғайри замин, мисли ин ки замин ҳаст, вале як тағйироте дар ин замин пайдо мешавад. Он вақт роҷеъ ба ҳамин замин мегӯяд:

وَأَشْرَقَتِ الْأَرْضُ بِنُورِ رَبِّهَا

(*Зумар/69*) Ва замин ба нури парвардигораш нуронӣ аст. Мегӯяд, ин замин (ки алъон дар зоти худаш як мавҷуди зулмонӣ аст, ки агар нури хуршед ба он нарасад торик аст) ба нури парвардигораш нуронӣ аст.

Вақте, ки матлаб ба инҷо расидааст, ки низоми он олам низоми дигаре аст, роҷеъ ба охират гуфтаанд: пас қатъан низоми охират, ин низоми дунё нест, пас он як олами дигаре аст аз синхи олами руҳ (вале руҳ на ба маънои он ақле, ки Бӯалӣ Сино мегуфта, руҳ бо тамоми қувваҳое, ки дорад).

Он гоҳ матлабе мегӯянд, ки ин матлабро илми имрӯз ҳам таъйид мекунад. Мегӯянд, ин оламе, ки ту алъон бо ин хусусиёт дорӣ мебинӣ ва исмашро олами ҷисмонӣ мегузорӣ, ту хаёл мекунӣ, ки ҳамаи ин хусусиёте, ки алъон барои ин олам дарк мекунӣ, инҳо берун аз вуҷуди ту вуҷуд дорад? Бештари ин хусусиётро ту алъон дар ботини худат дорӣ халқ мекунӣ, ҳамон тавре, ки илми имрӯз мегӯяд, мо алъон ин оламро мулавван ва бо як рангҳое мебинем, вале оё олам дар зоти худаш ранг дорад? Вақте илм хеле дақиқ мешавад (мебинад) аслан ранге дар матни олам вуҷуд надорад. Дар асари бархӯрде, ки ин олам бо мо дорад (ранг идрок мешавад). Мо намедонем чӣ тавр мешавад, вале ин қадр медонем, ки мо дар даруни худамон рангро меофаринем. Оқои муҳандис ҳам дар китоби худашон мукаррар зикр кардаанд, ки мо шохистарин мушаххасоти ин оламро абъоди ҷисмонии он медонем, дар сурате, ки илми имрӯз мегӯяд, он чизе, ки асли ин олам аст,

---

*аз мароҷеъ ҳастанд ва мо пеши эшон “Нарҳи Лумъа” мехондем — ин матлабро нақл карданд, ки бар ӯҳдаи эшон аст.*

дар зоти худ шояд аслан буъд надошта бошад ва шояд худи буъд ҳам аз сохтаҳои руҳ ва зеҳни мо бошад. Ҳатто мо хеле наметавонем миёни он чи ки аз ин олам дарк мекунем, марз қоил бишавем, ки чӣ қадри он руҳӣ аст ва чӣ қадри он (ҷисмӣ)? Лаззатҳое, ки мо дарк мекунем, дуруст аст, ки як омили муҳаррике дар берун дорад, вале нафси лаззатро мо дар даруни худамон халқ мекунем. Лаззат дар модда вуҷуд надорад, муҳаррикаш дар модда вуҷуд дорад. Ҳатто лаззатҳои ҷисмонӣ — на лаззатҳои руҳонӣ — ҳам махлуқи руҳи мост, мунтаҳо дар инҷо, ки ҳастем, муҳаррике аз берун бояд вуҷуд дошта бошад. Вақте муҳаррик дар берун буд, он вақт муъидд мешавад барои ин ки мо ин лаззатро дар даруни худамон халқ кунем. Дар он вақте, ки –

يَوْمَ تُبَدَّلُ الْأَرْضُ غَيْرَ الْأَرْضِ

— мешавад, ҳамаи он чизҳое, ки имрӯз бо руҳи худамон бо (кӯмаки) омили моддии хориҷ эҷод мекунем, он вақт бо ҳукумати руҳ эҷод мекунем, ё ба таъбири оқои муҳандис, дар он вақт бо ҳукумати унсури севвум эҷод мекунем. Мунтаҳо онҳо мӯътақиданд, унсури аввал ва дуввум дар дохили худи руҳ аст.[51] Мегуфтанд, шумо хаёл кардаед, ки руҳ ҷисм нест? Руҳ ҳам худаш ҷисм дорад ва мо алъон дорои ду ҷисм ҳастем: як ҷисм ҷисми моддӣ ва ҷисми дигар ҷисми руҳӣ ва ҷисми руҳии мо дорои абъод аст ва мафоҳими риёзиро, ки мо дар зеҳни худамон тасаввур мекунем ва абъод барояш халқ мекунем ва дар олами зеҳн тақсим мекунем, воқеан мо буъди риёзиро дар зеҳни худамон халқ мекунем ва рӯяш ҳисоб мекунем, на ин ки он ки дар зеҳни мост, буъд надорад ва фақат тасаввуре аст аз буъд, тасаввури буъд ғайр аз худи буъд аст. Мо ҳар ҷо, ки дар бораи риёзиёт фикр мекунем ва ҳамаи абъодеро, ки тасаввур мекунем, на ин аст, ки абъоди хориҷро мебинем, балки ҳамон абъод абъоде аст, ки зеҳни мо қудрати халлоқияти онро дорад ва он абъодро дар худаш халқ мекунад.

## Маъод аз назари Мулло Садро

Амсоли Мулло Садро гуфтаанд, маъод ҷисмонӣ аст, аммо ҳамаи маъоди ҷисмониро бурдаанд дар дохили худи руҳ ва олами арвоҳ. Яъне гуфтаанд, ин хасоиси ҷисмонӣ дар олами арвоҳ вуҷуд дорад, ин фосилае, ки қудамо аз қабили Бӯалӣ, миёни руҳ ва ҷисм қоил будаанд ва фақат ақлро руҳӣ медонистанд ва ғайри ақлро руҳӣ намедонистанд, ин фосила вуҷуд надорад.

---

[51] *Албатта унсури дуввум (энергия)-ро намешинохтанд, вале ҷисмро мешинохтанд.*

Аммо албатта ин матлаб ҳам мушкилро ҳал накардааст. Яъне мо инро бо маҷмӯъи оятҳои Қуръон наметавонем (татбиқ кунем). Бо ин ки ҳарфи хеле хубе аст ва онро бо далоили илмӣ ҳам мешавад таъйид кард, вале маъоди Қуръонро бо ин матлаб намешавад тавҷеҳ кард, чун маъоди Қуръон танҳо рӯйи инсон нест, рӯйи ҳамаи олам аст. Қуръон асосан роҷеъ ба олами модда баҳс мекунад, на танҳо инсон:

إِذَا الشَّمْسُ كُوِّرَتْ، وَإِذَا النُّجُومُ انْكَدَرَتْ، وَإِذَا الْجِبالُ سُيِّرَتْ

(*Таквир/1-3*) марбут ба қиёмат аст,

يَوْمَ تُبَدَّلُ الأَرْضُ غَيْرَ الأَرْضِ

Фақат арзи (замини) руҳи моро намегӯяд, Қуръон арз (ҳамин замин)-ро дорад мегӯяд ва соири оёте, ки дар Қуръон ҳаст.
Инҷо чизҳое будааст, ки илми қадим қосир буда ва наметавониста аз инҷо як қадам ҷилавтар биравад, яъне на ин ки амсоли Мулло Садро инҷо, ки расидаанд, ланг шуданд, на, инҷо, ки расидаанд, илми қадим ба шакле буда, ки иҷоза намедодааст як қадам ҷилавтар бираванд, вале илми имрӯз дар инҷо ҷилави моро боз карда ва ҳамин роҳе, ки оқои муҳандис (Бозаргон) рафтаанд, бо такяи илми имрӯз бисёр роҳи муфиде аст. Дар миёни қудамои мо фақат марҳум Оқо Алӣ Мударрис, бо ин ки дар асри қадим ҳам ҳаст (мутаъаллиқ ба замони Носируддиншоҳ аст) ва зоҳир ҳам ин аст, ки таваҷҷӯҳ ба илми ҷадид надошта, вале дар айни ҳол, дар ин замина ҳарфҳое зада, ки бӯйи ин матлаб меояд. Ҷаро илми қадим иҷоза намедодааст? Он рӯз ҳам арз кардам ва ҳоло такрор мекунам: дар илми қадим ин ҳарфҳо наметавониста мафҳум дошта бошад, ки хуршед як рӯзе пир шавад ва аз байн биравад, моҳ пир шавад ва аз байн биравад, замини мо соқит шавад, чун бар асоси фалакиёти қадим буда ва афлок як ҳақоиқи азалӣ ва абадӣ будаанд ва замин ҳам як мавҷуде буда, ки барои ҳамеша бояд дар маркази олам боқӣ бимонад. Хароб шудани олам ба таври куллӣ, барои онҳо наметавониста аз назари илмӣ мафҳум дошта бошад, ҳар вақт мегуфтанд, таъаббудан мегуфтанд, вале аз назари илмӣ наметавонистанд тавҷеҳ кунанд.
Ҳоло, ки Қуръон мегӯяд:

وَالْأَرْضُ جَمِيعاً قَبْضَتُهُ يَوْمَ الْقِيامَةِ وَالسَّماواتُ مَطْوِيّاتٌ بِيَمِينِهِ

(*Зумар/67*) Тасреҳи Қуръон аст: замин дар он рӯз дар қабзаи Худост ва осмонҳо ба дасти қудрати илоҳӣ дарҳам печида мешавад. Агар мо ин марҳиларо ҳам тавонистем ҳал кунем — ки худи оқои муҳандис дар ин марҳила гомҳои хеле муассир ва муфиде бардоштаанд — яъне марҳилае, ки тамоми олам ба сӯйи қиёмат меравад, ки он хавоссе, ки арз кардам (падид меояд), ки низомот иваз мешавад ва тағйир мекунад ва олам меравад ба сӯйе, ки дар онҷо инсонҳо дигар пирӣ надоранд, фарсудагӣ надоранд, мурдан надоранд, таклиф наметавонад онҷо вуҷуд дошта бошад, аҷал ва мӯҳлати муқаррар ва аз ин ҳарфҳо наметавонад вуҷуд дошта бошад, васваса наметавонад вуҷуд дошта бошад ва дар онҷо ҳаёт бар мавт ғалаба мекунад ё — ба таъбири мо — дар онҷо руҳ бар ҷисм ғалаба мекунад, низоми ҷанбаҳои ҳукумати руҳ бар ҷисм аст, на ҷисм бар руҳ, агар мо ин матлабро тай кунем ва биравем ҷилавтар, як қадами бисёр бузургеро бардоштаем. Танҳо он (яъне назари Мулло Садро) наметавонад маъоди Қуръонро ҳал кунад.

* * *

**Ишкол ва пурсиш аз сӯйи яке аз ширкаткунандагон**: *Ман алъон ба оқои муҳандис (Бозаргон) матлаберо арз мекунам, ки қаблан фикр кунанд, шояд худашон ҷавобашро пайдо кунанд: масъалаи муҳим ин аст, ки агар мо ин масъаларо ҳам ҳал кунем, ҳатто собит кунем, ки олами мо рӯ ба қиёмат меравад ва рӯзе хоҳад шуд, ки вазъи олами мо ҳамон вазъе мешавад, ки Қуръон дар бораи қиёмат тавсиф карда, масъалаи бақои шахси мо чӣ хоҳад шуд? Яъне — баҳсе, ки рӯзҳои аввал кардем — оё мо, ки мемирем, ба унвони як фард ва шахс боқӣ ҳастем ё боқӣ нестем? Ва агар ба унвони фард ва шахс боқӣ ҳастем — ки арз кардем мутобиқи он чи Қуръон мегӯяд, қатъан мо ба унвони фард ва шахс боқӣ ҳастем — ин фард ва шахси боқӣ, бо олам, ки ба сӯйи қиёмат меравад, чӣ ҳолате пайдо мекунад? Олам ба сӯйи мо хоҳад омад? Мо ба ин олам бармегардем? Ва агар бигӯем, фард ва шахс боқӣ нест, таклиф ҷазо ва подош ва кайфар ва бақои шахсият — ки насси Қуръон аст — чӣ мешавад? — албатта дар баҳси ду олам ворид шудан хеле мушкил аст! Оқои Мутаҳҳарӣ байни мо аз лиҳози мутолеоти қадимӣ шохис ҳастанд, оқои муҳандис Бозаргон ҳам устоди ҳамаи мо будаанд ва дар татбиқи дин бо маорифи ҷадид аз ҳама устодтар. Оқои муҳандис Бозаргон фармуданд, башар ё ҳар мавҷуди зиҳаёте дар ибтидои пайдоиш, энергияи фаъолаш зиёдтар аст ва баъд ба тадриҷ ин энергия табдил мешавад, он қисмати қобили истифодааш кам мешавад ва он энергияи бехоссияташ, ки энтропия аст зиёдтар мешавад ва ин дар дунболаи ин баҳс буд, ки оқои Мутаҳҳарӣ мехостанд аз такомули фардӣ барои исботи руҳ истинтоҷ*

*кунанд ва оқои муҳандис Бозаргон мефармуданд, такомули фардӣ бар масъалаи исботи руҳ татбиқ намекунад. Оқои Мутаҳҳарӣ фармуданд, истидлоли Қуръон дар бораи такомули фардӣ аст. Албатта истидлоли Қуръон рӯйи такомули фардӣ аст, вале набоист такомулро ба он маъно бигирем.*

*Дараҷоте, ки Қуръон дар хилқат мутазаккир мешавад:*

**ثُمَّ أَنْشَأْنَاهُ خَلْقاً آخَرَ فَتَبَارَكَ اللّٰهُ أَحْسَنُ الْخَالِقِينَ ... ثُمَّ جَعَلْنَاهُ نُطْفَةً فِي قَرَارٍ مَكِينٍ**

*— таваҷҷӯҳ ба натиҷадор будани ин тағйирот аст. Қуръон навъи ин табдили ҳидоятшударо мехоҳад баён кунад. Қуръон назараш ин аст, ки агар ин тағйирот тағйироти ҳидоятшудае набуд, мумкин буд музир воқеъ шавад ва аслан ин энергия ҳадар биравад, дар ҳоле, ки шумо мебинед ин тағйирот муфид воқеъ шудааст. Пас як мудаббире ҳаст, ки ин тағйиротро як тағйироти ҳидоятшудае мекунад, то натиҷаи ғоиаш натиҷаи матлуб бошад. Ин на мунофоте бо назарияи тағйири навъии Қуръон аз лиҳози фард дорад ва на мунофоте бо назарияи табдили энергия.*

**Устод Мутаҳҳарӣ**: Ман фақат як суол (аз оқои муҳандис Бозаргон) доштам: ин тавр фармудед, ки як мавҷуди зинда ҳадди аксари энергияи фаъолро дар ибтидо дорад ва ҳар чи ки бигузарад, аз он коста мешавад. Албатта мо ҳам инро таъаббудан қабул кардем, вале ман он чи ки ба назарам мерасад ин аст, ки баъзе аз ҳамин фарангиҳо дар навиштаҳояшон — ки тарҷима шуда ва мо дидаем ва ҳоло дуруст ёдам нест, ки дар ҳамин китоби “Рози офариниши инсон” аст ва ё ҷойи дигар — ин матлабро зикр мекунанд, ки аз ҷумлаи хавосси ҳаёт ин аст, ки энергияи ҷадид касб мекунад, яъне мунҳасир ба сармояи аввалӣ нест, сармояи ҷадид тавлид мекунад.

Он вақт як суоли дигар ҳам, ки барои мо табъан боқӣ аст ҳамин аст: як селлул, ки дар як инсон ба вуҷуд меояд, фарз кунед худи ҳамин (селлул) офаринандаи миллионҳо селлул аст, он ҳам селлулҳои нутфае, ки ҳар як аз онҳо — агар раҳими муносибе бошад — метавонад маншаъи инсонҳои дигаре бошад, боз ҳар як аз ин селлулҳо худаш махзани нерӯ ва энергия аст, агар он селлули аввалӣ ҳадди аксари энергияро дар ибтидо дорад, ин селлулҳо аз куҷо ба вуҷуд меояд? То он селлул аз берун энергия ба даст наёварда бошад, аз куҷо ин қудратро дорад, ки ин ҳама махзан аз нав эҷод кунад? Чун ҳар селлуле, ки мегӯед маншаъи як инсон аст, худаш як махзани ҷадид аст. Ин мавҷуде, ки худаш як махзан буда, баъд муъодил бо худаш, балки миллионҳо ва миллиардҳо (дар тӯли умр, ки мусаллам миллиардҳост) мисли худаш метавонад эҷод кунад, оё бидуни ин ки касби энергияи ҷадид карда бошад, метавонад эҷод кунад? Пас қоъидатан ин тавр бояд бигӯем,

ки ин хоссият дар нерӯи ҳаётӣ ҳаст, ки лоақалл дар он қисмати эҷоди селлули ҳаётӣ метавонад энергияи ҷадид касб кунад ва агар ғайр аз ин бошад, чӣ тавр қобили тавҷеҳ аст? Мутахассис шумо ҳастед.

Ман аз баёни оқои … истифода кардам ва баёноти эшон ҳам аз ароизи банда агар болотар набуд, камтар ҳам набуд, аммо эшон як чизе гуфтанд, ки маро ба ёди як достоне андохт ва он ин аст: марде аст ба номи Қутбуддини Розӣ, соҳиби китоби "Муҳокиамот", марди бисёр фозил ва олиме аст, ки алъон китобаш мавриди истифода аст. Ӯ омад як коре назири кори оқои муҳандис бикунад ва салоҳияташро ҳам дошт, аммо шӯҳрати ду нафар, он бечораро аз байн бурд. Фахри Розӣ шарҳе навишта бар шарҳи "Ишороти Бӯалӣ" ва хеле эрод кардааст. Хоҷа Насир омада ва шарҳи дигаре карда ва тамоми эродҳои Фахри Розиро ҷавоб додааст. Фахри Розӣ худаш шӯҳрати фавқулъодае дорад ва Хоҷа Насир ҳам шӯҳрати хеле зиёдтаре. Баъд аз сад сол — ва шояд камтар — марде ба номи Қутбуддини Розӣ (ки воқеан ҳам марди олиме аст) китобе навишт ба номи "Муҳокамот", яъне миёни Фахри Розӣ ва Хоҷа Насируддин муҳокама кардааст. Ин китобро навишта ва заҳмат ҳам кашидааст.

Китоби хубе ҳам ҳаст ва ҳадди ақалл аз ҳарфҳои Фахри Розӣ агар болотар набошад, камтар нест, дар сатҳи ҳарфҳои дигарон аст. Китобро навишт — ки алъон мавриди истифода аст — ва бо заҳмати зиёде пеши подшоҳи вақт бурд. Гуфт: чӣ навиштаӣ? Гуфт: Муҳокамот. Гуфт: муҳокама миёни кӣ? Гуфт: Фахри Розӣ ва Хоҷа Насируддини Тӯсӣ. Лобуд он вақт Қутбуддини Розӣ шакли талабае буда. Гуфт: ту кӣ ҳастӣ, ки бихоҳӣ миёни ду бузургвор муҳокама кунӣ?! Чӯб биёваред! Подоше, ки ба бечора доданд ин буд, ки як чӯби ҳисобӣ ба ӯ заданд!

**Муҳандис Бозаргон**: *Оқои … тавзеҳ доданд, ки хеле баҷо буд ва ҳоло дар такмили ҳамон тавзеҳ, барои рафъи ин ибҳом ё истеъҷоб ароизе мекунам ва баъд нуктаи дигареро изофа мекунам. Ин ки арз шуда буд масъалаи пешрафт ва рушде, ки як фард аз замони вилодат то масалан синни 40-солагӣ ва 50-солагӣ пайдо мекунад ва мин ҷамиъи ҷиҳот, ҳам ташкилоти баданӣ ва ҳам зӯр ва қувваташ ва ҳам соири истеъдодҳояш ба таври маҳсус дар ҳоли рушду такомул аст, инро банда такомул ҳисоб накарда будам ва баръакс, он такомули навъиро муайиди он матлаб, ки ҳатман як дасти хориҷӣ ё як унсури севвуме зарурат дорад қарор дода будам. Ин боиси таажҷуб ва ишкол шуда буд. Албатта ҳеч қобили инкор нест, ки як фарди 30-сола ё 40-сола аз ҳеч бобат набошад, аз ҳайси зӯри бозу ва аз ҳайси вазне, ки метавонад баланд кунад ё коре, ки метавонад анҷом диҳад, қобили муқоиса бо як бачаи яксола ва дусола нест ва чун энергияи муассир дар ҷиҳати акс тағйир мекунад, яъне ҳар қадр энтропия боло*

*меравад, энергияи муассир кам мешавад, бинобар ин ба назар меояд, ки энергияи муассири як одами 30-сола хеле бештар аз энергияи муассири як бачаи шаш моҳа бошад. Аммо агар воҳиди энергияи муассир (яъне кулли зӯре, ки масалан як фарди 40-сола дорад, тақсим бар вазнаш)-ро муқоиса кунем, бо зӯре, ки як бачаи 9-сола дорад тақсим бар вазнаш, албатта ин то ҳудуде матлабро равшан мекунад, вале асосан нукта дар ҷойи дигар аст, ҳамин, ки фармуданд масалан як такселлул табдил мешавад ба ду селлул, ду селлул ба чаҳор селлул ва масалан дар арзи 9 моҳ як селлули воҳид дар шиками модар ба ҷойе мерасад, ки соҳиби чашму гӯшу дасту қалб ва ҷавореҳ ва ғайра мешавад ва инро хилофи он чи банда арз карда будам талаққӣ фармуданд, дар сурате, ки ҳамон аст. Мулоҳиза кунед дар арзи 9 моҳи аввал, инсон чӣ қадр рушд мекунад? Баъд 9 моҳе, ки аз соли 40-ум то 40 ба иловаи 9 моҳ тӯл мекашад, чӣ қадр инсон рушд мекунад? Аслан қобили муқоиса нест. Дар 9 моҳи аввал, пешравӣ ва рушди мавҷуд тақрибан бениҳоят аст, яъне агар ташкилот ва қувват ва нерӯе, ки баъд аз 9 моҳ пайдо карда ба он чи рӯзи аввали инъиқоди нутфа дошта тақсим кунем, нисбати бениҳоят аст, аммо ҳар қадр ҷилав биёем, ин нисбат камтар мешавад. Фарз бифармоед бачае, ки ба дунё меояд, рушди ӯ баъд аз 9 моҳ шояд масалан сад баробари бачаи тозамутаваллид аст, вақте 18-моҳа шуд, агар рушди ӯро бар ҳолат 9 моҳагиаш тақсим кунем, шояд даҳ баробар шавад. Ҳамин тавр ҳар чи ҷилав меравем, нисбат камтар мешавад ва масалан аз 40 сол ба он тараф ин нисбат, мусбат нест, муддате тақрибан собит аст, баъд манфӣ мешавад. Энергияи муассир ҳамин аст, яъне энергияи қобили истифода, энергияе, ки метавонад коре бикунад.*

*Инсон аз замони такселлулӣ то вақте, ки ба марг мерасад, дар он ниҳоди ташкил ва таркибаш тавре аст, ки метавонад энергияи муассири бештаре эҷод кунад, то вақте, ки бузург шавад. Албатта дар инҷо рушд ҳаст, такомул ҳаст яъне камол эҷод мешавад ва эъҷоз ҳам ҳаст.*

*Эъҷозаш ин аст, ки дар ҳамон ташкили ҳаста, Худованд ё холиқ (ба қавли мо) чунон имконоте ва чунон таркиботе гузошта, ки ӯ метавонад баъдан соҳиби ақл ва ҳуш ва заковат ва истеъдод ва ибтикор ва ҳамаи инҳо шавад. Ин ҳунари ӯст, мисли гулӯлае, ки тирандозе партоб мекунад ва фарз кунед як кабкро дар фазо мезанад, ин бастагӣ дорад, ки ӯ чӣ зовияе гирифта ва чӣ нерӯе ба ин гулӯла дода, ки тавонистааст ин кабкро бизанад. Тамоми ин камол ва рушд ва пешрафт ва тараққиёти фавқулъодае, ки дар як мавҷуди зинда хусусан инсон мебинем, маълул ва махлуқи он таркиби аввалия аст ва аз назари пешрафт ва осоре, ки натиҷа дода, албатта камол ва рушд ва тараққӣ аст, аммо аз назари он ҳисобе, ки мабнои илзом ба қабули фарзияи унсури севвум аст (ки он*

*масъалаи энтропия аст) хайр. Энтропия доиман дар ҳоли тараққӣ аст, ҳамон тавре, ки мисол арз кардам: инсон дар ҳолати ҷанинӣ тавре аст, ки метавонад дар арзи як рӯз ин қадр ҷилав биравад ва кор кунад, вақте, ки бузург шуд ва болотар омад, он энергияи муассираш камтар мешавад, энергияе, ки метавонад халлоқият ва созандагӣ дошта бошад, дар ҳоли таназзул аст ва рӯ ба марг меравад ва ҳамон тавр, ки арз кардам каломе аз ҳазрати Амир ҳаст, ки шумо аз ҳамон рӯзи таваллуд ба тарафи марг меравед. Ин сад дар сад саҳеҳ аст.*

*Китобе аст тарҷимаи оқои Ором ба номи “Илм, назария, инсон”, ки маҷмӯае аст аз суханрониҳои Шрёдингер. Шрёдингер, физики утриши асле аст, ки аз замони Ҳитлер ба баъд ба Омрико рафта буд ва соҳиби ҷоизаи Нобел ва аз сарони физикаи ҷадид аст.*

*Суханрониҳои ӯ, ҳам муфассал аст ва ҳам хеле ғомиз яъне илмӣ аст, охирин матолиби марбут ба физика (то шояд даҳ сол пеш) дар онҷо ҳаст, ӯ дар он китоб мегӯяд, дуруст аст, ки мо дар замин намунаҳое мебинем, ки дар ҷиҳати хилофи энтропия аст (ҳамин масъалаи китоби “Зарраи беинтиҳо”), вале замин чунин шонсе дорад, ки як модари саховатманде мисли хуршед болои сараш аст ва доиман ба ройгон ба ҳама ҷо энергияафшонӣ мекунад. Агар маҷмӯаи хуршед ва замин ва соири сайёраҳое, ки онҳо ҳам аз хуршед таматтӯъ доранд дар назар бигирем, энтропия тараққт мекунад, вале вақте назарамон ба як нуқтаи хоссе бошад масалан онҷо, ки гиёҳ дар як ҷангал дуруст мешавад, энтропия дар ҳоли таназзул аст.*

*Хуб, ин ҳарфи саҳеҳ ва дуруст аст. Вақте маҷмӯаи ҷаҳонро нигоҳ кунем, энтропияаш дар ҳоли тараққӣ аст ва энергияи муассираш дар ҳоли таназзул ва бинобар ин яке аз нукоте, ки дар “Зарраи беинтиҳо” рӯйи он такя шуда барои ин ки як унсури севвумеро зарурӣ ва воҷиб бидонем, зоҳиран аз байн меравад, яъне агар дар рӯйи замин мавҷуди зинда пайдо шуда ва ё дар анвоъи мавҷудоти зинда такомуле пайдо шуда, ин дуруст аст, ки хилофи асли энтропия аст, яъне як назм ва тафсил ва ташкилот дар ҷиҳати хилофи он аст, вале харҷашро хуршед медиҳад.*

*Ҷавобе, ки дорад ва хеле ҳам содда аст ин аст: бо ин ки энергия аз хуршед меояд, бо вуҷуди ин пайдоиши мавҷуди зинда ва чизҳое, ки дар табиат мебинем, худ ба худ наметавонист анҷом бигирад. Ба таври мисол, як яхчолро дар назар бигирем. Яхчол (чӣ яхчолҳои хонагӣ ва чӣ яхчолҳои бузурги корхонаҳо) чӣ кор мекунад? Як маҳфазае дорад, ки дар онҷо — фарз кунед — шумо як зарфи оби бист дараҷа мегузоред.*

*Ин оби бист дараҷа рафта-рафта хунук мешавад, мерасад ба сифр дараҷа. Ба сифр дараҷа, ки расид, оҳиста-оҳиста табдил мешавад ба ях. Мумкин аст ях ҳам то минҳои панҷ дараҷа биравад, яъне дар инҷо доиман ҳарорат аз ин қолаб гирифта мешавад ва*

*сардтар мешавад. Ин ҳароратҳо куҷо меравад? Пушти яхчолҳо маъмулан як шабакаи симӣ ҳаст, ки доғ мешавад, он кондуктор аст, яъне ҳарорат мураттаб аз он қолаб ё зарфи ях гирифта мешавад ва ба ҳавои уток дода мешавад ва ё дар корхонаҳо аз он ташти бузурге, ки қолабҳои яхсозиро дар он гузоштаанд ҳароратҳое истихроҷ мешавад ва меояд дар конденсатор.*

*Конденсатор ё он чизе аст, ки рӯйи бом гузоштаанд ва ба василаи об хунук мешавад (яъне он об гарм мешавад) ё мисли ин кулерҳои гозӣ аст, конденсатори ҳавоӣ аст, ки боз фазо гарм мешавад. Хулоса як яхчол ва як мошини мубаррад, амале, ки анҷом медиҳад ин аст, ки мураттаб ҳарорат аз як ҷисми сард гирифта мешавад ё ба истилоҳ карно аз як манбаъи сард гирифта мешавад ва дар як манбаъи гарм рехта мешавад. Ин як амали хилофи оддӣ аст. Шрёдингер мегӯяд, дар инҷо агар мо муваффақ мешавем, ки ях дуруст кунем, барои ин аст, ки аз хориҷ як энергия меояд. Ҳоло он энергияи хориҷ ҳамон мотори барқи яхчол аст ё дар яхчолҳои нафтӣ ҳамон нафте аст, ки сӯхта мешавад, яъне энергияи ҳароратӣ ё энергияи электрикӣ меояд ва ин амал анҷом мегирад.*

*Аммо масъала инҷо тамом намешавад. Яхчол агар метавонад ин корро бар хилофи энтропия бикунад, худ ба худ нест. Агар фарз кунед як трубинаи 750 ҳазор киловатиро ҳам биёваранд дар ин уток ба кор биандозанд ва тамоми нерӯҳои энергияи замин ва тамоми марказҳои барқ кор кунанд, ба андозаи як ангуштона ҳам наметавонад ях дуруст кунад.*

*Сирфи ин ки энергия ба як ҷойе илқо шавад, ин амал хилофи энтропия нест, балки баръакс, мураттаб энергия ҳадар меравад ва мураттаб энтропия боло меравад, мураттаб барқҳо меояд ба сурати ҳарорат, садо, нур ва ба суратҳои мухталиф пахш мешавад ва аз байн меравад.*

*Чӣ шуда, ки ин амал сурат гирифтааст? Он мағзи мухтареъи ин мошини яхсозӣ ва дасти коргаре, ки онро сохта, тавре онро тартиб дода, то ин ки — албатта бо харҷ кардани як миқдор энергияи хориҷӣ — як амали зидди энтропия дуруст шавад. Он асл, ки ҳеч вақт ҳарорат ба худии худ аз ҷисми сард ба ҷисми гарм намеравад (яъне ҳеч вақт ба худии худ энтропия таназзул намекунад) барқарор аст ва ду шарт мехоҳад: яке ин ки аз хориҷ як энергия ворид шавад ва шарти дуввум, ки муҳим аст ин аст, ки ташкилот ва тартиботе дода шавад, ки он тартибот иҷозаи ин корро бидиҳад. Дар кураи замин ҳам Шрёдингер тазаккур медиҳад, ки як аъмол ва падидаҳое ҳаст, ки хилофи энтропия аст ва бо вуҷуди ин асли термодинамик боз баҳам намехӯрад, хилофи энтропия ҳаст, вале аз ҷойи дигар энергия меояд ва энтропияи маҷмӯаи ҷаҳон дар ҳоли тараққӣ аст.*

*Ин дуруст аст, вале як дасти солис мехоҳад. Дасти солис ҳамон ирода, машият, руҳ ё унсури саввум аст, ки мебоисте дар кор бошад. Хуршед, ки саҳл аст, агар як миллион хуршед ҳам атрофи заминро мегирифтанд ва мураттаб энергия медоданд, ба андозаи як соқ гандум ҳам дуруст намешуд, модоме, ки машияте, иродае, дасти хориҷе дахолате накунад. Албатта ин дахолат, асосро бар ҳам намезанад. Асл суботи энергия сари ҷояш ҳаст, асли энтропия ҳам сари ҷояш ҳаст, вале бо вуҷуди ин чунин чизе пеш меояд ва ин унсури саввуме аст, ки дар инҷо мо мехостем.*

**Устод Мутаҳҳарӣ**: Оқои муҳандис! Ман як суол доштам. Дар вуҷуди инсонҳо ва ҳайвонҳо, нутфаҳо ва селлулҳои нутфаӣ ба вуҷуд меояд, ки ба миллионҳо ва шояд миллиардҳо бирасад ва ҳар як аз инҳо агар дар як маҳалли салоҳиятдоре қарор бигирад, энергияи муассираш муъодил бо энергияи он селлули аввалия аст. Инҳо аз куҷо ба вуҷуд меоянд?

**Муҳандис Бозаргон**: *Ин энергия, ки мефармоед, аз хориҷ мегирад мисли яхчол, агар ба яхчол энергияи барқ надиҳед, аз худаш наметавонад ях бисозад.*

**Устод Мутаҳҳарӣ**: Тафовуте, ки ҳаст дар ин аст, ки яхчол ин энергияро аз хориҷ мегирад, вале ин (селлул) дар худаш тавлид мекунад, яъне як ташкилоте ҳаст, ки дар ин ташкилот рӯ ба ҳаёт меравад, яъне як фард лоақалл аз назари селлулҳои навъӣ, боз рӯ ба ҳаёт меравад, аммо он яке энергияро аз хориҷ мегирад.

**Муҳандис**: *Хуб, он селлули ҳаётӣ ва селлули ҷинсӣ, ки месозад аз навъи худаш аст.*

**Устод Мутаҳҳарӣ:** Аз навъи худаш бошад, билохира миқдори ҷадиде сохтааст. Мехоҳам бигӯям сад дар сад таназзули энергияи муассир нест, ба далели ин ки он селлули аввалӣ, ки нутфаро ба вуҷуд меоварад — ҳамон тавре, ки фармудед — мароҳили ҷанинро тай мекунад, аз ин рӯ он марҳилаи ҷанин аз назари фардӣ барои мо кофӣ буд, чун баҳс ин буд, ки оё як фард аз ин назар рӯ ба такомул меравад ё намеравад? Ҳазрати олӣ фармудед на, як фард сад дар сад аз назари энергия рӯ ба таназзул меравад. Арз кардам, ҳамин, ки дар вуҷуди фард селлулҳои нутфаӣ ба вуҷуд меояд, ин худаш далел нест, ки аз назари фардӣ ҳам рӯ ба такомул рафтааст?

**Муҳандис**: *Аз он селлулҳои нутфаӣ, ки худаш истифода намекунад. Он селлулҳои нутфаӣ мисли як гандум ё себ, ин тухмҳое, ки медиҳад…*

**Устод Мутаҳҳарӣ**: Вале махзани энергия, ки ҳастанд.

**Муҳандис**: *Бале, яъне чизе месозад. Ин як яхчоле аст, ки худаш яхчол месозад ва бо ин яхчолҳо ду то фарқ дорад: аввалан яхчоли маъмулӣ бо гирифтани энергия амали зидди энтропия анҷом медиҳад, мавҷуди зинда ғайр аз ин, худаш ҳам яхчолсоз мешавад.*

*Он вақт агар такомули навъӣ вуҷуд надошта бошад, то абад айни худашро месозад (ҳамин тавр, ки масалан дар ҳайвонот ҳаст), аммо агар такомули навъиро қабул дошта бошем, ин яхчол яхчоли комилтаре месозад.*

**Устод Мутаҳҳарӣ**: Он чи таъсире дар ин ҷиҳат дорад? Яхчол комилтар дуруст бикунад!

**Муҳандис**: *Яъне худаш эҳтиёҷ надорад, бидуни ин ки худаш истифода кунад месозад. Пас такомули як фардро метавонанд чунин таъбир кунанд, ки худи ин шахс ё ин мавҷуд барои манофеъаш, барои ҳаёташ эҳтиёҷ дорад ва худаш месозад. Вақте шахсе як коре кард, ки ба нафъи худаш шуд, инро метавонем нисбат бидиҳем ба ин ки аз мағзи худаш, аз нафъи худаш ва аз сохтмони худаш ба вуҷуд омада, вале як падар як коре бикунад, ки ба дарди наберааш бихӯрад, инро ҳатман бояд гуфт, ки дигарӣ ин корро карда, ё як коре бикунад, ки сад пушт он тарафтар ҳосилаш оид шавад, инро бештар мешавад нисбат дод ба ин ки як дасти хориҷӣ аст.*

**Устод Мутаҳҳарӣ**: "Бештар мешавад нисбат дод" ғайр аз ин аст, ки фарқ мекунад, яъне ин мабнои далел нашуд.

**Муҳандис**: *Ин ки фармудед, ки инсон ё як мавҷуди зинда селлулҳои таносулӣ эҷод мекунад, ки ин селлулҳои таносулӣ дорои таркибе ҳастанд, ки он таркиб энергияи муассире метавонад дошта бошад, фарқ аст, ки худаш энергияи муассир бошад ё таркибе дошта бошад, ки энергияи муассир дошта бошад.*

**Устод Мутаҳҳарӣ**: Ё ба иборати дигар, мехоҳем бибинем, ки як мавҷуди зинда дуруст мисли як мошин аз он соати аввал, ки ба вуҷуд меояд, бар ҳасби зоҳир дорад рушд мекунад, тараққӣ ва такомул пайдо мекунад, вале дар айни ҳол сад дар сад рӯ ба кӯҳнагӣ меравад ё на, ба як ҳисоб бигӯем, то вақте, ки рӯ ба ҷавонӣ меравад, рӯ ба навӣ дорад меравад (ҳамон тавр, ки ба зоҳир мебинем) ва ё лоақалл дар қисмате аз вуҷудаш, ки ҳамон қисматҳои марбут ба дастгоҳҳои таносулӣ аст, дар ҳоли нав шудан аст? Мо бояд бибинем ин тавр ҳаст ё на? Оё боз дар ҳоли нав шудан аст ё ҳатто аз назари дастгоҳи таносулиаш ҳам дар ҳоли нав шудан нест?

**Муҳандис**: *Бале, куллияи қувваҳои шахс — ҳамон тавр, ки фармудед — рӯзи аввал зоҳир мешаванд, мунтаҳо ҳар кадом даврае дорад, дасту по зудтар, отифа ва дастгоҳҳои таносулӣ бояд ба синни булуғ бирасад, вале ҳамон амали тавлиди селлулҳои таносулӣ ҳам боз машмули ин ҳукм аст, яъне пирамард ё пиразани ақим аст ва селлулҳои таносулӣ тавлид намекунад.*

**Устод Мутаҳҳарӣ**: Аз синни ҷавонӣ ба он тараф, ки шак надорам.

**Муҳандис**: *Вале дар маҷмӯа, ки нигоҳ кунем, созандагӣ (ки унвони дигаре аст барои ин энергияи муассир)-и ҷанини семоҳа — ҳарчанд он ки дар онҷо селлули таносулӣ эҷод*

*намекунад — беш аз созандагии як ҷавони тозаболиғи 16-сола аст. Албатта ҷавони 16-сола аз лиҳози тавлиди селлулҳои таносулӣ нисбат ба ҷанини семоҳа ҷилавтар аст, аммо дар иваз, он ҷанини семоҳа чашм, гӯш, аъсоб димоғӣ ва ғайраро дуруст мекунад, ки баъдан дар 15-16-солагӣ селлули таносулӣ медиҳад. Дар маҷмӯъ, ки нигоҳ кунем ин тавр аст, вале агар фақат таваҷҷӯҳ ба тавлиди селлулҳои таносулӣ бошад, ҳарфи шумо қобили қабул аст.*

## Бақои шахсият дар қиёмат (1)

Баҳси ахири мо як баҳси фаръӣ роҷеъ ба яке аз истидлолҳо буд. Аз ин баҳс мегузарем ва вориди масъалаи дигаре мешавем, ки масъалаи муҳимме аст ва дар ин замина ман аз оқои муҳандис (Бозаргон) суоле карда будам, вале мисли ин ки фаромӯш шуд ва шояд лозим аст тавзеҳ бидиҳем. Он масъала, масъалаи бақои шахсият дар қиёмат аст.

Чанд матлаб ҳаст, ки аз назари Қуръон — мо ҳам дорем дар атрофи қиёмат Қуръон сӯҳбат мекунем — матолиби мусалламе аст, ки бештари онҳоро оқои муҳандис худашон дар ҳамин китоби “Зарраи беинтиҳо” зикр кардаанд ва ман титрҳои ҳар кадомро мехонам ва як қисматро ҳам ман худам дар он рисолаи “Адли илоҳӣ” зикр кардаам.

## Ду навъ ҷаҳон

Мо агар ба Қуръон муроҷеа кунем, барои ин зиндагӣ, ки исмаш зиндагии дунёст як мушаххасоте ҳаст, ё бигӯем як низоми махсусе дар ин зиндагӣ, ки исмашро дунё мегузорем вуҷуд дорад ва дар он чи ки пайғамбарон ба мо хабар додаанд ва Қуръон ба мо хабар медиҳад ба номи зиндагии охират, дар онҷо як силсила мушаххасоти дигаре аст, яъне иҷмолан нишон медиҳад, ки вазъи онҷо бо инҷо дар айни ин ки дар як ҷиҳоте бо ҳам ширкат доранд ва мисли ҳамдигаранд, аммо дар бисёре маворид ҳам бо ҳам тафовут доранд. Ба ин таъбир мо метавонем бигӯем, ки низомоти ҳоким бар ин ҷаҳоне, ки исмаш дунёст, бо низомоти ҳоким бар он ҷаҳоне, ки ба мо хабар додаанд мутафовит аст; як тафовутҳое вуҷуд дорад, ки инро ба таъбири дигар ҳам гуфтаанд; гуфтаанд, дунё як нашъа аст ва охират нашъаи дигар. Ин калимаи “ду нашъа”, ки таъбир мекунанд, мақсуд ин аст, ки ду навъ ҷаҳон, ду навъ зиндагӣ ва ду навъ низом аст.

## Ҷаҳони асбоб ва мусаббабот ва ҷаҳони ҳукумати ирода

Зиндагии ин дунё зиндагие аст, ки аҷал ва муддат ва мӯҳлат дар он ҳукмфармост ва асбоб ва мусаббабот дар он таъсир дорад. Ин ки возеҳ аст, ҳамин тавре, ки мо мебинем, ҳар

чизе, ки дар инҷо бихоҳем ба вуҷуд биёяд, бояд дар шароити муайяне бо як муддат ва замони муайяне ба вуҷуд биёяд. Мо мехоҳем гандум эҷод кунем, ин гандумро фақат дар як шароити замонӣ ва бо як аҷал ва муддат ва мӯҳлати муайян метавонем эҷод кунем. Албатта мумкин аст инсон бо қудрати илмӣ шароитро тағйир бидиҳад, мӯҳлатро камтар ё зиёдтар кунад. Инҳо ҳам як чизҳои сад дар сад қатъӣ нест, масалан мо наметавонем бигӯем мисли як қонуни риёзӣ, ҳатман ин гандум аз аввале, ки дар замин кошта мешавад, то вақте, ки рушд мекунад ва ба марҳилаи дарав мерасад, бояд 6 моҳ бигузарад, ин дигар на зиёдтар мешавад ва на камтар. Мумкин аст шароити табииро тағйир бидиҳанд ва ҳамин, ки дар шароити имрӯз дар муддати 6 моҳ рушд мекунад, дар муддати се моҳ, ду моҳ, як моҳ ё камтар рушд кунад. Вале дар асли матлаб, ки ба ҳар ҳол шароите ва мӯҳлате ва муддате мехоҳад, дигар баҳсе нест.

## الدُّنْيا مَزْرَعَةُ الآخِرَةِ

Дар олами охират, матлубҳо ва мақсудҳо ва ҳадафҳо ба ин шакл нест. Ҳамон тавре, ки дар ҳадиси набавӣ ҳам ҳаст:
Онҷо дигар ҳисоб ҳисоби кишту зироат ва мӯҳлату муддат нест, онҷо ҷойи ҳукумати ирода аст, ҳукумат ҳукумати ирода аст. Агар касе дар онҷо рафт, ҳар чиро ирода кунад ваончунон, ки ирода кунад ва ба мӯҷиби иродааш, ба вуҷуд меояд. Ҳадисе ҳаст, албатта онро урафо бештар нақл мекунанд, ман дар китобҳои ҳадисии худамон надидам, ҳатто уламои муҳаддиси мо мисли Файзи Кошонӣ дар китобҳои ирфониашон нақл мекунанд, аммо дар китобҳои ҳадисиашон нақл накардаанд, чун ба сурати ҳадис муснад нақл нашудааст. Дар онҷо мегӯянд, номае аз Худованд — албатта ин таъбир ва рамз аст — ба аҳли биҳишт мерасад ба ин унвон:

## مِنَ الْحَيِّ الْقَيّومِ الَّذي لا يَموتُ إِلَى الْحَيِّ الْقَيّومِ الَّذى لا يَموتُ

Яъне башар ба он ҳадд ҳаёт ва адами мавт ва ҳатто қайюмият мерасад.

## فِيها ما تَشْتَهِيهِ الْأَنْفُسُ وَتَلَذُّ الْأَعْيُنُ

(*Зухруф/71*) ва соири чизҳое, ки мо дар ин замина дорем мерасонад, ки дар онҷо ҳукумат ҳукумати ирода аст ва иродаи инсон ин қадр маҳкуми шароити хориҷӣ ва замонӣ ва ҳаракат ва тағйир нест. Касоне, ки машраби ирфонӣ ё фалсафӣ доранд, гуфтаанд, асосан он дунё дунёи ҳаракат, тағйир ва такомул нест.

## Дори таклиф ва дори ҷазо

Масъалаи дуввум — ки феълан ман онро аз тавобеъи ин ҳисоб мекунам — чизе аст, ки дар ҷаласаи пеш ҳам арз кардем: дунё дори таклиф аст ва охират дори ҷазо. Ҳазрати Амир фармуд:

وإنّ اليوم عمل ولا حساب وغدا حساب ولا عمل

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 42*) Чаро? Ин як амри газофӣ аст? Худо ҳамин тавр беҷиҳат, ба иродаи газофе дилаш хоста, ки дунёро дори таклиф қарор бидиҳад? Боби тавбаро дар дунё ба рӯйи инсон бозгузошта бошад, мӯҳлат барои киштy такомул пайдо кардан, ислоҳ кардани худ, малакоти олӣ касб кардан, аъмоли солеҳ ба ҷой овардан (дода бошад), ин дунёро ҷойи ин корҳо қарор бидиҳад, вале ба охират, ки рафт, якдафъа бигӯяд, дилаш хоста, ки боби амалро бибандад, боби касби ахлоқ ва малакоти хуб ё бадро бибандад, боби тавбаро бибандад, бигӯяд, ҳар чи дар ин дунё анҷом дода ҳамон аст, инҷо дигар мо ба ӯ иҷоза намедиҳем, бигӯем, миёни инҷо ва онҷо фарқе нест, фақат айбаш ин аст, ки (дар охират) Худо дилаш намехоҳад иҷоза бидиҳад, оё ин тавр аст? Ё на, аслан имкон надорад, аслан моҳияти ин дунё моҳияти амал аст ва моҳияти он дунё моҳияти подош аст, имкони ин ки касе аз роҳи таклиф битавонад дар онҷо коре анҷом бидиҳад, вуҷуд надорад, дар онҷо имкони таклиф ва амал ва тағйир додани худ ва сарнавишти худ (агар саъид аст, баргардад худро шақӣ кунад, агар шақӣ аст, баргардад саъид кунад) вуҷуд надорад, аз боби ин ки низоми зиндагӣ низоми дигаре аст? Мусаллам ҳарф аввалро намешавад гуфт, ки ҳеч фарқе нест ва онҷо ин корҳо имкон дорад, вале Худо дилаш намехоҳад. На, сӯҳбати дилбахоҳӣ нест, онҷо кор нашуданӣ аст.

## Таҷассуми аъмол

Масъалаи севвум, масъалаи таҷассум ва ташаххуси аъмол аст, ки оқои муҳандис ҳам дар инҷо ба сурати банди дуввум зикр кардаанд, мунтаҳо эшон онро таҷассум ва ташаххуси унсури дуввум (энергия) медонанд. Масъалаи таҷассуми аъмол масъалае аст, ки далоили нақлӣ ва шаръии фаровоне бар ин матлаб ҳаст. Аслан лаҳни худи Қуръон ҳам лаҳни таҷассуми аъмол аст. Қуръон таъбир ба ҷазо мекунад, вале худаш дар ҷоҳои дигар матлабро зикр мекунад, ки ин ҷазои амали шумо ҳамон худи амали шумост, ки ба шумо баргардонда мешавад. Инҷо аз он ҷоҳое аст, ки мантиқи Қуръон ҳамеша аз мантиқи муфассирон пеш аст. Муфассирон аз боби ин ки инро як амри маъқул намедонистанд,

ки масалан мо як ҳарфе инҷо задем, ки боди ҳаво шуд ва аз байн рафт ва маъдум шуд, баъд бигӯем нафси амали ту дар қиёмат ба ту баргардонда мешавад, дар тақдир мегиранд, мегӯянд яъне кайфар ва подоши амали ту (ба ту баргардонда мешавад), ки подош як чиз аст, амали ту чизи дигаре аст.

Вале Қуръон ин тавр намегӯяд. Аъамм аз ин ки мо битавонем тавҷеҳ кунем ё натавонем тавҷеҳ кунем, лаҳн ва мантиқи Қуръон ин аст, ки нафси аъмоли шумо ба шумо баргардонда мешавад. Пайғамбар фармуд:

**إنّما هي أعمالكم تردّ إليكم**

Болотарашро худи Қуръон мегӯяд:

**فَمَنْ يَعْمَلْ مِثْقالَ ذَرَّةٍ خَيْراً يَرَهُ، وَمَنْ يَعْمَلْ مِثْقالَ ذَرَّةٍ شَرًّا يَرَهُ**

(*Зилзол/7 ва 8*) Кучактарин амали хайр ва кучактарин амали шарри худашро мебинад.

**وَوَجَدُوا ما عَمِلُوا حاضِراً**

(*Каҳф/49*) Кардаи худро дар онҷо ҳозир мебинанд.

**يَوْمَ تَجِدُ كُلُّ نَفْسٍ ما عَمِلَتْ مِنْ خَيْرٍ مُحْضَراً وَما عَمِلَتْ مِنْ سُوءٍ تَوَدُّ لَوْ أَنَّ بَيْنَها وَبَيْنَهُ أَمَداً بَعِيداً**

(*Оли Имрон/30*) Рӯзе, ки ҳар касе ҳар кори хайр карда, онро ҳозиршуда мебинад ва ҳар кори баде, ки кардааст (орзу мекунад, ки эй кош миёни ӯ ва кори бадаш масофате дур фосила меафтод). Дар ин замина зиёд дорем.

Таҷассуми аъмол як матлабе аст. Нафси аъмоли мо муҷассам мешавад, ки ахбор ва ривоятҳо ҳам дар ин замина зиёд аст: фалон амал меояд, мегӯяд, ман сабри ту ҳастам, дигаре меояд мегӯяд, ман рӯзаи ту ҳастам, дигаре меояд мегӯяд, ман намози ту ҳастам… Аслан ин як достоне аст. Ин матлабро оқои муҳандис ҳам қабул кардаанд, вале дар тавҷеҳе, ки мекунанд, чун амалро аз синхи амал дунёӣ медонанд, таъбир мекунанд, ки ин, таҷассум ва ташаххуси унсури дуввум (энергия) аст, вале бино бар тафсире, ки дигарон аз ин матлаб кардаанд, ташаххус ва таҷассуми унсури севвум аст. Ман дар бораи ин ҳам намехоҳам зиёд баҳс кунам. Онҳо мӯътақиданд, ҳар амале, ки мо дар инҷо анҷом медиҳем, ду виҷҳа дорад: як виҷҳа аз ҷанбаи унсури дуввуми шумо ва яке ҳам аз ҷанбаи

унсури севвум. Дар воқеъ мисли ин аст — албатта ин мисол мисоли ғалате аст — ки як ойинае дар онҷо бошад ва айни он чи ки мо дар инҷо мекунем, дар он ойина мунъакис мешавад, бо ин тафовут, ки дар ойина воқеан чизе мунъакис намешавад, вале он чи ки мо дар инҷо анҷом медиҳем, руҳи он дар ҷойи дигар вуҷуд пайдо мекунад. Ҳамин тавре, ки шумо барои худ шахси унсури севвуме ё — ба таъбири мо — руҳе ғайр аз модда ва бадан қоил ҳастед, мегӯянд, ҳар амале, ки аз инсон содир шавад, он амал ҳам бадане дорад ва руҳе. Бадани амал ҳамин энергия ба таъбири шумост ва руҳи амал он аст, ки вобаста ба ҳамон руҳи инсон аст. Инҳо мӯътақиданд, ки он марҳилаи таҷассум дар он унсури севвумӣ аст, ки шумо баён кардед, на дар унсури дуввум. Мо ҳоло рӯйи ин ҷиҳат ҳам баҳс намекунем, чун на хеле зарурат дорад, ки рӯйи ин матлаб зиёд баҳс кунем ва на рӯйи ин ҳадафе, ки имрӯз дорам таъсире дорад.

## Бақои модда ва зиндагии ҷисмонӣ

Масъалаи дигар, масъалаи бақои модда ва зиндагии ҷисмонӣ аст. Ҳарфи дурусте аст. Мегӯянд, дар олами охират модда ва зиндагии ҷисмонӣ боқӣ аст. Албатта ин ҳамон ҳарфи қоилин ба маъоди ҷисмонӣ аст. Касоне, ки қоил ба маъоди руҳонӣ шуданд, дигарон ҳарфашонро қабул накарданд, ба ин маъно, ки гуфтанд, танҳо маъоди руҳонӣ масъалаи қиёматро ҳал намекунад, яъне агар мо бихоҳем ба он чи ки Қуръон мегӯяд имон дошта бошем, Қуръон барои қиёмат ҷанбаи ҷисмонӣ ва моддӣ қоил аст ва ҳамин тавр ҳам ҳаст, саросари Қуръон пур аст аз ҷанбаҳои ҷисмонии биҳишт ва ҷанбаҳои ҷисмонии ҷаҳаннам, мунтаҳо инҷо эшон таъбир кардаанд: бақои модда ва зиндагии ҷисмонӣ. Ин дуро бо якдигар радиф қарор додаанд.

Як суол ба вуҷуд меояд, ки агар модда ҳам бо тамоми хусусиёт боқӣ бошад, он вақт чӣ гуна метавонем он низомотеро, ки дар онҷо ҳаст (ки аз ҷумла ҳамин масъала аст, ки марг ва пирӣ нест) тавҷеҳ кунем? Албатта эшон ҷавоб додаанд, ки бо ҳукумати унсури севвум бар унсури дуввум, марг ва мурдан ва куҳулат ва ин ҳарфҳо ба куллӣ аз байн меравад, вале қудамо миёни модда ва ҷисм тафкик мекарданд ва мегуфтанд, ҷисм иборат аст аз он ҳақиқате, ки ин абъодро эҷод мекунад, модда як ҳақиқате аст, ки аз он махфитар ва мастуртар аст ва бо таҷзия намешавад онро ба даст овард, балки вуҷуди онро бо далели ақл кашф мекунем. Модда як воқеияте аст, ки он воқеият ҷуз истеъдод ва қобилият барои ҳаракат ва тағйир чизи дигаре нест. Он дунё дунёи ҷисмонӣ аст, вале дунёи моддӣ нест. "Дунёи ҷисмонӣ аст" яъне ҳамин тавр, ки дар инҷо абъоди ҷисмонӣ дорем, онҷо ҳам абъоди ҷисмонӣ дорем, вале моддӣ нест яъне истеъдод ва қувва (ба маънӣ истеъдод)

барои ҳаракат ва тағйир, истеъдод барои чизи дигар шудан, имкон барои ин ки чизе бошад ва чизи дигар бишавад, аз ӯ гирифта мешавад.

Қадри мусаллам ин аст, ки зиндагии ҷисмонӣ дар он дунё ҳаст, ҳоло моддае ба ин маъно ҳаст ё нест, маҳалли ҳарф аст ва бояд бигӯем нест, ба ҷиҳати ин ки агар бошад онҷо бояд дори амал бошад. Маълум мешавад дар айни ин ки ҷисм ҳаст, вале онҷо имкони тағйир додани худ ва тағйир додани вазъи худ вуҷуд надорад. Дар онҷо ҳар чи ҳаст абдоъ аст, яъне ҳар мавҷуде ҳар мартибае аз вуҷуд, ки дорад, бар ҳасби мартибаи вуҷудии худаш метавонад ашёеро ибдоъ ва эҷод кунад, аммо наметавонад худашро аз ҳоле ба ҳоли дигар тағйир бидиҳад.

Асли чаҳорум: "Завол ва лағви асли кухулат", ки мусаллам дар охирате, ки барои мо баён кардаанд ҳамин тавр аст, дар онҷо пирӣ, нестӣ, кӯҳнагӣ нест.

Дар асли панҷум мефармоянд: "Масдари энергия шудани ашё ва қудрати халлоқа ёфтани инсон". Арз кардам, ки ҳамин тавр ҳам ҳаст ва то ба онҷо расидаанд, ки мегӯянд инсон дар онҷо ҳайи қайюми ло ямут мешавад ва қудрати халлоқа пайдо мекунад, мунтаҳо намедонам дуруст бошад, ки бигӯем масдари энергия ва масдари феъл ва эҷод мешавад. Метарсем агар бихоҳем энергия бигӯем, боз охират ва дунё яке шавад ва дар онҷо дор дори амал шавад ва баъд ин суол пеш биёяд, ки пас чаро дар онҷо таклиф вуҷуд надорад?

Асли шашум ин ки онҷо назди Худост. Ин ҳам матлаби бисёр асосӣ аст, ки аз охират таъбир мекунанд ба ин ки назди Худост. Ин ҳам нишон медиҳад, ки нашъаи онҷо бо нашъаи инҷо як тафовуте дорад. Онҷо ба Худо наздиктар аст, инсон агар онҷо бошад, ба Худо ба наҳве наздиктар аст ва инҷо гӯ ин ки оламе аст дуртар, мисли ин ки ин оламҳо бо Худованд як силсиламаротибе дорад ва вақте мо рӯ ба он тараф меравем, рӯ ба сӯйи Худо меравем.

Иҷмолан маълум шуд, охирате, ки Қуръон ба мо муаррифӣ мекунад, маҷмӯан як вазъе дорад, ки бо вазъи ин дунёе, ки мо алъон дорем мутафовит аст, як тафовутҳое ҳаст ва ба ҳамон таъбире, ки арз кардам, он як нашъа аст, ин нашъаи дигар, як низомоте бар он ҳукумат мекунад, ки лоақалл андаке бо низомоте, ки дар ин дунё ҳукумат мекунад тафовут дорад ва аз ин рӯ онҷо охират шуда, инҷо дунё.

## Бақои шахсият

Як масъалаи дигар, ки инҷо (яъне дар китоби "Зарраи беинтиҳо") набуд, он пайванде аст, ки миёни зиндагии дунё ва зиндагии охират аст, ба ин маъно, ки ҳар чи инсон дар онҷо мегирад, дарав кардани он чизе аст, ки дар инҷо коштааст ва ҳамон "худ" ва айни

шахсе, ки дар ин дунё амал кардааст, айни ӯ, худи ӯ, шахси ӯ дар охират мегирад (ё подош мегирад ё кайфар), аъмолаш, ки бармегардад ба шахси ӯ бармегардад, яъне масъалаи бақои шахсият, ки он ки дар охират аст, воқеан ҳамин шахс аст. Инро хаёл намекунам ҳеч кас инкор дошта бошад ва бигӯяд, дунёе вуҷуд дорад ва афрод ва ашхос дар инҷо маъдум мешаванд, баъд дунёи дигаре ба вуҷуд меояд, дар онҷо ҳам як чизҳое сурат мегирад, аммо дигар ин ашхос дар онҷо вуҷуд надоранд. На, ин дигар аз заруриёт аст.

Хаёл намекунам, аҳаде дар ин ҷиҳат тардид дошта бошад, ки воқеан ҳамин "ман", ки дар инҷо ҳастам, ҳамин "ман" дар онҷо ҳастам (саъид ё шақӣ). Ин бақои "ман"-ро мо чӣ тавр тавҷеҳ мекунем? Онҳое, ки қоил ба руҳ буданд — аъамм аз онҳое, ки мегуфтанд руҳ думартиба ба ҳамин дунё бармегардад ё онҳое, ки мегуфтанд дигар руҳ барнамегардад, руҳ ба дунёи охират меравад ва ҳаргиз барнамегардад — мушкил аз ин назар барояшон ҳал шуда буд; мегуфтанд, шахсияти ман ба ин бадани ман нест, шахсияти ман ба он руҳи ман аст, ки бо мурдани ман аз ман ҷудо мешавад, ин бадани ман ҳар вазъе, ки ба сараш биёяд, ба шахсияти ман иртибот надорад. Мисли ин аст, ки вақте либоси манро аз тани ман канда бошанд, баъд ҳар вазъе ба сараш биёяд; касе дигар бипӯшад, онро бардоранд бо қайчӣ тикка-тикка кунанд, дар асид биандозанд ва аслан ба куллӣ аз байн биравад, дар шахсияти ман таъсир надорад. Ин бадан баъд аз мурдани ман ҳар чи ба сараш биёяд, дар бақои шахсияти ман таъсире надорад, ман ӯ ҳастам.

Мунтаҳо онҳое, ки мегуфтанд, баъд мо бояд думартиба ба ин бадан баргардем, дучори ишколоти дигаре мешаванд, на аз ноҳияи бақои шахсият (балки) аз назари дигар. Мегуфт, ин бадани ман баъд хок мешавад, думартиба ҷузъи гиёҳ мешавад, думартиба ҷузъи бадани ҳайвон ё як инсони дигаре мешавад, ё агар бадани ҳайвон шуд, ҳайвон ҷузъи бадани инсон мешавад, яъне бадани ман бори дигар бадани касе дигар мешавад, боз бори дигар ҷузъи бадани касе дигар мешавад ва (ҳоказо).

Басо ҳаст ин зарраҳое, ки имрӯз масалан ба сурати ангушт дар инҷо вуҷуд дорад, баъд аз масалан сад сол ва ҳазор соли дигар ба сурати моддае, ки чашми як каси дигарро ташкил медиҳад ба вуҷуд биёяд. Он вақт агар бино бишавад, ки руҳҳо баргардад ба баданҳои аввал, ин баданҳое, ки то ҳоло пайкари садҳо ва ҳазорҳо руҳ қарор гирифта, ба бадани кадом як аз инҳо баргардад? Шубҳаи маъруфи "окил ва маъкул", ки мегуфтанд, ҳамин буд. Онҳое, ки мегуфтанд, руҳ ба ин бадан барнамегардад, руҳ ба олами охират меравад ва олами охират худаш як олами ҷисмонӣ аст гӯё ин ки моддӣ нест, дигар аз ин ишкол фориғ буданд; мегуфтанд, дигар воқеан ба ин бадан коре нест.

Ба ҳар ҳол аз назари масъалаи бақои шахсият, на ин даста дучори ишкол мешуданд, на он даста, чун мегуфтанд, шахсияти мо ба руҳи мост. Вале фарз ин аст, ки боз он фарзияҳо ба худии худ ишколоти дигаре дошт ва он ин буд, ки Қуръон дар айни ин ки мурданро интиқоли руҳ аз ин бадан ба олами дигар талаққӣ мекунад, вале дар айни ҳол насси сареҳи Қуръон аст, ки мардум дар қиёмат аз ҳамин қабрҳо барангехта мешаванд, ин масъаларо чӣ тавр ҳал кунем?

## Накди назароти муҳандис Бозаргон

Ман, ҳам "Дарси диндорӣ"-ро мутолеа кардам (ки оқои муҳандис баҳсе дар борами охират кардаанд) ва ҳам "Зарраи беинтиҳо"-ро. "Роҳи тайшуда"-ро ахиран нигоҳ накардам. Хаёл мекунам, он чи дар "Дарси диндорӣ" ҳаст, бо он чи ки дар "Роҳи тайшуда" ҳаст, татбиқ мекунад. Дар "Дарси диндорӣ" тавре матлабро баён кардаанд, ки бо он чи ки дар "Зарраи беинтиҳо" ҳаст, мутафовит аст. Дар "Зарраи беинтиҳо" охират бо масъалаи ҳукумати унсури севвум тавҷеҳ мешавад, вале онҷо чун пойи унсури севвум (дар миён) нест, дар воқеъ мо аз ҳамин низоми дунё хориҷ намешавем, дар ҳамин низоми дунё ҳастем. Ман ҳоло қисматҳое, ки дар онҷо ҳаст арз мекунам, баъд худи оқои муҳандис тавзеҳ бидиҳанд, ки мақсудашон чӣ будааст. Дар инҷо ба назари мо мерасад, ки аз назари бақои шахсият ишколи зиёде дорад ва намешавад онро тавҷеҳ кард.

Баҳсе доранд таҳти унвони "Исботи қиёмат", ки дар воқеъ бештар рафъи истибъодот аст, вале унвонаш "Исботи қиёмат" аст. Ман худам дохили паронтез (қавс) навиштаам, "рафъи истибъодот", барои ин ки бидонам матлаб аз ҳамин қабил аст. Масоилеро зикр мекунанд дар муқаддимаи исботи қиёмат ё барои рафъи истибъоди қиёмат, яъне як чизҳое аз ҳамин низоми мавҷуд дар дунё зикр мекунанд. Яке, масъалаи тавлиди мисл дар инсон ва соири мавҷудоти зиндаро зикр мекунанд, мисли ин ки қадам ба қадам мехоҳанд (зеҳни) мо ба сӯйи қиёмат (наздик шавад); мегӯянд, як чизе дар ин дунё вуҷуд дорад ва он масъалаи тавлиди мисл дар инсон аст, яъне мо аз инҷо мефаҳмем, ки як зарраи ночиз дар ҳамин дунё дар шароити мусоид ба сурати як мавҷуди зиндаи бузурге дармеояд. Пас маълум мешавад, чунин чизе алъон дар ин дунё вуҷуд дорад, ки ворисӣ хусусиёт ва сифоти падару модари худаш аст. Инро мо дар ҳамин дунё мебинем. Баъд баҳсе мекунанд, ки ман фақат титрҳояшро зикр мекунам: табиат қудрат дорад бар усорагирӣ ва хулосасозии чанд насл дар як муҳавватаи кучак, ки мақсуд ҳамон ҷурсумаи ҳаётӣ аст ва ҳамон селлуле аст, ки мабдаъи такаввуни нутфа мешавад. Баъд ҳам баёне

доранд, ки дар табиат қонуне ҳаст, ки ӯро ҳимоят ва ҳифозат мекунад, ки Қуръон ҳам аз он ба “қарори макин” таъбир кардааст.

Матлаби дуввум ин аст, ки мо дар табиат хобу бедорӣ мебинем, табиат мехобад бедор мешавад, боз мехобад бедор мешавад: хобу бедориҳои солонае, ки табиат дорад, хобу бедориҳои шабонарӯзӣ, ки инсон дорад, хобу бедориҳои шаш моҳ ба шаш моҳе, ки баъзе ҳайвонҳо доранд. Мо як ҷараёни хобу бедорӣ дар олами табиат мебинем ва мебинем, ки Қуръон ҳам такяе дорад бар рӯйи ҳамин хобу бедоре, ки аз он ҳатто ба маргу ҳаёт ҳам таъбир мекунад, Қуръон рӯйи ин хобу бедории табиат ё маргу ҳаёти табиат такя мекунад. Ин ҳам дуруст аст. Баъд мегӯянд, марги як фард ва тавлиди мисл намунае аст аз хобу бедории навъ, яъне ҳамин тавре, ки фард хобе дорад ва бедорие, навъ ҳам хобе дорад ва бедорие. Мурдани фард ва тавлиди мисл дар воқеъ хобу бедории навъ аст. Мисли ин ки навъ ҳам мехобад ва бедор мешавад, навъ бо мурдани баъзе аз афродаш ба хоб фурӯ меравад ва бо таваллуди афроди дигар бедор мешавад. Баъд дар зайли ҳамин унвон мегӯянд, ки қиёмат яке аз адвори инқилобот аст, ки шомили замин ва хуршед ва ситорагон мешавад. Масъалаи инқилоботро зикр мекунанд.

Асли севвум: “Субот ва бақои табиат”, ҳамин, ки ҳеч чизе маъдум намешавад, модда маъдум намешавад, энергия маъдум намешавад ва агар маъдум мешавад ба ин маъност, ки инҳо ба якдигар табдил мешаванд, вале осор боқӣ мемонад. Ин масъалаи бақои осор масъалаи ҳисобӣ аст: афрод мемиранд, вале осор ва муктасаботи онҳо дар табиат боқӣ мемонад.

Асли чаҳорум: “Намунаҳои фаровони зинда мондан ё зинда шудани мурдаҳо дар дунё”. Намунаҳое зикр мекунанд, ки (инсонҳо) дар дунё ё зинда боқӣ мемонанд ва ё мурдаанд ва зинда мешаванд. Он вақт мисоле зикр мекунанд аз кишти насҷҳо дар озмоишгоҳ, ки аз бадани як мавҷуди зинда як насҷеро бармедоранд (мисли саратонҳо) баъд мераванд онро кишт мекунанд. Ё дар мавриди зинда кардани мурдаҳо мегӯянд, ин дар ҳадде аст, ки як касе, ки аз назари тиббӣ тақрибан дар марҳилаи мурдан аст, баъд меоянд бо як тазриқоте ё бо танаффусҳои маснуъӣ ин мурдаро аз нав зинда мекунанд ва дар охир мегӯянд:

“... *То ин ҳадд тавфиқ ёфтаанд, ки на танҳо барқзадаҳо ва ғарқшудаҳо ва сактакардаҳоро бо танаффуси маснуъӣ ва ҳаракот ва заработ ва тазриқоте ба ҳуш ва ҳаёт биёваранд ва дастгоҳи хомӯшшудаи хобидаи қалб ва танаффус ва ғайраро муҷаддадан ба кор биандозанд, балки гулӯлахӯрдаҳои дар ҷанг ва фавткардаҳои воқеан мурдаро бо дамидани оксиген ва таҳрикоти дарунӣ ва тармими зойеъот ва таъвизи хун ва ғайра ҳақиқатан зинда кунанд ва ин садди ғайри қобили убуреро, ки собиқан миёни*

*мавту ҳаёт тасаввур менамуданд аз байн бибаранд.*” Баъд мисоли дигаре зикр мекунанд:
“*Хобҳое чандинрӯза ва чандинмоҳаи муртозҳо дар қабр ва хобҳои тӯлонии тасодуфӣ, ки гоҳ-гоҳ ба ашхосе даст медиҳад ва ҳамчунин хоби асҳоби Каҳф, ки дар Қуръон ва дар ривоятҳои масеҳиҳо омадааст, намунаҳои дигаре аз имкони таътили тӯлонии ҳаёти инсонӣ ва эҳёи он дар шароити махсуси мусоид мебошад.*” Пас маълум мешавад, ки дар воқеъ ин фосилаи хеле зиёде, ки мо миёни маргу ҳаёт қоил ҳастем ва хаёл мекунем, он касе, ки мурд, дигар мурд ва ҳеч иртибот ва иттисоле миёни мурдан ва зинда шудан нест, ин тавр нест, дар воқеъ мисли ин аст, ки мурдан ва зиндагӣ, ҳар ду дараҷоти як ҳақиқат ҳастанд. Ин касе, ки мерасад ба ҳадди сифр ё пойинтар аз сифр, ҳамоне, ки мо хаёл мекунем мурдаи мурда аст, сад дар сад мурдаи мурда нест, боз имкони зиндагӣ барои ӯ ҳаст.
Баъд фасли дигаре таҳти унвони “Имкони қиёмат ва биҳишт ва ҷаҳаннам” баён мекунанд, ки дар онҷо масоиле аз қабили тасреъи рушд ба василаи тазриқи ҳурмунҳо ва таркиби моводди ғизоӣ ва баъд масъалаи осор ва муктасабот ва малакоте ва таъсири онҳо бар рӯйи ҷамъи пайкар ва аз он ҷумла селлулҳое, ки баъдан маншаъи ҳаёти муҷаддади ин фард ва ё маншаъи (ҳаёти) фарди дигар ба унвони насл мешавад, инҳоро зикр мекунанд ва тақрибан ба ҳамин ҷоҳо матлаб хатм мешавад.
Дар ҳамин фасли “Намунаҳои фаровони зинда мондан ё зинда шудан” матлабе аст, ки бештар ба баҳси “шахсият”-и мо марбут аст. Ман ин миқдорро бароятон мехонам:
“*Агар назарамонро аз инсон ба ҳайвонот ва ба олами наботот таъмим бидиҳем ва аъамми ҳаётро дар назар бигирем, намунаҳои боризе аз зинда мондани ҳаёт ва рушд ва ташкили муҷаддади он мебинем. Дар мавриди гиёҳҳо, ки мисол ва назоири бешумор аст аз қабили қалама задан, пайванд задан, реша хобондан ва ғайра. Дар тамоми ин маворид як қитъаи ҷудошуда аз бадани аслӣ, ки дар ҳукми мурда ба шумор меравад, дар натиҷаи қарор гирифтан дар муҳити мусоид ва ёфтани хӯроки лозим, ба ҷунбиш ва рушд даромада ба таносуби маҳалл, тағйири шакл медиҳад (яъне аз пӯст ва соқа реша сар дармеоварад ва селлули пӯст табдил ба селлули реша ё гул ва ғайра мешавад) ва аз нав як бӯта ё дарахти комил монанди бӯтаи аслӣ сохта мешавад. Дар мавриди ҳайвонот, имрӯза дигар нигоҳдории як насҷи ҷудошуда аз ҳайвони аслӣ ба ҳолати зинда дар шароити озмоишгоҳӣ амали мутадовили соддае мебошад ва тавонистаанд хусусан дар ҳайвоноти содда ва паст, онро ба тавсиа ва нашъу намо водоранд. Инсон чун ба лиҳози таркиб ва ташкили насуҷ дар марҳилаи аълои танаввӯъ ва печидагӣ ва зарофат ва диққат аст, натавонистаанд бо ӯ амалиётеро, ки боғбонҳо аз қадимулайём рӯйи гиёҳон*

*мекарданд ё зистшиносон дар озмоишгоҳҳо бо ҳайвоноти паст менамоянд анҷом диҳанд, вале то ин ҳадд тавфиқ ёфтаанд, ки на танҳо барқзадаҳо ва ғарқшудаҳо ва сактакардаҳоро бо танаффус маснуъӣ ва ҳаракот ва заработ ва тазриқоти ба ҳуш ва ҳаёт биёваранд ва дастгоҳ хомӯш шуда…"*

Мо аз маҷмӯъи инҳо чӣ натиҷаеро ба даст меоварем? Дар воқеъ мо бақои навъро ба даст меоварем, на бақои шахс, яъне агар мо тамоми ин муқаддамотро бипазирем ва ҳамаро сад дар сад қабул кунем, ба назари ман ба он чизе, ки пайғамбарон моро хабар додаанд, як қадам ҳам наздик нашудаем, чун он чи ки онҳо ба мо хабар додаанд ин аст, ки эй шахс, эй инсон, ки ту мемирӣ, ҳамин ту бо ҳамин шахсияте, ки дорӣ, ҳамин шахси ту, ки алъон эҳсос дарду ранҷ мекунӣ бояд бидонӣ, ки дар оянда ҳамин шахс хоҳад омад ва ҳамин шахс агар кори хубе дар инҷо карда, маҳсулашро ба сурати як лаззат ва саодат хоҳад дид ва агар кори баде кардааст ба сурати ранҷу дард ва азобу шақоват хоҳад дид. Дар инҷо ҳадди аксар ин аст, ки мо исбот мекунем ва мегӯем, чӣ тавр шуд, ки агар заррае аз шохаи як дарахти табрезиро ҷудо кунанд ва ба замин қалама бизананд, думартиба дарахти сапедор мешавад, он вақт ин бадани ман, ки дар ин замин ҳаст ва як муктасаботе ҳам касб карда ва як истеъдоде ҳам ба даст оварда, ин зарраҳои бадани ман баъдан ба сурати як инсон дарнаёяд?! Ба назари ман, ин ҳадди аксар ҳаминро исбот мекунад, мегӯяд, мо, ки мурдем, ин бадани мо як муктасаботе ба даст оварда ва як вазъе ба худаш гирифтааст, ки мумкин аст баъд аз ҳазорҳо сол, як зарра аз бадани мо (ҳарчанд як селлул ё ба андозаи як банди ангушти ман) ҳамин тавре, ки як қалама ва баданаи як дарахтро дохили замин мекунанд ва думартиба дарахт мешавад, дар як ҷойи дунё думартиба рушд кунад ва боз як инсоне ба вуҷуд биёяд. Ман мегӯям, гирам ин тавр шуд, оё ман баргаштам? Он мане, ки Қуръон мегӯяд, он ман қатъан бармегардад, ӯ бармегардад? Ба илова, агар ин тавр бошад, мумкин аст як фард ба сурати садҳо ҳазор фард баргардад. Ҳамин тавр, ки шумо аз як дарахти сапедор садҳо қалама дохили замин мекунед ва садҳо дарахти сапедор ба вуҷуд меояд, ба ин сурат мумкин аст аз як фард садҳо, балки ҳазорҳо ва миллионҳо фарди дигар аз замин сар бароваранд. Мунтаҳо шумо хаёл кардаед, инсоне, ки мехоҳад аз инсони дигар ба вуҷуд биёяд, ҳатман бояд аз роҳи таволуд ва таносул бошад (дар сурате, ки) мумкин аст аз роҳи дигар (масалан қалама задан) бошад. Мегӯям, агар фаразан чунин чизе ҳам бошад, ин ба назари мо қиёматро дуруст намекунад, аз назари ин ки шахсият ба ҳеч наҳв маҳфуз нест ва ба илова агар ин тавр бошад, пас мо худамон ҳам мумкин аст алъон дар ҳоли қиёмат бошем, чаро? Афроде, ки дар даҳҳо ҳазор сол ва садҳо ҳазор сол пеш мурдаанд, шояд ҳамонҳо ҳастанд, ки дар вуҷуди мо ба шакле ҷавона задаанд, мунтаҳо аз ҳамон маҷрои таволуд ва таносул.

Билохира ман ин тавр хаёл мекунам, ки бо ин баён, мо ҳатто як қадам ҳам наздик нашудаем. Як матлаберо гуфтаем, аммо ғайр аз охирате аст, ки Қуръон гуфтааст ва дар охирати Қуръон милоки бақои шахсият аст. Дар китоби "Зарраи беинтиҳо" ҳам ман натавонистам чизе пайдо кунам, ки рӯйи ин матлаб такя шуда бошад, ки бибинем масъалаи бақои шахсиятро чӣ гуна ҳал мекунад. Эшон ҳамин қадр вазъи умумии дунёро тавре баён мекунанд, ки ин дунё ба сӯйе меравад, ки дар онҷо ҳукумат ҳукумати унсури севвум аст. Ин матлабро мо қабул мекунем, ҳарфи бисёр хубе аст, аммо таклифи афрод ва ашхос чӣ мешавад? Дар "ман"-и шумо қабул кардед, як ҳақиқате дар "ман" ба таъбири Қуръон дамида шудааст, ки шумо аз он таъбир ба ирода мекунед, таъбир ба амр мекунед, таъбир ба руҳ ҳам мумкин аст бикунед, мумкин аст накунед. Суоли ман яке ин буд, ки оё ин "амр" (ҳамон ҳақиқате, ки дар "ман" вуҷуд дорад) оё ин ҳақиқат худогоҳ аст ё нохудогоҳ, яъне худогоҳи ман аз унсури севвуми ман ношӣ мешавад ё худогоҳи ман марбут ба унсури аввал ва унсури дуввум аст? Суоли дуввуми ман ин аст: вақте, ки ман мемирам, таклифи унсури севвум чӣ мешавад? Унсури севвум фонӣ мешавад? Шумо, ки намегӯед фонӣ мешавад. Фонӣ мешавад ё ба модда ва энергия табдил мешавад ё ба ҳамон ҳолате, ки ҳаст боқӣ мемонад? Агар мӯътақид бошед, ки унсури севвум ба ҳолати унсури севвуме боқӣ мемонад, бояд бигӯем як ҳарфе задаед назири ҳарфи касоне, ки гуфтаанд руҳ боқӣ мемонад. Баъд барои шумо ҳам ин суол ба вуҷуд меояд: ин руҳ, ки боқӣ мемонад, баъд дар маҷмӯи олам, ки растохез ба вуҷуд меояд, он унсури севвум думартиба меояд ба ин бадан мулҳақ мешавад ё мулҳақ намешавад? Агар бигӯед мулҳақ мешавад, боз баргаштед ба маъод ба ҳамон мафҳумӣ, ки инкор мекунед, ки авд як чизе ба бадан бошад ва агар ҳам он фонӣ мешавад чӣ тавр фонӣ мешавад? Маъдум мешавад? Шумо қабул мекунед, ки мавҷуде маъдум шавад? Он думартиба таназзул мекунад, ба модда ё энергия табдил мешавад? Ва билохира аз назари бақои шахсияти шахс, чӣ рӯйи усуле, ки шумо дар "Дарси диндорӣ" тай кардаед ва чӣ рӯйи усуле, ки дар "Зарраи беинтиҳо" он роҳро тай кардаед, чӣ роҳи ҳалле пайдо кардаед? Инро барои мо бифармоед.

**Муҳандис …**: *Бале, як даъвое байни мӯътақидин ба маъоди ҷисмонӣ ва маъоди руҳонӣ буда ва ҳанӯз ҳам ҳаст. Онҳое, ки мӯътақид ба маъоди руҳонӣ ҳастанд, ба таври хулоса мегӯянд, эҳтиёҷе нест, ки ин ҷисм дубора зинда шавад, то мо бихоҳем мушкилоташро ҳал кунем, маъод маъоди руҳонӣ аст ва азоб ва лаззат ҳам азоб ва лаззати руҳонӣ аст. Мӯътақидин ба маъоди ҷисмонӣ мегӯянд, ки ин муғойир бо насси сареҳи Қуръон аст, барои ин ки дар ҷоҳои мухталифе, ки Қуръон тавсифе аз биҳишт ва ҷаҳаннам мекунад, комилан ҳис мешавад, ки аз биҳишт ва ҷаҳаннами ҷисмӣ сӯҳбат мекунад. Банда*

*мехостам суол кунам, ки оё барои лаззат ё ранҷи ҷисмонӣ бурдан, эҳтиёҷ аст ба ин ки ҳатман ҷисм вуҷуд дошта бошад ё бидуни вуҷуди ҷисм ҳам инсон метавонад эҳсоси лаззат ва алами ҷисмӣ кунад? Дар ҷавоби ин суол арз мекунам, лузуме надорад, ки ин ҷисм бо ҳамин шакл ва ҳайат ва абъод ва модда вуҷуд дошта бошад, то эҳсоси лаззати ҷисмӣ бишавад. Беҳтарин ва комилтарин намунааш хоб аст. Мо дар хоб лаззату ранҷи ҷисмиро ба таври комил эҳсос мекунем. Лаззат ва алами охират яъне биҳишт ва ҷаҳаннам ҳам дар айни ин ки барои мо сад дар сад ҷисмӣ ҳис мешавад, ҳеч лузуме надорад, ки ҷисме бошад, яъне ин бадан дубора онҷо ҷамъ шавад ва дар онҷо воқеан оташе ҳозир кунанд.*

*Суоли дигар дар бораи масъалаи "окил ва маъкул" аст. Агар мо аз сӯҳбатҳои ҷаласоти мутаъаддид ин тавр натиҷа бигирем, ки руҳе ва ҷисме вуҷуд дорад, дигар масъалаи "окил ва маъкул" ҳал аст, яъне мо ба ҷисме мӯътақидем, ки аз ҳамин аносури маъмулии моддӣ ташкил шуда ва ба руҳе мӯътақид ҳастем, ки ҳаёт ва шахсият медиҳад ва он руҳ аст, ки шахсияти афродро билихтисос таъйин мекунад. Пас ташкил ва таҷаммӯъ ва тамаркузи маводд ишколе надорад, ки ҳамин оксиген, гидроген, карбон, гӯгирд ва… аст ва дар илм ҳам собит шуда, ки гӯгирде, ки инҷост бо гӯгирде, ки дар хуршед аст фарқ надорад ва ҳамон хавоссро дорост. Пас агар онҳоро ҷамъ кунем ва ҷисме ба вуҷуд биёварем, ҳеч лузуме надорад ҳамон ҷисме бошад, ки дар инҷо будааст, чун як бадан ҳам дар муддати 65-70 сол ҷисми моддиаш дар ҳоли тағйир ва табдил аст, пас агар руҳ дар он ҳулул пайдо кунад, масъала ҳал аст.*

**Устод Мутаҳҳарӣ**: Ҳар ду суоле, ки оқои … карданд ва ҷавобе, ки доданд дуруст аст, мунтаҳо ҳамин чизе, ки алъон эшон гуфтанд, агар ман мегуфтам қабул намекарданд! Сӯҳбати аввалашон ин буд, ки оё ҳатман зарурат дорад, ки як ҷисме вуҷуд дошта бошад, то лаззат ва алами ҷисмонӣ вуҷуд дошта бошад ё на? Ҷавоб додаанд: на. Воқеъ матлаб ҳамин аст, ки на, чун мо, ки лаззат ва аламро ба ҷисмонӣ ва руҳонӣ тақсим мекунем, маънояш ин нест, ки баъзе аз лаззат ва аламҳоро ҷисм мебарад, баъзе аз лаззат ва аламҳоро руҳ мебарад, ҳамаи лаззат ва аламҳоро руҳ мебарад, чун лаззат ва алам марбут ба огоҳӣ ва худогоҳӣ аст ва аслан ҷисм худогоҳ нест. Агар моро зери зарбаи шаллоқ бизананд ва кабудамон кунанд, воқеан ин бадани мо дардаш намеояд, боз он ки дардаш меояд, ҳамон мо ҳастем, мунтаҳо навъи лаззат ё аламе, ки руҳ мебарад аз инҷост, чун як иттиҳоде миёни руҳ ва бадан ҳаст ва вақте, ки шумо дар асари зарба як нороҳатӣ дар инҷо эҷод мекунед ва бар он эътидоли асосӣ зарбае ворид мешавад, он табдил мешавад ба алам ва аз ин рӯ мегӯянд алам ва лаззат ҳар ду (ҳатто ҷисмониҳояш) дар олами руҳ аст, чизе, ки ҳаст, роҳаш фарқ мекунад. Алами руҳонӣ он аст, ки мабдаъаш ҳам руҳонӣ

аст, яъне ҷисм ҳеҷ нороҳатӣ намебинад мисли он ҷое, ки инсон аз ноҳияи ҳисси бартариталабиаш хадша мебинад. Агар инсон якҷо таҳқир шавад, руҳаш дард мекашад бо ин ки қатъан ба ҷисмаш ҳеҷ зарбае ворид нашудааст, ё агар касе азизашро аз даст бидиҳад, руҳаш ранҷ мекашад, бидуни ин ки ба ҷисмаш зарбае ворид шуда бошад, ё агар ба касе навиде бидиҳанд ва иттилоъ пайдо кунад, ки дар оянда ба орзуи бузургаш мерасад, хушҳол мешавад бидуни ин ки масалан ғизое ба зоиқааш расида бошад ё дасташ чизеро ламс карда бошад.

Мисоли хобро ҳам, ки зикр карданд, мисоли олӣ аст. Касоне, ки ҳамин ҳарфро хостаанд бигӯянд, мисоли хобро ҳам зикр кардаанд. Воқеан мо дар олами руъё лаззати ҷисмонӣ мебарем бидуни ин ки аз берун таҳрике рӯйи ҷисми мо шуда бошад, алами ҷисмонӣ мутаҳаммил мешавем бидуни ин ки аз берун зарбае ворид шуда бошад, яъне дар бедорӣ, аз роҳи руҳ танҳо лаззати руҳонӣ ва алами руҳонӣ мебарем, дар олами хоб ба воситаи ин ки — ба қавли онҳо — руҳ озодие аз бадан пайдо карда, ҳамон лаззатҳои ҷисмонӣ ҳам аз дохили худи руҳ бар он ворид мешавад бидуни ин ки ҷисм восита бошад. Бинобар ин аз ин назар ишколе нест.

Вале оқои … бояд таваҷҷӯҳ кунанд, ки касоне, ки эрод мекунанд, ҳарфашон ин аст, мегӯянд: Қуръон намегӯяд мо лаззатамон лаззати ҷисмонӣ ва лаззати руҳонӣ аст, балки мехоҳад бигӯяд ин лаззати ҷисмонӣ ва лаззати руҳонӣ ҳам ба ҳамин шакле аст, ки мо дар бедорӣ мебарем. Агар ин тавр гуфтаанд, он вақт суол суоли қуръонӣ аст, ки Қуръон на фақат гуфта алами ҷисмонӣ, мегӯяд, мо аз ҳамин роҳи ҷисм алами ҷисмонӣ мебарем, ба ҷиҳати ин ки:

كُلَّما نَضِجَتْ جُلُودُهُمْ بَدَّلْناهُمْ جُلُوداً غَيْرَها لِيَذُوقُوا الْعَذابَ

(*Нисо/56*) Пас асли матлаби шумо дуруст аст, вале ин ки оё онро бо Қуръон мешавад татбиқ дод ё надод, маҳалли ишкол аст, ки холӣ аз ишкол ҳам нест.

Матлаби дуввуме, ки фармудед, дуруст аст. Мегӯянд, ҳадди аксар ин аст, ки Қуръон мегӯяд биҳишти ҷисмонӣ, яъне танҳо руҳ нест, бадане ҳам ҳаст, вале чӣ зарурате дорад, ки ҳатман он бадане, ки дар охират бо руҳи ман муттаҳид аст, айни ин бадане бошад, ки дар ин дунё буда? Ва аслан бадане, ки дар ин дунё буда ҳеҷ вақт айни худаш набуда, дар тӯли 60-70 сол он қадр иваз шуда, ки агар ҳамаи он чиро, ки ҷузъи бадани як касе буда (он чизе, ки ба сурати фузулот, пӯстаҳои бадан, нохун ва мӯйи бадан хориҷ шудааст) бихоҳем ҷамъ кунем, ҳар одаме шояд масалан ба андозаи кӯҳи Абӯқубайс — як кӯҳи бузург — мешавад ва ҳол он ки шумо алъон як одами 80-90 соларо, ки бо бадани имрӯз

мебинед, қатъан нисбат ба бадани 60-70 сол пеш чандин бор тағйир кардааст. Ҳатто ҳамон селлули асабӣ ҳам, ки мегӯянд намемирад, ки як селлули дигар ба ҷойи он биёяд, доиман дар ҳоли табодул аст, яъне мураттаб энергия берун медиҳад ва энергияи ҷадид мегирад ва ба ҳар ҳол баданашро иваз мекунад. Пас ин матлаб ҳам, ки фармудед, матлаби дурусте аст, вале боз ҳам агар касе эроде дошта бошад — ки ин дигар эроди зиёде нест, он аввали эродаш қадре мушкил аст — ки бигӯяд хайр, ҳатман бояд ҳамон бадан вақти мурдан бошад, ҳарфи дурусте нест, чун худи Қуръон мегӯяд, ҳатто пире, ки дар 90-солагӣ мемирад (ки як мавҷуди фарсуда аст) дар он дунё ба сурати як ҷавон маҳшур мешавад. Маълум мешавад, ки айни ин бадан нест. Агар ҳамон бадан дар ҳоле, ки мурда, бошад пас одаме, ки ҷавон мемирад дар он дунё ба сурати як ҷавон бояд маҳшур шавад, агар касе пир мурд, бояд ба сурати пир бошад, зишт мурд, онҷо ҳам бояд баданаш зишт бошад, дар сурате, ки зиштҳо дар онҷо зебо мешаванд ва эй басо аз зебоҳо, ки дар онҷо зишт шаванд. Ин суоли дуввуми шумо бо ҷавобатон сад дар сад дуруст аст ва суоли аввал ҳам бо ҷавобе, ки додед дуруст аст. Вале ишколи дигаре дар инҷо дорад, ки мегӯянд, аз назари Қуръон, на танҳо лаззат ва алами ҷисмонӣ аст, аз роҳи ҷисм ҳам ҳаст.

## Бақои шахсият дар қиёмат (2)

Матлабе, ки дар охири ҷаласаи гузашта матраҳ шуд ва қарор шуд дар ин ҷаласа таъқиб шавад, масъалаи маҳфуз мондан ва бақои шахсият аст ва ин яке аз масоили муҳимми қиёмат аст.

Агарчӣ мо лафзе дар Қуръон наметавонем пайдо кунем ба ин таъбир, ки: айюҳаннос! Шахсияти шумо дар қиёмат боқӣ аст, вале ҳамаи таълимот дар масъалаи қиёмат, бар асоси ҳамон бақои шахсият аст, яъне ҳамаи сӯҳбат ин аст, ки шумо, ки дар ин дунё ҳастед ва кори нек ё кори бад мекунед, ҳамин шумо дар назди парвардигор маҳшур хоҳед шуд ва ҳамин шумо ба подоши аъмоли неки худатон хоҳед расид ва ҳамин шумо ҳастед, ки кайфари аъмоли бади худатонро мебинед. Пас як иттисол ва пайвастагӣ ва балки болотар аз иттисол ва пайвастагӣ, як ваҳдат ва ягонагӣ аст миёни он касе, ки дар дунё муртакиби аъмоле мешавад, зиндагие мекунад ва навъе аъмолро муртакиб мешавад ва ҳамон шахс, ки дар қиёмат подош ё кайфари аъмоли худашро дарёфт мекунад, ваҳдати шахсӣ аст. Ва ваҳдати навъӣ ё масалан иртиботи наслӣ кофӣ нест, чун агар бино бишавад ман дар дунё бошам ва зиндагӣ кунам ва баъд, он ки дар қиёмат маҳшур мешавад, як мавҷуде бошад, ки ҳадди аксар аз насли ман аст ва (бигӯянд) ту (маҳшур мешавӣ), вале мақсуд ин аст,

ки навъи ту, фарзанде аз фарзандони ту меояд, ин ғайр аз он чизе аст, ки Қуръон таълим кардааст. Мусалламан ман дар ҳоле, ки худам ҳастам ва баччаам ҳам ҳаст, ман як шахс ва як шахсият ва як фардам ва як масъулият дорам ва баччаи ман шахси дигар ва фарди дигар аст ва масъулияти дигар дорад ва агар подоши амали манро ба баччаи ман бидиҳанд, ин бар хилофи усули адл ба як эътибор ё бигӯем (бар хилофи) фазл хоҳад буд ва махсусан агар бихоҳанд кайфари амали манро ба ӯ бидиҳанд, боз манро кайфар накардаанд ва басо ҳаст, ки нисбат ба ӯ ҳам зулм талаққӣ шавад. Ба ҳар ҳол, қатъи назар аз ин ки масъала аз назари адл ва зулм чӣ шакле пайдо мекунад, чун баҳси мо рӯйи таълимоти адён аст, он чи ки дар адён ва бахусус дар Қуръон омадааст, бидуни шакку шубҳа ин аст, ки айн ҳамин шахс дар қиёмат маҳфуз аст ва ҳамин шахс маҳшур мешавад. Ҳол мехоҳем бибинем чӣ гуна метавонем тасвире аз қиёмат дошта бошем, ки шахси маҳшур айнан ҳамон шахс бошад?

## Фарқи шахс ва шахсият

Ин матлабро муқаддаматан арз кунам: фарқ аст миёни шахс ва шахсият, ё шахсият ба истилоҳи фалсафӣ ва шахсият ба истилоҳи равоншиносӣ. Як вақт мегӯем шахс ё шахсият ва мақсудамон ҳувияти фардӣ аст, яъне як шахсе, ки алъон вуҷуд дорад, як “ман” алъон вуҷуд дорад, як воқеият алъон вуҷуд дорад, ки ин худаш як фарди бахусус аст, як фард аст, ки агар мо фарди дигареро ҳарчанд сад дар сад мушобеҳи ин фарз кунем, ки тамоми хусусиёти ҷисмӣ ва руҳии ӯ сад дар сад мушобеҳи ин бошад ва агар миллиардҳо хусусият дар ин ҳаст, шабеҳи он ҳам дар ӯ бошад, он вақт метавонем бигӯем, ки ин ду аз назари шахсият яке ҳастанд, яъне аз назари зоҳири ҷисм ҳар чи ки ин дорад, он дорад ва ҳар чи ки он дорад, ин дорад, як зарра тафовут нест. Ва аз назари хусусиёти руҳӣ ҳам ҳар чи ки ин дорад, он дорад ва ҳар чи ки он дорад ин дорад, ин ду аз назари шахсият яке ҳастанд, яъне шахсияти ин бо шахсияти он як сари сӯзан тафовут надорад, вале дар айни ҳол ду шахс ҳастанд, ду фардият ҳастанд, ду ҳувият ҳастанд, ду “ман” ҳастанд, ин як “ман” аст ва он “ман”-и дигаре аст.

Он чи дар масъалаи қиёмат матраҳ аст, ваҳдати шахс аст, на ваҳдати шахсият, яъне шахс ҳамон шахс бошад, на шахсият ҳамон шахсият бошад, вале шахс шахси дигар бошад. Агар дар қиёмат фарди дигаре сад дар сад мушобеҳ бо ман оварда шавад, ки ҳама чизи ӯ мисли ман аст бидуни тафовут, аммо худи ман нестам, ӯ мисли ман аст. Ин аз назари он “кам”, ки Қуръон мегӯяд: шумо ҳастед, ки доред подош дода мешавед, кофӣ нест.

# Бақои рух, милоки ташаххуси инсон

Ҳол, ки мо фарқи шахс ва шахсиятро ба ҳасби истилоҳ донистем ва мақсуд ин аст, ки шахс бояд боқӣ ва маҳфуз бошад, арз мекунам касоне, ки қоил ба рух ҳастанд ва руҳро ба ҳар ҳол боқӣ медонанд, милоки ташаххус[52] ва ман будани манро ба ҳамон руҳ медонанд; мегӯянд, аслан ман, ки ман ҳастам, ман будани ман ва ҳамон, ки дорам дарк мекунам ва мегӯям "ман", ки ба илми ҳузурӣ ҳам вуҷудашро дарк мекунам ва мураттаб хотирот ва хутуроте ҳам дар зеҳни ман пайдо мешавад ва ҳама ба як нуқтаи марказии муайян вобастагӣ дорад (яъне он дидан, дидани ман аст, на дидане, ки ба як маҷмӯъ нисбат бидиҳам, яъне дидан дидане аст, ки ба як воҳиди воқеӣ нисбат дода мешавад), дидани ман, рафтани ман, эҳсос кардани ман, ман будани ман, шахс будани ман, ҳувияти фардии ман ба руҳи ман аст. Бадани ман дар шахсияти ман ба маънии равоншиносӣ муассир аст, яъне мусаллам сифоти мумтози ман ба ин таркиботи бадании ман бастагӣ дорад, ки ба ҳар андоза бо шумо шабеҳ бошам, шахсияти ман шабеҳи шахсияти шумост, вале шахси ман ва ҳувияти ман ба ин бадани ман бастагӣ надорад. Бадани ман дар тӯли умр ҳар миқдор, ки таъвиз ва табдил шавад, шахси ман ҳамон шахс аст, чун дигар он зоти ман ба чизи дигар табдил намешавад. Селлулҳои бадани ман ё масалан пайкарае аз як селлули ман (маводде, ки селлули бадан манро ташкил медиҳад) мумкин аст табдил пайдо кунанд, ин яке биравад ва яке дигар ҷойи ӯро бигирад ва билохира бадани ман таъвиз шавад, вале худи ман иваз намешавам, чун он ки ман ҳастам, аз аввали кучакӣ то охири бузургӣ, аз аввале, ки худамро эҳсос кардам ва вуҷуди худамро дарк кардам, ман ҳамон ман ҳастам, собит дар вуҷуди ман ҳамон ман аст ва бақия ҳар чи ҳаст, мутағайир аст.

Ҳатто сифоти руҳии ман ҳам аҳёнан мумкин аст мутағайир шавад. Агар фаромӯшии воқеӣ вуҷуд дошта бошад, ҳамин тавре, ки бар ҳасби зоҳир ҳам вуҷуд дорад[53], мо дар тӯли умрамон ҳар рӯз ҳазорҳо хотира дар зеҳнамон меояд ва ҷузъи шахсияти мо аз назари равоншиносӣ мешавад, вале ду рӯзи дигар ҳамаро фаромӯш мекунем, тамоми ҷузъиёти имрӯз фардо фаромӯш мешавад, ҳатто чизҳое ҳам, ки дар ҳофизаи мо ҷойгир мешавад ва хаёл мекунем дар ҳофизаамон монда, баъд тадриҷан фаромӯш мешавад. Бинобар ин ҷанбаҳои руҳии мо мураттаб тағйиру табдил пайдо мекунад, вале инҳо ба

[52] *Агар шахсият ҳам мегӯем, мақсудамон ҳамон ташаххуси шахс аст.*

[53] *Дар ибтидо хаёл мекунем (ки фаромӯшӣ вуҷуд дорад) вагарна аз назари илмӣ хилофи онро мегӯянд.*

манзилаи аъроз ва аворизе аст, ки бар ман ворид мешавад ва аз ман гирифта мешавад, вале худи ман ҳеч вақт маҳв намешавад, худи ман ҳамеша ҳаст ва ба чизи дигар ҳам табдил намешавад.

Рӯйи ҳисоби инҳо, масъалаи бақои шахсият ба мафҳуми ҳувияти фардӣ (матраҳ аст), ки агар ман дар қиёмат бо ҳамин бадан бошам, бо бадани дигар бошам, ба ҳар шакле бошам, дигар сад дар сад ҳамон ман ҳастам, мунтаҳо мумкин аст шакли ман иваз шуда бошад. Ҳатто агар манро дар қиёмат ба таносуби малакоти руҳии ман масх кунанд ва агар манро ба сурати ҳайвоне ҳам маҳшур кунанд, боз ман ҳастам, ки дар онҷо дорои андоми ҳайвонӣ ҳастам, ман ман аст.

## Назарияи муқобил: инсон ба манзилаи як дастгоҳ

Аммо агар масъалаи бақои рухро матраҳ накунем, он вақт мо аз назари ҳувияти шахсӣ барои инсон чӣ метавонем бигӯем? Як вақт мумкин аст мо аслан барои инсон ҳувияти шахсӣ қоил нашавем, бигӯем аслан ин ки мегӯед “ҳар инсоне як шахс аст ва як ҳувияти фардӣ аст ва ғайр аз шахсият, ки имтиёзоти он шахс аст, як воқеияти воҳиди фардонӣ ба номи инсон вуҷуд дорад” чунин чизе вуҷуд надорад, ин як хаёл аст ва ба иборати дигар, инсон як воҳиди эътиборӣ аст, на як воҳиди ҳақиқӣ, чун инсон маҷмӯан як дастгоҳ аст монанди ҳар дастгоҳи дигаре. Шумо дастгоҳи автомобилро дар назар бигиред. Ҳар дастгоҳе як воҳиди эътиборӣ аст, яъне дигар худи дастгоҳ воқеияте надорад, балки аҷзоъ воқеият доранд, дастгоҳ яъне ин чарх, ин лӯла, ин печ ва ин ҷур чизҳо. Инсон ҳам як дастгоҳ аст, мунтаҳо дастгоҳе, ки маҷмӯае аст аз аҷзоъи моддӣ ва аҷзоъи руҳӣ. Аҷзоъи моддӣ, ҳамин аъзоъ ва ҷавореҳ ва селлулҳое аст, ки мо мебинем, аҷзоъи руҳӣ ҳам иборат аст аз ҳамон хутурот ва хотироте, ки дар зеҳни мо мураттаб пушти сар ҳам меоянд ва мераванд. Як он як тасаввур дар зеҳни мо меояд, сурати падарамон дар зеҳнамон меояд, он дигар сурати модарамон дар зеҳнамон меояд, он дигар мусофирате, ки ба фалон ҷо кардаем, дар зеҳнамон меояд, он дигар як орзу дар зеҳнамон меояд, мураттаб хаёлҳо пушти сар ҳам меоянд ва мераванд, ҳеч хутуре айни хутури дигар нест, ҳеч хотирае айни хотираи дигар нест.

Шахсияти мо яъне ин маҷмӯаи моддӣ ва он маҷмӯаи равонӣ. Ҳамин тавре, ки маҷмӯаи бадании мо тағйиру табдил пайдо мекунад, каму зиёд мешавад, маҷмӯаи равонии мо ҳам тағйиру табдил пайдо мекунад, каму зиёд мешавад. Мо як шахси воқеӣ нестем. Воқеан ман он одами панҷоҳ сол пеш нестам, аз он одами панҷоҳ сол пеш — чун он як маҷмӯа аст — ё навад дар садаш аз байн рафтааст ё сад дар садаш ва агар аз замоне, ки масалан

дусола будем, ҳафт-ҳашт хотирае дар зеҳни мо бошад, ҳамин қадр аз шахси мо боқӣ мондааст. Тоза мо, ки он нестем, мо ин маҷмӯа ҳастем.

Агар мо мункири шахсият ба маънии ҳувияти фардӣ бошем, чандон ишколе аз ин назар боқӣ намемонад. Мегӯем дар қиёмат вақте, ки як ҳайкал ва андоме сад дар сад мушобеҳи ин дуруст шуд (ҳатто лозим надорад ҳамин андоме бошад, ки ман бо он андом мурдаам) ва як хотироте ҳам сохта шуд сад дар сад мушобеҳи ҳамин хотирот, мисли манро, ки эҷод кунанд, манро эҷод кардаанд. Дигар шумо чӣ мехоҳед? "Ман" ғайр аз ин чизи дигаре нест, воқеияти дигаре надорад.

Аммо агар ин матлабро нагӯем ва воқеан манро ба сурати ҳамон ман (дар назар бигирем), яъне ман, ки алъон нишастаам, бояд сад дар сад мутмаин бошам, ки ҳамин ман дар қиёмат подош мебинад ва ҳамин ман дар қиёмат кайфар мебинад, на шабеҳи ман, (дар ин сурат) мо чӣ чизро метавонем милоки шахсият ва ташаххус ба ин маъно қарор диҳем? Он вақт як чизе дар мо вуҷуд дорад, ки он милоки ваҳдат мост, яъне мо алъон худамонро як воҳиди воқеӣ дарк мекунем ва ҳамин воҳиди воқеӣ мехоҳад дар қиёмат маҳшур шавад, он чист? Ман, ки натавонистам пайдо кунам, ҳоло агар оқоён чизе ба назарашон мерасад бигӯянд, то мо рӯйи қазия баҳс кунем.

Ман гумон намекунам, ки агар мо масъалаи руҳро қабул накунем ва ҳамон руҳро ҳам милоки ташаххус ва ваҳдати воқеии худамон надонем ё дар мавзӯъи он унсури севвум — ки оқои муҳандис баён кардаанд ва суол кардам ва ҳанӯз ҷавоб надодаанд — агар ҳамон унсури севвумро худогоҳ надонем ва милоки худогоҳии худамон яъне мани худамонро ҳамон надонем (битавонем бақои шахсро тавҷеҳ кунем). Дар бораи унсури севвум ҳам тавзеҳ надоданд, ки баъд таклифи он чӣ мешавад? Оё он ду мартиба ба моддае, энергияе, аз он ҷур шаклҳо табдил мешавад ё ин ки он унсури севвум бо ҳамон хусусияти худогоҳи худаш боқӣ мемонад ва дигар ба ин дунё барнамегардад? Ҳол инро бояд тавзеҳ бидиҳанд.

Ба ҳар ҳол мо ғайр аз ин фарз, фарзи дигаре барои бақои шахс надорем. Қуръон, ки хостааст қиёматро тақвият кунад, мураттаб мисоли эҳё ва имота дар дунёро зикр кардааст, вале инҳо ташбеҳ аст аз ҳайсе (ки ташбеҳ ҳамеша аз як назар аст, на аз ҷамиъи ҷиҳот), намехоҳад бигӯяд айнан як навъ қиёмати воқеӣ аст. Он чи дар дунё эҳё ва имота аст, таҷдиди мисл аст, на бозгашти шахс дар ҳамин дунё. Замини мо ва гиёҳоне, ки дар ин дунёст ва ҳаёте, ки имсол ҳаст ва аз байн меравад ва соли дигар таҷдид мешавад, ҳамон ҳаёт айнан нест, яъне айни он ашхос соли оянда ба вуҷуд намеоянд, мисл ва шабеҳи онҳо ба вуҷуд меоянд. Он чи дар дунё вуҷуд дорад, таҷдиди амсол аст ва ба истилоҳ бақои навъӣ аст, на бақои шахсӣ ва фардӣ, ки як шайъ дар дунё (аз байн биравад

ва дубора ҳамон шайъ айнан ба вуҷуд ояд). Он чи дар мӯъҷизоти пайғамбарон зикр кардаанд, ки мурдаҳоро зинда мекарданд — ки он намунае аз қиёмат аст — мо аз ҷараёнҳои оддии табиӣ як мисол ҳам надорем, ки як вақт як фард ва як шахс бимирад ва ҳамон фард ва ҳамон шахс дар дунё бори дигар зинда шавад.

## "Ман" дар сухани Декарт

Фақат як нуктаро инҷо изофа кунам, баъд ман ихтиёри сӯҳбатро ба оқоён медиҳам, ки тавзеҳ бидиҳанд. Ва он ин аст, ки ин фикр дар миёни бисёре аз фарангиҳо ва ғайри фарангиҳо пайдо шудааст, ки ин "ман", ки мегӯем, яъне маҷмӯъи ҳамин хотироти мутасалсил (тасалсули хотирот) ва аз ин рӯ ин ашхос ба ҳарфи Декарт аз ин назар айб гирифтаанд, ки (вақте мегӯяд): "ман меандешам пас ман ҳастам" манро як чиз ҳисоб кардааст, андешаро чизи дигаре. "Ман меандешам" ҳамон "андеша мекунам" аст, ҳар чи ки бишавад гуфт беш аз ин нест, "андеша мекунам" (яъне) андеша вуҷуд дорад. "Ман меандешам" ҷуз ин ки "ман ҳамон андеша ҳастам" чизи дигаре нест, на ин ки ман чизе аст ва андеша чизе аст, ман чизе аст, ки меандешад ва ман чун меандешам, пас ман вуҷуд дорам. На, ман яъне маҷмӯаи ҳамин андешаҳо, маҷмӯаи ҳамин хотироти мутасалсиле, ки мураттаб пушти сар якдигар, ҳамдигарро таъқиб мекунанд. Мо хаёл мекунем ин ду чиз аст. Ин мисли он аст, ки мо дар канори ҷӯйи об нишастаем ва ин зарраҳои об молекулаҳое ҳастанд ҷудо аз ҳам — дуруст мисли фавҷи сарбозе, ки доранд аз ҷилави мо рад мешаванд ва ҳаракат мекунанд — вале чашми мо, ки оҳодро намебинад, хаёл мекунад, ки ин об як мавҷуд аст, ки ҳамин тавр имтидод ва кашиш дорад ва дорад меравад, як мавҷуд нест, воқеан мутакассир ва мутаъаддид аст ва мо хаёл мекунем яке аст. Ё мисли як занҷире аст, ки аз ҷилави мо биёянд убур бидиҳанд, ки ин ҳалақоти муттасил ба якдигар меоянд ва мегузаранд ва мо хаёл мекунем занҷир худаш як воқеияте аст, дигар занҷире вуҷуд надорад, занҷир яъне маҷмӯъи ин ҳалқаҳое, ки ба якдигар муттасил ҳастанд. Ин ман (ки мегӯям ман) ба унвони як шайъи дигаре вуҷуд надорад, ман яъне ин ҳалақоти хотирот, ки пушти сари якдигар меоянд ва мегузаранд, ҳамин аст, чизи дигаре нест.

Вале ин матлаб матлаби дурусте нест. Ин хотирот, ки меоянд ва мегузаранд, хотироти мутлақ нестанд. Ҳамаи ин хотирот хотироти вобаста ҳастанд ва аз ин рӯ агар айни хотироти зеҳни ман дар зеҳни шумо биёянд, омадаанд, вале он хотирот вобаста ба як ҷо ҳастанд ва ин хотирот вобаста ба ҷойи дигар, яъне агар ман дар зеҳни худам сурати Масҷиди Шоҳи Исфаҳонро тасаввур мекунам, як тасаввури мутлақ дар зеҳни ман нест,

дар зеҳни шумо ҳам тасаввури мутлақ нест, ки бигӯем он ҳалқаи занҷире аст, ин ҳам ҳалқаи занҷири дигаре аст. Он тасаввур тасаввури вобаста ба ман (як мани хосс) аст, дар воқеъ таҷаллиёти он ман аст. “Ман мебинам”, он бинише, ки дар ман вуҷуд дорад биниши мутлақ нест, биниши ман аст, “шумо мебинед”, боз бинише, ки дар шумо вуҷуд дорад биниши мутлақ нест, биниши шумост. Инҳоро намешавад ба донаҳои занҷир ташбеҳ кард, ки ҳар кадом ҷудост ва ба ҳеҷ ҷо иртибот ва иттисол надорад. Агар ташбеҳ дуруст бошад, инҳоро ба ҳубобҳои рӯйи як об бояд ташбеҳ кард. Агар мо як обе дошта бошем, ки алалиттисол бар рӯйи он як ҳубобҳое пайдо мешавад ва рӯйи онро мегирад, ин тавр нест, ки ҳубобҳо ҷудо (аз он об) бошад, як шайъ аст, ки ин ҳубобҳо доиман бар рӯйи он пайдо мешавад ва (агар ду об дошта бошем) ин ҳубоб ҳубобе аст моли ин об ва он ҳубоб ҳубоби дигаре аст моли он об ва вобаста ба он.

Ба ҳар ҳол, яке аз бузургтарин мушкилот дар масъалаи қиёмат бақои “ман” ва ҳифзи шахсияти “ман” аст. То он ҷое, ки ман эҳсос кардам, дар китоби “Зарраи беинтиҳо” таваҷҷӯҳе ба масъалаи бақои шахсият нашуда ва дар мақоми ҳалли мушкил ҳам барнаёмадаанд. Гӯё ин ки мабонии он китоб ба ҳалли мушкили бақои шахсият бештар кӯмак мекунад, вале мустақиман вориди ин баҳс нашудаанд. Аммо дар китоби “Дарси диндорӣ” ва китоби “Роҳи тайшуда” мутаъарриз шудаанд, ки ман аз “Дарси диндорӣ” — ки баъд аз он ва мухтасартар ҳам ҳаст — як чизҳое ёддошт кардаам ва арз мекунам, баъд худи оқои муҳандис тавзеҳоте хоҳанд дод.

## Нақди назариёти муҳандис Бозаргон

Дар китоби “Дарси диндорӣ” таҳти унвони “Исботи қиёмат” — ҳамон тавре, ки он ҷаласа ҳам арз кардам — чанд масъала зикр шудааст: яке тавлиди мисли инсон ва соири мавҷудоти зинда, яке масъалаи хобу бедории табиат, яке масъалаи субот ва бақои табиат (ки ҳеҷ мавҷуде дар табиат маъдум намешавад ва ҳеҷ маъдуме мавҷуд намешавад), фасли дигаре таҳти унвони “Намунаҳои фаровони зинда мондан ва ё зинда шудани мурдаҳо дар дунё”, ки инҳо аз қабили бақои насл ва ин ҷур чизҳост ва имкони қиёмат ва биҳишт ва ҷаҳаннам, ки дар қисмати аввал яъне “Масъалаи тавлид мисл” ин масъаларо парвариш додаанд: “*Зарраи ночиз дар шароити мусоид, мавҷуди зинда ва борушде мешавад, ки вориси хусусиёт ва сифоти падару модар аст.*” Ин асли мабҳас, мавриди қабул аст ва онҷо ҳам мегӯянд: “*Табиат қодир аст, ки усорагирӣ ва хулосасозӣ кунад ва чанд наслро дар як муҳавватаи кучак, ки ҳамон ҷурсумаи ҳаётӣ ё нутфа ва тухм аст*

*қарор диҳад ва онро ҳимоят ва ҳифозат намояд.*” Ин дар фасли аввал аст ва мавриди қабул аст, вале ҳоло мехоҳем бибинем дар ин масъалаи мо чӣ асаре дорад?

Дар қисмати дуввум, ки таҳти унвони “Хобу бедории табиат” аст, ин матлабро баён кардаанд: “*Ҷараёни табиат ҳама хобу бедориҳои мутаволӣ (пай дар пай) аст ва Қуръон ҳам бар ин хобу бедориҳо ва мавту ҳаётҳо такя кардааст.*” Ин ҳам матлаби дурусте аст. Баъд мегӯянд: “*Ва қиёмат яке аз бедориҳо ва ё инқилобот аст, вале дар сатҳи замин ва хуршед ва ситорагон ва билохира як инқилоб ё бедорӣ ё ҳаёти куллӣ аст.*”[54]

Дар қисмати севвум, ки субот ва бақои табиат аст, масъалаи бақои модда ва энергия ва ҳатто бақои осорро зикр кардаанд, ки осори ҳар касе ҳам боқӣ мемонад; ҳамонҳое, ки аз назари равоншиносӣ, дар инсон ҷузъи шахсияти ӯ шумурда мешавад.

Дар қисмати панҷум, масъалаи “Имкони қиёмат ва биҳишт ва ҷаҳаннам” аст. Дар ин қисмат масъалаи зинда шудани мурдагон ва идомаи ҳаёти рӯиданиҳо аз роҳи қалама задан ва пайванд заданро зикр кардаанд, ки ба назари ман, дар ин қисмат бештар масъалаи бақои шахсиятро на таҳти унвони “Бақои шахсият”, вале асли матлабро хостаанд мутазаккир шаванд. Ин фаслро қадре муфассалтар навиштаам, ки бароятон мехонам:

“*Аз назари илмӣ ва усулан маҳол нест, ки қитъае аз қитъаҳо ва пораҳои тани инсон ҳарчанд фавқулъода кучак бошад, битавонад монанди нутфа, дона, реша, қалама ва ғайра агар дар шароити муносиб қарор гирифт рушд карда, айнан ҳамон шахси аввалияро*[55] *бо ҳамон шакл ва қиёфа ва сифот ва хотирот*[56] *дуруст кунад. Чунин шахсе идомадиҳанда ва ирсбарандаи шахсияти қаблӣ хоҳад буд ва агар муҳити ҷадид дорои шароит ва лавозими муносибтар ва мусоидтар аз муҳити дунё буд, рушду тавсиаи фавқулъода биёбад ва авоқиб ва натоиҷи аъмоли гузаштаро, ки ба сурати малакот ва руҳиёти муктасаба даромадааст ба ваҷҳи хеле шадид ва васеъ бибинад. Муктасабот он чизе аст, ки инсон дар бархӯрд бо пешомадҳо ва таҳрикоти хориҷ бар ҳасби аксуламале, ки иброз дорад ва назар ва рафторе, ки иттихоз намояд, дар вуҷуди хеш эҷод менамояд ва чизе бар сохтмон ё шакли нусуҷ ва аъзоъ ва аъсоби худ меафзояд. Ҳамин ҳолатҳо ва воридот ва тавлидоти шахс ё малакот ва муктасабот, инъикосе дар саросари пайкари мо ва аз ҷумла дар селлулҳои таносулӣ ва селлуле*[57]*, ки аҳёнан бояд*

---

[54] *Ин хулосагирие аст, ки ман кардаам, баъзе аз онҳо айни иборат нест.*

[55] *Нукта дар ин ҷост, баҳси мо ҳам бар сари ҳамин калима аст.*

[56] *Рӯйи калимаи хотирот ҳам такя кардаанд.*

[57] *Он селлул мумкин аст аз селлулҳои таносулӣ ва ё навъи дигаре бошад.*

*маъмури эҳёи баъдӣ бошад хоҳад дошт. Бар ҳасби он ки шахс дар ин дунё чӣ ақида ва мақсад ва масире дошта, чӣ аъмоле анҷом дода ва чӣ гуна вуҷуди худро танзим ва такмил карда бошад, натиҷа ва мероси он пас аз растохез ва рушди муҷаддад ба ӯ бозмегардад.*"

Як суол инҷо ҳаст, ки бо таваҷҷӯҳ ба ин суол аз оқои муҳандис хоҳиш мекунем худашон тавзеҳ бидиҳанд ва он ин аст: оё эшон мӯътақиданд, ки дар ин фарзия[58] барои ҳар инсоне фақат як селлул хоҳад буд, ки ин истеъдодро дорад, ки баъд — ҳамин тавре, ки худашон баён кардаанд — битавонад монанди нутфа, дона, реша, қалама ва ғайра айнан ҳамон шахси аввалияро бо ҳамон шакл ва қиёфа ва сифот ва хотирот дуруст кунад, ки ин идомадиҳанда ва ирсбарандаи шахсияти қаблӣ бошад? Дар ҳар инсоне фақат як селлул чунин истеъдодеро дорад? Ин ҳамон ҳарфе аст, ки қудамо роҷеъ ба инсон мегуфтанд ва иттифоқан дар ҳадис ҳам як чизе овардаанд, гуфтаанд, ки ҳамаи бадани инсон муталошӣ мешавад ва аз байн меравад ва он милоки шахсияти инсон ҳам нест. Онҳо як чизҳоеро зарраҳои аслӣ меномиданд ва дар воқеъ он зарраҳои аслиро милоки шахсияти афрод қарор медоданд, вале албатта ин аз назари онҳо як фарзия буд, ки ҳар тавре дилашон мехост бигӯянд, мегуфтанд, мумкин аст чунин чизе бошад. Вале аз назари оқои муҳандис ва бар асоси баёни илмӣ, ки гуфтаанд, намешавад гуфт мумкин аст, яъне аз он муқаддима намешавад ҳар тавр натиҷагирӣ кард.

Мегуфтанд, як зарраҳои бахусусе дар бадани инсон ҳаст, ки фақат ҳамон зарраҳо истеъдоди инро дорад, ки баъд рушд кунад ва ҳамон одам аз нав ба вуҷуд биёяд. Дар воқеъ ҳомили шахс ва шахсияти инсонро як зарраҳои муайян медонистанд.

Бо он муқаддимоти куллӣ, ки оқои муҳандис гуфтаанд, мехоҳанд қоил шаванд, ки дар ҳар инсоне фақат як селлул вуҷуд дорад, ки баъд метавонад рушд кунад ва ҳамон инсонро ба вуҷуд оварад. Эшон ин матлабро қаблан гуфтаанд ва хеле ҳам тавзеҳ додаанд (махсусан дар "Роҳи тайшуда"), ки тамоми селлулҳои бадани инсон ворисӣ шахсияти ӯст ва ҳар селлуле ба навбаи худ метавонад чунин кореро анҷом диҳад ва хаёл намекунам мабонии илмие, ки худашон баён кардаанд чунин иҷозае бидиҳад, ки инро ба як селлул ихтисос бидиҳанд. Агар бигӯед дар ҳамаи селлулҳо ин имкон ҳаст, бинобар ин монеъе надорад, ки як инсон, ки мемирад, аз вуҷуди ӯ ҳазорҳо инсони дигар дар растохез маҳшур шаванд, яъне ин инсон ба сурати ҳазор инсони дигар дар қиёмат маҳшур мешавад (ин селлул дар як шароите, он селлули дигар дар шароити дигаре ва…), дар ин сурат дар қиёмат як Мутаҳҳарӣ ва як муҳандис Бозаргон нест, ки бихоҳанд бо

[58] *Худашон ҳам мегӯянд сурати фарзия дорад.*

ҳам мубоҳаса кунанд, садҳо ҳазор Мутаххарӣ ва миллионҳо муҳандис Бозаргон берун меоянд, ҳар кадом ҳам, ки омаданд, ҳамон “ман” ҳастанд.

Агар ҳар селлуле имкони инро дошта бошад, ки шахсияти шахсро бори дигар рушд бидиҳад, ин далел бар он аст, ки шахсиятҳо дар қиёмат такрор мешаванд, аммо шахси он шахс нест, ҳувияти он ҳувияти фардӣ нест, як ҳувияти фардӣ ва як ман (ҳамин мане, ки алъон ман ҳастам) қатъан наметавонад миллионҳо ман бошад. Ҳол агар аз назари илмӣ ҳам нахоҳем қабул кунем, Қуръон ҳам барои ҳар касе як шахсияти маҳшур бештар қоил нест, намегӯяд шумо ба сурати ашхоси мутаъаддид маҳшур мешавед, (мегӯяд) шумо танҳо ба сурати як шахс ва як фард маҳшур мешавед.

Ин як суол, ки оё фақат як селлул ин истеъдодро дорад ё ҳама? Ва дар ҳар сурат, ишколе ба он ворид аст. Баъд ҳам ба таври куллӣ дар милоки шахсият (ба маъние, ки мо арз кардем) чӣ назаре медиҳанд? Воқеан мо, ки дар онҷо ҳастем, як ҳувияти фардӣ ҳастем ё на, ҳувияти фардӣ аслан дурӯғ ва хаёл аст? Мо як дастгоҳ ҳастем, ҳамин тавр, ки ин масҷид ҳам як дастгоҳ аст ва ҳамин тавр, ки баъзе аз фарангиҳо гуфтаанд “ман” як дурӯғи бузург аст, аслан “ман” амри интизоъӣ аст? Ҳамин тавре, ки шумо мегӯед, Теҳрон, вале Теҳрон вуҷуд надорад, яъне дигар Теҳрон як вуҷуде ғайр аз вуҷуди ин сохтмонҳо ва ин марокиз ва ташкилот нест. Теҳрон яъне маҷмӯъи ин сохтмон ва он сохтмон ва ин хиёбон ва он хиёбон ва ин ташкилот ва он ташкилот ва ин хусусиёт. Аз ин рӯ гоҳе тамоми ин Теҳрон дар тӯли сад сол ва дивист сол хароб мешавад ва аз нав оҷурҳои дигаре аз заминҳои дурдаст меоваранд ва сохтмонҳои дигаре месозанд, инсонҳои дигаре меоянд, мегӯем Теҳрон ҳамон Теҳрон аст.

Ҳазор ва дивист сесад сол аст, ки Бағдод Бағдод аст. Ин як амри эътиборӣ аст.

Бағдоде вуҷуд надорад, хона вуҷуд дорад маъдум мешавад меравад ё инсоне вуҷуд дорад меравад, хиёбоне вуҷуд дорад иваз мешавад. Бағдод вуҷуд дорад ба маънии ин ки ин маҷмӯа вуҷуд дорад, вале худаш ба сурати як шахс ва як ҳувияти воқеӣ ва фардӣ вуҷуд надорад. Оё ҳувияти мо назири ҳувияти Теҳрон ва Бағдод аст ё на, як ҳувияти фардии шахсии воқеӣ вуҷуд дорад? Мо бояд мутмаин бошем ҳамон, ки алъон онро “ман” дарк мекунем ва онро шахс ва фард дарк мекунем, ҳамон фард дар қиёмат маҳшур мешавад. Ҳоло аз инҷо навбати оқои муҳандис аст, ки ифоза бифармоянд.

**Муҳандис Бозаргон**: *Ибтидо роҷеъ ба он ҷумлаи маъруфи Декарт матлаберо арз кунам. Ӯ дар ин ҷумла таваҷҷӯҳе ба “ман” надорад, мунтаҳо дар фаронсавӣ ва ангилисӣ ва забонҳои хориҷӣ дар сиғаи аввали шахс ҳамеша “ман” такрор мешавад. Мо мегӯем: гуфтам, мефаҳмам, мешунавам, вале онҳо як ман ҳам ҷилаваш меоваранд: ман гуфтам. Мо агар бихоҳем хеле таъкид кунем масалан мегӯем: ман ин дастурро додам. Оқои*

*Мутаҳҳарӣ ҳам дар тарҷимаи он ки шояд аз арабӣ нақл шуда ин тавр фармуданд, ки: “Ман меандешам, пас ман ҳастам”. Вақте, ки таъкид рӯйи “ман” мекунанд, мисли ин аст, ки Декарт хостааст роҷеъ ба маният ва шахсият сӯҳбат кунад, дар сурате, ки ин тавр нест. Ӯ дар ин ҷумлаи маъруфаш аслан коре ба вуҷуди шахсият ва ман ва маният надорад, дар муқобили онҳое, ки аслан мункири вуҷуданд мехоҳад бигӯяд, агар ман мункири Худо бошам, мункири ҳақиқат бошам, мункири олам бошам, мункири илм бошам, мункири ҳама чиз бошам, вале мункири худам наметавонам бошам, чун дорам фикр мекунам, пас ҳастам, пас як ҳастие вуҷуд дорад.*

**Устод Мутаххарӣ**: Декарт аз ҳамин ҷо — на ба далели дигаре — вуҷуди руҳро исбот мекунад, баъд меравад суроғи ҷисм. Агар сирфи вуҷуди “ман” барои ӯ матраҳ набуд (аъамм аз ин ки ин “ман” ҳамон ҳастӣ бошад ва аъамм аз ин ки “ман” маншаъи андеша бошад ё худи андеша) инро дигар наметавонист бигӯяд. Бинобар ин масъалаи нафс ва руҳ, ки собит шуд, он вақт ҷисм ва баъд Худоро (исбот мекунад), инро мабно қарор медиҳад ва ин далел бар он аст, ки ба ҳамин нукта таваҷҷӯҳ доштааст. Албатта дар китоби “Гуфтор” дар равиши дуруст ба кор бурдани ақл, ки Фурӯғӣ тарҷима карда бештар аз ҳама ва низ дар китобҳои арабӣ (ин матлаб) ҳаст. Эроде, ки дигарон ба ӯ гирифтаанд, рӯйи ин ҳисоб аст, ки (аз назари Декарт) “ман” ба унвони як шайъи андешакунанда вуҷуд дорад. Баъзе ба ӯ эрод гирифтаанд, ки ту қабл аз он як асли дигареро қабул кардаӣ ва он ин ки андешаро феъл дар назар гирифтӣ ва гуфтӣ, ки ҳар феъле фоъиле лозим дорад, пас фоъилаш як шайъи дигаре аст. Албатта сидқи он матлаб мумкин аст, вале онро мабнои исботи руҳ қарор додааст. Ӯ қоил ба руҳ аст ва фақат ҳаминро далел бар вуҷуди руҳ қарор додааст.

**Муҳандис Бозаргон:** *Бале, ҳол аз Декарт сарфи назар мекунем. Дар ҷаласаи моқабл суоле фармуданд ва дар ҷаласаи қабл ҳам таъаҷҷуб фармуданд, ки чӣ тавр ҷавоби он матлабро банда арз накарда будам. Як суоле аз ҳама матраҳ карданд, ки оқоён роҷеъ ба шахсият, маънои шахсият ва вуҷуди шахсият фикр кунанд. Фармоишоти имрӯзашон комилан рӯйи ин нуқтаи ҳассос ва ин масъалаи “ман” буд, ки дар ин дунё ҳаст ва дар он дунё ҳам ҳамон дубора зинда хоҳад шуд ва воқеан агар дар қиёмат бино бошад ҳамон шахс ва ҳамон “ман” такроршаванда ва зиндашаванда набошад, аслан қиёмат нест. Ҳамон тавр, ки фармуданд, агар қарор бошад банда як амали бад ё хубе анҷом бидиҳам ва асараш ба писарам ё ба духтарм ё ба наваам бирасад, ин қиёмат нест. Зоҳиран хилофи адл ва инсоният ва илоҳият ҳам метавонад бошад. Банда, ки дафъаи қабл роҷеъ ба шахсият арзе накардам, чун пеши худам масъала мафруғ анҳу буд ва ба қадри кофӣ он андоза, ки ақлам мерасид — ва ҳоло такрор мекунам — дар “Роҳи тайшуда” тавзеҳ*

*дода будам, фикр мекардам ҳамон аст ва калиди қиёмат ҳамон шахсият аст. Дар “Роҳи тайшуда” ҳам баҳси муфассале шуда ба унвони ин ки аслан шахсияте ҳаст ё нест ва шахсият дар куҷост? Агар бихоҳем хориҷ аз фарзи вуҷуди руҳ як таърифе барои шахсият бикунем, яъне иборате, ки худамон мегӯем дарбиёварем, қоъидатан бояд ин се шартро бароят қоил бишавем: шахсият ин аст, ки аввалан як фарде мутамойиз аз дигарон бошад, чашмаш, қадаш, оҳанги садояш, ахлоқаш, афкораш ҷудост. Ин аввалин шарти эҳрози шахсият аст, ки ҳар касе барои худаш як хусусиёте дорад, ки аз дигарон мутамойиз мешавад. Дуввумин шарт субот ва бақост. Масалан ҳамон тавре, ки дар иборат ҳам мегӯянд, агар як касе дар муқобили як таҳдиде ё як татмеъе тағйири равия дод, мегӯянд шахсият надорад. Шахсият он аст, ки як чизҳое дар он собит бимонад, яъне таъаллуқ ба ӯ дошта бошад ва ин таъаллуқ доштан идома пайдо кунад. То инҷо шояд дар ҳайвонот ҳам ҳамин тавр бошад. Як гӯсфанд аз як гӯсфанди дигар мутамойиз аст ва як хусусиёте ҳам гӯсфанд дорад, ки хеле тағйир намедиҳад, албатта дар сатҳи хеле пойин. Шарти севвум, қоъидатан бояд гуфт, ки худаш ҳам мусташъир нисбат ба ин бошад, ки ман ҷудои аз дигарон ҳастам. Ҳоло ин ҷост, ки пойи руҳ дар миён меояд, ки агар вуҷуди руҳ барои тавҷеҳи матолиби ин дунё зарурӣ бошад, барои он дунё ҳам зарурӣ аст, вале агар матолиби ин дунёро бидуни тамассук ва тавассул ба фарзия ё вуҷуди руҳ тавонистем баён кунем, он дунё ҳам эҳтиёҷ ба фарзияи руҳ надорем. Албатта боз такрор мекунам, ки намехоҳем бигӯем руҳ вуҷуд надорад. Дунболи як роҳи ҳал ва як тариқе мегардем, ки ин зарбае, ки моддиюн ва масалан кумунистҳо ва соирин мезананд, ки меоянд руҳро нафй мекунанд ва бо нафй кардани руҳ, ҳам Худоро нафй кардаанд ва ҳам қиёматро, ҷавоб бидиҳем. Дар ин китобҳо дунболи ин рафта шуда, ки фарз кунем руҳ вуҷуд надорад, яъне мо аслан эҳтиёҷе ба фарзияи руҳ надорем, то исботи вуҷуди Худо ё исботи қиёмат шавад. Инҷо ҳам бар асоси баён ва фармоишот ва тавзеҳоти ҷаноби оқои Мутаҳҳарӣ, барои мания бояд пойи руҳ дар миён биёяд, вагарна мане вуҷуд надорад, яъне ин ҳайкал, ки тамоми селлулҳо ва тамоми хотирот ва воридот ва содироташ дар тағйиру таҳаввул аст (мисли шаҳри Теҳрон) агар руҳ дар банда вуҷуд надошта бошад, ҳаққи иддаои мания надорам, ҳамон тавр, ки шаҳри Теҳрон ҳам ҳаққи иддаои мания надорад. Аммо чаро ман ҳаққи иддаои мания дорам? Чун худам худамро гум намекунам.*

*Дар қисса ва достон мегӯянд — намедонам ба мулло Насруддин нисбат медиҳанд ё ба дигаре — ки ӯ якдафъа ба зеҳнаш зад, ки агар ман гум бишавад, чӣ тавр мешавад? Агар ман, ки мулло Насруддин ҳастам, фардо якдафъа нафаҳмидам мулло Насруддин куҷост, он вақт чӣ либосе бипӯшам, чӣ хонае биравам, занам кист, баччаам кист? Ин буд, ки як*

*пӯсти кадуеро ба нах кард ва ба гарданаш овезон кард, ки ташхис бидиҳад, ки ман ҳамонам, ман мулло Насруддин ҳастам. Як ринде мутаваҷҷеҳи ин қазия шуд ва вақте мулло Насруддин дар ҳаммом хоб буд, пӯсти кадуро аз гарданаш боз кард ва ба гардани худаш андохт. Вақте мулло Насруддин бедор шуд, мураттаб мегуфт: ту муллоӣ ё манам? Мо худамонро гум намекунем, чаро? Барои ҳофиза аст. Барои ин ки селлулҳои асабӣ бар хилофи соири селлулҳо аз аввали таваллуд то охир иваз намешаванд, вагарна агар мо хотиротамонро аз даст бидиҳем, манияти мо аз даст рафтааст. Ин ҳайкал, ин бадан ва ин вуҷуди моддӣ ё руҳи мо чунин сохта шуда, ки ҳамон тавре, ки чашм ва гӯш ва забон ва фикр дорад, дастгоҳи ҳофизаро ҳам дорад. Худамон худамонро гум намекунем ва як рӯз агар аз як касе як муште хӯрдем гӯё ин ки дардаш аз байн рафта, вале хотирааш дар ҳофизаи мо вуҷуд дорад.*

*Бинобар ин, шахсияти инсон — ки шояд дар ҳайвонот ҳам ҳамин бошад — муттакӣ бар вуҷуди ҳофиза аст. Ҳоло ҳофиза руҳ эҳтиёҷ дорад, дошта бошад. Мо сари ин бо моддигароён даъво надорем. Ӯ мегӯяд: ман мебинам чашме ҳаст, гӯше ҳаст, қабулаш дорам, руҳ дигар чист? Мо ҳам мебинем ҳофиза ҳаст ва ҳамин ҳофиза ба мо иҷоза медиҳад, ки парвандаи мо пеши худамон маҳфуз бошад, эҳтиёҷ ба овезон кардани як қитъа пӯсти каду надошта бошем. Ҳол агар ҳамин маҷмӯа, ки чашм ва гӯш ва рия ва қалб ва ҳофиза ва асаб дорад думартиба зинда шавад, табиӣ аст, ки боз ҳам ҳамон шахс аст, шахси дигаре нест. Кофӣ нест, ки фақат чашми банда таҷдид бишавад, гӯшам таҷдид бишавад, дастам таҷдид бишавад, ҳофизаам ҳам бояд таҷдид бишавад. Агар ҳофизаам таҷдид шуд, мегӯям ман ҳамон одаме ҳастам, ки як рӯзе ба фалон шахс мушт задам ва ҳоло дар қиёмат агар ба пушти ман мушт мехӯрад, барои он муште аст, ки ба ӯ задам.*

*Бинобар ин, агар дар ин дунё руҳ лозим аст, дар он дунё ҳам лозим аст. Ҳамон тавр, ки фармуданд, чӣ дар "Роҳи тайшуда" ва чӣ дар "Дарси диндорӣ" мураттаб такрор шуда, ки мо намехоҳем исбот кунем, мехоҳем ҷавоби маҳол будани масъаларо бидиҳем. Қуръон ҳеч ҷо намегӯяд қиёмат ҳам айнан чунин аст,*

كذلك

*— фақат дар як маврид аст ва ин ҷумла гӯё се ё чаҳор бор дар Қуръон такрор мешавад: сӯҳбати зимистон аст ва мурда будани замин бо дарахтҳояш ва бо ҳама чизаш ва борони баҳор ва ҳавои мусоиди баҳор ва ин ки ҳамон дарахт, ки пеш аз зимистон ва дар фасли тобистон ва поизи гузашта барге ва гуле ва ҳаракате ва меваe дошт ва дар муддати зимистон дар чашми мо ҳолати мурда пайдо кардааст ва осори ҳаёте дар он вуҷуд надорад ва айнан мисли як чӯби хушк аст, дар натиҷаи тағйири шароит зинда*

*мешавад ва ин дарахт ҳамон дарахт аст. Ҳоло оё он дарахт мисли мо эҳсос ва ҳофиза дорад ё надорад? Ман намедонам. Дунболи ин матлаб Қуръон мегӯяд:*

**وكذلك تخرجون**

*Шумо ҳам ин тавр хориҷ мешавед.*

**كذلك النّشور**

*Нашр ҳам ин гуна аст. Ин ки шахсият куҷост ва чӣ гуна аст, дар "Роҳи тайшуда" тавзеҳ дода шуд, ки шахсият дар ҳама ҷой бадан аст, дар як нуқтаи хоссе нест, на дар қалби инсон аст, на дар мағзаш ва на дар нуқтаи хосси дигаре. Ин се шарт, хусусан ду шарти аввалаш барои шахсият лозим аст: ин ки вуҷуди оқои "А" аз вуҷуди оқои "Б" мутамойиз мешавад (ҷузъ ҷузъи ташкилоти бадании оқои "А" мутамойиз аст аз ҷузъ ҷузъи ташкилоти бадании оқои "Б") ва сонияи ин осор мемонад ва собиқаро ҳифз мекунад ва баъд ҳоло, ки ин шахсият дар ҳама ҷо пароканда аст, оё имкони таҷдидаш ҳаст ё нест? Барои ин аз қалама ва селлули таносулӣ ва дона ва… намуна оварда шуд.*
*Як матлаби дигар, ки боз дар "Роҳи тайшуда" омада ва дар "Дарси диндорӣ" чун хулоса аст гуфта нашуда, ҳифозат ва амонатдорӣ ва нигоҳдории шахсият аст. Як дарахти тамомаёр ё як фил ё як занбӯр ё як бадани инсон бо кучактарин ҳодисае, зарбае, гулӯлае, сармое, гармое муталошӣ мешавад ва аз байн меравад ва ҳифзи он бисёр мушкил аст, аммо мебинем ҳар қадр воҳиди кучактар мешавад, масунияташ бештар мешавад ва ҳифозаташ ҳам бештар, ҳамон тавр, ки селлулҳои таносулӣ ин тавр аст. Ҳашарот барои бақои наслашон дар ҷойе тухм мегузоранд ва маъмулан тухмҳо ва донаҳо ва ҳамчунин ҷанини инсон –*

**في قَرارٍ مَكينٍ**

*— маҳфузтаранд ва вақте миқёси як шайъ аз ҳудуди зарра (ба маънои химиявӣ) ҳам поинтар рафт ва ба ҳолати электрон расид, ин дигар дар воқеъ сад дар сад масуният дорад ва аз бод ва сармо ва гармо ва омилҳои механикӣ маҳфуз аст.*
*Бинобар ин, ҳеч ишколе надорад, ки мо қабул кунем шахсият ё маният дар саросари вуҷуди мо пароканда бошад. Вақте мегӯем "пароканда аст" маънояш ин нест, ки ҳатман тамоми аъзои ташкилдиҳандаи вуҷуди мо думартиба зинда хоҳад шуд. Ҳамон тавре, ки инҷо гуфта шуда ва қироат фармуданд, аҳёнан яке аз ин селлулҳо, ки маъмури*

*зинда кардани муҷаддади ҳар фарди мост, он қадр миқёсаш кучак ва абъодаш рез бошад, ки агар масалан ин одамро гург хӯрд ва баъд он гургро ҳам масалан паланге хӯрд ва он зарра таҳи дарё ва болои кӯҳ, ба ҳар сурат, ки даромад, маҳфуз аст ва он зарра вориси тамоми шахсиёт ва муктасабот ва аз ҷумла ҳофиза аст. Қиёмат ҳам бо муталошӣ шудани ҳама чиз аст: қабрҳо, ҳайвонот, ҳама чиз муталошӣ мешавад ва ҳама ҳолати заррaӣ ва мунфасил пайдо мекунанд. Агар чунин имконе буд (чун Қуръон мураттаб мегӯяд:*

كذلك النّشور

وكذلك تخرجون

*— он зарра дар он рӯз шурӯъ ба нашъу намо мекунад ва мумкин аст воқеан як бадани дигаре бо шакли дигаре бошад, вале ӯ вориси тамоми ин қазоёст, бинобар ин метавонад ҳамаи инҳоро идома бидиҳад.*

*Ҷаноби оқои Мутаҳҳарӣ фармуданд, ки агар ба гуфтаи китоби "Зарраи беинтиҳо" он унсури севвум аст, ки меояд ин кор мекунад, ҳеч ишколи надорад. Инҷо лозим аст банда як тавзеҳ арз кунам, ки бо он ки дар онҷо се унсур қоил шудем: унсури модда, унсури энергия ва унсури ба истилоҳ амр ё ирода ё руҳ, ин истифодаро аз они баёни "Зарраи беинтиҳо" намешавад кард, ки пас он унсур ҳамон руҳе аст, ки мо мегӯем, он унсури севвум бо унсури аввал ва дуввум фарқ дорад, он як унсури раҳгузаре аст. Як ҳайвон ё як мавҷуде вуҷуд дошт,*

وَبَدَأَ خَلْقَ الإِنْسانِ مِنْ طينٍ

*— аз гил ҳам шурӯъ шуда буд, вале як нафхаи руҳӣ шуд:*

وَنَفَخْتُ فيهِ مِنْ روحي

*— бо ин талангуре, ки Худо зад, бо ин таҳрике, ки Худо кард, аз ҳолати моқабли инсонӣ омад ба сурати инсоне, вале дигар он талангур боқӣ нест, ҳамон тавр, ки Қуръон руҳе аст аз ҷониби Худо, вале мо мураттаб Қуръонро варақ бизанем ва бигӯем ман мехоҳам руҳро пайдо кунам, Худоро дар он пайдо кунам намешавад.*

*Ваҳйи пайғамбар руҳи илоҳӣ аст, амри илоҳӣ аст, аммо ин амр омад ва як асаре дар забон ва мағзи пайғамбар дар як ҷойе эҷод кард ва ин калимот ба вуҷуд омад, дигар руҳи Худо нест, тамом шуд.*

*Бармегардам ба он мисол, ки хоста будам ҷавоб дода бошам ба эроди муқаддаре, ки касоне ба истинод ё бо иттилоъ аз ҳамон баёни Шрёдингер доранд. Арз кардам, сирфи ин ки як энергияи фавқулъодае аз хуршед доиман ба замин мерасад, наметавонад тавҷеҳкунандаи ин бошад, ки дар замин як аъмоли зидди энтропия ба вуҷуд биёяд ва аз ҷумла ҳаёт. Мисол задам ба яхчол, ки дар яхчол дуруст аст, ки агар ях тавлид мешавад ба воситаи энергияи электрикӣ аст, ки аз сонтроли барқ меояд ва ё ба воситаи он нафте аст, ки дар яхчолҳои нафтӣ месӯзонанд, ин ба мо ях метавонад бидиҳад. Дар маҷмӯа ҳеч амали зидди энтропия пайдо нашуда ва асли энтропия сари ҷояш маҳфуз аст. Шрёдингер ҳам дар он суханрониаш мехоҳад ҳаминро бигӯяд, ки асли энтропия иваз намешавад. Мо ҳеч мункири он нестем, вале ташкили ях ба худии худ маҳол аст. Бояд як муҳандисе, як мухтареъе, як мубтакире омада бошад якчунин маҷмӯаеро фикр карда бошад ва як корхонае ҳам якчунин маҷмӯаеро сохта бошад, як соҳибхонае ҳам ду шохаро бизанад. то ях дуруст шавад. Дар ин яхчол модда ҳаст, энергия ҳаст, ихтироъ ҳам ҳаст, аммо ихтироъи дигар вуҷуд надорад, якдафъа касе ин ихтироъро кард ва рафт. Ин унсури севвуме, ки дар “Зарраи беинтиҳо” гуфта шуда, як чизе нест, ки ҳамроҳи банда ва шумо бошад ва дар он дунё (баъд аз марг) ҳам биравад як ҷоҳое ва баъд думартиба биёяд. На, як дахолате аст, як дасти хориҷӣ аст, ки аз ӯҳдаи мо барнамеояд, он дасти Худост, дасти хориҷӣ аст, ки ин такомулро ба вуҷуд овардааст. Дар қиёмат ҳам боз як дасти хориҷӣ меояд. Он дасти хориҷӣ ва нафхаи сур (ҳамон, ки дар Қуръон ҳам ҳаст) якмартиба ҳамин маводд ва энергияҳоро иваз мекунад, ҳамон тавр, ки ин яхчол ҳам чизе ҷуз оҳан ва мис ва чарм ва… нест, вале бо он дахолат як чизи дигар шудааст, ин маҷмӯа ғайр аз он аст.*

*Бинобар ин, ба таври хулоса тавзеҳи банда ин аст, ки агар тавҷеҳи умури ин дунё эҳтиёҷ ба қабули руҳ дошта бошад, қиёмат ҳам эҳтиёҷ дорад, ишкол айни ҳам аст, ҳеч фарқе намекунад. Аммо агар на, мо инҷо коре ба руҳ надорем, рӯйи мушоҳадотамон мегӯем, ту ҳарф заданро, ки қабул дорӣ, ҳофизаро, ки қабул дорӣ, ҳоло ҳофиза омилаш руҳ аст ё модда? Мо бо ту даъво надорем. Дар ҳадис аст, ки:*

## كما تنامون تموتون وكما تستيقظون تبعثون

*Ҳамон тавре, ки мехобед, мемиред ва ҳамон тавре, ки бедор мешавед, зинда мешавед. Воқеан вақте мо мехобем, сад дар сад тамоми фаъолиятҳои ҳаётии мо аз даст намеравад, вале қисмати умдае аз фаъолиятҳои ҳаётии мо аз даст меравад ва аз ҷумла он ҳофиза ва ҳатто он манияти мо аз даст меравад, мо дигар он фарди собиқ нестем. аммо вақте он хастагӣ даррафт ва феълу инфиъолҳои дохилӣ анҷом шуд, баъд бедор мешавем. Бедор, ки мешавем шахсиятамонро дубора ба даст меоварем. Хоб як таътили нисбии ҳаёт ва аз ҷумла маният аст, худамонро гум мекунем ва вақте бедор мешавем, ҳамон забон, ки қаблан наметавонист ҳарф бизанад, ҳамон чашм, ки қаблан наметавонист бибинад, ҳамон фикр, ки қаблан наметавонист кор кунад ва ҳамон ҳофиза, ки таътил ва хомӯш шуда буд, думартибатар ва тоза сари ҷояш меояд. Пас ҳеч ишколе надорад, ки назири қиёматро мо дар инҷо ба як нисбати кучаке мушоҳида карда бошем.*

* * *

*Поёни китоб*